**Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 4 (42), 2025**

Маҷалла 08 июни соли 2023 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Бозор Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Қобилҷон Хушвахтзода, Фарҳод Раҳимӣ, Талбак Назаров, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Комил Бекзода, Маҳмадалӣ Музаффарӣ,.

www.ravshanfikr.tj

# ФЕҲРИСТИ МАВЗУЪҲО

## ХУДШИНОСӢ ВА РАВАНДИ ҲУВИЯТСОЗИИ МИЛЛӢ

**Асадзода Назрӣ.** *Худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ. Ҳувиятсозӣ..........* 5
**Бекзода Комил.** *Ниҳодҳои илмӣ дар ойинаи фалсафаи худшиносии миллӣ (таҳлили вазъи ниҳодҳои илмӣ дар пешинаи фалсафаи худшиносии миллӣ) ..........* 21
**Судуров С.А.** *Аз "Бозии бузурги забонӣ" то набарди ҳувият............* 29
**Саидзода Ҷамолиддин.** *Фирдавсӣ ва Мавлавӣ..................................* 42
**Зуҳурӣ Абдухолиқ.** *"Шоҳнома"-и Фирдавсӣ – шоҳкори хирадбоварию меҳандӯстӣ (нигоҳе муқаддимотӣ)..............................* 67

## ОЗОДАНДЕШӢ, ТАҶРИБАГАРОӢ ВА АРЗИШГУЗОРӢ

**Азизӣ Башир.** *Ибни Сино – таҷрибагарои арастуӣ бо пӯшиши навафлотунӣ (маҳдудаи тафаккури фалсафӣ дар муносиботи қудрат)..........* 74
**Собириён Мехр.** *Ниҳодҳои илмӣ ва тими пажуҳишӣ: таҳлилу арзёбӣ ва арзишгузорӣ ..........* 95
**Бекзода Дидавар.** *Мавзуъ ва вазифаҳои равшанфикрон дар сохтори фикрӣ: ҳокимият–мардум–равшанфикрон.........................* 116
**Шозедов Хуршед**. *Мафҳуми озодандешӣ дар арзёбии мухтасари илмӣ..........* 129

## ЁДДОШТ ВА БАРДОШТУ ТААССУРОТ

**Ятимов Саймумин.** *Марде шоиста ва зиёие истисноӣ ё достони ғаму шодӣ (аз дафтари ёддошт)..........* 136
**Бадалипур Мирзоҳусайн.** *Бунёдгузори антропологияи системавӣ ва таснифоти системавии дониш ва илм (Дастоварди илмӣ ва таҳқиқоти беназири профессор М. Музаффарӣ)..................................* 163

**Ясно Яъқуб.** *Оянданигарӣ дар маҷмуаи “Шукӯҳи Истиқлол” (мулоҳизоте дар заминаи китоби тозанашри Беҳрӯзи Забеҳулло “Шукӯҳи Истиқлол”. – Душанбе: “Дониш”, 2025. –190 саҳ.)* ............. 187

**Нурзода Нозим.** *Шеъри иҷтимоӣ дар фазои миллӣ (Бардоштҳои иҷмолӣ дар заминаи Девони ашъори Алии Муҳаммадии Хуросонӣ)*.............................................................................................. 198

# ХУДШИНОСӢ ВА РАВАНДИ ҲУВИЯТСОЗИИ МИЛЛӢ

**Назрӣ АСАДЗОДА,**
*коршиноси масоили иҷтимоӣ*

## ХУДШИНОСӢ ВА ҲУВИЙЯТИ МИЛЛӢ. ҲУВИЙЯТСОЗӢ

Худшиносии миллӣ сатҳи огоҳии миллат аз гузаштаи воқеӣ, решаҳои таърихӣ, арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ, эҳтиром ба фарҳанг, забони миллӣ, Ватан, дарки нақш, ҷойгоҳ ва рисолати миллӣ мебошад. Талошу сахткӯшӣ ва масъулиятшиносии миллат дар самти ҳифзи манофеи худ ба дараҷаи худшиносии миллӣ вобаста аст. Худшиносии миллӣ омили ангезабахши миллат дар ростои ҳифзи ҷойгоҳ ва манофеи худ аст. Он дар заминаи хотираи таърихии миллат ба вуҷуд омада, омили аслии ташаккули ҳувийяти миллист.

Ҳувийяти миллӣ навъе аз ҳувийяти иҷтимоист, ки сифатҳои муҳими ҳастии миллатро ифода мекунад. **Ҳувийяти миллӣ падидаи равониву иҷтимоиест, ки дар тӯли таърих дар миёни миллати муайян шакл мегирад ва унсурҳои таркибии он бо мурури замон ба қолабҳои фарогири фикрӣ ва меъёрҳои устувори рафтору кирдор табдил ёфта, аз ҷониби аъзои ҷомеаи миллӣ ба таври ғайрииродӣ риоя мегарданд.** Қадами аввали он дарки тафовути «мо» ва «дигарон» аст, ки аз он шаклгирии ҳувийяти миллии шахс оғоз мегардад. Ҳамчун падидаи иҷтимоию равонӣ ҳувийяти миллӣ дар шакли забони умумӣ, рамзҳо, фарҳангу таърихи муштарак, эҳсоси меҳандӯстӣ, ифтихор аз гузаштаи миллати хеш ва масъулиятшиносии миллӣ ифода мешавад. Бинобар он

ҳувийяти миллӣ яке аз омилҳои бунёдии танзимкунандаи андешаву амали аъзои як ҷомеа ё давлати миллӣ мебошад ва мафҳумест, ки бо мафҳуми «худшиносии миллӣ» иртиботи мустақим дорад, аммо худшиносии миллӣ аз рӯи маъно ва моҳияти худ шинохт ва огоҳии миллатро ба шумули роҳи таърихии тайкарда ва дигар вижагиҳои ӯ аз тарафи худи миллат ё аксарияти афроди он дар бар мегирад, на пазириши масъулият дар назди миллатро, ки хусусияти умдаи ҳувийяти миллист. Аз ин аст, ки ҳувийяти миллиро ҳамчунин **эҳсоси мансубият ба миллати муайян ва пазириши масъулият дар назди он** низ медонанд. Ҳувийяти миллии қавӣ маҳаки асосии ваҳдату амнияти миллӣ, ҳамгироии иҷтимоии намояндагони миллат ва кафолати ҳифзи истиқлоли давлати миллӣ мебошад.

Чунонки ишора шуд, ҳувийяти миллӣ яке аз навъҳои ҳувийяти иҷтимоист. Ҳувийятҳои иҷтимоӣ гуногунанд, ки ҳувийяти миллӣ, маҳаллӣ, динӣ, мазҳабӣ намунаҳое аз он мебошанд. Гуногунии ҳувийятҳои иҷтимоӣ аз бисёр ҷиҳат ба низоми арзишҳое вобастагӣ дорад, ки гурӯҳи иҷтимоӣ ба он эҳтиром қоил аст. Агар гурӯҳи иҷтимоӣ (масалан, миллат) ба низоми арзишҳои динӣ эътиқод ва эҳтиром дошта бошад ва онро нисбат ба арзишҳои дигар авлавият диҳад, табиист, ки ҳувийяти он динӣ хоҳад буд. Аслан ҳувийяти иҷтимоӣ мафҳуми чандсатҳа ё чандқабата аст. Он низ чун низоми арзишҳо сохтори иэрархалӣ дорад. Дар низоми арзишҳои як ҷомеа (миллат) метавонанд арзишҳое ҷой дошта бошанд, ки ба низомҳои арзишии мухталиф мансубанд, масалан, низомҳои арзишии миллӣ, маҳаллӣ, динӣ, мазҳабӣ ва ғ.[1]

Муайян кардани ҳувийяти иҷтимоии одамон бар ин асос сурат мегирад, ки онҳо дар низоми арзишии худ ба кадом навъе аз арзишҳо авлавият медиҳанд. Масалан, агар барои аксари афроди ҷомеа арзишҳои миллие чун Ватан, давлати миллӣ, манофеи миллӣ, қаҳрамонҳои миллат ва амсоли инҳо нисбат ба арзишҳои дигар дар авлавият қарор дошта бошанд, пас, ҳувийяти ҷомеа миллӣ диниста мешавад. Ва баръакс, агар барои аксарияти мардум арзишҳои динӣ (шариат, анбиё, авлиё, имомҳо ва ғ.) ё арзишҳои маҳаллӣ (минтақаи зисту зодгоҳ, аз ҷумла шимолу ҷануб; манофеи маҳаллӣ, ҳамдиёрону ҳамшаҳриён ва ғ.) нисбат ба арзишҳои дигар дар авлавият бошанд, пас, ҳувийяти онҳо мутаносибан динӣ ва ё маҳаллӣ хоҳад буд.

Дар ин навишта манзур аз ҳувийяти миллӣ ҳувийяти ҷомеаест, ки дар он аксарияти шаҳрвандон арзишҳои миллиро дар қиёс ба дигар арзишҳо авлавият медиҳанд.

Дар шароити зудтағйири ҷаҳони муосир нақши ҳувийяти миллӣ дар ҳифзи бақо ва рушди миллӣ дорои аҳамияти фавқулода аст. Ҳувийяти миллӣ фарогири масоили гуногуни иҷтимоию равонӣ аст, ки таҳлилу омӯзиш ва ташаккулу муҳандисии он имкон фароҳам меоварад, то ҳадафҳои умумӣ, меъёрҳои ахлоқию рафтории мардумон ва роҳкорҳои рушди ҷомеа муайян ва коркард шаванд. Ҳамаи ин имкон медиҳад, то саволи “мо кӣ ҳастем”-и миллӣ ҷавоби мушаххас ва ҳамапазир пайдо кунанд. Дар раванди ҷаҳонишавии имрӯза сатҳи худшиносии миллӣ барои ҳифзи бақои давлатҳову миллатҳо ниҳоят муҳим аст. Ҳувийяти миллӣ дар вазъи кунунии хатарҳои минтақавию ҷаҳонӣ метавонад ба ҳайси пардаи ҳифозатӣ барои миллати тоҷик хидмат намояд. Ҳоло барои давлат ва миллати мо таҳдиди хатарҳое аз қабили исломи сиёсӣ, пантуркизм, терроризму экстремизми динӣ, космополитизм, аз як сӯ, ва маҳалгароӣ, аз сӯи дигар, вуҷуд

доранд, ки ҳар кадоме аз инҳо ба худии худ метавонанд сабаби ташаннуҷи иҷтимоӣ ва монеаи рушди кишварамон гарданд.

Ҳувийяти миллӣ ҷиҳати ҳифзи давлати миллӣ ва рушди он нақши ҳалкунанда дорад, зеро он ба вуҷудоварандаи масъулияти миллӣ барои ҳифзи бақо ва дарёфти роҳҳои рушди миллат аст. Ҳар кӣ дар воқеъ ҳувийяти миллӣ дорад, табиист, ки худро масъули ҳифзи давлати миллӣ хоҳад донист, зеро давлати миллӣ муҳимтарин абзори ҳифзи бақо ва рушди миллат аст.

Маҳз худшиносиву ҳувийяти миллӣ ва шинохти манофеи миллӣ буд, ки нухбагони миллатҳои Аврупоро дар муқобили султаи чандинасраи динмеҳвари калисои Рим қарор дод ва ба ин васила ҷараёни ақидативу амалии прогрессивиеро бунёд гузошт, ки баъдан он ба унвони "Давраи Эҳё ва Таҷаддуди Аврупо" маъруф шуда, боиси таҳаввулоти ҷиддие дар тамоми абъоди тамаддуни башарӣ, ба вижа дар ростои хирадгароӣ, ривоҷи илмиву техникӣ ва ворастагии ақл аз султаи эътиқод гардид.

Дар раванди муборизаҳои геополитикии муосир, ки он беш аз пеш хусусияти глобалӣ касб намуда истодааст, танҳо ҳамон миллат худро аз ҷанбаҳои манфӣ, ё хатарҳои ҷаҳонишавӣ ҳифз карда метавонад, ки ҳувийят ва худшиносии миллии устувору қавӣ дошта бошад ва дар ин замина барои тақвияти қудрати миллӣ мубориза барад, ки он дар шароити кунунӣ ба василаи даст ёфтан ба илму технологияи навин имконпазир аст.

Боиси таассуф аст, ки фазои зеҳнияти ҷомеаи моро феълан таассуби динӣ ва хурофот пур кардааст. Дар ҳамин замина дар шуури бахше аз афроди ҷомеаи мо арзишҳои динӣ нисбат ба арзишҳои миллӣ авлавият доранд, аз ин рӯ, табиист, ки ҳувийяти онҳо динист, на миллӣ. Азбаски ислом ба ҷуз «миллати Иброҳим» ё «уммати мусулмон», ки дар асоси

умумияти эътиқодӣ таркиб ёфтааст, ҳар гуна фаҳмиши мафҳуми миллатро инкор мекунад, ҷойгоҳи баланд касб кардани таассуби динию хурофот дар зеҳнияту шуури мо метавонад бухрони ҳувийяти миллиро дар пай дошта бошад.

Албатта, дар тӯли асрҳо баъзе арзишу меъёрҳои дини ислом бо арзишҳову ғояҳои миллӣ ҳамоҳангӣ пайдо кардаанд. Аммо дар баъзе самтҳои муҳимме чун сиёсат, афкори иҷтимоиву фалсафӣ, арзёбии шахсиятҳои таърихӣ, таърихи тоисломӣ, давлатдориҳои миллӣ, санъат, ҳунар, расму оин, маросим ва ҷашнҳои миллӣ ва ғ. нигоҳи намояндагони дин ва марҷаъҳои динӣ бо фарҳанги асил ва манфиатҳои миллӣ созгор нест, ки ин яке аз сабабҳои то кунун идома ёфтани бухрони ҳувийяти миллӣ дар байни тоҷикон гаштааст.

Воқеияти таърихӣ исбот кардааст, ки ислом бо вуҷуди дини фаромиллӣ муаррифӣ шуданаш, тӯли садсолаҳо натавонистааст фарқиятҳои миллии пайравонашро аз байн барад ва дар он сарзаминҳое, ки бо баҳона ва пӯшиши исломизатсия раванди деэтнизатсияи баъзе халқҳо ба вуҷуд омад, он чизе набуд ҷуз арабизатсия кардани онҳо. Масалан, ҷорӣ кардани ислом бо чунин шеваю усул сабаб гардид, ки мардумони мутамаддине чун бобулиён ва қибтиёни Миср комилан аз байн бурда шуда, ба араб мубаддал гардиданд. Пас, чаро бояд тоҷикон ба тарзе мусулмонӣ ва ё исломгароӣ кунанд, ки ба нафъи дигар миллатҳо ва зарари худи онҳо бошад? Агар ҳар кӣ исломро бо чунин муҳтаво ва маънӣ таблиғ ва татбиқ кардан мехоҳад, яқинан душмани миллати тоҷик аст. Мо дар баробари эҳтиром гузоштан ба эътиқоду арзишҳои исломӣ бояд ҳамчун миллатҳои дигари мусулмон ва алалхусус ба мисли миллати араб ва турк барои ҳифзи манфиатҳо ва рушди миллии хеш ҳамеша талош варзем. Расидан ба ин ҳадаф бидуни зеҳниятсозӣ ва ҳувийятсозии миллӣ ғайриимкон аст. Аҳли зиёи ҷомеаи мо, ниҳодҳои илмӣ

ва дастгоҳи идеологии кишвар барои дарёфти роҳҳои расидан ба ин аҳдофи миллӣ бояд корҳои зарурӣ, аз ҷумла пажуҳишҳои илмиеро анҷом диҳанд, ки ба рушди зеҳнияту ҳувийятсозии миллии мо ва умуман, рушди миллии тоҷикон такон бахшад, рӯҳи миллӣ ва худшиносии мардумро бедор созад.

Тарвиҷи дингароӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва таблиғи арзишҳои динӣ, ки мисли сели иттилоотӣ мунтазам интишор дода мешавад, пружаҳоеянд, ки ҳама ҳадафмандона тарроҳӣ шудаанд. Ин гуна иттилоот ва интишори мунтазами онҳо аслан ба хотири дин нестанд, балки ба хотири сиёсикунонии дин ва истифода аз он ба ҳайси абзори қудрат ва тавсияи манофеъ сурат мегирад. Миллатҳои қудратманду тавсеаталаб ҳамчун бозигарони сиёсии сатҳи минтақаву ҷаҳон аслан намехоҳанд, ки миллатҳои тараққихоҳ ҷаҳонбинии илмӣ ва ҳувийяти миллии қавӣ дошта бошанд. Ба дарди онҳо миллатҳое мехуранд, ки аз як сӯ, истеъмолкунандаи маҳсулоти саноатии барзиёди онҳо бошанд, аз сӯи дигар, зарфияти илмӣ ва технологии коркарди пурраи захираҳои табиии қаламрави худро надошта бошанд, то маҷбур ба фурӯши захираҳои табиии худ дар шакли хом ва ё ниматамом шаванд. Яъне ба нафъи онҳост, агар дар кишварҳои ба ном “ҷаҳони сеюм” ҷаҳонбинии мардум на илмӣ, балки диниву хурофотӣ бошад. Зеро захираҳои зеҳниву табиии ин гуна миллатҳоро метавон ба осонӣ идора намуд ва аз онҳо ҳамчун манбаи ашёи хом(1), масрафкунанда(2) ва қувваи арзони корӣ(3) истифода кард. Дар ҳар кишваре, ки ҳувийяти миллии мардуми он баланд бошад, талош барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ зиёд хоҳад шуд. Ангезаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ мардумро барои дастёбӣ ба рушд ва тавсеаи миллӣ ва дар зимн корбурди самараноки захираҳои зеҳниву табиии миллӣ таҳрик хоҳад дод. Ин раванд дар шароити кунунӣ сабаб хоҳад шуд, ки дер ё

зуд миллат ба илм ҳамчун ба абзори коркарду корбурди захираҳои табиӣ ва мудернизатсияи ҷомеа рӯй оварад. Аз ин рӯ, дар ҷомеае, ки ҳувийяти миллии афроди он қавист, заминаи ташаккули давлати воқеии миллӣ ва қавӣ шудани он устувор хоҳад буд. Дар чунин давлат баҳрабардорӣ аз сармояҳои инсонӣ ва табиии он тавассути кишварҳои тавсеаталаб ниҳоят мушкил мегардад. Бинобар ин, давлатҳои қудратманд ва тавсеаталаб аслан ҳеҷ ангезае надоранд, ки заминаи ташаккули чунин ҷомеа ва давлатеро ба вуҷуд оваранд ва ё ҳадди ақалл ба раванди ташаккули он мусоидат намоянд.

Худшиносӣ ва ҳувийяти миллӣ заминаи қавии ҳифзи манофеи миллат аст, ки он миллатро ба корбурди илмбунёди захираҳои табииву инсонии қаламраваш ангеза медиҳад. Дар шароити ҷаҳони муосир, ки бар асоси илму фановарӣ пеш меравад, маҳз худшиносиву ҳувийят ва масъулиятшиносии миллӣ аст, ки миллатро ба пазириши мантиқи воқеият ва доштани ҷаҳонбинии илмӣ савқ хоҳад дод. Давлатҳои миллӣ одатан кӯшиш менамоянд, ки бо истифода аз абзорҳои ҳувийятсозиашон ҳамбастагии миллиро қавӣ гардонида, онро ҷиҳати ҳифзи манофеи миллӣ ва пешрафти кишвари худ истифода намоянд. Ҳувийяти баланди миллӣ эҳсоси масъулиятшиносии миллиро ба вуҷуд оварда, имкон медиҳад, ки миллат дар муддати кӯтоҳ нерӯи умумии хешро ҷиҳати шукуфоиву рушди хеш равона созад. Ин ҳолатро таърих борҳо исбот намудааст. Он чӣ барои қудратҳои минтақавию ҷаҳонӣ дар давлатҳои миллӣ писандида нест, ин аст, ки чунин давлатҳову миллатҳо ба хотири ҳифзи баҳо ва манофеашон тадриҷан ба илму технологияи муосир рӯ меоранд ва аз ин тариқ метавонанд дар муддати кӯтоҳ ба рақиби кишварҳои қудратманд табдил ёбанд. Аз ин хотир, қудратҳои сатҳи байналмилалӣ ҳамеша дар мухолифат бо давлатҳои миллии

худкифо қарор гирифта, ҷиҳати онҳоро зери нуфузи худ қарор додан аз воситаҳое ба мисли ривоҷ додани таассубу хурофот, бартарият додан ба ҳувийятсозии динӣ, низоъҳои мазҳабӣ ва амсоли инҳо истифода менамоянд. Ҳар қадар сатҳи ҳувийяти динӣ боло бурда шавад, ҳамон қадар ҳувийяти миллӣ ва дар зимн ангеза барои ҳифзи манофеи миллӣ заиф мегардад.

Яке аз роҳҳои мутеъ намудани миллатҳо ин заиф кардани ҳувийяту худшиносии миллӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва дар ниҳоят, аз байн бурдани нерӯи муқовимати онҳо мебошад. Ин кор маҳз ба воситаи коҳиш додани эътиқоди онҳо ба муқаддасоту арзишҳои миллӣ, хотираи таърихӣ, шахсиятҳои таърихӣ, улгуҳо ва қаҳрамонҳои миллиашон амалӣ мешавад. Дар таърихи тоҷикон низ қавмҳои истилогар ҳамеша талош менамуданд, ки муқаддасоту арзишҳои миллӣ, шахсиятҳо ва осори таърихӣ ва ҳатто ҳамосаю устураҳои миллии тоҷиконро аз миён баранд, таҳриф кунад ва хотираи таърихии миллатро дар бораи онҳо нобуд созанд. Ситез бо афроде чун Фирдавсӣ ва осоре чун "Шоҳнома", ки ҳанӯз ҳам идома дорад, далели ошкори ин иддаост.

Агар ба сабабу омилҳои ташаккулу таназзули давлатдориҳои миллиамон дар тӯли таърих нигарем, эҳёи ин давлатдориҳо аз эҳёи худшиносии миллӣ маншаъ гирифта, шикасту бохтҳои онҳо бошад, ба заъфи худшиносии миллӣ ва шикасти ғояи миллӣ марбут будааст. Эҳёи давлатдориҳои миллии тоҷикон дар даврони хилофати араб, бахусус таъсиси давлати Сомониён маҳз дар заминаи худогоҳиву бедории шуури миллӣ ба вуҷуд омада буд. Аммо шикасти ин давлат ба тағйир ёфтани арзишҳои меҳварии миллат, ғояи миллӣ ва ҷойи онҳоро дар зеҳни мардум ишғол кардани арзишҳои диниву мазҳабӣ иртибот дошт.

Ҷанбаи дигаре, ки аҳамияти ташаккули ҳувийяти миллиро дар ҷомеаи мо меафзояд, ин аст, ки вақте ҳувийяти миллӣ

тақвият меёбад, миллат ба ваҳдати воқеиву устувор даст ёфта, ба ин васила метавонад хатари ангезаҳои маҳалгароӣ ва сепаратизмро, ки боиси парешонии миллат мешаванд, ҷилавгирӣ намояд. Имрӯз яке аз мушкилоти асосӣ, ки доиман боиси тафриқаандозӣ дар кишвари мо мегардад, ин масъалаи маҳалгароӣ аст, ки он дар баъзе абъод ҳатто дар шакли сепаратизм низ аз худ дарак медиҳад. Ҷиҳати аз байн бурдани ин мушкилӣ, ки яке аз омилҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари мо низ буд ва ҳоло ҳам метавонад ба яке аз нуқтаҳои заъфи миллӣ табдил ёфта, аз ҷониби бозигарони сатҳи байналмилалӣ сӯиистифода шавад, барномаи ҳувийятсозии миллӣ хеле муфид ва муҳим аст. Барои аз байн бурдани ин падидаи номатлуб бояд бахри ташаккули ҳувийяти миллӣ, бартар шуморидани манофеи миллат аз ҳама гуна манофеи фардӣ, гурӯҳӣ ё маҳаллӣ ва ба вуҷуд овардани низоми арзишии ягонаи миллӣ талош варзид.

Ангезаи маҳалгароӣ, ки омилҳои муайяни таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва равоншиносии худро дорад, яке аз монеаҳои бисёр ҷиддӣ дар роҳи таҳкими ваҳдати ҷомеа ва устувории давлати миллӣ мебошад. Барои аз байн бурдани ин падидаи номатлуб ва ҷилавгирӣ аз ниҳодина шудани он татбиқи асосҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии рушди маҳалҳо, таҳияи барномаҳои мукаммали тарбиявию идеологӣ ҷиҳати тарбияи рӯҳияи ватанпарастию худшиносии миллии шаҳрвандон, хоса ҷавонон мувофиқи мақсад мебошад.

Дар ростои ташаккули ҳувийяти миллӣ кори дигари муфид ва муассире, ки метавон анҷом дод, сиёсати кадрист. Дар ҷобаҷогузории кадрҳо пеш аз ҳама ба мутахассисони шоиста, махсусан онҳое, ки ҳувийяту худшиносии баланди миллӣ доранд ва барояшон мафҳуми миллат ва арзишҳои миллӣ аз ҳама арзишҳои дигар муқаддасу муқаддам аст, бояд афзалият дода шавад. Яъне дар интихоби кадр пеш аз ҳама на

ба мансубияти маҳаллӣ, балки ба доштани ҳувийяти миллӣ, эҳсоси ватандӯстӣ, сатҳи касбият, дониш, таҷриба, тавоноии зеҳнӣ ва истеъдоди шаҳрвандон эътибор бояд дод. Тавре дар боло ишора кардем, ҳифзи манофеи миллӣ ва мавқеъгирии давлатӣ ба ҳувийяти миллӣ ба чигунагии ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносӣ ва хираду дониши ашхоси роҳбарикунанда сахт иртибот дорад. Тибқи пажӯҳишҳои иддае аз ҷомеашиносон ошкор шудааст, ки аксари мардум одатан дар ҳамаи амалкардҳояшон пайравиву тақлид аз фарҳанги элитарӣ менамоянд[2]. Аз ин рӯ, ҳар қадар ҳайати роҳбарикунанда ва кормандони давлатӣ аз сатҳи маҳал то ба сатҳҳои болоӣ дорои ҳувийяти баланди миллӣ ва посдори арзишҳову манофеи миллӣ бошанд, ҳамон қадар метавонанд ба оммаи мардум баҳри ҳифзи манофеи миллӣ ангеза бахшанд.

Ҳисси худкамбинии миллӣ ва набуди эҳсоси ватанпарастӣ заминаи ташаккули афроде хоҳанд шуд, ки нисбат ба арзишҳову манфиатҳо ва муқаддасоти миллии мо мавқеи бетарафона ва ҳатто ситезакорона дошта, табиист, ки дар ҳифзи онҳо ҳеҷ гуна масъулияти иҷтимоиеро эҳсос намекунанд. Махсусан зуҳури нафарони комформист ва неокомформист, инчунин тавсеаёбии ин навъи гурӯҳҳо метавонанд барои ҷомеа ва дар маҷмӯъ давлату миллати мо осеб расонанд. Барои нафарони комформисту неокомформист ба ҷуз аз манфиатҳои фардиашон ҳеҷ манфиати дигаре қобили аҳамият нест. Аз ин аст, ки онҳо ҳамеша ба ҷуз роҳатталабиву манфиатҳои фардию гурӯҳии худ ҳеҷ гоҳ дар мавриди манфиати миллӣ андеша намекунанд ва ҳатто ба хотири ҳифзи манфиатҳои фардии хеш омодаанд, ки

[2] Ҳовард Горднер, "Ҳунар ва илми тағйири зеҳни худ ва дигарон", (тарҷумаи К.Харроҷӣ), -Теҳрон, нашри "Най", с.2019, -С.344

манфиатҳои миллиро қурбон намоянд, ба вижа агар фишангҳои идоракунии ҷомеаро дар ихтиёр дошта бошанд.

Маҳз аз тариқи зеҳниятсозӣ мо метавонем ба ҳувийятсозии миллӣ даст ёбем ва он мушкилоте, ки дар шуури ҷамъиятии мо ҳаст, бартараф созем. Ҳувийяти миллӣ дар таъини сарнавишти миллат нақши муҳим дорад. **Ҳувийяти миллӣ падидаи табииву биологӣ нест, он падидаи равониву иҷтимоист.** Зеҳният ва ҳувийяти одамон маҳз дар зери таъсири муҳити иҷтимоӣ, аз ҷумла муҳити хонавода, муҳити тарбиятиву фарҳангӣ, миллӣ, анъанаю одат, сиёсат, воситаи ахбори омма ва ғайра шакл мегирад. Барномаи ҳувийятсозии миллии мо бояд бар асоси низоми арзишҳои миллӣ, фарҳанги дунявият ва хирадгароиву илммеҳварӣ таҳия ва мавриди корбурд қарор дода шавад.

**Ҳувийятсозии миллӣ навъе аз зеҳниятсозии мусбат ва раванди миллатсозӣ аст, ки низоми арзишӣ ва андешаву амали намояндаи миллатро ба таври устувор бар асоси манофеъ ва ормонҳои миллӣ шакл ва тамаркуз медиҳад.**

Яке аз муҳимтарин вазифаҳое, ки дар марҳилаи феълӣ дар назди давлати миллӣ ва тамоми нерӯҳои огоҳи ҷомеа истодааст, ҳувийятсозии миллӣ, яъне такмил ва тақвият бахшидани раванди ташаккули ҳувийяти миллии тоҷикон ҳамчун миллати мустақили соҳибдавлат мебошад. Зеро мардуми тоҷик агарчи ҳамчун воҳиди мустақили этнофарҳангӣ имкони ташаккул доштааст, аммо ҳамзамон дар марҳилаи тӯлонии маҳрум будан аз истиқлоли сиёсиву давлатдории мустақили миллӣ, тағйир ёфтани низоми арзишҳо ва раванди декултуратсияву деэтнизатсияи миллатҳои ғолиб, ҳувийяти миллии он заиф шудааст. **Бедор ва фаъол будани ҳувийяти миллии як миллат ба он маъност, ки аҳли миллат илова бар умури фарҳангӣ, аз масъалаҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ, идеологӣ ва давлатии ҳифзи**

**миллат низ огоҳ буда, нисбат ба он таваҷҷуҳ ва ҳассосият дошта бошанд.** Онҳо дар бораи ҷойгоҳ ва зарурати давлати миллӣ, ҳифзи истиқлол, суботу амнияти ҷомеа, обрӯ ва номусу ғурури миллӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ҳамчун заруратҳои ҳифзи миллат андеша намуда, дар ин самт талоши фардии худро дареғ надоранд. Дар сурати набудани ҳувийяти миллӣ ва тафаккури сиёсии миллӣ ҳифзи давлатдории миллӣ ва бақои худи миллат дар оянда бо мушкилот рӯбарӯ мегардад.

**Дар назар бояд гирифт, ки барномаи ҳувийятсозии миллӣ кори якдафъаина нест. Он равандест, ки барои ҳифзи бақо ва рушди миллӣ дар шакли барномарезишуда ба таври ҳамешагӣ бояд роҳандозӣ шавад.**

Бо таваҷҷуҳ ба вазъияти бӯҳронии ҳувийяти миллии тоҷикон, бартариятёбии арзишҳои динию хурофотӣ дар таркиби он, заиф гаштани ҳиссу ифтихороти миллии аҳолӣ ва бо таҳдидҳои мушаххас рӯбарӯ будани давлати миллӣ ва низоми дунявии давлат зарурату аҳамияти масъалаи ҳувийятсозии миллӣ ва нақши он дар ҳифзи давлатдории миллиро, пеш аз ҳама бояд масъулини давлатӣ ва сохторҳои қудратӣ, ниҳодҳои илмиву тадқиқотӣ, алалхусус ҷомеашиносон, сиёсатшиносон, этнопсихологҳо, аксиологҳо ва муаррихони огоҳи кишвар дарк намоянд. Ҳамчунин, ходимони динии кишвар низ масъалаи ташаккули ҳувийяти миллӣ ва ҳифзи давлатдории миллиро бояд бахше аз масъулияти шаҳрвандии худ бидонанд.

Масъалаи ҷойгоҳи унсурҳои ҳувийятсози миллӣ дар низоми арзишҳои миллат ва сатҳи таъсири унсурҳои динӣ ба онҳо яке аз масъалаҳои муҳими раванди миллатсозӣ ва рушди давлати миллӣ мебошад. Дар ин раванд бе таъмини авлавияти арзишҳои миллӣ дар таркиби ҷаҳонбинӣ ва ҳувийяти афроди ҷомеа ташаккули ҳувийяти миллӣ номумкин аст. Бо ин мақсад

бояд ҳувийяти миллӣ ба таври огоҳона барномарезӣ шуда, методология ва технологияи ҳувийятсозии миллӣ ба вуҷуд оварда шавад, то дар раванди миллатсозӣ ба тадриҷ арзишҳои миллӣ дар таркиби ҳувийяти миллӣ авлавият пайдо карда, мақоми муайянкунанда ва нақши калидӣ бозида тавонанд.

Ҳувийятсозии миллӣ бо такя ба низоми давлатдории дунявӣ ва хирадгароиву илммеҳварӣ дар тамоми кишварҳои мутараққӣ ва алалхусус кишварҳои аврупоӣ ва Амрико хос аст. Амрикоиҳо (ИМА дар назар аст) ҷиҳати боло бурдани ҳувийяти миллиашон доимо аз идеяҳои "Зиндагии амрикоӣ" (*American Life*) истифода менамоянд. Ҳамин андешаро метавон дар тамоми фаъолияти амрикоиҳо мушоҳида намуд, ки онҳо дар филмҳо, намоишҳои телевизионӣ, суҳбатҳо ва ҳатто дар баҳсҳои сиёсӣ ҳамеша мафҳумҳо ва таъбирҳои ифтихорбарангези "абаринсони амрикоӣ", "Амрико ҳамчун кишвари наҷотдиҳанда, озодибахш, таъминкунандаи ҳуқуқии инсон дар ҷаҳон, меҳвари адолат" ва амсоли инҳоро таблиғ мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки ИМА агарчи таърихи тӯлоние ҳам надошта бошанд, вале бо идеяҳо ва арзишҳои муайян ҳувийяти амрикоиро, ки худбоварӣ ва эътимод ба нафс дорад, ба миён оваранд ва бо ин ғояҳои ифтихорбарангез давлату миллати худро муттаҳид карда, барои рушду тараққӣ ва тавсеаталабӣ ангеза диҳанд.

Дар шароити муборизаҳои шадид ва мураккаби геосиёсӣ масъалаи таҳкими ҳувийяти миллӣ, тақвияти арзишҳои миллӣ ва ҳифзи давлатдории миллӣ аҳаммияти махсуси амалӣ пайдо мекунад. Дар ин раванд давлати миллӣ муҳимтарин субъект ва василаи ҳувийятсозии миллӣ, абзори ҳифзу тақвияти арзишҳо ва манфиатҳои миллист, ки бояд бо тамоми зарфияти худ дар ин самт фаъолият намояд. Бинобар ин, ҳадафҳое чун эҳёи ҳувийяти миллӣ, таъмини волоияти арзишҳои миллӣ, таъмин ва ҳифзи моҳияти миллии давлат ва

таҳкими низоми давлатдории дунявӣ бояд ба таври расмӣ аз ҷумлаи муҳимтарин манфиатҳои миллӣ ва ҳадафҳои давлати миллии мустақили тоҷикон муайян карда шаванд.

**Ҳувийяти миллӣ агарчи падидаи нисбатан устувори равониву иҷтимоист, аммо он метавонад дар заминаи зеҳниятсозӣ ва таъсири муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ва иттилоотӣ тағйиру таҳаввул ёбад.** Ҷойи шубҳа нест, ки раванди ҷаҳонишавӣ имрӯз на фақат дар ташаккули робитаҳои иқтисодиву фарҳангӣ ва сиёсии давлатҳои миллӣ, балки дар шаклгирии ҳувийяти онҳо низ таъсиргузор аст. Ин раванд метавонад дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятии миллатҳо таъсири ҳам мусбат ва ҳам манфӣ расонад. Муҳаққиқони равандҳои ҷаҳонишавӣ дар ин масъала ҳадди ақал ду ақидаи мухталифро ироа менамоянд. Гурӯҳи аввали муҳаққиқон ақида доранд, ки раванди ҷаҳонишавӣ хусусияти ҳувийятзудоӣ дорад ва алалхусус барои миллатҳои заиф хатарбор мебошад.

Ҷонибдорони ақидаи дувум бар онанд, ки баръакс, раванди ҷаҳонишавӣ миллатҳои гуногунро бо ҳам дар маърази бархурди шадид қарор дода, ҳамчун омили ангезабахш ва тақвиятдиҳандаи ҳувийяти миллии онҳо метавонад хидмат кунад. Онҳо мутмаинанд, ки дар ин раванд миллатҳо дар баробари шинос шудан ба таъриху фарҳангу тавоноиҳои ҳамдигар, ҳамчунин таваҷҷуҳашон ба таъриху фарҳанг ва тавоноиҳо ё нуқтазаъфҳои хеш низ меафзояд, ки маҳз бо ҳамин сабаб онҳо дар паи ислоҳи вазъи худ мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки раванди ҷаҳонишавӣ дар зеҳни миллатҳо ва алалхусус миллатҳои осебпазир эҳсоси ҳифзу тақвияти фарҳанги хешро бедор месозад ва ҷараёни ташаккули ҳувийяту худшиносии миллии онҳоро таҳрику ангеза мебахшад, албатта агар сатҳи дарк ва огоҳии миллат кофӣ бошад. Бояд гуфт, ки заминаи асосии раванди

ҷаҳонишавиро тавсеаталабии сиёсиву судҷӯии иқтисодии миллатҳову давлатҳои нерӯманд ва ширкатҳои истеҳсолии сатҳи байналмилалӣ ташкил медиҳад, ки дар асл таърихи хеле куҳан дорад. Намунаи барҷастаи он «Роҳи абрешим» аст, ки миллатҳои гуногуни сайёраро бо ҳам наздику шинос мекард. Вале ин раванд дар садаҳои XX-XXI ба сабаби рушди рӯзафзуни технологияи коммуникатсионӣ ва ҳамлу нақл суръати бештар касб кард. Дар даҳсолаҳои охир раванди муҳоҷират низ дар муколамаи фарҳангҳои гуногун таъсиргузор гардид ва ба ҷанбаҳои иҷтимоиву сиёсии ҷаҳонишавӣ такони дигаре бахшид.

Хулоса, таъсирпазирии миллатҳо аз ҳамдигар дар шароити ҷаҳонишавӣ афзоиш ёфта, ба зеҳнияти миллии онҳо бе таъсир намемонад. Вале ин маънои онро надорад, ки дар ин раванд ҷаҳони якфарҳангӣ ба вуҷуд омада, ҳувийятҳои миллиро комилан аз байн мебарад. Баръакс, дар шароити ҷаҳонишавӣ миллатҳои оянданигар дар амри такмил ва зеҳниятсозии хеш аз имконот ва озодиҳои зиёде бархурдор мешаванд. Миллатҳои огоҳ дар масъалаи ҳифзи ҳувийяти миллиашон вобаста ба шиддат гирифтани рақобатҳову бархурдҳои байниҳамдигарӣ нигаронии бештар пайдо карда, барои муқовимат пайваста решаҳои фарҳангии худро ҷустуҷӯ ва ҳимоя мекунанд. Дар ҳифзи ҳувийяти миллӣ давлатҳо бо истифода аз зарфияти нухбагони миллӣ ва зиёиёни миллатдӯст метавонанд баъзе ҷанбаҳои манфии раванди ҷаҳонишавиро пешгирӣ ва нуқтазаъфҳои миллии худро бозбинӣ карда, ислоҳоти саривақтиро дар сатҳи фарҳангу сиёсати хеш ворид созанд. Яъне дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи ташаккули ҳувийяти миллӣ ва дар маҷмӯъ, сарнавишти миллату давлати миллӣ дар дасти давлатмардону зиёиёни фаъолу созанда ва нерӯҳои ватандӯсти миллат аст. Наметавон дар баробари ҷаҳонишавӣ марзҳои миллатҳоро

баст. Балки миллатҳоро зарур аст, ки ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид гашта, аз он барои рушди хеш баҳрабардорӣ кунанд. Мо низ метавонем аз раванди ҷаҳонишавӣ баҳрабардорӣ кунем, агар ба бозбиниву бозсозии зеҳнияти ҷомеа ва хирадмеҳвару муқовиматпазир кардани он даст ёбем. Умуман, чигунагии сарнавишти миллатҳо, ба вижа, дар раванди тезутунди ҷаҳонишавӣ аслан ба ҳувийяти миллӣ, сатҳи дарк, шеваи муносибат ва нерӯи муқовимати онҳо вобаста аст: миллатҳои огоҳу қавӣ дар ин гирудор қавитар мешаванд, вале миллатҳои ноогоҳу заиф ба тадриҷ заифтар ва ҳатто деэтнизатсия ва нобуд хоҳанд шуд.

**Адабиёт**


1. Айнӣ Садриддин. Таърихи инқилоби Бухоро, - Душанбе: Адиб, 1987
2. Аристотель. Политика. –М.: РИПОЛ классик, 2010
3. Горднер Ҳовард. Ҳунар ва илми тағйири зеҳни худ ва дигарон. Тарҷумаи К.Харроҷӣ. -Теҳрон: Нашри “Най”, 2019. -С.34
4. Кант И. Трактаты и письма. – М.: Наука, 1980.
5. Ковальченко И.Д. Методы исторического исследования. – М.: Наука, 2003
6. Лодан Амирҳусайн. Худосолорӣ ва дармондагӣ. -Лос-Анҷелес, 2014
7. Метюз Девид. Сиёсат барои мардум, -Душанбе, 1998
8. Ризоқулӣ Алӣ. Ҷомеашиносии нухбакушӣ. -Теҳрон: Нашри Най, 1377
9. Савин Н.В. Педагогика. -Душанбе, "Маориф", 1975
10. Шифо Шуҷоъуддин. Таваллуде дигар: Эрони куҳан дар ҳазораи нав. -Порис, 1382
11. Энциклопедический словарь. -М., 1991
12. Ятимов С. Таҳлили стратегӣ ва оиндабинии сиёсӣ, Душанбе, Ганҷ нашриёт, 2015

**Комил БЕКЗОДА**
*доктори илмҳои фалсафа,*
*ходими пешбари илмии*
*Шуъбаи таҳқиқоти*
*стратегии назди Раёсати АМИТ*

## НИҲОДҲОИ ИЛМӢ ДАР ОЙИНАИ ФАЛСАФАИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

*(таҳлили вазъи ниҳодҳои илмӣ дар пешинаи фалсафаи худшиносии миллӣ)*

Мушкилоти асосӣ дар равшан намудани масъалаи мавриди баҳс, дар камӣ ва нуқсони сарчашмаҳои таърихӣ доир ба Ҷамшед аст. Осори авестоӣ ва бештари навиштаҳои паҳлавӣ нобуд гашта ва дар аксари маврид ба ҳам омехтаанд. Сарчашмаҳои исломӣ доир ба Ҷамшед ва Зардушт асосан ноқис ва хеле сатҳианд. Омӯзиш ва таҳқиқи сарчашмаҳои авестоӣ асосан аз асри XVII ба дасти урупоиён оғоз гардид. Матнҳои бисёре аз ин мерос тарҷума гардиданд. Дар асри XIX ин раванд хеле фаъол шуд. Вале бо оғози Ҷанги якуми ҷаҳон ин омӯзиш эътидоли худро аз даст дод. Сарчашмаҳои қадимаи авестоӣ ва паҳлавӣ мавриди омӯзиши яктарафаи пайваста бо таҳриф қарор гирифтанд. Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон дар омӯзиши ин сарчашмаҳо як навъ таваққуф ва таҳлилу тафсирҳои ғаразнок ба вуҷуд омад.

Идеологияҳои тоталитарии асри XX (фашизм, натсизм, коммунизм, болшевизм) масъалаи миллат ва миллатгароиро ба сӯи бероҳа кашиданд ва то дараҷае ҷозибаи воқеии онро камранг намуданд. Баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва пайдо гардидани давлатҳои миллӣ дар фазои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, масъалаи миллат ва идеологияи миллӣ аз нав

мавриди таваҷҷӯҳи сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, равоншиносон ва файласуфон қарор гирифт. Ҳамин таваҷҷӯҳи ҳамагонӣ нисбат ба масъалаҳои миллӣ дар рӯзгори мо, сабаби интихоби ин мавзӯъ гардид.

Чуноне ки дар сатрҳои пешин ишора намудем, доир ба Ҷамшед сарчашмаҳои мавҷуд андак ва пурихтилофанд. Аз ин гузашта то солҳои 1940-1950 асри XX ба забони форсӣ-тоҷикӣ доир ба Ҷамшед аз тарҷумаҳои муҳаққиқи номдори мероси авестоӣ, устод Пури Довуд маълумоте фароҳам омада буд.

Аз солҳои 1950 то ба имрӯз бо ҳиммати шогирдони идомадиҳандагони кори ӯ Муҳаммад Муъин, Диншоҳи эронӣ Меҳрдоди Баҳор, Фаридуни Ҷунайдӣ, Муҳаммад Карамӣ, Ҷалили Дӯстхоҳ, Ҳошими Разӣ ва дигар муҳаққиқон осори таҳқиқии арзандае ба вуҷуд омад. Дар ин соҳа баъзе тадқиқотҳо тавассути олимони тоҷик низ анҷом дода шуд.[3] Акнун форсизабонон метавонанд бевосита аз сарчашмаҳои дасти аввали мероси авестоӣ ва тадқиқоти бонуфуз истифода намоянд. Ба таври мушаххас метавон аз фаъолияти пурсамари таҳқиқии устодон Ҳошими Разӣ, Меҳрдоди Баҳор, Фаридуни Ҷунайдӣ, Бобоназари Ғаффорӣ, Ҳамдамҷон Мӯминҷонов, Абдуғаффор Шарифов, Муҳаммадқул Ҳазратқулов ва Додихудо Саймиддинов ёд кард.

Масъалаи фалсафаи Ҷамшед чист ва худи Ҷамшед кист? Барои муҳаққиқони муосир мавзӯи баҳсбарангез аст. Ҷамшед кист? Ҷавоби ин саволро аз сарчашмаҳо ва таҳқиқоти навтарин пайгирӣ менамоем. Он чи то имрӯз ба мо маълум шуда, ин аст ки муҳимтарин сарчашмаи таърихӣ, ки доир ба

[3] Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006; Мӯминҷонов Ҳ. Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2004; Ҳазратқулов М. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006: История таджикской философии с древнейших времен до XV в. -т.1. Душанбе, 2010.

Ҷамшед баҳс мекунад, китоби «Вандидод» аст. Ба аҳли таҳқиқ маълум аст, ки китоби «Авесто» дар замони Сосониён аз 21 ҷилд (наск) иборат будааст. Бисёре аз ин ҷилдҳо аз байн рафтаанд. Хушбахтона, мо имрӯзҳо тарҷумаи форсии ҷилди 19 «Вандидод»-ро дар даст дорем. Ин китобро, ки ҳоло тарҷумаи форсии он дар 4 ҷилд дастраси хонандагон гардидааст, устод Ҳошими Разӣ аз матни авестоӣ ба форсӣ тарҷума кардааст.[4] Қадимтарин ва муфассалтарин маълумот доир ба Ҷамшед дар фаргарди (фасли) 2 ҳамин китоб бо номи «Достони Ҷам» омодааст. Доир ба арзиши ин китоб иқтибосро аз фаргарди 5, Яшти 2 ва Яснои 1 овардан ба мақсад мувофиқ аст:

«Зардушт пурсид аз Аҳуромаздо: Эй Додор (офарандаи адолат) чӣ андоза ҳаст бузургтар, беҳтар ва зеботари ин (Вандидод) **қонуни зидди дев**, ки зардуштӣ аст, нисбат ба дигар ойинҳо дар бузургӣ ва некӣ ва зебоӣ? Он гоҳ гуфт Аҳуромаздо: Эй Спитамани Зардушт, ин «Қонуни зидди дев»-и зардуштӣ (=Вандидод) нисбат ба дигар ойинҳо дар меҳӣ (бузургӣ) ва дар беҳӣ (хубӣ) ва дар зебоӣ, чун дарёи Фарохкарт аст нисбат ба дигар дарёҳо… Ин қонуни зидди дев, ки зардуштӣ аст, дар меҳӣ ва дар беҳӣ ва зебоӣ, чун бузургтарин обҳост, ки кӯчактари обҳоро бипӯшонад… чун бузургтарин дарахтест, ки кӯчактар дарахтҳоро бипӯшонад… чун Осмон аст, ки ин Заминро аз ҳар сӯ фаро гирад».[5]

Феҳристи фаргарди 2-уми Вандидод аз нуктаҳои зерин иборат аст: Ҷамшед ва гуфтугӯ бо Аҳуромаздо; Ҷамшед паёмбариро намепазирад; Ҳурмузд пешниҳод мекунад, ки

[4] Вандидод (ҷилди аввал). Муқаддима, фаргардҳои (фаслҳои) 1-4. Тарҷума аз матни авестоӣ, муқаддима, татбиқ бо тарҷумаи паҳлавӣ. Тарҷумаи доктор Ҳошими Разӣ, чопи аввал 1376, [Минбаъд Вандидод, ҷ.1.].
[5] Вадидод, ҷ.1.-С.5.

вазъи моддии ҷаҳони ӯро (Ҳурмуздро) парвариш диҳад ва ӯро муҷаҳҳаз (омода) кунад; Ҷамшед зиндагии моддӣ ва Заминро мегустаронад (васеъ мекунад); Пешомади тӯфон ва моҷарои он.

Ҷумлаҳои аввалини «Достони Ҷам» дар Вандидод чунин сар мешаванд: «Пурсид Зардушт аз Аҳуромаздо: Эй Аҳуромаздо, эй минавӣ, эй поктарин, эй додори гетии астуманд (моддӣ), эй муқаддас, бо кӣ нахуст аз мардумон гуфтугӯ кардӣ, ту ки Аҳуромаздоӣ? – Ҷуз ман ки Зардушт ҳастам, киро [ба кӣ] омӯхтӣ дини аҳуроии зардуштиро? Он гоҳ гуфт Аҳуромаздо ба Ҷами зебои хубрама: эй Ашу-Зардушт. Бо ӯ нахуст аз мардумон гуфтугӯ кардани ман, ки Аҳуромаздо ҳастам ҷуз ту ки Зардушт ҳастӣ, ба ӯ омӯхтам дини аҳуроии зардуштиро.

Он гоҳ ба ӯ гуфтам, эй Зардушт, ман ки Аҳуромаздо ҳастам: Омода бош, эй Ҷами зебо, [некдидор] писари Вивангаҳон. Барои ман ба ёдсупоранда ва барандаи [интишордиҳандаи] дин бош. Он гоҳ ба ман посух дод Ҷами зебо эй Зардушт: ман барои дин наофарида шудаам ва на омӯхта ва ёдсупоранда ва на баранда [интишордиҳандаи] онам.

Он гоҳ ба ӯ гуфтам эй Зардушт мани Аҳуромаздо: Эй Ҷам, агар нестӣ омода ва ёддоранда ва барандаи [интишордиҳандаи] дини ман, пас ҷаҳони маро биболон [=шукуфо гардон]. Пас ҷаҳони маро фарох кун. Пас бош ҷаҳони маро парваранда ва нигаҳбон ва сардор. Он гоҳ ба ман инчунин посух дод Ҷами зебо эй Зардушт: Ман ҷаҳони туро биболонам. Ман ҷаҳони туро фарох кунам. Ман бошам ҷаҳони туро парваранда, нигоҳбон ва сардор. На андар шаҳриёрии ман бувад сардбод, на нармбод, на дард, на марг».[6]

[6] Вандидод, ҷ.1.-С.249-250.

Аввалан, бояд ба эътибор гирифт, ки Вандидод пеш аз ҳама китоби динӣ аст. Яъне ба саргузашти Ҷамшед аз нигоҳи ҷаҳонбинии зардуштӣ менигарад. Ҳамзамон ин достон аз нигоҳи имрӯз арзишманд ҳам ҳаст. Ба ин маъно, ки як пайғамбари дини тавҳидӣ, яъне Зардушт нисбат ба Ҷамшед чи назаре дорад. Аз ин гузашта, ин достон собит мекунад, ки Ҷамшед шахсияти таърихӣ буда, дар ташаккули андешаи динии ориёиён мақоми худро доштааст. Барои муҳаққиқи имрӯза ҷолиб аст, ки Ҷамшед дар гуфтугӯи Зардушт бо Аҳуромаздо тарафи сеюмро ташкил медиҳад. Яъне бо Зардушт ҳамвазн будани ӯ ба исбот мерасад.

Сонияи, аз ин гуфтугӯ пайдост, ки Ҷамшед дорои шахсияти барҷастае аст. Аҳуромаздо ӯро ситоиш мекунад: «Эй Ҷами зебо, некдидор»… Бузургии шахсияти Ҷам буда, ки Аҳуромаздо ба ӯ пешниҳод намуд, то пайғамбариро қабул намояд. Аммо Ҷамшед рад кард ва гуфт, ки ман барои пайғамбарӣ офарида нашудаам. Ба фикри мо, дар ҳамин нукта андешаи миллӣ аз андешаи динӣ ҷудо мешавад. Ҷамшед дар ин гуфтугӯ бо Аҳуромаздо ҷаҳонро интихоб мекунад. Ҷаҳони моддӣ, густариши он ва ҷомеаи дунявиро. Аз ин рӯ, Ҷамшед ба Аҳуромаздо ваъда медиҳад, ки ман ҷаҳони моддии туро шукуфон хоҳам кард.

Ин бисёр нуктаи ҷолиб ва ҳассос аст. Дар сарчашмаҳои дигар омада, ки Аҳуромаздо ба Зардушт гуфтааст: «Ҷамшед сахт зирак буд. Ва барои ҳамин ҳам рисолати пайғамбариро қабул накард. Ва гуфт, ки ман аз ӯҳдаи корҳои заминӣ бармеоям».[7] Ин андешаҳо гувоҳи онанд, ки дар фарҳанги бостонии мо тамоилоти воқеъбинӣ, реалистӣ, озодандешӣ ва равшанфикрӣ хеле қавӣ ва тавоно будаанд. Ин баъдҳост, ки бо пайдоиши сохторҳои сиёсии диктаторӣ ва динҳои дигари

[7] Баҳор, Меҳрдод. Пажӯҳише дар асотири Эрон. Теҳрон, 1378.-С.37.

мутаассиб бар шохаи динии фарҳанги мо ғолиб омада, ҷараёнҳои озодандешии онро зери фишор қарор додаанд.

Гуфтаҳои болоро муҳаққиқон низ қайд намудаанд. Масалан, файласуфи муосири тоҷик М.Ҳазратқулов муколамаи Зардушт бо Аҳурамаздаро роҷеъ ба расидани ваҳй аз Аҳуромаздо бо истинод ба Бобаки Олихонӣ чунин тасвир намудааст. «Зардушт аз Аҳуромаздо пурсид, ки ин динро нахуст ба чи касе намудӣ? Ҳурмузд гуфт: Нахуст ба Каюмарс намудам. Зардушт гуфт: Чаро ин динро аз тариқи ваҳй ба Каюмарс намудӣ ва ба ман аз роҳи гуфтор илқо кардӣ? Ҳурмуз гуфт: зеро лозим аст, ки… ту ин динро фаро гирӣ ва ба дигарон биомӯзӣ, ҳол он ки Каюмарс касе надошт, ки онро бипазирад, пас беҳтар аст хомӯш бошӣ, то ман сухан гӯяму ту бишнавӣ ва ту сухан бигӯй, то мардумон бишнаванду бипазиранд. Зардушт ба Ҳурмузд гуфт, ки оё ин динро пеш аз ман бар касе ҷуз Каюмарс намудаӣ? Ҳурмузд гуфт: Оре, ин динро ба Ҷамшед намудам… Зардушт гуфт: чун медонистӣ, ки ин динро намепазирад, пас чаро онро бад-ӯ намудӣ? Ҳурмузд гуфт: агар инро бад-ӯ наменамудам, дин ба ту намерасид».[8]

Аз ин иқтибос маълум мешавад, ки се ваҳй аз Аҳуромаздо содир шудааст. Ваҳйи аввал ба Каюмарс расида, ки он ваҳйи шахсӣ ё худ инфиродӣ будааст, чун Каюмарс ҳамчун аввалин кадхудои ҷаҳон ба мисли Абулбашар шахси ягона дар рӯи замин буд. Муҳаққиқон ин ваҳйро ваҳйи пинҳонӣ ба қалам дода, Каюмарсро барои пайдоиши ин дин замина сохтааст. Ваҳйи дуюмӣ ба Ҷамшед расидааст ва аҷобати кор дар он аст, ки дар ин ҷо инҳироф аз таълимоти динӣ ба назар мерасад. Чун Аҳуромаздо метавонист ба онҳое, ки омода ба пазироии он нестанд, ваҳй иблоғ накунад. Вале ин ноҳамоҳангии динӣ минбаъд боиси ба вуҷуд омадани сулолаҳои шоҳони

---

[8] Ҳазратқулов М. Ориёнҳо ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006.-С.435.

эрониуласл бо номҳои пешдодиёну каёниён мегардад, ки роҷеъ ба таърихи онҳо дар «Таърих»-и Табарӣ, «Форснома»-и Ибни Балхӣ ва бахусус дар «Шоҳнома» сухан рафтааст. Ҷои таммуласт, ки иқтибоси боло, аз як тараф, фикри баёншудаи моро тақвият мебахшад ва, аз тарафи дигар, агар Ҷамшед пайғамбариро қабул мекард, ӯ ҳамчун дорандаи дониши илоҳӣ ба худкомагӣ ва бузургманишӣ роҳ намедод ва пайдоиши сулолаҳо низ имконнопазир мегардид.

Аз давоми достон маълум мегардад, ки Ҷам ба ваъдаи додаи худ ба Аҳуромаздо вафо намуда, ҷаҳони моддӣ ва инсонҳоро аз мусибатҳои табиӣ наҷот додааст.

Бояд қайд кард, ки Ҷамшед ҳамчун як шахсияти таърихӣ пеш аз Зардушт зиндагӣ кардааст. Дар ҳамаи сарчашмаҳои мансуб ба анъанаи зардуштӣ аз Ҷамшед ёд кардаанд. Аз ин гузашта номи Ҷамшед дар китоби «Ригведа»-и ҳиндиён низ сабт шудааст.[9]

Ҳамаи ин далолат бар он мекунад, ки Ҷамшед ҳамчун як шахси таърихӣ, дар маснади фарҳанги эронӣ ва ҳиндӣ қарор дорад. Дар ҳарду фарҳанг ба ҷиҳатҳои дунявӣ, воқеъбинӣ ва ғайридинии Ҷамшед таъкид шудааст. Дар ҳамин асос метавон ба ин натиҷа расид, ки асосгузори назари миллӣ ва озодандешии мардумони форсу тоҷик маҳз ҳамин Ҷам писари Вивангаҳон будааст.

Корнамоиҳои Ҷамшед дар ободии ҷаҳони моддӣ ва дар робита ба Варҷамкард (ғор ё макони амни Ҷам) дар дигар сарчашмаҳо низ зикр гардидааст. Масалан, дар «Минуи хирад» омада, ки «Варҷамкард дар Эронвиҷ, зеризамин сохта шудааст ва ҳамагуна тухм аз ҳамаи офаридагони Урмуздхудо,

[9] Ниг.: Ригведа. Мандалы I-IV. Издание подготовила Т.Я.Елизаренкова. М. «Наука», 1989.-С45.

аз мардум, сутур, гусфанд, паранда, ҳарчи беҳтар ва гузидатар аст, бадонҷо бурда шудааст…». (Бахши 4, бандҳои 15-19) ҳамчунин дар «Ривоёти порсӣ» (бахши 48 банди 10), «Яштҳо» (Яшти 19), «Ясно» (8/32) ва ғайра роҷеъ ба фаъолияти Ҷамшед нукоти муҳиме ироа шудаанд.

Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки Ҷамшеди нимаустуравӣ пуштибони ин ҷаҳон ва андешаи инҷоҳанӣ будааст, Зардушт бошад аз «он ҷаҳон» ва андешаҳои онҷаҳонӣ дифоъ мекард.

Адабиёт:


1. Баҳор, Меҳрдод. Пажӯҳише дар асотири Эрон. Теҳрон, 1378.-1999.
2. Вандидод (ҷилди аввал). Муқаддима, фаргардҳои (фаслҳои) 1-4. Тарҷума аз матни авестоӣ, муқаддима, татбиқ бо тарҷумаи паҳлавӣ. Тарҷумаи доктор Ҳошими Разӣ, чопи аввал 1376, [Минбаъд Вандидод, ҷ.1.].
3. История таджикской философии с древнейших времен до XV в. -т.1. Душанбе, 2010.
4. Мӯминҷонов Ҳ. Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2004.
5. Ниг.: Ригведа. Мандалы I-IV. Издание подготовила Т.Я.Елизаренкова. М. «Наука», 1989.
6. Ҳазратқулов М. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006.
7. Ҳазратқулов М. Ориёнҳо ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006.
8. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006.

**С.А. СУДУРОВ**
*ходими калони илмии шуъбаи ИДМ – и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ*

## АЗ "БОЗИИ БУЗУРГИ ЗАБОНӢ" ТО НАБАРДИ ҲУВИЯТ

Забони форсӣ - забони зебову шево, пуроҳангу ҷаҳонгир - танҳо як воситаи оддии муошират ё гуфтугӯи рӯзмарра нест. Ин забон, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо дар муқовимати шадид бо бодҳои сахти таърих, аз порсии бостон то форсӣ-тоҷикӣ-дарии имрӯза устувор мондааст, рӯҳи тамаддуни Ориёӣ ва яке аз чанд ганҷинаи бебаҳои адабиёти ҷаҳонӣ мебошад. Забоне, ки дар тӯли асрҳои миёна аз Осиёи Сағир то Ҳиндустон, аз Қафқоз то Сибири Ғарбӣ ба ҳайси "Лингва франка" (забони тамаддун ва робитаи байни миллатҳо), забони илму адаб ва дарбори подшоҳон шинохта мешуд. Мероси бузургоне чун Фирдавсӣ, ки "Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ" ва ягонагии ҳувияти моро аз фаромӯшӣ раҳо дод, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ (Балхӣ), ки ишқи ирфониро ба ҷаҳониён тақдим намуд, "лисонулғайб" Хоҷа Ҳофиз, ки ғазалро то авҷи Сурайё расонид ва Ибни Сино, ки улуми тиброи бунёд кард, ҳамагӣ бо ин забон пайванданд. Ин забон дар ҳудуди се минтақаи таърихӣ — Эрон, Мовароуннаҳр (Тоҷикистону Ӯзбекистон) ва Хуросон (Афғонистон) — бо номҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ устувор аст ва ҳазорсолаҳост, ки сарфи назар аз сарҳадҳои сунъӣ, ваҳдати фарҳангии моро таъмин менамояд.

Мутаассифона, имрӯз ин забони тамаддунсоз зери фишори муташаккил ва ҳадафмандона қарор дорад, ки дар маҷмӯъ метавон онро ҳамчун **"Лоиҳаи форсизудоӣ"** муаррифӣ кард.

Ин лоиҳаи хатарнок, ки дар сатҳи геополитикӣ, илмӣ ва фарҳангӣ амалӣ мегардад, мақсад дорад, ки воҳидияти забони форсӣ-тоҷикӣ-дариро тақсим намуда, онро ба лаҳҷаҳои маҳаллии ҷудогона табдил диҳад ва аз ин тариқ, заминаҳои фарҳангии иттиҳоди мардумони форсизабонро заиф гардонад.

**"Лоиҳаи форсизудоӣ"** (ё "Лоиҳаи тақсими форсӣ/тоҷикӣ/дарӣ") як истилоҳи тавсифкунанда аст, ки ба маҷмӯи амалҳо, сиёсатҳо, таҳқиқотҳо ва фишорҳои геополитикӣ ишора мекунад, ки аз берун ва дохил ба забони форсӣ (бо се номи он: форсӣ, тоҷикӣ, дарӣ) равона шудаанд. Моҳияти лоиҳа дар он аст, ки воҳидияти илмӣ ва фарҳангии забони форсӣ халалдор карда шавад ва лаҳҷаҳои он (тоҷикӣ, дарӣ, форсии Эрон) ба забонҳои мустақили комилан ҷудогона табдил дода шаванд. Ҳадафи ниҳоӣ  нобуд кардани нуфуз ва меҳвари ягонагисозии фарҳангии забони форсӣ дар минтақаи Ориёӣ (Эрон, Афғонистон ва Осиёи Марказӣ) мебошад.

**Ангезаҳои аслии** ин лоиҳа асосан аз манфиатҳои геополитикӣ сарчашма мегирад. Қудратҳои бузург ва минтақавӣ мехоҳанд, ки пайванди фарҳангӣ ва забониро байни кишварҳои форсизабон (Эрон, Тоҷикистон, Афғонистон) заиф созанд. Ваҳдати фарҳангӣ метавонад ба иттиҳоди сиёсӣ ё иқтисодии минтақавӣ оварда расонад, ки барои назорати беруна хатарнок аст. Ҷудо кардани забон ба тақвияти ҳувиятҳои хурди қавмӣ мусоидат мекунад, ки ин боиси нооромиҳои дохилӣ ва муборизаи доимӣ барои "моликияти фарҳангӣ" мегардад.

**"Лоиҳаи форсизудоӣ"** як тавсифи ҷиддии муборизаи геополитикӣ аст, ки забонро ҳамчун майдони ҷанг истифода мебарад. Ҳадафи он шикастани ягонагии фарҳангии минтақа барои расидан ба ҳадафҳои назорати сиёсӣ ва коҳиши нуфузи

давлатҳои ҳамзабон мебошад. **Ин лоиҳа таҳдиди асосӣ ба ҳувияти Ориёӣ-Форсӣ-Тоҷикӣ дар асри XXI мебошад.**

Ин таҳдид шакли таҳдиди дугонаро гирифтааст:

**- Таҳдиди берунӣ:** Фаъолиятҳои ховаршиносони Ғарб, созмонҳои сиёсии бритониёӣ ва амрикоӣ, ки тавассути таҳқиқотҳо, грантҳо ва дастгоҳҳои расонавӣ (алалхусус дар мавриди Тоҷикистон ва Афғонистон) ҷудоии лаҳҷаҳоро тақвият медиҳанд, то нуфузи фарҳангии Эронро маҳдуд созанд ва сохторҳои сиёсии минтақаро ноустувор намоянд.

- **Таҳдиди дохилӣ:** Амалҳое, ки аз ҷониби қувваҳои дохилӣ ва ё талошҳои муттасил барои аз худ намудани моликияти фарҳангӣ ва таърихи муштараки Ориёӣ аз ҷониби гурӯҳҳои муайяни этникӣ сурат мегирад. Ин амалҳо хоста ё нохоста, об ба осиёби қувваҳои беруна мерезанд.

Мо кушиш менамоем, ки на танҳо ба сатҳи зоҳирии масъала, балки ба ангезаҳои аслӣ, усулҳои татбиқ ва оқибатҳои геополитикии **"Лоиҳаи форсизудоӣ"** тамаркуз намоем. Пеш аз таҳлили **"Лоиҳаи форсизудоӣ"**, бояд ба таври қатъӣ тасдиқ намуд, ки аз нигоҳи забоншиносии илмӣ (лингвистика), форсӣ (Эрон), тоҷикӣ (Тоҷикистон) ва дарӣ (Афғонистон) на се забони мустақил, балки се лаҳҷаи стандартишудаи як **забони ягона** мебошад, ки фарқияти асосии онҳо дар натиҷаи ҷуғрофияи сиёсӣ ва воридоти луғавӣ (масалан, таъсири русӣ дар Тоҷикистон ва пашту/англисӣ дар Афғонистон) ба вуҷуд омадааст, на дар сохтори бунёдии дастурӣ (грамматика).

Забоншиносони бонуфузи ҷаҳонӣ аз ҷумла, эроншиносони бонуфузи ғарбӣ, ба монанди профессор Грант Л. Уоткинс, профессор Ҷон Р. Пери ва дигарон, ин ягонагиро тасдиқ мекунанд. Ба ибораи дигар, тақсимоти забонӣ асосан маҳсули соҳаи сиёсат аст, на илми забоншиносӣ. Сарфи назар аз ягонагии илмӣ, мафҳумҳои "тоҷикӣ" ва "дарӣ" ҳамчун

забонҳои мустақил дар натиҷаи амалиётҳои ҷиддии геополитикӣ ва минтақавӣ пайдо шудаанд.

- **Нақши Империяи Русия ва Шӯравӣ** (забони тоҷикӣ): Дар ибтидои солҳои 1920-ум ва 1930-ум, дар доираи сиёсати “миллатсозӣ” дар Осиёи Марказӣ, забони форсии Осиёи Марказӣ расман ҳамчун забони “тоҷикӣ” стандартизатсия карда шуд. Ин амал, ки аввал бо гузариш ба алифбои лотинӣ ва сипас ба алифбои кириллӣ (дар соли 1940) ҳамроҳ шуд, қасди ҷудо кардани тоҷиконро аз мероси фарҳангии Эрон дошт. Ба ин тариқ, сарҳадҳои сиёсӣ сарҳадҳои забониро муайян карданд.

- **Вазъияти Афғонистон** (забони дарӣ): Истифодаи истилоҳи “дарӣ” ҳамчун номи расмии забони форсӣ дар Афғонистон, гарчанде таърихи қадим дорад, дар асри XX сиёсӣ шуда, дар Қонуни асосии ин кишвар мақоми расмӣ гирифт. Ин раванд низ дар шароите сурат гирифт, ки ҳукуматҳои афғон кӯшиш мекарданд, ки аз нуфузи сиёсӣ ва фарҳангии ҳамсояи ғарбии худ (Эрон) дурӣ ҷӯянд.

Ин тақсимот ба қудратҳои бузурги минтақавӣ имкон дод, ки дар минтақаҳои ҷудогона сиёсатҳои худро амалӣ намоянд, бахусус дар замони “Бозии Бузург” ва “Ҷанги Сард”. Ин ҷудоии забонӣ-сиёсӣ барои “**Лоиҳаи форсизудоӣ”** заминаи муносибе фароҳам овард, чунки ваҳдати фарҳангӣ аллакай бо роҳи маъмурӣ ва сиёсӣ шикаста шуда буд. Сарҳадҳои сиёсӣ ва ҷудоии лаҳҷаҳо, ки дар асри XX сурат гирифтанд (ба монанди истифодаи кириллӣ дар Тоҷикистон ва мақоми забони дарӣ дар Афғонистон), барои қудратҳои Ғарбу “нимғарб” заминаи мусоидеро барои татбиқи **“Лоиҳаи форсизудоӣ”** фароҳам оварданд. Ин лоиҳа, ки асосан бар манфиатҳои геополитикӣ ва назорати нуфузи фарҳангӣ асос ёфтааст, бо усулҳои назарнамо ва пинҳонӣ амалӣ мегардад.

Қувваҳои беруна, тавассути муассисаҳои ховаршиносӣ ва маблағгузории таҳқиқот, дар коҳиш додани ягонагии забони форсӣ нақши калидӣ мебозанд:

- Маблағгузории таҳқиқотҳое, ки ба фарқиятҳо тамаркуз доранд. Муассисаҳои бонуфузи таҳқиқотии ғарбӣ (донишгоҳҳо, марказҳои мафкуравӣ) аксар вақт грантҳо ва дастгирии молиявиро барои омӯзиши ҷузъиёти лаҳҷаҳои маҳаллӣ ва фарқиятҳои байни форсӣ, тоҷикӣ ва дариро пешниҳод мекунанд. Ҳадаф ин аст, ки ба ҷои таҳкими умумиятҳо, ба хусусиятҳои ночизи фарққунанда тамаркуз дода шавад, то ин лаҳҷаҳоро ба забонҳои мустақил наздиктар кунанд.

- Лоиҳаҳои тағйири алифбо: Кӯшишҳои доимӣ барои тағйири алифбо дар Тоҷикистон (баргаштан ба алифбои форсӣ/арабӣ ё гузаштан ба лотинӣ) аксар вақт аз ҷониби созмонҳои хориҷӣ дастгирӣ мешаванд. Новобаста аз мақсадҳои зоҳирии "ислоҳоти забонӣ", ин лоиҳаҳо як абзори ҷиддии ҷудоиандозист, чунки алифбои кириллӣ тоҷиконро аз мероси адабии ниёгон, Эрон ва Афғонистон ҷудо кард. Гузаштан ба алифбои лотинӣ (ба мисли Ӯзбекистону Озарбойҷон) хатари пайвастшавии сарнавиштӣ бо фарҳанги форсиро ба таври ҷиддӣ коҳиш медиҳад.

Васоити ахбори оммаи бузурги ғарбӣ, ки ба минтақаҳое, ки форсӣ/дарӣ/тоҷикӣ гуфтугӯ мешавад, пахш мегарданд, дар тақвияти ҷудоии забон нақши муҳим доранд. Ин расонаҳо қасдан ё нохоста, дар хабарҳо ва барномаҳои худ ба таври қатъӣ аз истифодаи номи "форсӣ" барои бахшҳои Тоҷикистон ва Афғонистон худдорӣ мекунанд ва ба ҷои он танҳо "тоҷикӣ" ё "дарӣ"-ро истифода мебаранд. Ин амал дар маҷмӯъ, дар зеҳни омма мафҳуми се забони мустақилро тақвият медиҳад. Бахшҳои тоҷикӣ ва дарии ин расонаҳо на танҳо дар лаҳҷаи худ, балки дар истифодаи вожаҳое, ки ба якдигар ношинос

мебошанд, истодагарӣ мекунанд. Масалан, истифодаи вожаҳои русӣ дар бахши “тоҷикӣ” ва вожаҳои пашту/арабӣ дар бахши “дарӣ” (дар ҳоле ки метавонанд ҳамтоҳои форсии якхела истифода шаванд) ба тақвияти фарқияти забон мусоидат мекунад.

**“Лоиҳаи форсизудоӣ”**, дар асл, як лоиҳаи забонӣ нест, балки як лоиҳаи геополитикӣ мебошад. Ҳадафи асосӣ - маҳдуд кардани нуфузи фарҳангии Эрон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Афғонистон мебошад. Ваҳдати фарҳангӣ ва забонӣ ба таври худкор робитаҳои мустаҳками байни ин кишварҳоро тақвият медиҳад. Ҷудо кардани забон ба душманони забони форсӣ имкон медиҳад, ки Эронро аз доираи таъсири фарҳангии он дур созад. Ба вуҷуд овардани ноустуворӣ ва тафриқа байни кишварҳои ҳамзабон имкон медиҳад, ки қудратҳои беруна бо ҳар як кишвар ба таври алоҳида муносибат кунанд ва аз иттиҳоди эҳтимолии сиёсӣ ё иқтисодӣ, ки бар заминаи фарҳанги муштарак бунёд шудааст, пешгирӣ намоянд.

Мавриди зикр аст, ки забон дар минтақаи бӯҳроние чун Афғонистон, ки ҷанги дохилӣ идома дорад, нақши калидӣ мебозад. Заиф кардани мақоми забони дарӣ ба дастгирии қувваҳое мусоидат мекунад, ки ба таҳкими ҳувиятҳои ғайрифорсӣ манфиатдоранд. Забони дарӣ, ки номи расмии забони форсӣ дар Афғонистон аст, на танҳо забони модарии тоҷикони ин кишвар, балки забони муоширати миллионҳо нафар ақвоми мухталифи Афғонистон, забони адабиёт, таърих ва илми ин кишвар мебошад. Аммо, бо бозгашти гурӯҳи Толибон ба қудрат, ин забон зери хатари ҷиддии тангшавӣ ва маҳдудиятҳои системавӣ қарор гирифтааст, ки ин амал ба таври мустақим ба ҳадафҳои **“Лоиҳаи форсизудоии Ғарб”** мусоидат мекунад.

Мавзӯи ***“Лоиҳаи форсизудоӣ”*** (ё форсиситезӣ) дар Афғонистон яке аз масъалаҳои доғи фарҳангӣ ва сиёсӣ дар ин кишвар ва минтақаи форсизабон боқӣ мемонад.

**- Маҳдудият дар мақомоти давлатӣ:** Дар бисёре аз мақомоти давлатӣ, аз ҷумла дар вазоратхонаҳо ва мақомоти амниятиву қудратӣ, забони пашту ба забони расмии корӣ табдил дода шудааст. Ҳуҷҷатҳои расмӣ ва мукотибаҳо бештар бо забони пашту таҳия мешаванд, ки ин амр дастрасии форсизабононро ба кор ва қабули қарорҳо маҳдуд месозад.

**- Нест кардани навиштаҷоти номҳои маҳалҳо ба забони дарӣ:** Пайваста кӯшишҳои ҳадафмандонаи нест кардани аломатҳои хаттӣ, навиштаҷот ва номҳои форсии маҳалҳо, кӯчаҳо, донишгоҳҳо ва маконҳои таърихӣ мушоҳида мешавад. Ин амал на танҳо як маҳдудияти забонист, балки ҳамла ба ҳувияти фарҳангии шаҳрӣ ва заминаи таърихии форсизабонон аст.

**- Маориф ва ВАО:** Дар бахши маориф ва васоити ахбори омма низ маҳдудиятҳое ҷорӣ шудаанд, ки ба таври ғайримустақим ба паст шудани сатҳи истифодаи забони дарӣ дар мактабҳо ва расонаҳои расмӣ оварда мерасонад. Баъзе гузоришҳо аз расонаҳо ва фаъолони фарҳангӣ далели он мебошанд, ки дар расонаҳои давлатӣ ва баъзе расонаҳои дигар, бартарӣ ба пахши барномаҳо бо забони пашту ва кам кардани нақши забони дарӣ (форсӣ) дода мешавад.

Гузашта аз ин, расман ҷашни Наврӯз, ки як ҷашни бузурги фарҳангии ориёӣ ва бахусус форсизабонон аст, лағв ва мамнӯъ эълон шуд. Ин иқдом ба таври васеъ ҳамчун як ҳамлаи мустақим ба фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ қабул шуд. Қудратҳои беруна метавонанд ин нооромиҳои дохилии забониро ҳамчун фишанги сиёсӣ истифода баранд. Онҳо метавонанд бо баҳонаи “ҳифзи ҳуқуқи ақаллиятҳо” дар умури дохилии кишвар

дахолат намоянд, дар ҳоле ки ҳадафи асосӣ бадтар кардани вазъ ва аз байн бурдани ягонагии забонӣ боқӣ мемонад.

Ин сиёсат ҳамчунин ба талошҳои таърихии маҳдуд кардани забони форсӣ (дарӣ) пайванд дода мешавад. Ҳамзамон бояд мутазаккир шуд, ки танг намудани мақоми забони дарӣ оқибатҳои бисёр хатарнок дорад:

**1. Заиф шудани ҳувият:** Оқибати аввалиндараҷа ин коста шудани ҳувияти миллии форсизабонони Афғонистон мебошад, ки эҳсоси табъизро тақвият дода, метавонад боиси ноороміҳои тӯлонӣ гардад.

**2. Дуршавӣ аз мероси адабӣ:** Маҳдуд шудани забони дарӣ дар маориф, боиси дур мондани насли наврас аз мероси адабии классикӣ мегардад, ки ин ба таври табиӣ, аз ҷомеаи фарҳангии Эрон ва Тоҷикистон онҳоро дур месозад.

Таҳдид ба забон танҳо ба маҳдуд кардани истифодаи он хотима намеёбад, балки ба дуздии ҳувияти таърихӣ ва тамаддуни ориёӣ-форсӣ-тоҷикӣ низ мерасонад. Ин раванд, ки асосан аз ҷониби миллатгароёни муайян дар кишварҳои ҳамсоя ва ё дохилӣ сурат мегирад, бо дастгирии ғайримустақими қувваҳои беруна, барои нобуд кардани решаҳои ҳувияти муштараки мо равона гардидаанд.

Тамаддуни бузурги ориёӣ як сохтори бисёрқабатаест, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо дар як ҳудуди бузург ташаккул ёфтааст. Форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ меҳвари ин тамаддун мебошад, зеро забон ва адабиёти он ин ҳувиятро то имрӯз ҳифз кардааст. Аксари муаррихон ва эроншиносон эътироф мекунанд, ки мероси адабӣ ва фарҳангии ин давраи тиллоӣ ба таври возеҳ ба доираи форсизабонон тааллуқ дорад, сарфи назар аз он ки ин бузургон дар кадом нуқтаи ҷуғрофӣ таваллуд шудаанд.

Кӯшиши аз они худ намудани ашхос ё ёдгориҳои таърихӣ дар солҳои охир шиддат ёфтааст, ки ин ба таври ҷиддӣ заминаҳои фарҳангии минтақаро ноором месозад. Яке аз

мисолҳои барҷаста, кӯшиши ба таври қатъӣ азхуд кардани Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ (Балхӣ) мебошад.

Мақолаҳо ва таҳқиқотҳое, ки дар солҳои охир дар ин бора нашр шудаанд, баҳсҳоро дар ЮНЕСКО ва доираҳои адабӣ ба вуҷуд овардаанд. **Фарҳанги форсизабонӣ моликияти ӯро аз тариқи забони форсии ӯ ҳифз мекунад.**

Дар баъзе кишварҳои ҳамсоя, талошҳое дида мешавад, ки Ибни Синоро, ки ба забони арабӣ ва форсӣ менавишт ва аз фарҳанги форсӣ ғизо гирифтааст, ба таври қатъӣ ба қавмияти худ пайванд диҳанд. Ҳамчунин кӯшишҳои азхудкунии Ал-Форобӣ, Ал-Хоразмӣ, Ал-Берунӣ ва як қатор алломаҳои дигари форсу тоҷик ба касе пӯшида нест. Ин талошҳо як қисми барномаҳои миллатсозии нав мебошанд, ки баъд аз суқути Шӯравӣ ё дар заминаи низоъҳои минтақавӣ пайдо шудаанд. Барои бунёди як "миллати нав", зарурати сохтани як "таърихи қадим"-и мустақил ва азхуд кардани шахсиятҳои бузург эҳсос мешавад. Ин талошҳо аз ҷониби қудратҳои беруна ба таври ғайримустақим дастгирӣ мешаванд. **Чаро?** Чунки низои фарҳангӣ ва таърихӣ байни кишварҳои минтақа, диққати онҳоро аз таҳдидҳои геополитикӣ дур сохта, ба таври мустақим ваҳдати форсизабононро суст мекунад. Масалан, дастгирии молиявии нашриётҳое, ки ин назарияҳои баҳсбарангезро тақвият медиҳанд аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Иддаои моликияти фарҳангӣ як ҷанги зеҳнӣ ва ҳувиятӣ аст. Дар "**Лоиҳаи форсизудоӣ**", ҳадаф танҳо ҷудо кардани забони имрӯза нест, балки нобуд кардани заминаи таърихии ягона мебошад, то мардуми форсизабонро аз решаҳои аслии тамаддунофарини худ маҳрум созанд. Дар ҳоле ки «**Лоиҳаи форсизудоӣ**» бо мақсади ҷудо кардани забони форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ амал мекунад барои муқовимат бо ин таҳдидҳо, таъсиси як **"Лоиҳаи ваҳдатсозӣ"** вазифаи фарҳангӣ ва миллии

зиёиёну ҳукуматҳои минтақа мебошад. Ҳамзамон ваҳдати илмӣ-забонӣ бояд ба воситаи чораҳои расмӣ таҳким ёбад:

- **Стандартизатсия ва луғати воҳид:** Зарур аст, ки ниҳодҳои дахлдори Академияҳои илмҳои Эрон, Тоҷикистон ва доираи форсизабони Афғонистон як "Шӯрои Олии забони форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ"-ро ташкил диҳанд. Ҳадафи асосии ин Шӯро бояд таҳияи луғати воҳиди илмӣ ва фаннӣ бошад. Аз рӯи таҳлили коршиносон, тафовути ҷиддӣ миёни лаҳҷаҳо дар истифодаи **истилоҳоти илмию фаннӣ** аст (масалан, дар Эрон бештар фаронсавӣ, дар Афғонистон англисӣ ва дар Тоҷикистон русӣ истифода мешавад). Луғати воҳид ин ҷудоиро аз байн мебарад.

**- Тақвияти омӯзиши алифбои ниёгон:** Бо мақсади тақвият додани робитаи фарҳангӣ бо кишварҳои ҳамзабон, дар Тоҷикистон омӯзиши **алифбои форсӣ-арабӣ (хати ниёгон)** бояд дар системаи таълимӣ **ҳамчун як фанни ҳатмӣ** пурзур карда шавад. Донистани алифбои ниёгон ба ҳар як фарди тоҷик зарурати ногузир бояд бошад. Давлат бояд раванди омузишу тадрис ва зарурати донистани онро таҳти назорати қатъӣ гирад. Донистани забони давлатӣ ва алифбои ниёгон шарти ҳатмии қабул ба кор дар муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ бояд бошад.

Тавре ки возеҳ аст забонро танҳо бо сиёсат ҳифз кардан ғайриимкон аст ва фарҳанг бояд онро таҳким бахшад. Таъсис шабакаҳои телевизионӣ ва радиоии муштарак, ки дар онҳо муҳтаво бо ҳар се лаҳҷа ва бо истифодаи вожаҳои фаҳмо барои ҳама пахш шавад, масъалаи доғи рӯз мебошад. Ин барномаҳо бояд ба адабиёти классикӣ ва муосири сегонаи форсизабон тамаркуз кунанд. Дастгирии молиявии тарҷума ва нашри адабиёти муосири Тоҷикистон дар Эрон ва Афғонистон ва баръакс бояд аҳамияти давлатӣ касб намояд. Нашри **китоби "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров** бо хати форсӣ барои ҳавзаи

фарҳангии дарӣ/форсӣ (Эрон ва Афғонистон) намунаи барҷастаи ин гуна ҳамкорист. Ин амал ҳувияти муштаракро аз таҳриф ва азхудкунӣ муҳофизат мекунад. Нақши кинематография дар ташаккули ваҳдати фарҳангию забонӣ беандоза мебошад ва мебояд киноматографистҳои ҳар се кишвар дар эҷоди филмҳои якҷоя талош варзанд.

Дар посух ба иддаоҳои миллатгароёнаи азхудкунии моликияти тамаддунӣ, вокуниши илмӣ-ҳуқуқӣ зарур аст:

**- Ҳимояи байналмилалии мерос:** Ҳамкории се кишвари форсизабон барои сабти муштараки осори бузургон (мисли Ҷалолиддини Румӣ, Ибни Сино, Берунӣ ва ҳоказо) дар ЮНЕСКО.

**- Адабиёти таърихии ҳақиқӣ:** Нашр ва таблиғи мақолаҳо ва китобҳои таърихӣ, ки дар асоси далелҳои холисонаи илмӣ, саҳми аслии форсизабононро дар тамаддуни ҷаҳонӣ (мисли асари Ғафуров) таъкид мекунанд, то бо таҳрифи огоҳонаи таърих мубориза баранд.

Таҳлили амиқ ба таври возеҳ тасдиқ мекунад, ки забони форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ зери таҳдиди ҷиддӣ ва муташаккил қарор дорад. Ин таҳдид натиҷаи як ҳамкории ғайримустақими **"Лоиҳаи форсизудоии Ғарб"** (геополитикӣ, илмӣ) ва амалҳои дохилии минтақавӣ (сиёсати Толибон ва иддаои моликияти фарҳангӣ) мебошад. Ин амалҳо ҳадафи ягона доранд: шикастани ваҳдати фарҳангӣ ва ҳувияти Ориёӣ. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки забони форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ, ин "қалби тамаддуни Ориёӣ", дар асри XXI зери муҳосираи мураккаб қарор дорад. Таҳлили мантиқӣ исбот менамояд, ки ҷудосозии "форсӣ", "тоҷикӣ" ва "дарӣ" асосан як сохтори сунъии сиёсӣ аст, на воқеияти лингвистии илмӣ. Мо кушиш намудем, ки Лоиҳаи форсизудоии беруниро, ки аз ҷониби қудратҳои геополитикӣ бо мақсади заиф сохтани нуфузи фарҳангии минтақавӣ таҳия шудааст, ошкор намоем.

Ҳамзамон, мо бори дигар таъкид кардем, ки амалҳои нигаронкунандаи дохилӣ (ба монанди сиёсати тангсозии мақоми дарӣ аз ҷониби Толибон) ва кӯшишҳои азхудкунии моликияти фарҳангӣ аз ҷониби гурӯҳҳои миллатгаро, хоста ё нохоста, об ба осиёби Лоиҳаи Ғарб мерезанд.

Мубориза барои забон мубориза барои ҳарф ё калимаи алоҳида нест, балки ҷанги тақдирсоз барои ҳувият ва мавҷудияти таърихии мост. Агар забони мо аз ҳам ҷудо шаванд, мо мероси адабии Фирдавсӣ, Румӣ, Саъдӣ ва Ибни Синоро аз даст медиҳем — меросе, ки моро бо ҳам мепайвандад. Наҷоти ин ганҷи бебаҳо аз таҳдиди "**Лоиҳаи форсизудоӣ"** набояд дар сатҳи эҳсосотӣ бимонад, балки ба барномаи амалии ваҳдатсозӣ табдил ёбад. Ин кор тақозо мекунад, ки зиёиён ва ҳукуматҳои Тоҷикистон, Эрон ва форсизабонони Афғонистон **деворҳои сиёсиро дар илм фурӯ резанд,** бо ташкили як **"меҳвари забон"** ва таҳияи луғати ягонаи илмӣ, ҳамчунин тавассути мубодилаи фарогири адабӣ ва расонаӣ пайванди фарҳангиро тақвият диҳанд. То он даме, ки забоншиносон, адибон ва сиёсатмадорони форсизабон аз истифодаи истилоҳоти ҷудокунанда даст накашанд ва дар талоши таҳкими меҳвари адабии муштарак набошанд, "**Лоиҳаи форсизудоӣ"** идома хоҳад ёфт. **Ҳифзи забон имрӯз маънои мудофиаи ҳувияти миллӣ ва тамаддуни ҷаҳониро касб намудааст.**

Наҷоти забони форсӣ аз ин лоиҳаи хатарнок танҳо дар сурати иттиҳоди фарҳангӣ ва ҳамкории ҷиддии илмӣ-давлатӣ миёни Тоҷикистон, Эрон ва форсизабонони Афғонистон имконпазир аст. Забони мо, ки дар тӯли таърих дар муқобили арабҳо, муғулҳо, дигар қабоили бодиянишин ва дигар ҳамлаҳо истодагарӣ кардааст, метавонад аз ин бӯҳрони навин низ берун ояд. Забони форсӣ, ки рисолати таърихии тамаддунсозии худро иҷро кардааст, имрӯз ба муҳофизати мо

ниёз дорад. Мо наметавонем иҷозат диҳем, ки найрангҳои геополитикӣ ва миллатгароии қавмӣ решаҳои моро аз ҳам ҷудо созанд. Танҳо дар иттиҳод ва бо такя ба ҳикмати забони хеш, мо метавонем ин набардро дар роҳи ҳифзи "қалби тамаддуни ҷаҳонӣ" ба даст орем.

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
н.и.педагогӣ, ходими калони
илмии Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

## ФИРДАВСӢ ВА МАВЛАВӢ

*Биёмӯзу бишнав зи ҳар донише,*
*Биёбӣ зи ҳар донише ромише.*
*Фирдавсӣ*

Фирдавсӣ ва Мавлавӣ ду қуллаи бузург дар адабиёти тоҷик-форс маҳсуб мешаванд. Яке бо «Шоҳнома», дигаре бо «Маснавии маънавӣ» ва «Девони Шамс» («Девони кабир») шуҳрат доранд. Роҷеъ ба ин ду шоир ва шоҳасарҳои эшон аҳли қалам ва пажӯҳишгарон суханони зиёд ва дархури аҳамият навиштаанд. Чунончи, профессор Фазлуллоҳи Ризо дар китоби «Нигоҳе ба «Шоҳнома» чунин гуфтааст: «Дар миёни офаринишҳои мондагори шеър ва адаби форсӣ «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ ва «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, машҳур ба Мавлавӣ, ҷойгоҳи вижа доранд. Хутути аслии симои фарҳангӣ ва омоли мардуми Эронро дар ин ду китоб метавон бозшинохт. «Шоҳнома» бештар бар мадори фарҳанги Эрони бостон давр мезанад ва содатарин ва дилпазиртарин асари ҳунарии забони порсист. Нақши «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар посдорӣ ва густариши забони порсӣ, истиқлоли фарҳангӣ ва ҳувияти миллии Эрон бисёр равшан аст. Пойгоҳи «Маснавии маънавӣ» бар меҳвари фарҳанги исломии орифонаи Эрон аст. Шоҳкори Мавлоно саршор аз маонии жарфу печида аст, ки бояд ба кӯмаки рамзу ишороти тариқату шариат аз он баҳравар шуд. Ин ду китоб монанди ду қутби миғнотиси адаби

форсӣ ба гунае мукаммили якдигаранд. Маҷмӯаи ин ду шоҳкор дарунмояи доиратулмаорифест, ки дар он вижагиҳои ахлоқӣ, суннатҳову раҳнамудҳо, симои қаҳрамонону ниёкон, орзуҳои мардуму равишҳои беҳзистию растагорӣ нақшбандӣ шудааст. Дар бораи ин ду китоби бузург аз устодони форсӣ ва шарқшиносон аз чандсад сол пеш то кунун китобҳои фаровон навиштаанд, ки шуҳрати басазо доранд» [16,13-14]. Ба қавли Ризо Бароҳанӣ, «барои мо, ки як адабиёти фавқулода қавӣ дорем, истодан дар қулла барои як шоир ҳамеша мушкил аст. Аз ин бобат, мо ҳамеша мегӯем, ки се шоири мо дар авҷ, дар қуллаи адабиёти форсӣ қарор гирифтаанд. Аввалаш Фирдавсист бо «Шоҳнома»-аш, дувумӣ, ба назари ман, Ҳофиз аст ва севумӣ-Мавлавӣ. Ва, албатта, дар гуфтани ин ки аввалию дувумию севумӣ, ман ҳамин тавр, ки ба зеҳнам расид, гуфтам, вагарна, ҳеҷ кадоме аз инҳоро бо он яке ба далели хосе тарҷеҳ намедиҳам, балки ҳар серо қуллаҳои бузурги адаби форсӣ медонам» [14].

Мутаассифона, дар бораи алоқаи Мавлоно ба Фирдавсӣ ва таассури ӯ аз «Шоҳнома», ки зоҳиран дар муқобили якдигар қарор доранд, аммо ботинан ҳамдигарро такмил менамоянд, инҷониб то ҳол мақолае ё рисолаеро дар кишвар надида ва нахондаам. Шояд дар Эрон ва кишварҳои ҷаҳон чунин тадқиқоте сурат гирифта бошад, аммо, мутаассифона, дар дастраси мо қарор надоранд. Ба ҳар ҳол, мо мекӯшем, ки ин мавзӯъро, то ҷое ки имконпазир аст, ба баррасӣ бикашем ва пайванди Мавлоноро бо Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ба намоиш бигузорем, зеро мутолиаи дақиқ ва мукаррари осори Мавлоно, бавижа «Маснавии маънавӣ», нишон медиҳад, ки ӯ танҳо шоири илҳомӣ набуда, чунонки ағлаб мепиндоранд, балки ошно бо рамзу рози шоирӣ, қонуну қавоиди он, ба вижа осори пешиниён, будааст. Бад-ин маънӣ, вай на танҳо аз адабиёти гузаштаи тоҷик-форс, бавижа осори Рӯдакӣ,

Абӯшакур, Кисоӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Асадӣ, Носири Хусрав, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Фахриддини Гургонӣ, Саноӣ, Аттор, Хоқонӣ, Низомӣ ва дигарон, балки аз адабиёти арабу Руму Юнону Ҳинду Чин ва ғайра низ бохабар буда ва ба осори адибонашон ошноӣ доштааст. Мутаассифона, дар бораи таъсирпазирии Мавлоно аҳли қалам хеле кам, аммо таъсиргузории ӯ зиёд суҳбат кардаанд. Ҳол он ки ҳеҷ чиз дар ҷои холӣ ба вуҷуд намеояд. Шеъру шоирӣ низ ба омӯзишу тақлид, вуруд дар девону куллиёти гузаштагону ҳамзамонон вобастааст. Аз ин рӯ, мо дар осори Мавлоно на танҳо ба номи шоирони тоҷик-форс, балки арабу арабизабон, аз ҷумла Абунувос, Мутанаббӣ ва дигарон, низ рӯ ба рӯ мешавем, ки аз баҳрабардориҳои ӯ сареҳан хабар медиҳанд. Чунончи, ӯ дар ғазале ки бо радифи «Димишқ» эҷод кардааст, аз Абунувос шоири форсиюласли араб чунин ёд менамояд:

Аз чашмаи Бунвос магар об нахурдӣ?
Мо ошиқи он соиди саққои Димишқем [9,316,2].

Дигар:

Ҷавоби гуфтаи Мутаннабист ин:
«Фуоду мо тусаллиҳи-л-мудому [9,121,3].

Ва:

Ҷавоби ин ғазал, ки гуфт шоир:
«Бақойӣ шоа лайс ҳуму-р-тиҳоло» [9,94,1].

Мавлавӣ агарчи аз Фирдавсӣ дар осораш мустақиман ном намебарад, аммо аз «Шоҳнома», симоҳои он, паҳлавонони асотирӣ, риҷоли таърихӣ, шахсиятҳои устуравӣ ва ғайра фаровон ёд менамояд. Аз ҷумла дар «Маснавии маънавӣ» аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ҳамроҳ бо «Калила ва Димна», чунин ёдоварӣ менамояд:

«Шоҳнома» ё «Калила» пеши ту
Ҳамчунон бошад, ки Қуръон аз уту [8,430].

Мутолиаи осори Мавлоно нишон медиҳад, ки Мавлоно ба «Шоҳнома» алоқаи хос дошта, ҳам дар «Маснавӣ» ва ҳам дар «Девони кабир» аз қаҳрамонону ашхоси миллию асотирии эронӣ, аз ҷумла Золи Зар, Рустам ва аспи ӯ-Рахш, Дирафши Ковиёнӣ, шоҳони эронӣ- Кайхусрав, Кайқубод, достони «Хусраву Ширин», Симурғ, Суҳроб, Ҷоми Ҷам, Нушервону Доро, расму оин, ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла Наврӯз ва амсоли ин, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ омадаанд, мукаррар ёд менамояд. Ӯ бад-ин тартиб, аз як сӯ, иртиботи худро ба Фирдавсӣ ва шиносоии худро бо «Шоҳнома»-и ӯ нишон медиҳад ва аз сӯи дигар, рӯҳи эронгароии хешро ба намоиш мегузорад. Ба ин мисолҳо аз «Маснавии маънавӣ» мутаваҷҷеҳ шавед:

Марди меросӣ чӣ донад қадри мол?
Рустаме ҷон канду маҷҷон ёфт Зол [8,129].

***

Гар бипӯшӣ ту силоҳи Рустамон,
Рафт ҷонат, чун набошӣ марди он[8,196].

***

Паҳлавон шуд сӯйи Мавсил бо ҳашам,
Бо ҳазорон Рустаму таблу алам[8,546].

***

Модагӣ хуш омадат? Чодар бигир,
Рустамӣ хуш омадат? Ханҷар бигир[8,607]!

***

Маҳрами мардитро ку Рустаме?
То зи сад хирман яке ҷав гуфтаме [8,60].

***

Пеши ин хуршед кай тобад ҳилол?
Бо чунон Рустам чӣ бошад зӯри Зол [8,639]?

***

Ҷон фидои ту кунам дар интиъош,

Рустамӣ, шерӣ, ҳало, мардона бош [8,650]!

***

Аз сафарҳо моҳ Кайхусрав шавад,
Бе сафарҳо моҳ кай Хусрав шавад [8,229].

***

«Вису Ромин», «Хусраву Ширин» бихон,
Ки чӣ карданд аз ҳасад ин аблаҳон [8,474].

***

З-ин гузар кун, эй падар, Наврӯз шуд,
Халқ аз халлоқ хуш падфуз шуд[8,583].

Тавре ки мебинем, Мавлоно дар осораш беш аз ҳама аз қаҳрамони марказии «Шоҳнома»-Рустам ёд мекунад. Аммо рустамгароии Мавлоно танҳо ба «Маснавии маънавӣ» маҳдуд намешавад. Ӯ дар осори дигараш, аз ҷумла «Девони Кабир» низ аз вай фаровон ёд менамояд, ки ин, албатта, аз ишқ ва алоқаи зиёди ӯ ба ин каҳрамони миллии эронинажодон (тоҷикҳо ва форсҳо…) сарчашма мегирад ва хабар медиҳад. Воқеан, Рустам қаҳрамони мағлубнопазири Эрону Эронзамин аст, ба қавли худи Фирдавсӣ, «Худойтаоло хештанро ҳеҷ банда чун Рустам наофарид»-аст[15.21]. Лиҳозо, маҳз Рустам аст, ки баҳри муҳофизати ватан, нангу номуси эрониён ва дифои Эрон ҳамвора бо ҳар неруи зараррасон ба Эрон набард менамояд ва сарбаландона пирӯз мешавад. Ӯст, ки барои ҳифзи Ватан меҷангад ва ҷони худро дареғ намедорад ва бошарафона дар майдони ҷанг мурданро афзалтар аз марги муқаррарӣ медонад ва мегӯяд:

Агар марг бошад маро бегумон,
Ба овардгаҳ беҳ, ки ояд замон[10,174].

Маликушшуаро Баҳор баъд аз 1000 сол, бо илҳом аз ин байти Фирдавсӣ, дар қасидаи «Ҳуббулватан» чунин мегӯяд:

Гар бибояд мурд, боре хезу дар майдон бимир,
Марг дар майдон беҳ аз марге, ки андар бистар аст[4,50].

Ба ҳарфи дигар, Рустам рамзи қаҳрамонӣ, паҳлавонӣ, ҷасорат, силаҳшӯрӣ дар адабиёти мо буда, аз маҳбубтарин қаҳрамонони миллии эронинажодон (тоҷикону форсҳо…) маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, беш аз ҳар қаҳрамону паҳлавони эронинажод (тоҷикон-форсҳо…) мавриди таваҷҷуҳ ва қабули на танҳо Фирдавсӣ, балки Мавлоно низ қарор мегирад. Бад-ин маънӣ, Мавлоно низ мисли Фирдавсӣ ба ин қаҳрамони миллии эронинажодон беш аз дигар шоҳону паҳлавонони асотириву қаҳрамонӣ дар осораш ном мебарад, ёд мекунад. Ӯ бо ин роҳ аз ишқу алоқаи хосси худ ба қаҳрамонони миллии эронинажодон (тоҷикону форсҳо) ба хонандагон хабар медиҳад, зеро, тавре ки гуфтем, Рустам муҳофизи Эрон аст, барои адолату дод кору пайкор мекунад ва бар зидди неруҳои ситамгор, бадкирдор ва аҳриманӣ меҷангад. Агарчи симои Рустам дар достонҳои асотирию қаҳрамонии Эрони бостон аз ҷойгоҳи воло бархурдор аст, аммо дар офаридани ин чеҳраи миллию ҷаҳонӣ саҳми Фирдавсӣ басо бузург мебошад. Ҳамин гуна хидматҳои бузурги Фирдавсиро дар офаридани симои Рустам мушоҳида ва мулоҳиза карда, аҳли қалам ӯро Рустаму Рӯинтан хондаанд. Шаҳриёррост:

Ало, Фирдавсиё, сеҳрофарино, эй бузург устод,
Чу ту устоди маъниофарине кас надорад ёд.
Надонам Рустаму Рӯинтане будаст худ ё на,
Ту будӣ, ҳар чи будӣ, Рустаму Рӯинтан афсона[23,149]!

Ҳамин гуна шуҳрати воло доштани ин симои марказии «Шоҳнома» ва мақоми варҷованду ҷаҳонии ӯ Мавлавиро низ водоштааст, ки беш аз ҳар симои дигари ин ҳамосаи миллии мо ба симои Рустам диққати асосӣ ва аввалиндараҷа бидиҳад ва аз он барои баёни мақсаду ҳадафҳои худ суд биҷӯяд. Лиҳозо, тавре ки гуфтем, Мавлавӣ на танҳо дар «Маснавии маънавӣ», балки «Девони кабир» низ аз ин қаҳрамони миллии эронинажодон (тоҷикону форсҳо…) ёд мекунад, ном мебарад

ва аз ҷасорату паҳлавонию мардонагиаш ситоиш менамояд. Бинобар ин, мисолҳое, ки мо дар ин замина аз «Девони кабир» меорем, ба масобаи «зира ба Кирмон бурдан» аст:

Чанд муханнаснажод даъвии мардӣ кунад?
Рустам ханҷар кашид, Сому Наримон расид [9,603,1] !

***

Гар захм хӯрӣ бар рӯ, рав, захми дигар меҷӯ,
Рустам чӣ кунад дар саф дастай гулу насринро [9,79,1] ?

***

Бо Рустами Зол то нагӯйӣ
Аз Рахшу зи тозиёнаи мо [9,106,1] .

***

Чу захми теғ набошад ба ҷангу найзаву тир,
Чӣ фарқи ҳезу муханнас зи Рустами ҷондор [9,89,2] ?

***

Нусрати Рустамон туӣ, фатҳу зафаррасон туӣ,
Ҳаст асари ҳаётиат, гар зиреҳ асту гар фарас [9,89,2] .

***

Сайқали ҳар ойинаам, Рустами ҳар майманаам,
Қуввати ҳар гурснаам, анҷуми ҳар анҷуманам[9,258,2] .

***

Чу «ре» бо «син»-у «те»-ю мим пайваст,
Бад-ин пайваст рӯ бинмуд Рустам [9,319,2] .

***

Ай ҷавшанро чу дасти Довуд
Ё Рустами ҷангро чу ҷавшан [9,602,2] .

***

Ман Рустамам ва руҳам, туфони қавми Нуҳам,
Сармасти он сабӯҳам, ту фитнаро машурон [9,670,2] .

***

Тифлист сухан гуфтан, мард аст Хамӯш кардан,
Ту Рустами чолокӣ, не кӯдаки чолокӣ [9,317,3] !

***

Бодияи ҳойил аст роҳи дилу кай расад
Ҷуз, ки дили пурдиле, Рустами мардонае [9,616,3] .

Мавлоно дар чанд маврид Рустамро бо Ҳамза-якҷо ёд мекунад ва ба симои эшонро нишон медиҳад:

Аз Ҳамзаи оҳанге в-эй Рустами ҳар ҷанге,
Гар теғу сипар хоҳӣ, нак, теғу сипар боре [9,332,3] .

Дар воқеъ, байти зери Мавлоно, ки хеле машҳур аст, рӯҳи миллии ӯро бисёр барҷаста ба намоиш мегузорад:

З-ин ҳамраҳони сустаносир дилам гирифт,
Шери Худову Рустами Дастонам орзуст [9,309,1] .

Ҳофиз, ки баавҷрасонандаи ғазали ошиқонаву ирфонӣ буда, ба Мавлоно ва шеъри ӯ иродат доштааст, дар гуфтани ин байт ба шеъри болои Мавлоно назар доштааст:

Сӯхтам дар чоҳи сабр аз баҳри он шамъи Чигил,
Шоҳи туркон фориғ аст аз ҳоли мо, ку Рустаме[19,568]?

Бояд гуфт, ки Мавлавӣ аз ривояти «Фирдавсӣ ва султон Маҳмуд" ва ноқадрдонии ӯ аз шоир бохабар будааст. Мо ба ривояти мазкур нахустин бор дар «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ рӯ ба рӯ мешавем. Мавлоно низ ин ривоятро ба иҷмол дар «Маснавии маънавӣ» меорад. Агарчи шоир номи Фирдавсӣ ва султон Маҳмудро зикр наменамояд, аммо номи вазири Маҳмуд-Ҳасани Маймандиро ошкоро меорад ва аз ӯ бо нафрат ёд мекунад. Он «Қиссаи шоир ва шоҳ» ном дорад. Мо онро ба ихтисор меорем:

Шоире овард шеъре пеши шоҳ
Бар умеди хилъату икрому ҷоҳ.
Шоҳ мукрим буд, фармудаш ҳазор,
Аз зари сурху каромоту нисор.
Пас, визираш гуфт, «к-ин андак бувад,
Даҳ ҳазораш ҳадя водеҳ, то равад.
Аз чун ӯ шоир, пас, аз ту баҳрдаст

Даҳ ҳазоре, ки бигуфтам, андак аст.
Фиқҳ гуфт он шоҳрову фалсафа,
То баромад ушри хирман аз кафа.
Даҳ ҳазораш доду хилъат дархураш,
Хонаи шукру сано гашт он сараш.
Пас, тафаҳҳус кард, к-ин саъе кӣ буд,
Шоҳро аҳлиййяти ман кӣ намуд?
Пас, бигуфтандаш фалонуддин вазир,
Он Ҳасан ному ҳасан хулқу замир…
Баъди соле чанд баҳри ризқу кашт
Шоир аз фақру аваз мӯҳтоҷ гашт.
Гуфт: «Вақти фақру тангии ду даст
Ҷустуҷӯйи озмуда беҳтар аст.
Даргаҳеро озмудам аз карам
Ҳоҷати навро бад-он ҷониб барам»…
Бори дигар шоир аз савдои дод
Рӯ ба сӯйи он шаҳи мӯҳсин ниҳод…
Бурд шоир шеър сӯи шаҳриёр
Бар умеди бахшишу эҳсони пор…
Шоҳ ҳам бар хӯи худ гуфташ ҳазор,
Чун чунин буд одати он шаҳриёр.
Лек ин бор он вазири пур зи ҷуд
Бар Буроқи изз зи дунё рафта буд.
Бар мақоми ӯ вазири нав раис
Гашта, лекин сахт бераҳму хасис.
Гуфт: «Эй шаҳ, харҷҳо дорем мо,
Шоиреро набвад ин бахшиш сазо.
Ман ба рубъи ушри он, эй муғтанам,
Марди шоирро хушу розӣ кунам»…
Гуфт султонаш: «Бирав, фармон турост,
Лек шодаш кун, ки некӯгӯи мост».
Гуфт: «Ӯрову дусад умедлес

Ту ба ман бигзор, ин бар ман навис».
Пас, фигандаш соҳиб андар интизор,
Шуд зимистону даю омад баҳор.
Шоир андар интизораш пир шуд,
Пас, забуни ин ғаму табдир шуд.
Гуфт: «Агар зар на, ки дашномам диҳӣ,
То раҳад ҷонам, туро бошам раҳӣ.
Интизорам кушт, боре гӯ бирав,
То раҳад ин ҷони мискин дар гарав».
Баъд аз онаш дод рубъи ушри он,
Монд шоир андар андеша(й) гарон.
«К-он чунон нақду чунон бисёр буд
В-ин ки дар ишкуфт даста(й) хор буд.
Пас, бигуфтандаш, ки он дастури род
Рафт аз дунё, Худо муздаш диҳод.
Ки музоаф з-ӯ ҳаме шуд он ато,
Кам ҳамеафтод бахшишро хато.
Ин замон ӯ рафту эҳсонро бибурд,
Ӯ намурд, алҳақ, вале эҳсон бимурд.
Рафт аз мо соҳиби роду рашид,
Соҳиби саллохи дарвешон расид.
Рав, бигир инрову з-ин ҷо шаб гурез,
То нагирад бо ту ин соҳиб ситез.
Мо ба сад ҳилат аз ӯ ин ҳадяро
Бистадем, эй бехабар, бо ҷаҳди мо».
Рӯ ба эшон карду гуфт: «Эй мушфиқон,
Аз куҷо омад, бигӯед, ин авон?
Чист номи ин вазири ҷомакан?»
Қавм гуфтандаш, ки номаш ҳам Ҳасан.
Гуфт: «Ё Раб, номи ону номи ин
Чун яке омад, дареғ, эй рабби дин?
Он Ҳасан номе, ки аз як килки ӯ

Сад вазиру соҳиб ояд ҷудҷӯ.
Ин Ҳасан, к-аз риши зишти ин Ҳасан,
Метавон бофид, эй ҷон, сад расан.
Бар чунин соҳиб чу шаҳ исғо кунад,
Шоҳ мулкашро абад расво кунад» [8,371-373] .

Мусаллам аст, ки «Шоҳнома» мисли як доиратулмаориф аст. Аз он дар ҳар мавзӯъ мавод метавон пайдо кард. Хусусан, панду ҳикмат, каломи андарзӣ, суханони раҳнамо, дастурдиҳанда, афоризм дар он мавҷ мезанад. Фирдавсӣ дар ин асари безаволи худ аз гуфтори шифоҳӣ ва хаттии пешгузаштагон, аз ҷумла андарзномаҳое, ки навиштани онҳо аз замони Сосониён шурӯъ шуда буд, мавфур суд ҷустааст. Бад-ин маънӣ, «Шоҳнома» танҳо як асари ҳамосӣ нест, балки як навъ доиратлумаорифи инсонӣ, миллӣ, ахлоқӣ ҳам мебошад. Паёмҳои гуногун, ба вижа ватандӯстонаи ахлоқии Фирдавсӣ, ки дар шаклу хитоба, панду ҳикмат, каломи ҳакимона, ҳушдордиҳанда, зарбулмасалу мақол аз қалами сеҳрнигораш таровидаанд, барои адибони пасин, хусусан адибони масъул ва паёмрасон, ба масобаи сарчашмаи бебаҳо ва сармашқи кори эҷодӣ хидмати басазо кардаанд. Садҳо адибоне, ки пас аз Фирдавсӣ зиндагию эҷод кардаанд, аз паёмҳои миллию инсониву ҳакимона, панду ҳикматҳои ӯ баҳрабардорӣ намудаанд, каломашонро ҷанбаи инсонию миллию ахлоқию ҳикамӣ бахшидаанд, ки яке аз онҳо Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ маҳсуб мешавад, ки дар осораш, бавижа «Маснавии маънавӣ», ки он ҳам мисли «Шоҳнома» як навъ доиратулмаориф дар шеър ва адаби мо ба ҳисоб мерасад, аз каломи Фирдавсӣ суд ҷуста, мисли ӯ ба башар дарси одамият, инсондӯстӣ, меҳанпарастӣ, миллият, diният, адлу инсоф, ишқу муҳаббат ва худшиносиву ваҳдату ҳамдилӣ медиҳад. Аз ин рӯ, «Маснавии маънавӣ» низ саршор аз омӯзаҳои инсониву миллию ирфонӣ, панду ҳикмат мебошад. Бад-ин маънӣ

мушобиҳатҳои маънавию мавзӯӣ, корбурди вожагону таркибот, сувари хаёл, хусусан раҳнамудҳои иршодгароёна, дар саросари «Шоҳнома» ва «Маснавии маънавӣ» ба чашм мерасанд, ки нишон додани онҳо кори мутахассисони соҳа-шоҳномапажуҳон, мавлавишиносон ва муҳаққиқони соҳаи таълиму тарбия, ахлоқ, равоншиносӣ, илми педагогика ва ғайра ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, мо бар сабили ихтисор бо овардани намунаҳо дар ин замина иктифо менамоем:

Фирдавсӣ:

Чунон чун ба як шаҳр ду кадхудой
Бувад, буми эшон намонад ба пой [11,44,2] .

Мавлавӣ:

Ду раёсатҷӯ нагунҷад дар ҷаҳон,
Сад хӯранда гунҷад андар гирди хон. [11,44,2]

Фирдавсӣ:

Ки доно туро душмани ҷон бувад,
Беҳ аз дӯстмарде, ки нодон бувад [11,57,2] .

Мавлавӣ:

Дӯстӣ бо мардуми доно накӯст,
Душмани доно беҳ аз нодон дӯст [11,56,2] .

Фирдавсӣ:

Сухан ҳар чӣ гуфтам, ҳама хира буд,
Ки оби равон аз бунаҳ тира буд [11,413,2] .

Мавлавӣ:

Об аз сар тира аст, эй хирахашм,
Бештар бингар, яке бикшой чашм [11,413,2] !

Фирдавсӣ:

Ба панҷум ба коре, ки кори ту нест,
Наёзӣ бад-он, к-он шикори ту нест [11,454,2] .

Мавлавӣ:

Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,
Майли онро бар дилаш андохтанд [8,256] .

Фирдавсӣ:
Ҳама гӯшу дил сӯи дарвеш дор,
Ғами кори ӯ чун ғами хеш дор [1,443,8] .
Мавлавӣ:
Ҳар ҷо фақир ёбӣ, бо вай нишаст бояд,
Ҳар ҷо амир бинӣ, аз вай бурид бояд [17,214,1] .
Фирдавсӣ:
Шитобу бадӣ кори оҳарман аст,
Пушаймониву ранҷи ҷону тан аст [22,97] .
Мавлавӣ:
Макри шайтон аст таъҷилу шитоб,
Лутфи раҳмон аст сабру эҳтисоб [8,512] .
Фирдавсӣ:
Зиёни касон аз пайи суди хеш
Биҷӯянду дин андар оранд пеш [1,425,9] .
Мавлавӣ:
Ту ба номи Ҳақ фиребӣ мар маро,
То кунӣ расвои шӯру шар маро.
Номи Ҳаққам баст, не он ройи ту
Номи Ҳақро дом кардӣ, войи ту [8,75] !
Фирдавсӣ:
Ҳамон хӯи некӯ, ки мардум бад-ӯй
Бимонад ҳамасола бо обрӯй [25,75] .
Мавлавӣ:
Ман надидам дар ҷаҳони ҷустуҷӯ
Ҳеҷ аҳлият беҳ аз хӯйи накӯ [8,139] .
Фирдавсӣ:
Ки тундиву тезӣ наёяд ба кор,
Ба нармӣ барояд зи сӯрох мор [1,194,2] .
Мавлавӣ:
Ки дуруштӣ н-ояд ин ҷо ҳеҷ кор,
Ҳам ба нармӣ сар кунад аз ғор мор [8,472] .

Фирдавсӣ:
Падар, к-аз писар ҳеҷ нохушнуд аст,
Бидон, к-он писар тухми бори бад аст…
Писар, к-ӯ зи роҳи падар бигзарад
Далераш зи пушти падар нашмарад [25,114-119] .
Мавлавӣ:
Эй басо меҳтарбача, к-аз шӯру шар
Шуд зи феъли зишти худ нанги падар [8,565] .
Фирдавсӣ:
Сухан чун баробар шавад бо хирад,
Равони сароянда ромиш барад [25,123] .
Мавлавӣ:
Дил биёромад ба гуфтори савоб,
Ончунон ки ташна оромад ба об [8,667] .
Фирдавсӣ:
Аз имрӯз корат ба фардо мамон,
Кӣ донад, ки фардо чӣ гардад замон [25,184] ?
Мавлавӣ:
Кори имрӯзро магӯ фардо,
То на ҳасрат хурӣ, на гӯйӣ лав [9,104,4] .
Фирдавсӣ:
Басо ранҷ бурдам, басе гуфта хондам,
Зи гуфтори тозию в-аз паҳлавӣ [18,288] !
Мавлавӣ:
Зи гуфтори ҳакимон бозҷустам
Ба ҳар водиву шаҳре достоне [9,417,3] .
Ҳар ду шоир дорои руҳи шуубӣ мебошанд:
Фирдавсӣ:
Зи шири шутур хӯрдану сусмор
Арабро ба ҷое расидаст кор,
Ки тахти Аҷамро кунад орзу,
Туфу бод, бар чархи гардон, туфу [1,428,9] !

Мавлавӣ:

Ай Оби ҳаёти мо, шав фош чу ҳашр арчи
Шири шутури гаргин ҷон аст аробиро [9,78,1] .

Мавлоно на танҳо дар «Маснавии маънавӣ», «Девони кабир», балки дар «Фиҳи мо фиҳи» низ аз осори Фирдавсӣ суд меҷӯяд. Ӯ дар фасли 17-уми «Фиҳи мо фиҳи» барои тасдиқи фикри худ ин байти машҳури Фирдавсиро аз ҳаҷвномаи ӯ меорад:

«Чу андар табораш бузургӣ набуд,
Наёрист номи бузургон шунуд» [20,104] .

Ин мисол аз он хабар медиҳад, ки Мавлоно ба шеъру адаби тоҷик-форс ошноии жарф доштааст. Бавижа ба «Шоҳнома», хуб шинос будааст. Дигар, ӯ дар ҳамин «Фиҳи мо фиҳи» на танҳо аз Фирдавсӣ, балки аз Мутанаббӣ (шоири араб), Хоқонӣ, Низомӣ ва Саъдӣ, ки ҳамзамони ӯст, низ мисол меорад, ки аз иҳотаи ӯ дар шеър ва адаби араб ва тоҷик-форс хабар медиҳад:

Аз Мутанаббӣ:

Лабисана-л-вашо ло мутаҷаммилотин
Ва локин кай ясуна биҳи-л ҷамоло [20,26] .

Аз Хоқонӣ:

Қалам ин ҷо расиду сар бишкаст [20.122] ,
ки аз ин байти Хоқонӣ иқтибос кардааст:
Номаҳо менавишт Хоқонӣ,
Қалам ин ҷо расиду сар бишкаст [20.122] .

Аз Низомӣ:

Орияти кас напазируфтаам,
Он чӣ дилам гуфт бигӯ, гуфтаам [20,34] .

Аз Саъдӣ:

Куҳанхирқаи хеш паростан,
Беҳ аз ҷомаи орият хостан [20,34] .

Зимнан бояд гуфт, ки ҳам Фирдавсӣ ва ҳам Мавлавӣ ҳанӯз дар замони зиндагии хеш мавриди ҳамлаи ҳокимону

мутаассибон қарор гирифта буданд. Ин фикра, ки дар «Таърихи Систон» омада, аз душманию таассуби Маҳмуди турк аз ҳамон рӯзгорони пешин дарак медиҳад: «Ва ҳадиси Рустам бар он ҷумла аст, ки Булқосими Фирдавсӣ «Шоҳнома» ба шеър кард ва бар номи султон Маҳмуд кард ва чандин рӯз ҳаме бархонд, Маҳмуд гуфт: «Ҳама «Шоҳнома» худ ҳеҷ нест магар ҳадиси Рустам ва андар сипоҳи ман ҳазор мард чун Рустам ҳаст». Булқосим гуфт: «Зиндагонии  Худованд дароз бод, надонам андар сипоҳи ӯ чанд мард чун Рустам бошад, аммо ин донам, ки Худой-таоло хештанро ҳеҷ банда чун Рустам дигар наёфарид [15,20]. Аммо, баъд аз Маҳмуд шоирони дарбори ӯ, аз ҷумла Унсурию Фаррухию Манучеҳрӣ ва ба дунболи эшон Муиззӣ ва дигар адибони беҳувияту бетафовут ин ҳамларо шадидтар кардаанд ва Фирдавсиро ба ҳар васила таҳқиру «Шоҳнома»-и ӯро дурӯғу афсона хондаанд:

Ба теғи шоҳ нигар, номаи гузашта махон,
Ки ростгӯйтар аз нома теғи ӯ бисёр [5,73] …
Унсурӣ

Номи ту номи ҳама шоҳон бистурду бибурд,
«Шоҳнома» пас аз ин ҳеҷ надорад миқдор [6,80] .
Фаррухӣ

Гуфт: Фирдавсӣ ба «Шаҳнома» дарун чунон ки хост,
Қиссаҳои пураҷойиб, фатҳҳои пур ибар.
Ман аҷаб дорам зи Фирдавсӣ, ки то чандин дурӯғ
Аз куҷо оварду беҳуда чаро гуфт ин самар [12,80] ?
Муиззӣ

Аммо бо ин ҳама ҳамла ва бадгӯӣ аз «Шоҳнома» ва соҳиби он эшон натавонистанд, ки аз шукуҳу ҷалолу шавкати Фирдавсӣ ва асараш бикоҳанд, баръакс, бадгӯию таассуби онҳо боиси ҳар чӣ шуҳрати бештар ёфтани асар ва муаллифи он гардид. Ба ҳарфи дигар, агарчи аҳли таассуб, бадхоҳони миллат, қаламкашони беҳувияти дарборӣ, туркгароёну

хилофатпарастон, аҳли дину мазҳаб ва дигар бадбинони фарҳангу адабу тамаддуни миллати мо дар дарозои таърих ҳамвора ба «Шоҳнома» ва муаллифи он тохтаанд, ӯро бадмазҳаб хондаанд, қаҳрамону паҳлавонони асарашро паст задаанд, Маҳмудро аз онҳо афзалият додаанд, «Шоҳнома»-ро дурӯғу фасона қаламдод кардаанд, ҳатто асарҳое дар муқобили «Шоҳнома», бо номҳои «Маҳмуднома», «Давлатнома», «Умарнома», «Тоҷ-ул-футуҳ» ва ғайра, навиштаанд, то аз шукуҳу паҳншавии «Шоҳнома» бикоҳанд ва мардум ба хондани онҳо саргарм шаванд ва аз шоҳномахонӣ даст бикашанд, аммо онҳо ба мақсадҳои баду ғаразноки худ муваффақ нашуданд, яъне пеши роҳи шоҳномахониро билкул натавонистанд, ки бигиранд. Билъакс, кӯшишҳои эшон нақше бар об мешаванд ва ҳар чи бештар мардум рӯ ба «Шоҳнома» меоранд ва базми шоҳномахониро дар кунҷу канори Эронзамин гарм месозанд. Дар ин бобат Шиблии Нуъмонӣ дар «Шеър-ул-Аҷам» чунин менависад: «Бояд донист, ки барои қабули оми «Шоҳнома» дар ин асри (асри нуфузи диёнати ислом) мавонеъи зиёде дар кор будааст. Муқаддам бар ҳама ин ки тамоми китоб корномаи милали ғайриисломӣ буда… Бад-ин ҷиҳат, дар ҷомеаи мазҳабӣ ҳисси адами ризоят нисбат ба китоб пайдо шуда ва умуман, аз ӯ норозӣ буданд. Чунон ки ҳамон вақт китобе дар ҷавоби «Шоҳнома» ба исми «Умарнома» таълиф гардид, ки муаллифи он дар дебоча дар баёни сабаби таълифи китоб менависад, ки чун Фирдавсӣ як силсила афсонаҳои Аҷамро ҷамъ карда ва китобе бо исми «Шоҳнома» интишор додааст, лизо, ман ин китобро дар ҳолоти халифаи дувум менависам, то таваҷҷуҳи мардумро аз хондани «Шоҳнома» мунсариф сохта ва ба мутолиаи ин китоб машғул созам…, вале, бо вуҷуди ҳамаи инҳо, натиҷа ин шуд, ки аз Хуросон гирифта, то Бағдод, аз тамоми дару девор садои «Шоҳнома» баланд будааст» [24,133,1]. Ҳамин муаллиф дар

ҷои дигар дар муқобили манъкунӣ ва мавонеъ эҷод кардани бадхоҳони миллат нисбат ба «Шоҳнома», баръакс, шуҳрату нуфузи зиёд кардани ин асари миллӣ, дар майдони ҷанг, ба ҷои раҷазхонӣ, «Шоҳнома» хондани на танҳо эронинажодон (тоҷикону форсҳо), балки атрокро чунин ба қалам медиҳад. «Туғрал охирин султони Салҷуқӣ дар майдони ҷанг машғули пайкор буд ва ӯ то вақте ки ҷон дод, ки ашъори «Шоҳнома» аз забонаш ҷорӣ будааст:

Ман он гурзи якзахм бардоштам,
Сипаҳро ҳамон ҷой бигзоштам.
Чунон бархурӯшидам аз пушти зин,
Ки чун осиё шуд парешон замин» [24,134,1] .

Мавлоно низ мисли Фирдавсӣ, аз ҳамон замони зиндагии худ ва иншои «Маснавии маънавӣ», мавриди ҳамлаи бадхоҳону мутаассибон қарор мегирад ва як навъ тақдири худ ва асараш ба тақдири Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» монанд мешавад ва ҳамоҳангӣ пайдо менамояд. Албатта, ӯ, ки бо ҳафтоду ду миллату мазҳаб ёр буд ва ҳамаро яксон, ба як чашм менигирист, бинобар ин, борҳо мавриди ҳамлаю сарзанишу таъну носазогӯӣ қарор гирифтааст. Дар ин бора Бадеъуззамон Фурузонфар дар китоби «Шарҳи аҳвол ва осори Мавлоно» чунин овардааст: «Вақте ки назди Сироҷиддини Қунавӣ такрор кардаанд, «ки Мавлоно гуфтааст, ки ман бо ҳафтоду ду се мазҳаб якеам. Чун соҳиби ғараз буд, хост, ки Мавлонро биранҷонаду беҳурмат кунад. Якеро аз наздикони худ, ки донишманди бузурге буд, бифристод, ки бар сари ҷамъ аз Мавлоно бипурс, ки ту чунин гуфтаӣ, агар иқрор кунад, ӯро дашноми бисёр бидеҳу биранҷон. Он кас биёмад ва бар Мулло суол кард, ки шумо чунин гуфтаед, ки ман бо ҳафтоду се мазҳаб якеам? Гуфт: «Гуфтам!». Он кас забон бикшоду дашному сафоҳат оғоз кард. Мавлоно бихандиду гуфт: «Бо ин низ, ки ту мегӯӣ, якеам» [3,198].

Дар ҳақиқат, Мавлоно аҳли сулҳу салоҳ, ҳамдилу ҳамнаво бо аҳли кулли дину мазҳабҳо будааст. Ба ин ишораву нақлу ривоят ва гуфтори худи ӯ, ки дар осораш мундариҷ аст, далел шуда метавонанд. Тибқи ин гуфтор ва ишораҳои шоир борҳо ва борҳо мутаассибон ба ӯ дарафтодаанд, аммо натавонистанд Мавлоноро аз роҳи пешгирифтааш-тарғиби иттиҳоди башар ва ягонагӣ ба бероҳа бибаранд. Бад-ин маънӣ, Бадеъуззамони Фурузонфар дар ҷои дигари асараш чунин менависад: «Рӯзе дар самоъ гарм шуда буд ва мустағрақи дидори ёр гашта, ҳолатҳо мекард. Ногоҳ масте ба самоъ даромада, шӯрҳо мекарду худро бехудвор ба ҳазрати Мавлоно мезад. Ёрону азизон ӯро ранҷонданд. Фармуд, ки шароб ӯ хурдааст, шумо бадмастӣ мекунед? Гуфтанд: «Ӯ тарсост». Гуфто: «Ӯ тарсост, чаро шумо тарсо нестед?». Сар ниҳода мустағфир шуданд» [3,198].

Бадхоҳону рақибони ӯ ба «Маснавии маънавӣ»-и ӯ низ ҳар оина метохтанд, эрод мегирифтанд, онро сухане паст, танҳо қиссаи пайғамбару тақлид аз Қуръон медонистанд, афсонаву афсун, калом барои кӯдакон муаррифӣ мекарданд:

К-ин сухан паст аст, яъне «Маснавӣ»
Қиссаи пайғамбар асту пайравӣ.
Нест зикру баҳси осори баланд,
Ки давонанд авлиё з-он сӯ каманд.
Аз мақомоти таботул то фано,
Поя-поя то мулоқоти Худо.
Ҷумла сар то сар фасонасту фусун,
Кӯдаконро қиссаи берун, дарун [13,16] .

Тавре ки аз ин мисолҳо мебинем, таҳрифи афкори Мавлоно ва ҳуҷум ба «Маснавии маънавӣ» аз замони дар қайди ҳаёт будани ӯ шурӯъ шуда буд ва ҳар касу нокас, ҳар гурӯҳ, ҳар фирқа аз дидгоҳи хеш ба асари ӯ наздик мешуданд. Ба қавли худи Мавлоно:

Ҳар касе аз занни худ шуд ёри ман,
Аз даруни ман наҷуст асрори ман [8.16] .

Дар ин замина муносибати мутаассибони дин ва намояндагони расмии он нисбат ба Мавлоно ва «Маснавии маънавӣ», ки на танҳо руҳияи диниву ирфонӣ, балки озодандешонаву башардӯстона дошт, хеле сахтгиронаю бадқасдона будаст. Ин гуфтаи Мираббоси Лутфӣ барои ҳамагон маълум аст:

Ин каломи суфиёни шум нест,
«Маснавии маънавӣ»-и Рум нест [13.17] .

Тавре ки мебинем, «тақдири «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ бо тақдири «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ як навъ шабоҳат дорад, зеро Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯро, ки хилофи сиёсати Маҳмуд буд ва рӯҳи миллӣ дошт, Султон Маҳмуд намеписандид ва мухолифи паҳншавии он буд. «Маснавии маънавӣ»-ро низ мухолифон, ба вижа намояндагони расмӣ ва мутаассиби исломӣ, хуш надоштанд ва намеписандиданд ва барои паҳншавии он мамониат эҷод мекарданд, лекин, бо ин ҳама, «Маснавии маънавӣ» дар байни мардум роҳ меёфт, паҳн мешуд ва мавриди қабулу эҳтироми онон қарор мегирифт ва рӯз ба рӯз шуҳрат пайдо мекард. Аз ин рӯ, намояндагони расмии ислом аз ин шуҳрати рӯзафзуни «Маснавии маънавӣ» дар ҳарос афтода, барои пӯшондани руҳи озодандешонаи он ба таҳрифи моҳияту мавзуи ин асари озодандешонаву инсондӯстона пардохтанд ва ба таъбиру тафсири диниву ирфониву тасаввуфии он камари ҳиммат бастанд ва барои пинҳон кардани афкору рӯҳияи озодандешонаи он «Маснавии маънавӣ»-ро як навъ тафсири Қуръон донистанд ва ин байти муаммоомезро, ки муаллифаш маълум нест, аммо як чизаш маълум аст, ки бо маънии духура ва ибҳому иҳом ва тазод ҳамроҳ аст, сармашқи кори худ қарор доданд. Агарчи зоҳири он ба як навъ китоби муқаддаси дини ислом-Қуръон будани он

далолат мекунад ва рӯҳияи динии онро бозтоб медиҳад, аммо ботини он, ки шояд ботиниёну озодандешону озодагон гуфта бошанд, яъне рӯҳияи миллии онро менамоёнад. Хусусан, ибораи «забони паҳлавӣ», агарчи асрорангез аст, аммо сароҳат ҳам дорад, ки онро як китоби миллӣ, дорои орову андешаи ориёӣ муаррифӣ мекунад, ки ба забони модарии муаллифи он-форсии тоҷикӣ навишта шудааст ва он, яъне Қуръони дигар аст. Ба ҳар ҳол, ин байт дар аксари нашрҳои «Маснавии маънавӣ» ба масобаи катиба оварда мешавад:

«Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ
Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ.

Мутаассифона, то имрӯз осори Мавлоно аз ҳамин дидгоҳ, яъне танҳо аз дидгоҳи исломӣ, Қуръонӣ ва ирфониву тасаввуфӣ баррасӣ, тафсир ва тарғиб мешавад. Агарчи аз асри XIX сар карда, андак-андак дар шинохти осори Мавлоно тағийроте ба вуҷуд омад ва донишмандони ростин кӯшиданд, ки ба асли матлаби Мавлоно наздик шаванд, аммо бо сабабҳои айнию зеҳнӣ натавонистанд, ки ин корро сомон бибахшанд ва Мавлоною осори ӯро аз асорати асримиёнагӣ раҳо намоянд. Ҳатто урупоиён, ки бисёр озодфикру воқеъгароянд, низ натавонистанд, ки моҳияти ҳаётгароёнаву инсондӯстонаву озодандешонаи осори Мавлонро пурра кашф намоянд. Аз ин рӯ, ба осори Мавлоно баҳои яктарафа дода, ӯро ҳамчун суфии расмӣ муаррифӣ намуданд ва ба додани унвони «бузургтарин суфии олам» (Николсон, Орберри) иктифо кардаанд. Аз сӯи дигар, онон «Маснавии маънавӣ»-ро ифодагари рӯҳи динӣ, исломӣ ва Мавлавиро мушаввиқи ғояҳои исломӣ ва ақоиди ҳазрати Муҳаммад (с) ба қалам додаанд ва бад-ин тартиб Мавлавиро асосан муфассири Қуръон ва «Маснавии маънавӣ»-ро шарҳи он донистаанд. Рӯҳӣ иҷтимоӣ, сиёсӣ, маънавӣ, миллӣ ва инсонии онро нодида гирифтаанд ва эътироф накардаанд. Ба қавли худи Мавлоно,ба зоҳири он фирефта

шуданд ва ботини онро надиданд, ба пӯст дода шуданд ва мағзро канор гузоштанд ва танҳо рӯҳониятро диданд, аммо зиндагиро надиданд. Ҳол он ки рӯҳоният ва зиндагӣ дар осори Мавлавӣ, ба вижа «Маснавии маънавӣ», тавъаманд... Бад-ин далел аст, ки имрӯз ҷаҳониён ба Мавлавӣ рӯи ниёз оварда, аз он барои ниёзу хостаҳои худ, ки мухталифанд ва ҷанбаи ахлоқӣ, маишӣ, рӯҳонӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавӣ, инсонӣ ва ҳатто манфӣ доранд, суд меҷӯянд. Ин аз ҳамон рӯҳи ҳаётӣ ва руҳонӣ доштани ин китоб, ки имрӯз ба башарият чун обу ҳаво лозим аст, хабар медиҳад, яъне имрӯз замоне даррасида, ки дар шинохти Мавлавӣ таассуб ва ғаразҳои диниву сиёсиву иқтисодиву гурӯҳии худро канор бигузорем ва аз рӯи ғаразҳои инсонӣ ба ин муносибат намоем ва барои тараққиёти ҷомеаи инсонӣ ва такомули маънавии башарият саҳмгузор бошем» [21,122-124].

Ногуфта намонад, ки «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ аз китобҳои муқаддаси динӣ, аз ҷумла Қуръон, тафовути ҷиддӣ дорад, зеро Қуръон китоби руҳоният ва таолӣ, яъне наздикшавӣ бо Худо аст, аммо «Маснавии маънавӣ», ба ҷуз ин вазифа, боз ҷанбаи қавии ҳаётӣ дорад ва масъалаҳои мухталифи зиндагии моддиву дунявиро низ фаро мегирад. Бинобар ин, мо имрӯз муваззафем, ки ба яксӯгарой, яъне диққат додан танҳо ба рӯҳонияти ин китоб хотима бубахшем ва рӯ ба ҷанбаҳои ҳаётии он биёрем ва ин асарро аз асорати дину тасаввуфу ирфон наҷот диҳем, зеро Мавлоно Офтоб аст, Офтоб дар паси абр, абри дину тасаввуфу ирфон. Ба қавли худи Мавлавӣ:

Ҳар куҷо тобам зи мишкоти даме,
Ҳал шуд он ҷо мушкилоти оламе [8,65] .

***

Ман ба таблиғи рисолат омадам,
То раҳонам ман шуморо аз надам [17,295] .

Ва ба андешаи Иқболи Лоҳурӣ:

Шарҳи ӯ карданду ӯро кас надид,

Маънии ӯ чун ғизол аз мо рамид [2,379] .

Ниҳоят, мавзуи Фирдавсӣ ва Мавлоно як мавзуи густарда аст ва онро аз паҳлуҳои гуногун бояд тадқиқ кард, аммо мо дар айни ҳол ин гуна имконро надорем надорем. Шояд дар оянда, бо пайдо шудани имкон, боз ба ин мавзуъ баргардем. Аммо, дар ин ваҳла мо пешниҳод менамоем, ки бояд ҳам «Шоҳнома» бихонем ва ҳам «Маснавии маънавӣ», зеро тавассути хондани «Шоҳнома», аз як тараф, руҳи миллиамон ва аз тарафи дигар, бо воситаи мутолиаи «Маснавии маънавӣ», руҳониятамонро диниамонро парвариш ва тақвият мебахшем. Ба ҳарфи равшантар, Фирдавсӣ ба мо миллият меомӯзад, Мавлавӣ руҳоният, ки ҳар ду ба масобаи ду боли як паранда барои парвоз ба қуллаҳои баланди худшиносӣ, ифтихор, одамият, оромишу осоиш, кору кӯшишу ҳаракату созандагию мубориза имконияти васеъ фароҳам месозанд. Бинобар ин, мо бояд ҳаргиз ба таассуб роҳ надиҳем, яъне ҳар ду китобро бихонем, аммо аз онҳо фақат афкори мутараққӣ, созанда, муҳим ва зарурӣ барои имрӯзу фардои зиндагиро баргузинем, аз афкори куҳнаву нозарури онҳо, ки монеи тараққиёти ҷомеа ва такомули маънавии мо мегарданд, ҳар оина худдорӣ варзем. Дар воқеъ, ҳам «Шоҳнома» ва ҳам «Маснавии маънавӣ» ҳар ду шиносномаи миллати моанд ва Фирдавсию Мавлавӣ аз шоирони ҳувиятсоз маҳсуб мешаванд. Ба ҳарфи дигар, Фирдавсӣ ва Мавлавӣ ифтихори миллии мардуми мо мебошанд ва бо осори пурарзиш ва баландғояи хеш дар қатори бузургтарин гӯяндагони олам қарор гирифтаанд. Беҳуда нест, ки устод Лоиқ дар шеъри «Решаи ман» аз «Шоҳнома»-ву «Маснавии маънавӣ» як ҷо ёд мекунад ва ин ду китоби ҷовидонаро «зод»-и худ, яъне раҳоварди роҳи хеш медонад ва мегӯяд:

То ба даргоҳи абад хоҳӣ расид,
«Маснавӣ»-ю «Шоҳнома»-зоди ман [7,50].

**Китобнома**


1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. –Ҷ.1-9. –Душанбе:Адиб, 1987-1991.

2. Аллома Муҳаммад Иқбол. –Исломобод:Граффити, 1997.

3. Бадеъуззамон Фурузонфар. Шарҳи аҳвол ва осори Мавлоно. –Душанбе, 2007. -252с.

4. Гузинаи ашъори Маликушшуарои Баҳор. –Теҳрон, 1380.

5. Девони Унсурии Балхӣ. –Теҳрон, 1363. -450 с.

6. Девони Ҳаким Фаррухии Систонӣ. –Теҳрон, 1385. -524с.

7. Лоиқ. Фарёди бефарёдрас. –Душанбе:Адиб, 1977. -238с.

8. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ. –Теҳрон: Нашри замон, 2001.-782с.

9. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Девони кабир. –Ҷ.1-4. –Душанбе: Дониш, 2007-2009.

10. Мирзо Муллоаҳмад. Паёми ахлоқии Фирдавсӣ. –Душанбе:Деваштич, 2003.-256с.

11.Муллоҷон Фозилов. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. –Ҷ.1-2. –Душанбе:Ирфон, 1975-1977.

12. Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ. –Душанбе:Шуҷоиён, 2010. -338с.

13. Н. Одилов. Ҷаҳонбинии Ҷалолиддини Румӣ. –Душанбе, 1964. -108с.

14. Ризо Бароҳанӣ. Се қулла. Адабиёт ва санъат, 11 апрели соли 1991.

15. Таърихи Систон. –Душанбе:Бухоро, 2014. -352с.

16. Фазлуллоҳи Ризо. Нигоҳе ба «Шоҳнома». –Теҳрон, 1387. –374с.

17. Фарҳанги забони тоҷикӣ. –Ҷ.1-2. –Москва, 1969.

18. Холиқ Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1(1). –Душанбе: Маориф, 1988. –488с.

19.Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. –Душанбе:Ирфон, 1983. -672с.

20. Ҷалолиддини Балхӣ. Фиҳи мо фиҳи. –Душанбе, 2021. –С.340с.

21.Ҷамолиддин Саидзода. Сабки сухани Мавлоно. –Душанбе, 2009. –156с.

22. Ҷамолиддин Саидзода. Фирдавсӣ-шоири паёмрасон. –Душанбе: Дониш, 2023. –574с.

23. Шаҳриёр (баргузидаи ашъор). –Душанбе:Дониш, 1983. –212с.

24. Шиблии Нӯъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам. –Ҷ.1. –Теҳрон, 1368. –302с.

25. Шоҳбайтҳои «Шоҳнома». –Душанбе:Адиб, 1990. -224с.

**Абдухолиқ ЗУҲУРӢ**
*ходими илмии Шуъбаи
таҳқиқоти стратегии назди
Раёсати АМИТ*

## “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ – ШОҲКОРИ ХИРАДБОВАРИЮ МЕҲАНДӮСТӢ
(нигоҳе муқаддимотӣ)

Адабиёти куҳани форсӣ, дар асл, бозтоби фарҳанги миллии мо тоҷикон мебошад. Бинобар ин, муҳофизати он ҳифзи фарҳанг ва маданият аст. Адабиёт дар ҳар шаклу қолабе, ки набошад, ҳидоятгари зиндагӣ ва баёнкунандаи арзишҳо ва меъёрҳое мебошад, ки зиндагии фардӣ ва ҷамъӣ бар меҳвари он давр мезанад. Нақду баррасӣ ва арзёбии осори адабӣ низ ҳамин гуна аст ва наметавонад аз ин арзишҳо дур бошад ва наметавонад бетаваҷҷуҳ аз онҳо гузар кунад.

Дар ин росто, “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ, яке аз бузургтарин ва пурарзиштарин ҳамосаҳое, мебошад, ки саропо панду андарз аст ва мардумро ба роҳи рост, меҳру муҳаббат, дӯстиву бародарӣ ва ваҳдату ягонагӣ даъват мекунад. “Шоҳнома” зиёда аз панҷоҳ ҳазор байт буда, дар он шарҳи аҳвол, пирӯзиву шикастҳо, яъне бурду бохти диловарони миллати мо аз давраҳои қадим то сарнагун гардидани давлати Сосониён пурра инъикос ёфтааст. Достонҳои “Шоҳнома” сохтаву бофтаи Фирдавсӣ набуда, балки аз қабл дар фарҳанги миллии мо дар чаҳорчӯби осоре чун “Бундаҳиш”, “Ёдгории зарирон”, “Динкард” ва амсоли онҳо арзи вуҷуд доштанд.

Фирдавсӣ дар офаридани достонҳо яке аз забардасттарин адибоне маҳсуб меёбад, ки мислу монанд надорад. Аз ин рӯ,

достонҳои офаридаи ӯ то ҳол мавқеи худро аз даст надода, балки рӯз аз рӯз авлавият касб карда, хонандагони зиёдеро ба худ мекашанд. Фирдавсӣ дар офаридани достонҳо на танҳо тасвиргару тавсифгари паҳлавонон аст, балки ӯ зимни офаридани достонҳо кӯшидааст, ки бештар расму ойинҳои гузаштаи худро аз нав эҳё намуда, насли навраси замони худ ва ояндаро бо он шинос созад. Ин аст, ки тавассути хондану мутолеаи "Шоҳнома" хонандагон на танҳо аз расму ойинҳои ҷавонмардонаи аҷдодони гузаштаи худ баҳраманд мегарданд, балки сатҳи ҳувиятмадории худро боло мебаранд.

Яке аз достонҳое, ки Фирдавсӣ бештар ба он ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ин достони Ҷамшед мебошад. Фирдавсӣ ҳамчун шоири ақлгаро бештар тамоми кӯшиши худро баҳри васфи хирад сафарбар намудааст. Масалан, дар замони Ҷамшед аз оҳан сохтани асбобу олоти ҷангӣ, аз каттону абрешим омода намудани сару либос ва фарқият гузоштану мавриди пӯшидани он ҳангоми базму набард дар "Шоҳнома" хеле хуб бозтоб ёфтааст. Ҳамчунин, дар Достони Ҷамшед Фирдавсӣ масъалаҳои муҳимтарини сиёсӣ-мафкуравӣ -- ҷудо намудани дин аз сиёсат ва тамоми ҳунармандонро гурӯҳбандӣ ва ба касби хеш сафарбар намуданро матраҳ месозад. Яъне, кулли масоили ҳувиятӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, мафкуравӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дар маҷмуъ, давлатӣ дар "Шоҳнома" аз тариқи хирад ва хирадмадорӣ созмон дода мешаванд ва Фирдавсӣ минҳайси ҳакиму донишманду муарриху адиби миллӣ тамоми умурро ба истифода аз ин роҳкори калидӣ марбут медонад. Афзун бар ин, Ҷамшед ҳамчун ҷавонмарди хирадманд ва боадлу дод дар достон тавсиф ёфта, роҳи дурусти низоми давлатдориро таъйин мекунад.

Фирдавсӣ бо тавсифи хирад ва онро дар оғози «Шоҳнома» ҷой додан, инсонро ба хирадмандӣ тарғиб мекунад, зеро маҳз хирад метавонад инсонро аз тамоми бадиҳо нигаҳ дорад.

Ба номи Худованди ҷону хирад,
К-аз ин бартар андеша барнагзарад.[1]

Баъдан хирад дар “Шоҳнома” ҳамчун раҳнамо ва дилкушои инсонҳо дониста шуда, таъкид мешавад, ки тамоми шодиву хурсандӣ, ғаму андӯҳ ва фузуниву камӣ тавассути хирад ба даст меояд:

Хирад раҳнамову хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳарду сарой.
Аз ӯ шодмонӣ в-аз ӯят ғамест,
В-аз ӯят фузӯнӣ в-аз ӯят камист.[2]

Ҷолиби диққат он аст, ки Фирдавсӣ дар офаридани достонҳои худ аз муболиғаи ифрот даст кашидааст. Яъне қаҳрамонҳои офаридаи Фирдавсӣ ба мисли дигар қаҳрамонҳои офаридаи адибон дорои қувваи фавқуттабиӣ нестанд, балки мисли мардум дар аксари маврид ғаризаҳои шахсии худро арҷгузорӣ намуда, худро аз дигарон беҳтар меҳисобанд. Яъне қаҳрамонҳо ҳам дорои хислати мусбӣ ва ҳам манфӣ мебошанд. Лекин ин маънои онро надорад, ки онҳо мисли мардуми оддӣ ҳастанд ва аз онҳо фарқияте надоранд. Баръакс, онҳо дорои қобилияти хуби роҳбарӣ буда, дар лаҳзаҳои ногувор зуд роҳи ҳалли мушкилотро пайдо намуда, бо роҳи ақлу заковати худ дар бартараф кардани камбуду навоқис саҳм мегиранд. Масалан, яке аз чунин қаҳрамонҳое, ки бо роҳи хирад фарҳанги эрониро поя гузошт – Ҷамшед мебошад. Ҷамшед бо ақлу заковат ва фитрати худ ҷаҳонеро сохт, ки дар он ҳатто марг вуҷуд надошт. Дар даврони подшоҳии Ҷамшед замона баросуд ва мардум тавонист нафаси озод кашад.

---

[1]Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. -Ҷилди 1. -Душанбе: «Ирфон» 1964. С.15.
[2] Ҳамон ҷо. С.17.

Дар ҳақиқат, Ҷамшед ба аҳду паймони бастаи худ вафо намуд, зеро дар замони ӯ мардум, ҷонварон ва ҳатто табиат низ умри ҷовидона ёфтанд. Мардум бадӣ ва ранҷу ғамро фаромӯш карда буданд:

Зи ранҷу зи бадшон набуд огаҳӣ,
Миён баста девон ба сони раҳӣ.[3]

Фирдавсӣ бо офаридани "Шоҳнома" ба забон ва адаби миллати худ хизмати назаррасеро анҷом дод ва баҳри бақои давлат ва устувор сохтани забони миллаташ то ҳадде ишқу муҳаббат дошт, ки умрашро дар ин роҳ сарф кард.

Донишманди маъруфи тоҷик Мирзо Муллоаҳмад зимни таваҷҷуҳ ба забон дар ин аҳд ба хулосае меояд, ки: «Натиҷаи таваҷҷуҳи хос ва талошу муборизаҳо буд, ки забони порсии дарӣ хеле зуд забони арабиро дар доираи коргузории расмӣ маҳдуд намуд ва дар  арсаи адабиёт мақоми аввал ва асосиро ишғол кард ва ҳатто якҷо бо худшиносии миллии мардум бо суръати тамом ривоҷ ёфт ва дар қолаби «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба қуллаи баланд расид».[4] Ҳамчунин, шоҳномашиноси маъруфи эронӣ Ҷалол Холиқии Мутлақ қайд мекунад, ки: "Агар "Шоҳнома"-ро надоштем, ҳар кас метавонист иддао кунад, ки забони форсӣ бидуни рақами бузурге аз вожаҳои бегона, забоне нотавон ё дастикам фоқиди фасоҳату шевоист[5]. Фирдавсӣ худ низ бад-ин маънӣ хуб ишора кардааст:

Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.

Фирдавсӣ тавассути «Шоҳнома» на танҳо забони порсӣ ё таърихи гузаштаи шоҳони аҷдодии худро зинда кард, балки ӯ

---

[3] Ҳамон ҷо. С.55.

[4]Муллоаҳмад Мирзо. Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем… -Душанбе: «Шуҷоиён», 2011. С. 20.

[5] Мутлақ Холиқии Ҷалол. Аҳамияти "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ. https://parsianjoman.org/cyr/?p=3047. Санаи вупуд: 28.10.2025.

тавонист дар дили мардуми ормониаш равону хирад, дили бедору дидаи ҳушёр, омоли неку сиришти бад, маънавияту руҳоният, камоли одамӣ, мардумпарварӣ, ишқ, меҳру садоқат, хулоса, ҳар чӣ дар симои як фарди зиндаву дар фазои як ҷомеаи рӯ ба рушду тараққикардаро зинда кунад. Фирдавсӣ эҳсос менамуд, ки бе омӯзишу андарзпазирии гузашта ояндаи саодатбор сохтан имконнопазир аст. Бинобар ин, зинда гардонидани хотироти таърихӣ ва дар забони нави порсии дарӣ ёдоварии онҳо суннати таърихии мардумро устувор мегардонад ва мардумро ба ояндаи неку дурахшон раҳнамун месозад.[6]

Ба ақидаи адабиётшиноси варзидаи миллӣ Ҷамолиддин Саидзода, бардошт ва огаҳӣ аз ин хазинаи адаб ва фарҳанги воло дунёи маънавии инсонро рӯшану рангин ва ғанӣ месозад. Ӯро ватандӯсту баномус, ҳимматбаланду ҳушманд, соҳибдилу соҳиброй, покраву покназар, ҳақшиносу ҳақталош ва инсондӯст тарбия менамояд[7].

Андешаву ҷаҳонбинии ягонае, ки саросари «Шоҳнома»-ро фаро гирифтааст, баёнгари нуктаи муҳимест, ки Фирдавсӣ аз тифлӣ то оғози назми «Шоҳнома» дар муҳите мезист, ки дар он таъриху достонҳо ва фарҳанги бостонии Эрон ривоҷ дошт. Ҳамаи он дар ниҳонхонаи дили шоир нишаст ва ҷойи устуворе ёфт. Аз ин ҷост, ки дар саросари «Шоҳнома» руҳу андеша ва ҷаҳонбинии воҳидеро мебинем.[8]

“Шоҳнома”-и Фирдавсӣ на танҳо иборат аз достонҳои ҷангҳову пирӯзиҳои Рустам аст, балки он саргузашти

[6]Риёҳӣ Муҳаммадамин. Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). Душанбе: «Шуҷоиён», 2010. С. 77.

[7] Саидзода Ҷамолиддин. Фирдавсӣ – шоири паёмрасон. (Дастури бедорӣ, ватандорӣ ва худшиносии миллӣ). – Душанбе, 2023. С.5.

[8] Риёҳӣ Муҳаммадамин. Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). Душанбе: «Шуҷоиён», 2010. С. 79.

миллатест, ки тули асрҳо фарҳангу андеша ва ормонҳои худро намудор сохтааст. Дар "Шоҳнома" ҷавонмардоне аз қабили Ҷамшеду Фаридун, Рустаму Сухроб ва Сиёвуш тасвир ёфтаанд, ки дар роҳи озодагӣ, шарофату фазилат мубориза бурда, мардонагӣ нишон додаанд. Агар комёб ва ё шикаст хӯрда бошанд ҳам, ҳатто бо маргашон орзуи додгариву мурувват ва некманиширо неру бахшидаанд.

"Шоҳнома"-и Фирдавсӣ дарбаргирандаи адлу дод, хирадмандиву озодагиву озодманишӣ буда, ростиву некукорӣ ва ватандӯстиро таълим медиҳад. Аз ин рӯ, қаҳрамонони "Шоҳнома", аз ҷумла Рустам, Сухроб, Сиёвуш, Бежан, Эраҷ ва амсоли онҳо, барои ворастагию истиқлоли меҳан, нангу номус, дифои ватан аз душманону бегонагон пайкор мекунанд.[9] Ҳамаи ин дар якҷоягӣ метавонад ахлоқ ва одоби ҷавонмардонро пурра инъикос намояд. Зеро дар расму ойинҳои ҷавонмардӣ ҳар як ҷавонмард дорои чунин сифатҳои ҳамидаи инсонӣ мебошад. Чунончи, агар ба одоби ҷавонмардон назар афканем, пас маълум мешавад, ки яке аз шартҳои асосӣ ва калидии ойини ҷавонмардӣ хирад мебошад ва ҷавонмардон мартабаи хирадро дар аввал медонанд. Аз ин ҷост, ки Фирдавсӣ "Шоҳнома"-ро бо васфу ситоиши хирад оғоз кардааст.

Ҳамин тавр, агар суханони Фирдавсӣ, ки гавҳар ва олитарин андешаву афкори ниёгони мо буда, тули асрҳо аз таҷрибаи таърих гузашта, ойини ҷавонмардиро дар худ ғунҷонида, шахсро бевосита ба сӯйи ҷавонмардӣ раҳнамун месозанд, сармашқу дастурамали зиндагии рӯзмарраи мо қарор бигиранд, пас раванди ташаккулу рушди афкори баланду андешаҳои бузурги Фирдавсӣ дар ҷомеа дурустҳисобӣ таҳкиму

[9] Саидзода Ҷамолиддин. Фирдавсӣ – шоири паёмрасон. (Дастури бедорӣ, ватандорӣ ва худшиносии миллӣ). – Душанбе, 2023. С. 6.

тақвият меёбад. Бахусус, насли наврасу ҷавони сарзамини мо, ки сармояҳои аслӣ ҳастанд, агар аз ҳикмати Фирдавсӣ, ки бар пояи ҷавонмардӣ мустаҳкам аст, баҳраманд шаванд, ҷомеаи мо, воқеан, ранги дигар ба бар мекунад ва дар баробари ҷомеаҳои мутамаддини ҷаҳонӣ қарор мегирад. Мо, дар ҳақиқат, ба бузургии шоҳкори Ҳакими Тӯс -- «Шоҳнома», ки сутуни ҳувияти миллии мост, бовар дорем ва мутмаинем, ки "Шоҳнома" на танҳо барои асри мо, балки барои асрҳои минбаъда низ ба тоҷик ва насли ояндасози тоҷик хидмат хоҳад кард.

**Адабиёт:**

1. Муллоаҳмад Мирзо. Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем… - Душанбе: «Шуҷоиён», 2011.

1. Мутлақ Холиқии Ҷалол. Аҳамияти "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ. https://parsianjoman.org/cyr/?p=3047.

2. Риёҳӣ Муҳаммадамин. Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). Душанбе: «Шуҷоиён», 2010.

3. Саидхоҷа Забеҳулло Беҳрӯз. Адабиёт ва ҳувияти миллӣ (Маҷмуаи мақолот). – Душанбе: "Шоҳин-С", 2025.

4. Саидзода Ҷамолиддин. Фирдавсӣ – шоири паёмрасон (Дастури бедорӣ, ватандорӣ ва худшиносии миллӣ). – Душанбе, 2023. -574 саҳ.

5. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. -Ҷилди 1. -Душанбе: «Ирфон», 1964.

## ОЗОДАНДЕШӢ, ТАҶРИБАГАРОӢ ВА АРЗИШГУЗОРӢ

**Башир АЗИЗӢ**
*пажуҳишгари ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинов АМИТ*

# ИБНИ СИНО – ТАҶРИБАГАРОИ АРАСТУӢ БО ПӮШИШИ НАВАФЛОТУНӢ

***(маҳдудаи тафаккури фалсафӣ дар муносиботи қудрат)***

Дар шаҳри Флагстаф воқеъ дар Иёлоти Аризонаи ИМА музейи офариниш бо номи Музейи офариниши "Grand Canyon" (Grand Canyon Creation Museum) [1] қарор дорад, ки дар он шигифтии табиии "Grand Canyon" бо тамоми шукӯҳаш ба тасвир кашида шудааст. Аммо аз дидгоҳи бунёдгароёни мазҳабӣ корбурди вожаи "шигифтии табиат" дар нисбат ба ин зебоиҳои табиӣ комилан нобаҷо министа мешавад, чунки аз дидгоҳи онҳо ин дараи бисёр амиқу аҷиб "муъҷизаи осмонӣ" пиндошта мешавад. Онон ба мабнои эътиқодоти ортодоксии мазҳабиашон ба ин боваранд, ки ин дараи амиқу аҷиб намоише аст аз достони офариниш дар китоби муқаддас, ки фақат дар 7 рӯз, мутобиқи достонҳои он, бар асари селоби борони рӯзҳои офариниш, замин фарсоиш ёфта ва ба сурати имрӯзӣ даромадааст.

Таъкид ва пофишорӣ рӯйи тафсири ортодоксӣ-мазҳабӣ аз шигифтии Grand Canyon ягона намунаи мубориза дар баробари илми муосир нест. Дар бисёре аз шаҳрҳои иёлоти ғарбӣ ва миёнаи ИМА, он ҷо, ки масеҳиёни бунёдгаро аксарияти курсиҳоро дар шӯроҳои шаҳрӣ дар ихтиёр доранд, ба сонсури он китобҳои дарсии илмӣ мепардозанд, ки бо

рӯҳияи китоби муқаддас созгорӣ надоранд ва бо фишори сиёсӣ (қатъи кумакҳои молӣ) раҳбарии идораи мактабро маҷбур ба тағйири китобҳои дарсӣ месозанд. Афзун бар макотиби миёна донишгоҳҳо низ аз ин навъи ҳамлаи идеологӣ-сиёсӣ дар амон намонданд, ки намунаи равшани он ҳамлаи ахири идораи Трамп ба Донишгоҳи Гарвард (Harvard) аст. Раҳбарияти Донишгоҳ ин амалро ҳамлаи мустақим ба "озодии маориф" мешуморад [2].

Албатта, мояи ҳайрат аст, ки чунин ҳамлаҳои пайдарпай ба арзишҳои илмиву фарҳангӣ дар арзи чанд моҳ дар кишваре иттифоқ меуфтад, ки бо пешинаи таърихии инқилоби демократӣ (солҳои 1775-1783) дар арсаи озодии андешаву демократия ва истиқлолият (ҳадди ақал аз диди худашон) намунаи дурахшоне барои ҷаҳон аст. Бо ин ҳол бояд донист, ки чунин ҳуҷум ба илм ва андешаи озод танҳо ба ИМА маҳдуд намемонад. Агар ба таърихи ҷаҳони Ғарб нигоҳи кӯтоҳ андозем, намунаҳои бешумори бархурд миёни илм ва бунёдгароёни диниро метавон дид. Ман дар ин ҷо фақат ду намунаи бисёр ошкори онро ба хотир мерасонам: Галилей Галилео, ки то имрӯз ба хотири дифоъ аз дидгоҳи хуршедмеҳварии Коперник ва кашфи ин ки Замин ва сайёраҳо дар мадорҳои байзавӣ ба даври Хуршед мечарханд, маъруф аст, аз ҷониби мутакаллимони масеҳӣ аз номи китоби муқаддас ба куфргӯӣ маҳкум гардид ва аз сӯйи маҳкамаи ҷонибдори калисо дар соли 1633 то поёни умр ба ҳабси хонагӣ маҳкум шуд.

Ҳамла ба боварҳои илмӣ пеш аз ин низ бо дастури калисо иттифоқ афтода буд ва он чиро дар намунаи дувум мехонем, ҳанӯз фоҷеабортар аз рӯзгоре аст, ки бар сари Галилео Галилей ов催данд, яъне замоне, ки Ҷордано Бруно бо дастури калисо зинда дар оташ сӯзонда шуд. Бруно бо он ки худ як худобовар буд, аммо ба истидлоли ақлонӣ такя мекард ва

озодандеше буд сарсахт, ки дар кайҳоншиносии худ назарияҳои навро матраҳ кард. Ӯ натиҷа мегирад, ки аз зоти Худо лузуман чунин бармеояд, ки ҷаҳон поённопазир аст. Чунин натиҷагирӣ хашми додгоҳи тафтиши ақоиди он замонро барангехт ва пас аз муҳокимаи шашмоҳа ӯро дар Рум зинда сӯхтанд.

Бо он ки дар таърихи илм ин рӯйдод аз ҳаводиси талху ғамангез ба шумор меравад ва зоҳиран ҷузъи таърих шудааст, аммо ҳаводис ва бархурдҳои идеологӣ, ки давлатҳо дар ҳамла ба андешаҳои илмӣ, он гуна ки дар муқаддима намунаҳои онро баршумурдем, доманаи бисёр густурда дорад. Ин симпозиум ба Ибни Сино донишманду файласуфи машҳури Эронзамин ва ҷаҳон бахшида шудааст. Ӯ низ дар асри худаш дар ҷаҳони ислом мавзуи муҳими ин гуна мунокишаҳо миёни мафоҳими имонӣ ва фалсафаи ақлгаро ва ё байни усули ваҳйонӣ ва ҳақиқати бурҳонӣ буд, ки бозтоби равшани онро дар нақди Эмом Ғазолӣ (1056-1111) бар Ибни Сино ва сарнавишти нофарҷоми хирадгарой дар ҳазор соли баъд аз Сино мебинем. Ғазолӣ фақеҳ ва аз мутакаллимони машҳури исломӣ буд, ки фалсафаварзиро мояи заъфи имони мусалмонон медонист, он гуна ки калисо афкори илмии Галилейро мояи сустии имон ва хатар барои калисо мепиндошт. Ва он гуна ки таърихи илм ва фалсафа гувоҳӣ медиҳад “бо ҳамлаи Ғазолӣ ба Сино ва ғалабаи исломи ортодокс, мутолеаи улуми табиӣ дар ҷаҳони исломи арабии асри миёна чунон зарбае дид, ки дигар ҳеҷ гоҳ ҷуброн нашуд” [3, 91].

Бале, дар симпозиуми байналмилалӣ, ки дар АМИТ ба бузургдошт аз 1045 солагии Ибни Сино ихтисос ёфтааст, сухан аз донишманди бузург ва файласуфи асри миёна аст, ки дар миёни донишмандон ва файласуфони исломӣ бештарин таъсирро ҳамзамон ҳам дар арсаи илми тиб ва низ фалсафа

дар миқёси ҷаҳонӣ аз худ ба ҷо гузоштааст. Бо он ки мероси фалсафии Сино ва тафаккури фалсафӣ ба таври кулл дар ҷаҳони ислом пас аз ӯ ба зудӣ ба иллати мухолифати шадиди маҳфилҳои муҳофизакори мазҳабиву сиёсӣ ва низ заифшавии пойгоҳи илмӣ-фалсафӣ пайгириву густариш наёфт, аммо баръакс, доманаи таъсиру нуфузи ӯ дар арсаи илму фалсафа дар ҷаҳони Ғарб то ба имрӯз ба равшанӣ дида мешавад, ки бозтоби онро дар суханони Бертранд Рассел файласуф ва нависандаи асари маъруфи "Таърихи фалсафаи Ғарб" метавон дарёфт: "Ӯ (Сино, Б. А.) муаллифи доиратулмаорифе буд, ки дар Шарқ дар натиҷаи мухолифати мутакаллимон (илоҳиётшиносон) тақрибан ношинохта монд, дар ҳоле ки осори Сино ба василаи тарҷумаи лотинии он дар Ғарб таъсири бузурге аз худ ба ҷой гузоштааст. Равоншиносии ӯ дорои вижагиҳои таҷрибӣ аст. Сино дар фалсафа тамоили бештаре ба Арасту дорад ва дар муқоиса бо дигар фалосифаи исломии пеш аз ӯ, камтар навафлотунӣ аст... Дар илми тиб Сино бештар аз фалсафа шухрат дошт ва аз қарни 12 то 17 мелодӣ китоби Сино "Қонуни тиб" ба ҳайси манбаи асосии илми тиб дар Аврупо ба шумор мерафт... Аммо мутаассибини мазҳабӣ бо ӯ муносибати хуб надоштанд. Сино ба далели дониши фавқулода дар илми тиб қисман аз ҳимояту эҳтироми ҳукмронони вақт бархурдор буд. Сино аз ҳар гоҳе ба душвориҳо ва рафтори хасмонаи навкарони турктабор дучор мешуд ва баъзан бояд ба махфигоҳ паноҳ мебурд ва гоҳе ҳам ба зиндон кашонида мешуд"[4, 455].

Сино шахсияти илмии чандбуъдӣ дорад ва дар бахшҳои васее аз илму фалсафа осори дурахшоне дар ҷаҳон аз худ ба ҷо гузоштааст, ки бинобар маҳдудияте, ки барои мақолот муайян гардидааст, бисёр душвор аст, ки ҳатто ба баррасии иҷмолии он пардохт. Бинобар ин, дар ин навишта танҳо ба бархе аз ҷанбаҳои фалсафии андешаи Ибни Сино мепардозем. Ба

вижа, ба ин масъала, ки то чӣ андоза Сино идомадиҳандаи роҳи Арасту аст ва дар кадом заминаҳо роҳи хешро аз Арасту ҷудо мекунад.

Сино дар талоши синтези омӯзаҳои мутафовити фалсафиву мантиқӣ буд ва бештар аз Форобӣ сайъ намуд, то дидгоҳҳои фалсафиву диниро бо ҳам созгорӣ диҳад. Дар ин росто муҳимтарин хусусияти фалсафаи Сино, ки дар айни ҳол дорои аҳамияти бузурги таърихӣ низ ҳаст, ҳамоно шарҳу тафсири дақиқ ва моҳирона аз омӯзаҳои Арасту аст, ки дар чорчӯби маҳфумҳои навафлотунӣ сурат пазируфтааст.

Муҳимтарин бунёди андешаи фалсафии Синоро фалсафаи машоӣ (арастуӣ) месозад. Дар табиатшиносӣ Сино пайрави вафодори Арасту аст ва ӯро ҳамчун "эмоми ҳакимон ва дастури омӯзгори файласуфон" (Донишнома, Илоҳиёт, саҳ. 111) меномад. Арасту нахустин касе дар Юнони қадим ва низ дар таърихи фалсафа аст, ки фалсафӣ андешиданро ба сатҳи илм боло бурд [5, 35]. Шеваи таҳлилӣ ва дилчаспии шадиди Арасту дар таҳқиқи ҷаҳони қобили идроку таҷриба мавриди таваҷҷуҳи файласуфони баъд аз ӯ қарор гирифт. Бар мабнои ин ҳақиқати таърихӣ барои дарку дарёфти беҳтари андешаҳои фалсафии Сино хуб аст, то ба он ҷанбаҳои фалсафии Арасту бипардозем, ки фалсафаи Сино бештар аз он сероб гардидааст.

Аз ҷониби дигар, чун Сино дидгоҳҳои фалсафии хешро дар муҳити тасаллути андешаи исломӣ ба мақсади созгор кардани дину фалсафа ба нигориш даровардааст ва ногузир бархе тағйирот ва тасарруфотро дар фалсафаи Арасту ворид сохтааст, ки дар ин замина аз андешаҳои навафлотуниён ва дар пешопеши онҳо, Фалотин(Plotinus(204-270 мелодӣ)) мадад гирифтааст. Бо ҳамин далел, ба гунаи фишурда ба муаррифии бахшҳои муртабит ба фалсафаи Фалотин низ мепардозем, то

ҷойгоҳи Сино дар миёни омӯзаҳои таҷрибагароии Арасту ва низ илоҳиёти навафлотунӣ беҳтар равшан гардад.

**Сино ва Арасту**

Пеш аз ҳама, нуктаи чашмгир дар зиндагии ин ду файласуфи бузург, бо вуҷуди фосилае, ки ҳудуди 1300 сол онҳоро аз ҳам ҷудо месозад, ҳамоно шабоҳатҳое аст, ки дар саргузашту ҳаёти онон барҷастагӣ дорад: ҳар ду файласуф дар кашокаши бозиҳои қудрати сиёсӣ гоҳе дар дарборҳо ҷойгоҳу манзалат меёфтанд ва замоне ҳам маҷбур ба фирор ва ҳатто таҳдид ба марг мешуданд [6, 185].

Сино ҳамчун табиб ба табобати Нуҳи Сомонӣ ба дарбори бошукӯҳи Сомониён, ки аз донишмандон ҳимоят мекард, роҳ ёфт. Бо кумаки Амири Сомонӣ ба китобхонаи бузурги салтанатии Сомониён даст ёфт ва аз он баҳраҳои фаровон гирифт. Арасту низ барои тарбияти фарзанди шоҳи мақдунӣ - Филипус ба дарбор роҳ ёфт ва дар он ҷо бо ҳимояти шоҳи мақдунӣ ба таъсиси китобхонаи бузурге пардохт. Дере напоид, ки дастгоҳи салтанатии Сомониён дастхуши парешонӣ шуд ва Сино ногузир тарки Бухоро кард. Ӯ аз шаҳре ба шаҳре маҷбур ба сафар мегардид, гоҳе ба мақому мансабе ҳам мерасид ва гоҳе он донишманди бузург мавриди таъқибу озор қарор гирифта ва ҳатто равонаи зиндон мегардид. Замоне ҳам сарбозони Масъуди Ғазнавӣ дар ҳамла ба Исфаҳон хонаву китобхонаи Синоро ба ғорат бурданд. Саранҷом он донишманду файласуфи бузурги ҷаҳони ислом, дар қаламрави тахти ҳокимияти хилофати исломӣ, дар гӯшаи ғурбату танҳоӣ даргузашт. Арасту низ пас аз фурӯпошии қисмии императории Искандари Мақдунӣ (шогирди Арасту) чунин сарнавишти андуҳборе дошт. Хусумати Отиниҳо бо Мақдуниҳо шомили ҳоли душманӣ ба Арасту низ гардид ва бо дигаргунии муносиботи қудрати сиёсӣ Арасту монанди Суқрот дар Отин (Афина) ба бехудоӣ мутаҳҳам шуд ва

фармони қатли ӯро доданд. Аммо Арасту, ба қавли худаш, нахост ба отиниҳо фурсати дубора барои гуноҳ алайҳи фалсафаро диҳад ва барои наҷот ёфтан аз марг аз Отин фирор кард ва соле баъд дар гӯшаи танҳоиву ғурбат даргузашт.

Дида мешавад, ки чи гуна ду файласуфи бузург, ки ҳамаи умрашонро сарфи кор пажуҳишу офариниши осори илмӣ намуданд, чи гуна аз ҷониби ҳукуматҳо чунин сарнавишти ғамангезро бояд интизор медоштанд. Ба ҳар ҳол, ин масъалаи тоза нест, ки як ҳукумати мустабид беҳтарин шаҳрванди худро ба муҳоҷират маҷбур мекунад.

**Сино – таҷрибагарои арастуӣ**

Ибни Сино ҳамчун табиб аз ҷавонӣ ба мушоҳида ва корбурди таҷриба дар равишшиносии илмӣ дилчаспии фаровон дошт. Дар канори мабоҳиси фалсафӣ ба таври амалӣ ва расмӣ вориди ҳавзаи улуми табиӣ шуд ва монанди Арасту ба ҳайси назарияпардоз дар улуми табиӣ шинохта шуд. Сино дар равиши мушоҳида ва нақши таҷриба барои шинохти воқеӣ аз ҷаҳон, пайрави мактаби Арасту буд, ки дар Юнон роҳи худро аз Афлотун ва ҷаҳони идеяҳои афлотунӣ барои ҳамеша ҷудо сохт, ки аз ҳамон замон Арасту намояндаи мактаби реализм ва Афлотун намояндаи мактаби идеализм шинохта мешаванд. Сино дар ин миён роҳи Арастуро бармегузинад.



Шояд беҳтарин тамсили тазод миёни ин ду дидгоҳи мутафовит дар дунёи фалсафа дар наққошие бошад, ки ба дасти ҳунарманди машҳури итолиёвӣ Рафаел Санти дар солҳои 1510-1511 ба тасвир кашида шудааст. Дар ин тасвир Афлотун дар ҳоле ки китоби Диалог (Timaeus)-ро дар дасти чап маҳкам

нигаҳ доштааст, бо ангушти дасти рост ба сӯйи осмон ишора мекунад, дар ҳоле ки Арасту дар канори ӯ истодааст ва китоби ахлоқиётро дар дасти чап дорад, бо дасти рост ба сӯи замин ишора дорад.

Ин тасвир бозтобе аз ду нигариши комилан мутавофит дар таърихи фалсафа аст. Масъала рӯйи ин нукта аст, ки чи гуна метавон ба дониши ҳақиқӣ дар бораи ҷаҳон расид. Аз диди Афлотун сарчашмаи дониши воқеӣ ҳамон ҷаҳони идеяҳо аст, ки хориҷ аз ҷаҳоне, ки мо дар он зист мекунем, қарор дорад. Дар ҳоле ки Арасту бо ишора ба Замин ба аҳамияти ҷаҳони моддӣ ва воқеиятҳои маҳсус таъкид меварзад. Аз он ҷое, ки Арасту манбаи ҳақиқии донишро дар ҳамин ҷаҳон мебинад, биноан асоси методи фалсафии ӯ низ бар мабнои асли феномен устувор аст, ки маънои чизҳоеро, ки барои мо дар ин ҷаҳон метавонад падидор шавад, мерасонад.

Аз ҳамин ҷост, ки дар мактаби машоӣ (арастуӣ) баръакси мактаби Афлотун, ки бештар ба метафизика саргарм буд, таваҷҷуҳ ва алоқамандии шадид ба ҷамъоварии фактҳо ба вижа, дар улуми биологӣ нишон дода мешуд. Арасту нахустин бор ба табақабандии ҳайвонот пардохт ва аз ҳамин сабаб ӯро ҳамчун падари илми биология мешиносанд. Теофрастус (Theophrastus), шогирду ҷонишини Арасту пажуҳишҳои Арасту ва худро дар заминаҳои биология, геология ва бодуҳавошиносӣ ба нашр супурд. Бояд таъкид кард, ки пажуҳиши таҷрибӣ дар мактаби машоии Арасту танҳо ба улуми табиӣ маҳдуд намонд, балки шогирдонаш таҳти назари ӯ ба ҷамъоварии фактҳо дар мавриди масоили иҷтимоӣ аз ҷумла сохтори давлатӣ (шаҳрдавлатҳо) низ пардохтанд ва аз 158 шаҳрдавлати Юнон дар ин замина мавод ҷамъоварӣ карданд, то Арасту аз ин фактҳо назарияи “Фалсафаи сиёсӣ”-и худро бисозад [7, 98].

Албатта, ин ҳамон равишест, ки Сино дар пайравӣ аз Арасту онро ба кор мебарад. Ибни Сино дар тиб бо такя ба равиши таҷриба ва корбурди он дар бораи доруҳо ҳафт қоидаро навишт, ки тибқи онҳо бояд равиши таҷрибӣ барои таъйини хосиятҳои доруҳо ва таъсири доруҳо ва таъсири онҳо ба беморӣ ба кор бурда шавад. Мушоҳидаи болинӣ тавассути Сино дар бораи илали бемориҳои гуногун дорои аҳамияти таҷрибии бисёр аст [8, 174]. Сино мушоҳидаи систематикиеро дар назар дорад, ки дар он шароити хос тарроҳӣ мешавад, то аз он робитаи зотӣ миёни падидаҳоро дарёбад ва муътақид буд, ки таҷриба бояд дарбаргирандаи мушоҳидаи ҳиссӣ, такрор, куллият ва яқинӣ будан бошад, то ба маърифати таҷрибӣ табдил шавад. Сино дар "Бурҳони шифо" ба таърифи таҷриба ва таъйини ҳудуду шароити он пардохтааст. Ӯ барои расидан ба назарияи илмӣ пайваста бо тарҳи озмоишҳо ва бо дарназардошти собитҳову мутағаййирҳо дар ҷустуҷӯи иллати табиии дигаргуниҳо мешавад. Сино як диди секулор(дунявӣ) ба иллати бемориҳо дошт ва барои беморӣ фақат ба иллатҳои табиӣ бовар дошт ва ҳеҷ гоҳ тандурустӣ ва ё бемориро ба неруҳои мофавқи табиӣ нисбат намедод [9]. Сино монанди Арасту табиатро беҳтарин ва боэътибортарин озмоишгоҳ барои дастёбӣ ба маърифат мешинохт ва ҷойгоҳи баланде барои маърифати таҷрибӣ қоил буд. Бино ан, он чи марбут ба далоили физикии шинохти ҳастӣ мешавад, умдатан роҳи Арастуро дунбол мекунад, аммо дар шинохти иллати метафизикии дарки ҷаҳон роҳи худро аз Арасту ҷудо месозад.

**Ихтилофи Сино бо Арасту**

Физикаи Арасту ҳамчун назария дар бораи воқеияти табиӣ қарнҳои зиёде, ҳатто то асри ренесанс, ҷаҳонбинии мусаллат дар бораи табиатро дар Аврупо ташкил медод. Фалсафаи Арасту дар қарнҳои миёна ба василаи файласуфони мусалмон, ба вижа Форобӣ, Сино ва Ибни Рушд, тарҷумаву тафсир

гардид ва аз тариқи тарҷумаи осори онҳо аз арабӣ ба лотинӣ ба Аврупо нуфуз кард. Ҳам дар асри Сино ва низ пас аз қарни XIII милодӣ фалсафаи Арасту ҳамчун парадигма ё андешаи мусаллати илмӣ-фалсафӣ ба ҳисоб мерафт ва замоне, ки аз фалсафа сухан мерафт, мақсад фақат Арасту буд [10, 198]. Биноан файласуфони ҷаҳони ислом ва низ масеҳият сайъ намуданд, то манбаъҳои динию фалсафиро бознигарӣ кунанд, то биниши динӣ ва фалсафиро бо ҳам созиш диҳанд ва нишон диҳанд, ки усули диниро низ метавон бар мабнои ақлӣ дарку фаҳм кард. Аммо дар ин замина як мушкили асосӣ вуҷуд дошт, ки бо усули динӣ дар тазод буд ва он бардошти Арасту аз мафҳуми Худо ва ҷойгоҳи он дар табиат буд, ки бояд бартараф мешуд.

Дарки метафизикии Арасту аз мафҳуми Худо як дарки "ҷаҳоншинохтӣ" аст, яъне бо баҳрагирӣ аз мафҳумҳои табиат, монанди ҳаракати ҷаҳон вуҷуди Худоро фарз мекунад, то иллати нахустинро тавзеҳ диҳад, ки ба таври фишурда онро чунин метавон баён намуд: (а) ин ки ҳаракат вуҷуд дорад, як падидаи равшан аст, зеро ҳар кӣ дар бораи пайдоишу дигаргунӣ суҳбат мекунад, бояд ба ҳаракат бовар дошта бошад; (б) ин ҳаракат ниёз ба муҳаррики берунӣ дорад; (в) муҳаррик ва мутаҳаррик бо ҳаманд; муҳаррик иллати ниҳоӣ аст, на иҷрокунанда; (г) силсилаи муҳаррик наметавонад то бениҳоят бошад ва бояд ба як "муҳаррики нахустин" бианҷомад. Арасту аз ин истидлол ба фарзи вуҷуди "муҳаррики нахустин" мерасад, ки бояд номутаҳаррик бошад. Ва аз он ҷойе, ки муҳаррики номутаҳаррик иллати нахустин аст ва комил низ мебошад, биноан васфи боризи ӯ тафаккур аст ва Арасту ӯро Худо унвон намуд, зеро дар фалсафаи юнонӣ ба ҳар падидаи комил ва фавқулода Худо мегуфтанд. Биноан Худои Арасту холиқи ҷаҳон нест ва бо он ҳеҷ робитаи вуҷудӣ надорад. Чунин бардошти Арасту аз мафҳуми Худо, ки фақат

ба худ фикр мекунад ва бо дунёи мо коре надорад ба ҳеҷ ваҷҳ бо Худои офариннанда дар адёни иброҳимӣ наметавонад созгорӣ ёбад. Ба ибораи дигар Худои Арасту бо Худо дар адёни иброҳимӣ, ки ваҳйу аҳком мефиристад ва таклифу таъйин мекунад ва барои аъмоли инсонҳо подошу муҷозот муайян мекунад, дар тазод аст.

Сино ҳамчун як файласуф бояд барои ин мушкил роҳҳале меёфт ва яке аз нахустин талошҳоро дар таърихи фалсафа дар ин замина ӯ анҷом додааст, ки баъдҳо мояи илҳом барои исботи фалсафии Худо барои файласуфони адёни масеҳиву яҳудӣ низ гардид. Файласуфи яҳудӣ Маймонид (Maimonides (1138–1204)) ва файласуфи масеҳӣ Томас Оквинос (Thomas Aquinas (1224-1274)) дар фарзияҳои худ барои исботи Худо аз истидлоли Сино истифода намуданд [11, 245].

Роҳи ҳалли Сино барои ин мушкил чӣ буд? Барои Ибни Сино пазириши роҳи ҳалли арастуӣ, ки аз умури табиӣ, монанди ҳаракати олам вуҷуди Худоро фарз кунад, душвору нокофӣ буд, зеро дар роҳҳалли Арасту фақат иллати ҳаракат ва муҳаррики аввалӣ собит мешуд, на иллати вуҷуди ҷаҳон. Ба ҳамин далел, Сино талош ба харҷ дод, то аз бурҳони ҷаҳоншинохтии Арасту истифода накунад ва ба иллати вуҷудӣ паноҳ бибарад.

Сино тарҳи хешро барои исботи Худо бар мабнои асли тафовут миёни "воҷиб" ва "мумкин" устувор сохт ва бо қарор додани фарқи асосӣ миёни "воҷиб" ва "мумкин", бо пайравӣ аз Форобӣ, Худоро ба унвони "воҷибулвуҷуд"-и маҳз бидонад, ки дар раъси иллати вуҷуди ҷаҳон низ қарор дорад ва берун аз Худо ҳама "мумкиналвуҷуд" ва вобаста ба ӯ ҳастанд. Аз ин дид, фалсафаи Сино бо таваҷҷуҳ ба "вуҷудшиносӣ" ихтилофи бунёдӣ бо фалсафаи Арасту дорад.

Сино барои истидлоли хилқати ҷаҳон мафҳумҳои "қадим" ва "ҳодис"-ро таҷдиди таъриф мекунад, то битавонад миёни

фалсафаи Арасту ва дин созиш ба вуҷуд оварад. Ӯ қадимро ба ду маъно ба кор мебарад, қадим ба асоси зот ва қадим ба асоси замон. Биноан, ҷаҳон ба эътибори замон "қадим" аст, ки оғозу анҷоме надорад, аммо ба эътибори иллат халқ шудааст. Ба ин далел, Сино оламро қадим ва ҳам халқшуда медонад. Чуноне, ки Сино мегӯяд: "Қадим будани ҳаракатро аз ҷиҳати ибтидо надоштан воҷиб донистем, на аз ҷиҳати ибдоъ, ки ибдоӣ набудани он маҳол аст" [12, 298-230]. Ба ин тартиб, Сино байни дин, ки ҷаҳонро ҳодис медонад ва фалсафа, ки ҷаҳонро азалӣ медонад навъи созише барқарор кард, то аз як сӯ ба мактаби машоии Арасту вафодор бимонад ва аз тарафи дигар, пойбандиашро ба эътиқодоти динӣ нишон диҳад.

Ба ҳар ҳол, фалсафаи метафизикии Сино дар бораи Худо дар миёни пайравони адёни иброҳимӣ дар саросари ҷаҳон мавриди истиқбол қарор гирифт ва осори ӯ суннати гуфтугӯ ва истидлоли фалсафиро дар миёни мутакаллимон, ба вижа, мутакаллимони Ғарбӣ ривоҷ дод. Аммо бо таассуф. ин суннати истидлоли ақлонӣ дар қаламрави ҳокимияти мутлақаи хилофати исломии асри пас аз Сино заминаи рушд ва густаришро наёфт ва бардоштҳои догматикӣ аз аҳкоми дин, фурсати баҳс миёни илм (фалсафа) ва динро намедод. Имом Ғазолӣ, ки пас аз Сино зуҳуркард, чеҳраи барҷаста миёни мутакаллимон ва файласуфони замони худ буд, аз суннати фалсафӣ на танҳо пайравӣ накард, балки талош кард нақши фалсафаро коҳиш диҳад ва ҳатто дар китоби "Таҳофат-ул-фалосифа"-и худ Синоро ба куфргӯӣ муттаҳам кард. Бо он ки Ибни Рушд дар китоби "Таҳофат-ул-таҳофат" ба радди Ғазолӣ пардохт ва нишон дод, ки фалсафаи Сино на танҳо куфромез нест, балки ин Ғазолӣ аст, ки Синоро дуруст дарк накардааст [13, 43-51]. Аммо ин садои ибни Рушд он қадар аз мадрасаи Низомияи Бағдод дур буд, ки дар ҳамон ҷо, дар Андалус ношунида монд ва ҳатто Ибни Рушд худ низ ба куфргӯӣ

мутаҳҳам ва ба табъид аз кишвар маҷбур гардид ва ба ин тартиб, пас аз Сино ва Ибни Рушд суннати тафаккури фалсафӣ аз қаламрави ҳокимияти хулафои исломии асримиёна рахт барбаст. Яке аз муаррихон дар мавриди паёмади талхи ин воқеаҳо чунин менависад: "бо ин ҳол, фалсафаи араб ва ҷаҳони фикрии араб ба таври кулл аз қарни сенздаҳум камтар халлоқ шуд ва худро аз таъсироти берунӣ маҳрум сохт ва ҳатто файласуфи худ монанди Ибни Рушдро тард кард, ки пас аз ӯ, ба ҷуз чанд истисно, файласуфи бузурги дигаре дар ҷаҳони ислом зуҳур накард ва табодули андешаҳои фалсафӣ низ мутаваққиф гардид" [14, 188].

**Ибни Сино ва навафлотуния**

Фалсафаи метафизикии Ибни Сино дар хутути куллӣ аз фалсафаи метафизикии навафлотунӣ, ба вижа Фалотин(Plotinus(204-270 мелодӣ)), асосгузори воқеии он мактаб, илҳом гирифтааст. Навафлотунизм як низоми фалсафие аст, ки аз таркиби фалсафаи Афлотун, Арасту, мактаби фалсафии стоитсизм бо аносире аз андешаҳои ирфонии адёни Шарқ, монанди Ҳикмати Хусравонии Эрони Бостон ва фалсафаи Ҳинд, шакл гирифтааст. Бо он ки Фалотин аз фалсафаи Афлотун бисёр мутаассир буд, аммо танҳо муфассири фалсафаи Афлотун набуд, балки ӯ худ фалсафаи нав ва мутафовите аз фалсафаи Афлотун эҷод кард. Ин системаи фалсафии ҷадид аз қарни II то қарни VI мелодӣ давом ёфт. Андешаҳои Фалотин ба василаи шогирди ӯ Порфириюс (Porphyrios (232-304 мелодӣ)) зери унвони "Enneaden" интишор ёфтааст. Дар ин китоб аз 3 бунёди асосӣ ва ё сарчашмаҳои ҳастӣ сухан меравад: (а) воҳид (The One), (б) идроки ақлӣ (Nous), (в) рӯҳи ҷаҳонӣ (Logos) [15].

Воҳид (Худо) аз диди Фалотин принсипи нахустини воқеият аст, ки тавсифи он дар фаҳму дарки инсон намегунҷад, "зот" ва "вуҷуд" дар ӯ якест. Ӯ дар ҳеҷ ҷойи ҷаҳон қарор

надорад, аммо ғоиб ҳам нест. Ягона чизе, ки аз назари Фалотин дар бораи он метавон гуфт, ин аст, ки Ӯ "комил" аст. Аммо дар ин бора меафзояд, ки моҳияти ин комил будан аз фаҳми инсон болост. Мо метавонем фақат бо забони истиораҳои шоирона монанди "нури бидуни соя" ва аз ин қабил онро баён кунем.

Ба ҳар ҳол, аввалин судур ё таҷаллӣ аз Воҳид зуҳури идроки ақлӣ (Nous) аст. Nous дар лотин ба таври кулл ба маънои фикр кардан аст. Nous барои Афлотун ва Арасту мафҳуми бахши олии тафаккурро дар бар мегирад, ки сабаби тамизи инсон аз ҳайвон мегардад. Ёфтани маънои муодили он ба забони порсӣ хеле душвор аст, зеро аз диди Фалотин ҳар навъ муқоисаи ин мафҳум бо зеҳни маҳдуди инсон номумкин аст. "Nous" аз лиҳози ҷойгоҳ пойинтар аз Воҳид ва наздик ба он аст. "Nous" тафаккури холис аст, аммо тафаккур дар бораи чизе ва худашро тафаккур мекунад. Тафаккури ӯ дар бораи маншаи худи ӯ яъне дар бораи Воҳид аст. Гӯё Худо бо тааммул дар худ аз худ берун меояд ва он гоҳ Худо мегӯяд, ки ин хуб аст ва аз ҳамин "Nous" судур кард. Ба ҳамин тартиб аз "Nous" "Логос" зуҳур кард.

Логос дар ҷойгоҳи поёнтар аз "Nous" қарор дорад, аммо он ҳам абадӣ ва ғайримоддист. Логос принсипи ақлӣ аст, ки манбаи назми ҷаҳонро месозад. Ба ин тартиб, Логос пайванди зарурӣ миёни воқеияти мутаолӣ ва дунёи моддӣ аст. Қисмати болоии Логос ба идеяҳо дар "Nous" назар дорад ва аз он бахшҳоеро бармегузинад, ки барои дунё лозим аст, то онро копӣ намуда, ба дунёи мо арза кунад. Аммо қисмати пойини Логос шомили бахши моддии нақшаҳои Худо аст. Логос дар ин дунё ашколи ашё ё принсипи ҳаётро дар набототу ҳайвонот ва инсон ҷо мекунад. Бахши табиии Логос бар асоси қонунмандии табиат робита миёни мавҷудотро дар дунё контрол мекунад. Ҳамчунин инсон низ дар мавҷудияти худ

мадюни Логос аст. Аммо инсон як мавҷуди дупаҳлу аст, яъне таркибе аз модда ва рӯҳ. Олитарин бахши рӯҳи инсон, яъне ақл аз назари Фалотин фанонопазир аст. Ба ҳамин сабаб рӯҳ пас аз марг ба ҳаёти худ идома медиҳад. Аз назари Фалотин инсон қодир аст, то ба асли ақлонии хеш бирасад, аммо ин кор замоне метавонад муяссар гардад, ки инсон битавонад худро аз зиндагии моддӣ бираҳонад. Ҳар гоҳ нури худоӣ ба ӯ арзонӣ гардад, имкони он вуҷуд дорад, ки бо як таҷрибаи ирфонӣ (extase) ба сӯйи Воҳид биравад, то бо ӯ яке шавад. Чунин аст, бардошти метафизикии Фалотин дар бораи шеваи расидан ба маърифати ҳақиқӣ.

Акнун ба фалсафаи метафизикии Сино менигарем, ки то чӣ андоза аз бардошти Фалотин таъсир пазируфтааст. Сино монанди Фалотин Худоро ба унвони асли аввал, комил, мутаолӣ ва абадӣ мешиносад. Ин мафоҳимест, ки дар китоби динӣ низ ба ҳайси сифоти Худо тазаккур ёфтааст. Ӯ низ муътақид аст, ки кайҳон аз маҷмуаи таҷаллиёти Худо сарчашма гирифтааст. Ва бо пайравӣ аз Фалотин аз 10 лоя ё ақлҳои даҳгона (ақлҳои осмонӣ) барои кайҳоншиносии худ истифода мекунад. Ин ақлҳои даҳгона ҳаракати ҷисмҳои осмонӣ, монанди ситорагон, Хуршед, сайёраҳо ва Моҳ (ин навъ тақсимот бо дарки физикии муосир аз кайҳоншиносӣ тафовут дорад)-ро контрол мекунад. Нуктаи муҳим дар ин ҷост, ки ақлҳои осмонӣ фаъолияташонро аз тариқи тафаккури қиёсӣ (Syllogism) анҷом медиҳанд.

Аз назари Сино ақли инсонӣ ду ҷанба дорад назарӣ ва амалӣ. Ақли назарӣ ба дарёфти улум ва куллиёт аз боло (ақли фаъол) мепардозад. Ақли амалӣ ба татбиқи ин куллиёт барои ҷузъиёти аъмоли инсон мепардозад. Ақли назарӣ барои Сино дорои маротиб аст (мартабаи ҳаюлоӣ, мартабаи билмалака, мартабаи ақли билфид ва марҳалаи ақли мутлақ) ва ин ақли мутлақ болотарин марҳилаи ақли назарӣ аст, ки нафс дар он

маъқулотро дарёфт мекунад ва ба сурати ақли мутлақ дармеоварад, яъне улумро аз ақли фаъол дарёфт мекунад ва ба феълият меоварад. Сино судури коинотро аз зоти Худованд медонад ва монанди Фалотин муътақид аст, ки Худо зоти худро фаҳм ва тааққул мекунад ва аз он касрат ва низоми ақлӣ падид меояд. Сино ин ақлро мабдаи аввал ва асли касрат дар ҷаҳон медонад, пас нахустин судур аз Худо як ақли фаъол аст. Ин ақл ба худии худ мумкин ва ба василаи мабдаъ воҷиб аст. Ақли фаъол (ақли даҳум) охирин ақле аст, ки аз силсилаи ақлҳои даҳгонаи Сино ба шумор меравад, ки тадбиркунандаи олами модда ва нафсҳои инсонӣ аст. Нафс ҷавҳари ғайримоддӣ аст, ки вуҷуди мустақил аз бадан дорад ва бадан абзори он аст, ки пас аз марг баданро раҳо мекунад [16, 290-291].

Мулоҳизоте бар метафизикаи Фалотин. Дар фалсафаи навафлотунӣ талош сурат гирифта, то тафсири метафизикӣ аз воқеияти ҷаҳон ироа гардад. Аммо он гуна, ки мебинем, моҳияти Воҳид дар фалсафаи Фалотин пур аз ибҳом аст. Аз диди ӯ мо наметавонем, моҳияти ӯро бо забони муколама тавсиф кунем. Аз як ҷониб, ӯ барои тавсифи иллати нахустини ҳастӣ гоҳе вожаҳоеро ба кор мебарад, монанди Воҳид, ҷовидона, комил, мутаолӣ, аз ҷониби дигар, худ таъкид мекунад, ки дарки инсон аз тавсифи он бо калимот номумкин аст.

Акнун ҳудуди наздик ба ду ҳазор сол пас аз Фалотин шакли дигари корбурди забонро медонем. Агар мо ба калимот таваҷҷуҳ дорем, он гоҳ на фақат ба маънои мустақими он, балки ба таърих ва матни сиёсӣ иҷтимоӣ, ки он калимот ба кор рафта низ таваҷҷуҳ мекунем. Лояҳои сегона, ки Фалотин онҳоро маншаи ҳастӣ ва воқеият медонад, худ сабаби суйитафоҳумоти зиёде метавонад шавад. Замоне ки ӯ аз Воҳид сухан мегӯяд ва онро ягона ва абадӣ мешуморад, бархеҳо ба

фикри Худои воҳиди китоби муқаддаси мусалмонон меуфтанд. Замоне, ки ӯ аз ягонагии таслис (Воҳид, Nous ва Логос) сухан мегӯяд, он гоҳ ба Худои масеҳият фикр мешавад, ки дар се шахсияти муқаддас (падар, писар ва руҳулқудс) зоҳир мешавад. Чунонки гуфта мешавад, ҳар гоҳ Фалотин ин се уқнумро дар фалсафаи худ намеғунҷонид, Августинус ва калисои масеҳӣ ба пазириши андешаи таслис дар масеҳият намерасид. Ин дуруст аст, ки фалсафаи масеҳияти асрҳои миёна ва низ фалсафаи ислом аз Фалотин бисёр мутаассир будааст [17, 314]. Аммо ин бад-он маъно нест, ки Фалотин дидгоҳи масеҳӣ доштааст. Дар назарияи Фалотин ҳеҷ гоҳе ба манбаъҳои китобҳои муқаддас руҷуъ нашудааст. Ӯ файласуфи юнонӣ буд, на масеҳӣ. Аммо фалсафаи ӯ ба масеҳият таъсир гузошт. Аз ҳамон идеяҳои Фалотин замоне дар қарни IV мелодӣ бар зидди масеҳият истифода мешуд. Пайванди масеҳият бо андешаҳои навафлотунӣ бисёр баъдтар ба василаи яке аз шогирдони Фалотин Ҷайнус Мариус Викторинус (290-360) сурат гирифт, замоне,ки ӯ ба масеҳият рӯй овард. Нуктаи ҷолиб ин аст, ки ӯ тағйири ақида ба масеҳиятро бар мабнои идеяҳои Фалотин устувор сохт. Дида мешавад, ки аз Фалотин замоне барои ситез бо масеҳият ва замоне ҳам барои дифоъ аз масеҳият истифода мегардид.

Фаромӯш накунем, ки метафизика на танҳо дониш дар бораи моҳияти ҳастӣ аст, балки дониш дар бораи робитаи ин ҳастӣ бо тафаккур ва забон низ ҳаст. Биноан вазифаи фалсафа аз диди ман, ин аст, ки ибҳомро дар ҳангоми суҳбат ё навиштан дар бораи ҳастӣ аз миён бардорад. Ҳадафи фалсафа танҳо пешкаш намудани идеяҳову фарзияҳо нест, балки возеҳ сохтани онҳо низ ҳаст. Бигзор мулоҳизот дар мавриди ибҳом дар фалсафаи метафизикии Фалотинро бо такя бар суханони яке аз файласуфони бузурги асри XX Людвиг Витгенштейн поён диҳем: "Он чиро, ки аслан метавон гуфт, метавонад ба

вазоҳату равшанӣ гуфта шавад ва он чиро, ки наметавон дар бораи он суҳбат кард, бояд сукут кард” [18, 35].

**Поёни сухан**

Ибни Сино дар миёни донишмандону файласуфони қурунивустоии исломӣ, бештарин таъсирро ҳамзамон дар илм ва низ дар фалсафа дар миқёси ҷаҳонӣ аз худ ба ҷо гузоштааст. Андешаи фалсафии Сино ба таври амиқ аз омӯзаи Арасту таъсир пазируфтааст. Сино на танҳо фалсафаи Арастуро тафсир дод, балки ба тағйири он низ пардохт. Ӯ пеш аз ҳама як табиб ва донишманд буд ва аз ҳамин сабаб дар асри хеш бештарин таваҷҷуҳро ба мушоҳида ва корбурди таҷриба дар равишшиносии илмӣ дошт. Диди ӯ ба иллати бемориҳо як диди дунявӣ буд ва барои саломативу беморӣ иллатҳои табииро эътибор медод. Он чи марбут ба иллати физикии шинохти падидаҳо дар табиат ва нақши таҷриба дар он мешавад, Сино ба Арасту бисёр наздик буд. Аммо дар иллати метафизикии дарки ҷаҳон аз дидгоҳи Арасту фосила гирифт. Ӯ дар заминаи метафизика аз фалсафаи навафлотуниён истифода кард, то ба он пӯшиши динӣ диҳад. Чунки таркиби фалсафаи Арасту бо дидгоҳҳои динӣ барои Сино як мушкили асосӣ эҷод мекард ва он масъалаи бардошти метафизикии Арасту аз мафҳуми Худо буд. Дар бардошти Арасту ҷойе барои Худои офаринанда набуд ва Худои Арасту бо ҷаҳон коре надорад, дар ҳоле ки рӯйкарди Сино ба иллати муҳити динӣ, ки дар он зист дошт, як рӯйкарди вуҷудшиносӣ аст, то масъалаи хилқати ҷаҳонро низ бар мабнои боварҳои динӣ вориди фалсафа созад. Ин рӯйкард комилан ҷанбаи илоҳиётӣ дорад ва Сино талош намуд, то робитаи Худо ва ҷаҳонро аз диди худ дар фалсафаи метафизикӣ ҳал кунад.

Албатта, зеҳни инсон метавонад дар бораи ҳама чиз биандешад ва бардоштҳои метафизикӣ дошта бошад, аммо суоли фалсафӣ ин аст, ки чӣ гуна метавон бовар дошт, ки ин

истидлолу фарзияҳо бар пояи воқеияти айнӣ устуворанд? Аз диди фалсафаи муосир, ба вижа фалсафаи забон суннати метафизикӣ аз замони Юнони Бостон то асри мо ҳама суннати ҳадсиву гумонӣ аст, ки воқеиятҳои айнӣ дар ҷаҳон наметавонад ба онҳо муҳри таъйид бигзорад. Суннати метафизикӣ аз гузашта то ба имрӯз маҳсули корбурди нодурусти забони муколама аст. Ин ки проблемаҳои метафизикии зиёде вуҷуд доранд, ба иллати он аст, ки файласуфони метафизик робита байни забон ва воқеиятро дуруст дарк накардаанд. Онон калимотро аз корбурди ҳаёти рӯзмараи инсонҳо ҷудо намуда, буғранҷу печида месозанд ва ба онҳо бори метафизикӣ медиҳанд, дар ҳоле ки ин калимот он мафоҳимро аслан дар худ надоранд. Забон наметавонад ба худии худ ҳеч қазовате дар бораи воқеият кунад, то замоне, ки ба манбаи воқеият мурочиат накунанд. Биноан, он гуна ки Эмануел Кант гуфтааст, исботи Худоро аз мафҳуми Худову ҷаҳон наметавон истихроҷ кард. Ба Худо метавон бовар дошт, аммо исботи Худо, аз диди Кант, ки худ қалбан ба Худо бовар дошт, аз ҳавзаи илм хориҷ аст.

Бо васфи ҳама талошҳое, ки Сино барои созгории фалсафа ва дин ва эҷоди фалсафаи нав барои ислом анҷом дод, то роҳро ба сӯйи тарвиҷи суннати истидлоли ақлонӣ боз кунад, бо таассуф фалсафаи ӯ ҳамчун пружаи ақлонӣ дар фалсафаи ислом идомаву густариш наёфт ва бо авҷе, ки Сино ба он бахшид, дар ҳамон ҷо истоду пеш нарафт ва баҳси солим миёни илму дин таваққуф ёфт. Дар ин робита нақши Эмом Ғазолӣ дар сояи ҳимояти хулафои мутаассиб барои ба ҳошия кашидани фалсафаи Сино ва фалсафа дар маҷмуъ аз ҳама зиёнбортар буд.

Бо он ки Ибни Рушд дар баробари фалсафаситезии Ғазолӣ ба дифоъ аз Сино бархост, аммо ин охирин талош барои дифоъ аз суннати истидлоли ақлонӣ бесамар монд ва Эмом

Ғазолӣ тавонист, чунон зарбае ба суннати фалсафӣ дар ҷаҳони исломи асри миёна ворид кунад, ки то имрӯз қомат рост накард.

Баръакс, дар Ғарб, пас аз инқилоби илмӣ-саноатӣ ва низ фурӯпошии қудрати феодализм, шароити беҳтаре барои муносибат миёни фалсафаву дин фароҳам гардид, ки мунҷар ба эҷоди фалсафаи муосир шуд ва баҳси фалсафаву дин вориди марҳилаи тоза гардид. Тафаккури фалсафӣ, аз як тараф, дар натиҷаи инқилоби илмӣ-техникӣ, ба вижа инқилоби коперникӣ, ки Хуршедро дар маркази низоми шамсӣ қарор дод, пуштивонаи қавӣ ёфт, аз тарафи дигар, реформаи динӣ дар Аврупои қарни XVI мелодӣ бо ҳадафи ислоҳи калисо, ба қудрати мутлақаи калисо поён дод, ки дар натиҷаи талошҳо дар асри равшангарӣ, ба ҷудоии вазифаи дин аз давлат дар арсаи сиёсӣ анҷом ёфт.

Аммо дар ҷаҳони ислом бо таассуф аз қарни XIII мелодӣ то кунун донишмандону равшанфикрон интизори реформаи динӣ ва эҳёи муҷаддади фалсафаро мекашанд.

## Сарчашмаҳо

[1] Grand Canyon як дарраи бисёр жарфу паҳн аст, ки миёни он рудхонаи Колорадо қарор дорад. Тӯли он ҳудуди 435 км ва арзи он аз 6 то 29 км мебошад. Ин дара имрӯз дар шумори ҷозибаҳои бузурги гардишгарӣ дар ИМА аст ва дар рӯйхати мероси ҷаҳонии UNESCO қарор дорад. (ниг.: https://en.wikipedia.org/wiki/Grand_Canyon)

[2] https://nos.nl/artikel/2568341-regering-vs-voert-aanval-op-harvard-op-geen-buitenlandse-studenten-meer.

[3] Georg Harig und Jutta Kollesch, “Naturforschung und Naturphilosophi in der Antike”, Berlin, blz 91, uit Geschichte der Biologie, Ed. Ilse John, Berlin 2000, Spektrum Akademischer Verlag GmbH Heiderberg, Berlin.

[4] Рассел Б. "Таърихи фалсафаи Ғарб", чопи 23, Утрихт, Голандия, 2006, саҳ. 455.

[5] Лоуренс тен Катэ, "Доират-ул-маорифи фалсафа", Бум, Амстердам 2007, саҳ. 35.

[6] Дар мавриди Сино руҷуъ шавад ба: "Саргузашти Ибни Сино" ба қалами худи ӯ ва шогирдаш Абуубайди Ҷузҷонӣ бо тарҷумаи форсии Сайиди Нафисӣ, Теҳрон, Анҷумани дӯстдорони китоб. Дар мавриди Арасту руҷуъ шавад ба: "Таърихи фалсафа", навиштаи Сториг Ҳ. Г. чопи 23, соли 2021, Спектрум, Амстердам, саҳ. 185.

[7] Алгра Кемпа, "Зиндагӣ ва фаъолияти Арасту", Донишгоҳи Боз, чопи сеюм, 1998, Гаага, саҳ. 98.

[8] Ибни Сино, "Ал-қонун", 1294 қамарӣ, саҳ. 224-225 (руҷуъ шавад ба Ҷашнвораи Ҳикмати Синавӣ, Теҳрон, 1388 шамсӣ, саҳ. 174)

[9] Руҷуъ шавад ба "Ал-қонун", китоби 4, Дар бораи амроз, ки ҳамаи баданро зиён мерасонанд.

[10] Сториг Ҳ. Г. "Таърихи фалсафа", чопи 23, соли 2021, Спектрум, Амстердам, саҳ. 198.

[11] Павлина Вистемон (Pauline Westerman), "Ақида ва хирад", Донишгоҳи Боз, соли 1988, чопи сеюм, саҳ. 245.

[12] Ибни Сино, "Фанни самои табиӣ", 1316 хуршедӣ, тарҷумаи Муҳаммадалии Фуруғӣ, Теҳрон, саҳ. 298-230.

[13] Remke Kruk . (Ремке Крук), Ақида ва илм дар ислом. 2006 саҳ. 43-51.

[14] Danny Praet, Jan Nelis, Islam & Christendom, VUB PRESS, Brussell, 2018, p.188.

[15] Plotinus, Ennaed V1 en Ennaed III 8, Translated by Armstrong A, H, Harvard University Press.

[16] Ибни Сино, "Ал нафс мин китоб-ул-Шифо", "Шарҳ-ул-ишорот вал танбеҳот", 1375 шамсӣ, ҷилди 2, Тус, Эрон, саҳ. 290-291.

[17] Рассел Б. "Таърихи фалсафаи Ғарб", чопи 23, Утрихт, Голандия, 2006, саҳ. 314.

[18] Wittgenstein L., Tractatus, Logisch-filosofische Verhandeling, Voorwoord, Boom, Amsterdam, 2022, p. 35.

**Меҳр СОБИРИЁН**
*ходими пешбари илмии*
*Шуъбаи таҳқиқоти стратегии*
*назди Раёсати АМИТ*

# НИҲОДҲОИ ИЛМӢ ВА ТИМИ ПАЖУҲИШӢ: ТАҲЛИЛУ АРЗЁБӢ ВА АРЗИШГУЗОРӢ

## Пешгуфтор

Илм бо натиҷаҳои воқеии он дар шакли навовариҳои технологӣ, мудирият, зеҳниятсозӣ, тарбия, табобат ва ғайра дар ҷаҳони муосир мақоми хеле баландеро соҳиб гаштааст. Дар дусад соли охир тобоварии кишварҳо дар рақобатҳову ҷангҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ ба дараҷаи рушди илму технология ва қобилияти навоварӣ дар онҳо сахт вобаста шудааст. Ҳеҷ кишваре наметавонад бе ба роҳ мондани ниҳодҳову лабораторияҳои илмии воқеиву рақобатпазир, мудирияти дурусти онҳо ва сохтани шароити мусоиди кору фаъолияти илмӣ-пажуҳишӣ барои афроди боҳуштарину соҳибистеъдод, дар илму технологияи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи арзандаи хешро пайдо намояд. Бе дарёфти мавқеи арзанда дар ин майдони илму технологияҳо ҳеҷ як соҳаи дигар дар як давлат наметавонад дар сатҳи ҷаҳонӣ рақобатпазир бошад. Фарҳанг, иқтисод, сиёсат ва қудрати ҳарбии ҳар давлат, бешак ба рушду пешрафти ниҳодҳои илмии он вобаста мебошад. Худи ниҳодҳову лабораторияҳои илмӣ дар навбати худ ба мутахассисони соҳибкасбу боҳуш ниёз доранд, ки ҷалбу нигаҳдории чунин афроди соҳибтахассус ва ҳамзамон гаронарзиш масъалаи ҷиддие барои давлат ва мудирони ниҳодҳои илмӣ-пажуҳишӣ ба шумор меравад.

Арзишгузории дуруст ва мантиқии фаъолияти ниҳодҳову лабораторияҳои илмӣ ва пажуҳишгарони алоҳида шарти аз ҳама асосӣ дар роҳи сохтани фазои мусоид барои рушди илмӣ-технологии як ҷомеа мебошад. Роҳандозӣ намудани як низоми дурусти арзишгузории чунин ниҳодҳо ва муайян кардани ҷойгоҳи воқеии ҳар ниҳод дар он, ба давлат имконият медиҳад, ки маблағҳои буҷавиро бештар ба ниҳодҳову тимҳои пажуҳишии шоиста равона сохта, рақобати солимро миёни онҳо таъмин намояд. Танҳо рақобати солим аст, ки ба мудирон ва кормандони ниҳодҳои илмӣ-пажуҳишӣ ангезаи омӯзишу кор дода, самаранокии кори онҳоро боло мебарад.

Барои як ҷомеае, ки аҳамияти рушди илму технологияи миллиро дуруст дарк намудааст ва мехоҳад, ки ин абзорро дошта бошаду дар сатҳи ҷаҳонӣ бо истифода аз он ҷойгоҳи болотареро соҳиб шавад, ташкил намудан ва тақвияти пайвастаи як низоми солими арзишгузории фаъолияти илмӣ ҳатмӣ мебошад. Бе ҷорӣ кардани меъёрҳои муайяну дақиқ ва истифодаи ҳатмии онҳо, чизеро ба даст наметавон овард. Дар воқеъ "меъёрҳо қудрати воқеӣ доранд: онҳо созандаи арзишҳо, ҳувиятҳо ва воситаи ҳаёт ҳастанд"(2). Инро метавон ба таври содда ба аҳамияти тарозу дар бозор муқоиса кард. Бе мавҷудияти тарозу ва дигар стандартҳои дақиқи вазну ҳаҷму дарозӣ дар як бозор харҷу марҷ ба миён омада, нофаҳмию мунокишаҳои зиёде пайдо мегарданд ва арзишгузории дурусти молу маҳсулот тақрибан номумкин мешавад. Дар соҳаи илму навоварӣ ва фаъолияти ниҳодҳои илмиву пажуҳишгарони алоҳида низ доштани як низоми солими арзишгузории асарҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ, натиҷаҳои озмоишҳои лабораторӣ, патентҳо, монографияҳо, тақризҳо ва ғайра ҳатмӣ аст. Албатта, набудани чунин як низоми солим дар соҳаи илму навовариҳо нисбат ба тарозу дар бозор зоҳиран камтар эҳсос мегардад, вале дар воқеъ, зарару зиёни

он камтар нест. Чунки дар ҳолати ҷиддӣ нагирифтани он афроди корчалону бевиҷдон ба ин соҳа ворид гардида, ахлоқи илмиро риоя намекунанд ва манбаъҳои маҳдуди ҷудошуда ба илму навовариро ба манфиати шахсии худ истифода мебаранд. Илова бар ин, онҳо ба афроди донишманду ҳалолкор монеаҳо эҷод намуда, фаъолияти онҳоро низ маҳдуд мекунанд, чунки дар вуҷуди онҳо барои манфиатҳои шахсии хеш хатар мебинанд. Ба қавли Ҷеймс Вилсдон, "аксар вақт меъёрҳои арзишгузорӣ, ки дуруст тарроҳӣ нашудаанд, зеҳнҳоро тасхир намуда, рафторҳоро вайрон месозанд ва вазифаҳоро нодуруст таъйин мекунанд" (2). Дар натиҷа як давлат, бо вуҷуди аз дороиҳои миллат хароҷоти зиёд намудан, дар илму навоварии ҷаҳон ҳеч ҷойгоҳи муносибе пайдо карда наметавонад. Оморбозии зиёд ва таблиғоти беасосу даъвои пешравиҳои бебунёд дар ин соҳа, танҳо ва танҳо худфиребӣ мешавад. Дар робита ба ин, таъкиди чанд нуктаи асосӣ қобили баҳсу мунозира аст.

**<u>Аҳамият</u>**. Рушди устувори ниҳодҳои илмӣ ба механизмҳои самараноки арзишгузории фаъолияти онҳо бастагӣ дорад. Методу усулҳои мавҷудаи баҳогузории натиҷаҳои илмии ниҳодҳо ва ё пажуҳишгарони алоҳида норасоиҳои муайянеро доранд, киислоҳи онҳо ва ё ҷорӣ намудани усулҳои нав дар ин ҷода яке аз мавзуъҳои пурбаҳс дар сатҳи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Сохтани низоми мукаммали арзишгузории фаъолияти илмӣ-пажуҳишӣ ба яке аз масъалаҳои асосӣ мубаддал гаштааст. Ин низом ҳамчун абзори калидӣ барои тасмимгириҳо ҳангоми тақсимоти манбаъҳои буҷавӣ миёни ниҳодҳои гуногун хизмат мекунад (1). Вале, мутаассифона, дар Тоҷикистон ба ин масъала хеле кам таваҷҷуҳ мешавад, ки яке аз норасоиҳои асосӣ дар илму навовариҳои дохилӣ мебошад. Зоҳиран корҳое дар ин ҷода ба иҷро мерасанд, ки басанда нестанд ва ҳанӯз ҳам илми тоҷик як низоми солими

арзишгузории фаъолияти ниҳодҳои илмӣ ва пажуҳишгарони алоҳидаро надорад. Ин аст, ки маҳсули таҳқиқот дар кишвари мо аксаран сифати паст доранд ва мақолаҳои ба истилоҳ "илмии тақризшаванда" аз матолиби илмӣ-оммавӣ фарқи зиёде намекунанд. Вақти он аст, ки ин мушкил ба масъалаи асосӣ табдил ёбад ва дар доираи ахлоқи илмӣ, ки ҳеҷ як хотирбинӣ, ҷӯрабозӣ, хешутаборбозӣ ва шахспарастиро қабул надорад, як низоми солими арзишгузории фаъолиятҳои илмӣ таҳияву ҷорӣ гардад. Танҳо баъд аз он, раванди таҳқиқоти илмӣ дар кишвари мо ба пайроҳаи дурусти рушду пешрафт ворид гашта, натиҷаи солим дода метавонад. Яъне масъалаи мазкур дар замони муосир аҳамияти аввалиндараҷа дошта, фавран ҳал кардани он шарт ва зарур мебошад.

**Ҳадафгузорӣ**. Ҳадафгузории илмӣ яке аз қадамҳои асосӣ дар ҳалли мушкилот мебошад. Давлатҳо, ширкатҳо ва шахсони алоҳида барои ҳалли мушкилу масъалаҳои мавҷуда ҳадафгузорӣ мекунанд ва тибқи он амал намуда, онҳоро бартараф менамоянд. Ниҳодҳои илмӣ-пажуҳишии давлатӣ низ бо ҳадафи ҳалли мушкилоти ҷомеа роҳандозӣ шудаанд ва вазифадор ҳастанд, ки дар ростои ҳалли ин мушкилот фаъолияти худро ба роҳ монанд. Маълум аст, ки манбаъҳои зеҳниву молии ҳар як кишвар маҳдуд ҳастанд ва онҳо маҷбуранд ба ҳалли масъалаҳои муайян бартарӣ дода, аввалан роҳҳалли илмии онҳоро ҷустуҷӯ намоянд. Ин ҷо ҳадафи асосӣ ба қисмҳо ҷудо мешавад ва шеваи мудирияти онҳо муваффақияту самаранокии илмҳоро муайян хоҳад кард. Яъне муайян кардани масъалаҳои бартаридоштаву аввалиндараҷа ва сафарбар намудани манбаъҳои маҳдуди мавҷуда барои ҳалли онҳо зарур буда, появу асоси роҳандозии ниҳодҳои илмӣ-пажуҳишии коршоям мебошад.

Омилҳои зиёди амниятиву иқтисодӣ аз дохилу хориҷ вуҷуд доранд, ки ба ҳадафгузории давлат дар соҳаи илму таҳқиқот

таъсир мерасонанд. Хатарҳо маҷбур мекунанд, ки роҳҳалҳои илмии бартараф кардани онҳо пайдо гардад ва рақобатҳои иқтисодӣ водор месозанд, ки масъалаҳои иқтисодӣ дар ниҳодҳои илмӣ-пажуҳишӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, навовариҳо ба даст оварда шаванд. Шароити ҷуғрофӣ ва захираҳои табиӣ дар муайян намудани соҳаҳои бартаридошта нақши калидӣ дошта метавонанд. Ҳамчунин, фарҳангу арзишҳои як миллат метавонад бартариятҳову авлавиятҳои онро муайян созад.

Дар ростои ниҳодҳои илмиву пажуҳишгарон агар мушкилоти ҷомеа дуруст шинохта нашаванд ва агар иродаи сиёсии ҳалли онҳо вуҷуд надошта бошанд, ҳадафгузорӣ хеле мушкил мешавад. Ва ё ҳадафҳои нодуруст пайгирӣ карда мешаванд. Масалан, барои як кишвари хурд кӯшиши ворид шудан ба рақобатҳо дар соҳаи кайҳонавардӣ ва ё даст ёфтан ба технологияҳои атомӣ, кори нодурусте маҳсуб меёбад. Чунки ин соҳаҳо аз ҳад зиёд зеҳнталабу маблағталаб мебошанд ва гузашта аз ин, кишварҳои бузург аллакай дар ин бозор ҷойгоҳи худро дошта, дигаронро бо ҳар роҳ маҳдуд мекунанд. Шояд кишвари хурди довталаб дар ин соҳа чанд мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашр расонад, вале ин заҳмату хароҷоти манбаъҳои маҳдуд ягон мушкили ҷомеаи онро ҳал карда наметавонад. Билохира танҳо зиёд кардани мақолаҳои илмӣ дар маҷаллоти тақризшаванда ҳаргиз наметавонад ҳадафи дурусте барои як кишвари рӯ ба рушд бошад. Ҳадафи асосии илм дар ҳама кишварҳо ин даст ёфтан ба донишу технологияҳои навтарин ва қавӣ намудани иқтидори иқтисодиву сиёсии давлати хеш ва беҳтар намудани зиндагии аҳолӣ мебошад.

Ҳадафҳои илмии як кишвар вобаста ба шароит метавонанд иваз шаванд. Чуноне ки аз таҷрибаи кишварҳои аз ҷиҳати илму технология пешрафта, ба монанди Исроилу Тайван

мебинем. Ин кишварҳо дар замони аввали ба истиқлол расидани хеш танишҳои дохилии зиёде доштанд ва ҳадафи илмии онҳо пайгирии фанҳои гуманитарӣ ва бо ин роҳ таъмини ваҳдати милливу баланд бардоштани ҳувияти миллӣ буд. Ҳарду кишвар дар муддати тақрибан 15-20 сол ин мушкилро бартараф карда, ҳадафҳои худро тағйир доданд. Пас аз он, пайгирии илмҳои дақиқ ва аз худ кардани технологияҳои навтарин ҳамчун ҳадафи аслии онҳо маҳсуб мееёфт. Ҳеҷ гоҳ зиёд намудани мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ҳамчун ҳадафи миллии илмии онҳо ба ҳисоб намерафт (3, саҳ. 143-148).

Барои Тоҷикистон низ дуруст муайян намудани вазъияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ва дар заминаи он гузоштани ҳадафҳои маҳдуд ва мушаххаси илмӣ-пажуҳишӣ шарт ва зарур аст. Масъалаҳои ҷории аввалиндараҷа ва бартариятдоштаро интихоб намуда, ҳадафҳои иҷрошаванда гузошта, захираҳои зеҳниву модии маҳдудро дар навбати аввал барои иҷрои онҳо сафарбар бояд кард. Сатҳӣ омӯхтани ҳама соҳаҳо, бе назардошти маҳдудиятҳои зеҳниву молӣ ва бартарияти нисбии кишвар дар соҳаҳои муайян, натиҷаи дилхоҳ ба бор оварда наметавонад. Ҳадафгузории маҳдуд, илмасос ва иҷрошаванда заминаи муваффақияту комёбиҳо дар соҳаи илму пажуҳиш дар ҳар кишвар, аз ҷумла Тоҷикистони мо мебошад. Аз ин рӯ, соҳаҳои интихобшуда бояд ба ҳалли мушкилоти давлату мардуми Тоҷикистон равона шуда бошанд ва ҳар нишондиҳандаи дигаре, ба монанди шумораи мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, аҳамияти дуюмдараҷа дошта бошанд.

**Арзишгузорӣ**. Пас аз муайян намудани ҳадафҳои илмӣ масъалаи мудирияту арзишгузории фаъолияти ниҳодҳои илмӣ, пажуҳишгарон ва маҷаллаҳои илмӣ ба миён меояд. Ҳар як фаъолият бояд назорату арзёбии доимӣ шавад. Фаъолияти

илмӣ-пажуҳишӣ низ аз ин қоида берун буда наметавонад ва бояд бо истифода аз усулҳои муайян ҳамеша назорату арзишгузорӣ гардад ва дар асоси он беҳтаринҳо ҳавасманд гардида, кори онҳо маблағгузории бештар шавад. Раванди чунин арзишгузориҳо бояд шаффоф бошад ва рақобати солим барои ба даст овардани маблағҳои маҳдуд миёни ниҳодҳои илмӣ таъмин карда шавад.

Арзишгузории фаъолияти илмӣ-пажуҳишӣ ва баҳогузории як мақола ё кори илмӣ амали мураккабу печида буда, як қоидаи мушаххасу ягонае, ки мақбули ҳамагон бошад, надорад. Бо вуҷуди ин, метавон як бастаи муайянеро барои арзёбии онҳо интихоб кард, ки бо шароити ватанӣ ва ҳадафҳои миллӣ мувофиқат кунад. Дар ин ҷо фаъолияти ниҳодҳои илмӣ, пажуҳишгарон ва таъсиргузории маҷаллаҳои илмӣ дар алоҳидагӣ арзишгузорӣ карда мешавад. Маблағгузориву дастгириҳои давлатӣ бештар ба он муассисаҳо, пажуҳишгарон ва маҷаллаҳои илмие равона карда мешавад, ки кори самараноку босифатро дар муддати муайян иҷро мекунанд. Агар арзишгузорӣ нодурусту пешдоварона бошад, маблағҳои ҷудошуда ба эҳтимоли зиёд сарфи беҳуда мешаванд ва мушкилоти мардум аз роҳи илм ҳал намгардад, ки ин решаҳои хурофотро тақвият дода, чархаи рушду пешрафтро аз ҳаракат бозмедорад.

Ба ин тартиб, усулҳои зиёди арзишгузории фаъолияти илмӣ-пажуҳишӣ вуҷуд доранд, ки онҳоро метавон тақрибан ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд:

1. Арзишгузории сифатӣ: тақризҳои анонимии муқарризони соҳавӣ, пурсишномаҳо.

2. Арзишгузории миқдорӣ: шумораи мақолаву китобҳо, шумораи иқтибосҳо, индекси Хирш, импакт фактори журналҳо.

Интихоби усулҳои муайян барои арзишгузории фаъолияти илмӣ-пажуҳишӣ ба ҳадафҳои асосии давлат ва соҳаҳои марбутаи таҳқиқоти арзёбишаванда бастагӣ дорад. Илова бар ин, низоми арзишгузории интихобшуда набояд аз ҳад зиёд мураккаб бошад, ки амалӣ сохтани он номумкин гардад.

Солҳои охир дар кишвари мо ба арзишгузориҳои миқдорӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардида, ба арзишгузориҳои сифатӣ аҳамияти кам дода мешавад. Ҳол он ки дар сатҳи ҷаҳонӣ арзишгузориҳои сифатӣ мавқеи калидиро ишғол намуда, сифату эътимоднокии арзишгузориҳои миқдорӣ мавриди танқиду нобовариҳо қарор гирифтааст. Масалан, ҳанӯз соли 2012 гурӯҳи олимони соҳаи биология дар шаҳри Сан Франсискои ИМА дар ҳамоиши солонаи Анҷумани биологияи ҳуҷайравии Амрико (American Society for Cell Biology), масъалаи нокофӣ будани усулҳои арзишгузории миқдорӣ дар ростои арзёбии фаъолияти ниҳодҳои илмиву олимонро мавриди муҳокима қарор дода, Эъломияи арзишгузории таҳқиқот (San Francisco Declaration on Research Assessment)-ро қабул карда буданд. Дар эъломияи мазкур онҳо истифодаи арзишгузориҳои миқдорӣ, ба монанди импакт фактори журналҳоро барои арзёбии сифати лоиҳаҳову мақолаҳои илмӣ ва дар асоси онҳо маблағгузории ниҳодҳои илмиву олимонро нодуруст шуморида, аз олимону ниҳодҳои вобаста ба илм талаб мекунанд, ки аз ин таҷриба даст кашанд ва бештар ба арзишгузориҳои сифатӣ, махсусан тақризҳои анонимии муқарризони соҳавӣ такя кунанд. Мегӯянд, ки импакт-фактори маҷалла дар ибтидо ба унвони абзоре барои китобдорони китобхонаҳо дар дарёфти маҷаллаҳои илмӣ барои харид истифода мешуд, на ба унвони меъёре барои санҷиши сатҳу сифати мақолаҳои илмӣ. Бо таваҷҷуҳ ба ин нукта, дарк кардан зарур аст, ки импакт-фактори маҷаллаҳо, ба унвони абзори арзишгузории таҳқиқот, камбудиҳои

ҳуҷҷатшудаи зиёде дорад. Дар санаи 27 майи соли 2025 шумораи шахсони воқеии зери ин эъломия имзогузошта ба 22754 нафар ва шумораи ниҳодҳову ташкилотҳои имзогузошта ба 3442 адад расид, ки аксари онҳо олимону ниҳодҳои илмии дар сатҳи ҷаҳонӣ эътирофшуда мебошанд (4). Яъне дар сатҳи ҷаҳонӣ 26194 олиму ниҳодҳову ташкилотҳо такя кардан ба арзишгузориҳои миқдориро нодуруст ҳисобида, аз ҷомеаи илмии ҷаҳонӣ талаб доранд, то аз истифодаи он ҳамчун усули асосӣ даст кашанд. Нишондиҳандаҳои усули арзёбии миқдориро дар арзишгузориҳои сифатӣ танҳо метавон ҳамчун нишондиҳандаҳои кумакрасон истифода кард.

Мутаассифона, бо вуҷуди мавҷудияти чунин ҷараёни зидди арзишгузориҳои миқдорӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам ба онҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардида, ҳамчун нишондиҳандаи асосӣ дар арзёбии фаъолияти олимон аз онҳо истифода мешавад. Ин ба маъноест, ки олимону мудир-омилони илми тоҷик аз ҷараёнҳои илмии ҷаҳонӣ ба таври бояду шояд огоҳӣ надоранд. Илова бар ин, платформаҳо ва хазинаи додаҳое, ки чунин маълумотро таъмин мекунанд, ҳамагӣ хориҷӣ буда, аксари олимону муҳаққиқони эътирофшудаи тоҷик дар онҳо иштирок намекунанд ва дар кишвари мо чунин шабакае то ҳанӯз роҳандозӣ нашудааст. Дар натиҷа, як қисми ками эҷодкорони камшинохта бо роҳу усулҳои гуногун дар платформаҳои хориҷӣ (аксаран РИНЦ) чанд иқтибос гирифта, фахрфурӯшӣ менамоянд, вале олимони қавиву шинохташудаи тоҷик, ки даҳҳову садҳо мақолаву асарҳои илмӣ навишта, солҳост мушкилу масъалаҳои давлативу миллиро пайгирӣ мекунанд, гӯё эътиборе надоранд. Ин раванди носолим агар идома ёфтан гирад, илми тоҷик вазифаи асосии худ, яъне ҳалли мушкилоти ҷомеа бо роҳу усулҳои илмиро канор гузошта, дунболи

иқтибосҳо дар платформаҳои хориҷӣ мегардад, ки ин наметавонад ба манфиати давлату миллати тоҷик бошад.

Арзишгузории сифатӣ усули деринаи арзёбии натиҷаи таҳқиқотҳои илмӣ мебошад. Бо вуҷуди доштани камбудиҳои зиёд ин усул ҳанӯз ҳам асоси мудирияту арзишгузорӣ дар илми ҷаҳонӣ мебошад ва тақризҳои анонимии муқарризони соҳавӣ асоситарин нишондиҳандаи он ба ҳисоб меравад. Чуноне ки Ҷеймс Вилсдон ва дигарон дар ҳисоботи худ қайд мекунанд, "новобаста аз каму костиҳои худ тақризҳои муқарризони соҳавӣ то ҳол дар ҳама соҳаҳои илм ҳамчун нишондиҳандаи асосӣ истифода мегардад. Ченакҳои миқдорӣ бояд тақвиятдиҳандаи ташхисҳои коршиносони соҳавӣ бошанд, на ҷойгузини онҳо. Тақризҳои коршиносони соҳавӣ комил нестанд, вале ин беҳтарин шакли арзишгузории дастрас дар соҳаи илм аст, ки мо имрӯз дорем ва бояд ҳамчун абзори асосии арзишгузории мақолаҳои илмӣ, фаъолияти ниҳодҳо ва олимони алоҳида боқӣ монад" (2).

Тақризҳои коршиносони соҳавӣ бо вуҷуди беҳтарин усули дастрас будан барои арзишгузории фаъолиятҳои илмӣ, аз камбудиҳо орӣ нестанд. Онҳо, пеш аз ҳама, гаронарзиш мебошанд ва барои ҳар як маҷаллаи илмӣ ва ё ниҳодҳои вобаста ба арзишгузории лоиҳаҳои илмӣ мутахассисони соҳибтаҷрибаро киро кардан лозим меояд, ки ин сарфи маблағҳои зиёдеро талаб мекунад. Баъдан, коршиносон метавонанд пешдоварӣ ва бадтар аз он, фасодкорӣ намуда, арзишгузориҳои ғалат кунанд, ки он дар натиҷа ба таври занҷирай ба чандин соҳа дар ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Илова бар он, раванди ташхиси коршиносон анонимӣ дар бисёр ҳолат ношаффоф буда, метавонад ба манфиати гурӯҳҳои таъсиргузору манфиатдор дасткорӣ гардад. Ҳамчунин, бо ин усул наметавон маълумот оид ба фаъолияти донишмандону пажуҳишгаронеро дарёфт кард, ки берун аз

маҷаллаҳои тақризшаванда натиҷаи таҳқиқоти худро мунташир менамоянд ва ин норасоии маълумот имкон намедиҳад, ки "ҳамаи маҳсули илмӣ-эҷодӣ дар ҷомеа баҳогузорӣ шуда, радабандиҳои дурусту фарогир таҳия карда шаванд" (2).

Бо назардошти бартариву камбудиҳои арзишгузориҳои сифатӣ, коршиносон пешниҳод мекунанд, ки тақризҳои коршиносони соҳавӣ ҳамчунон асоси арзишгузориҳои фаъолияти илмӣ-пажуҳишӣ бояд боқӣ монда, аз арзишгузориҳои миқдорӣ ҳамчун абзори кумакрасон истифода шавад. Аммо платформаҳои хориҷии ҷамъкунанда ва таъминкунандаи додаҳои оморӣ барои арзишгузориҳои миқдорӣ, наметавонад ба таври бояду шояд талаботи як кишварро қонеъ созад. Чунки фарқиятҳои забониву фарҳангӣ, сатҳи илму дониш ва дараҷаи истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ дар кишварҳои гуногун аз ҳам фарқ мекунанд ва қисми зиёди мақолаҳову асарҳои илмӣ дар чунин платформаҳои хориҷӣ ҷойгир карда намешаванд. Илова бар ин, вақте олимону ниҳодҳои илмии як кишвар вазифаи асосии хешро иҷро карда, баҳри ҳалли мушкилу масъалаҳои ҷории ҷомеаи хеш фаъолияти илмӣ-пажуҳишӣ мебаранд, дар платформаҳои хориҷӣ натиҷаи чунин таҳқиқот хонанда ва иқтибосҳои зиёд пайдо карда наметавонанд. Пас, барои боло бурдани нишондодҳои худ олимони корчалону каммасъулият аз вазифаҳои асосии худ дур шуда, мавзуъҳои ҳангомасози байналмилалиро мавриди омӯзиш қарор дода, мақоланависӣ менамоянд, ки ин ба манфиати давлату миллат буда наметавонад. Ин аз ҳисоби худ хишт рехтану ба бинои илми дигарон гузоштанро мемонад. Ҳатто коршиносони рус, ки мо мехоҳем дар платформаҳои илмсанҷии онҳо (РИНЦ) ҳузури бештар пайдо кунем, аз вобаста набудан ба платформаҳои ҷаҳонӣ (WoS, Scopus) изҳори нигаронӣ намуда, мегӯянд, ки "аз

ин пас бояд як системаи илмсанҷии мустақил сохта шавад, ки аз вобастагии иттилоотӣ ба таъминкунандагони хориҷии додаҳо моро раҳо кунад" (5). Яъне худи русҳо кӯшиш доранд дар ҷамъоварӣ ва коркарди додаҳои илмӣ-пажуҳишӣ мустақилият дошта бошанд, вале мо, мутаассифона, баръакси онро мекунем.

**Мудирият**

**Ниҳодҳо**. Дар ташкили таҳқиқотҳои миллӣ ниҳодҳои илмӣ мавқеи меҳвариро иҷро мекунанд (1). Мудирияти ниҳодҳои илмӣ ва раҳнамоӣ намудани онҳо ба пажуҳишҳо дар масоили мубрами ҷомеа, ҷиҳати дарёфти роҳҳалҳои илмӣ барои мушкилоти мавҷуда, вазифаи асосии давлат мебошад. Давлат фармоишгар, сармоягузор ва истифодабарандаи асосии натиҷаи кори аксар ниҳодҳои илмӣ аст. Мудирияти дуруст дар ин соҳа корҳои пажуҳишии олимону донишмандонро бо мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҷомеа ҳамоҳанг намуда, мушкилиҳоро бо роҳи илмӣ бартараф менамояд. Ин ҷо арзишгузории дурусти ниҳодҳои илмӣ зарурати хеле зиёд дорад. Мавҷудияти як низоми арзишгузорӣ бо меъёрҳои илмиву шаффоф дар чунин шароит ҷойгоҳи ҳар ниҳоди илмиро дар кишвар муайян намуда, ба давлат имконият медиҳад, ки захираҳои маҳдуди барои илму навоварӣ ҷудошударо бештар ба ниҳодҳои дорои иқтидори илмии баландтар сафарбар намуда, самаранокиро дар ин соҳа боло барад. Илова бар ин, чунин низом дар илм рақобати солимро ба миён оварда, мақоми олимони воқеиро бамаротиб боло мебарад. Чунки раҳбарон ниҳодҳои илмӣ барои боло бурдани мақоми худ дар радабандиҳои давлатӣ маҷбур мешаванд, ки шароити кору эҷодро барои ходимони илмӣ пайваста беҳтар намуда, аз онҳо натиҷаи бештар талаб намоянд. Раҳбарони нолоиқу манфиатталаб дигар дар чунин шароити пуррақобат маблағҳои буҷавиро ба даст оварда

наметавонанд ва курсиро ба афроди шоистатар вогузор менамоянд. Ҳамин тариқ, як низоми дурусти арзишгузории ниҳодҳои илмӣ дар ҷаҳони муосири илммеҳвар яке аз абзорҳои муҳимтарини соҳаи илму навоварӣ буда, бе ҷорӣ намудани он ҳеҷ давлате наметавонад ба дастовардҳои баланди илмӣ даст ёбад.

***Лоиҳаҳо***. Ҳадафҳои умумии як ниҳоди илмӣ тариқи лоиҳаҳои муайян пайгирӣ мешаванд. Лоиҳаҳои илмӣ масъалаҳои маҳдуду мушаххасро мавриди омӯзиш қарор дода, муддати муайяни иҷро доранд. Дар аксари кишварҳои ҷаҳон фаъолияти илмӣ маҳз тавассути лоиҳаҳои илмӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. Мудирияти дурусти онҳо самаранокии кори пажуҳишгаронро боло бурда, расидан ба ҳадафҳоро осон мегардонад. Ҳамин тариқ, "мудирияти лоиҳа ин низоми банақшагирӣ, ташкил, назорат ва идораи дурусти манбаъҳо бахри сари вақт иҷро намудани ҳадафу вазифаҳои муайяни илмӣ мебошад" (6). Арзишгузории лоиҳаҳои илмӣ пеш аз маблағгузорӣ, дар давраи иҷроиш ва пас аз анҷомёбӣ сурат мегирад. Мавҷудияти як низоми арзишгузории дурусти лоиҳаҳо ба давлат имкон медиҳад, ки пеш аз ҷудо намудани маблағҳои зиёд ба як лоиҳа, муҳтаво, раҳбарон ва иҷрокунандагони онро аз санҷиши пурра гузаронида, шароиту имконоти муассисаи илмии пешниҳодкунандаро муайян намояд. Агар лоиҳа ба талаботҳо ҷавобгӯ бошад ва муассисаву иҷрокунандагони он эътибори илмии кофӣ дошта бошанд, маблағгузорӣ мегардад. Дар акси ҳол рад мешавад ва маблағҳои маҳдуд ба дигар ниҳод равона карда мешаванд. Дар ҳолати гузаштани лоиҳа давраҳои ҳисоботӣ муайян мегарданд ва ниҳодҳои махсуси давлатӣ метавонанд раванди иҷроиши онро назорат намоянд. Дар ҳолати бемасъулиятӣ ва ё бесифат иҷро шудани кор пеш аз муҳлат маблағгузорӣ бояд қатъ гардад ва лоиҳа ба дигар гурӯҳи пажуҳишгарон дода шавад.

Дар чунин шароит иҷрокунандагон ангезаи кори босифат карданро пайдо намуда, масъулияти бештар ҳис мекунанд. Пас аз ба анҷом расидан низ лоиҳа мавриди арзёбии амиқ қарор гирифта, натиҷаҳои он дар амал татбиқ мегарданд. Дар ҳолати мутобиқат накардани натиҷаҳои лоиҳа бо мушкилоти мавриди ҳадаф қарордошта дар он эътибори раҳбарони лоиҳа кам ва барои онҳо гузаронидани лоиҳаи нав мушкил мегардад.

**Пажуҳишгарон**. Пажуҳишгарон иҷрокунандагони бевоситаи лоиҳаҳо дар ниҳодҳои илмӣ мебошанд. Дар як даврai муайян онҳо ба омӯзиши масъалаву мушкилоте мепардозанд, ки дар лоиҳаҳои ҷории ниҳодҳои илмӣ омадаанд ва аҳамияту мубрамии онҳо тасдиқ шудааст. Арзишгузории дурусти натиҷаҳои фаъолияти илмии онҳо аҳамияти хеле зиёд дорад. Чунин арзишгузорӣ имкон медиҳад, ки афроди болаёқат, ҳалолкор ва меҳнатдӯст муайян ва ба лоиҳаҳо бештар ҷалб карда шаванд. Ин кафолати иҷроиши саривақтӣ ва босифати лоиҳаҳо буда, эътибори ниҳодҳои илмиро боло мебарад ва маблағгузории давлативу ғайридавлатиро ба он бештар менамояд. Дар ҳолати дуруст арзишгузорӣ нашудан афроди шоиста қадрдонии кофӣ намешаванд ва ангезаву хоҳиши корро аз даст медиҳанд. Дар натиҷа, лоиҳаҳо дуруст иҷро намешаванд, эътибори ниҳодҳои илмӣ коҳиш меёбад ва бадтар аз ҳама, мушкилоти ҷомеа ва давлат аз тариқи илм ҳалли худро ёфта наметавонад.

Ҳамин тариқ, арзишгузории дурусти ниҳодҳо, лоиҳаҳои илмӣ ва пажуҳишгарон ба мудирияти дуруст ва маблағгузории самараноки соҳаи илм оварда мерасонад. Давлат мушкилоти ҷомеаро мушаххас намуда, аз рӯи сатҳи аҳамиятнокӣ ба тартибу низом медарорад. Ниҳодҳои илмӣ тариқи пешниҳоди лоиҳаҳо барои пайдо намудани роҳҳали илмии онҳо дархости маблағгузорӣ намуда, гурӯҳи пажуҳишгаронро ҳамчун иҷрокунанда ҷалб месозанд. Агар

арзишгузории дуруст сурат бигирад, давлат ниҳодҳои беҳтаринро интихоб намуда, лоиҳаҳои пешниҳодшуда аз ҷониби гурӯҳи соҳибэътибори олимонро тасдиқ ва маблағгузорӣ мекунад. Арзишгузории дуруст ин механизмро ба кор даровarda, натиҷаҳо дилхоҳро дар соҳаи илм дода метавонад.

**Ҷавобгарӣ ва ахлоқи илмӣ**. Ҷиддӣ гирифтани ҷавобгарӣ дар баробари нақзи қавонини ахлоқи илмӣ яке аз шартҳои асосии рушди илм дар ҷомеа мебошад. Дар аксар кишварҳои аз ҷиҳати илму фановарӣ ақибмонда ин масъала аз аҳамияти хеле кам бархурдор аст. Вале кишварҳое, ки дар ин ҷода пешрафти назаррас доранд, ба масъалаи ахлоқи илмӣ ва ҷавобгарӣ дар баробари нақзи он аҳамияти зиёд медиҳанд ва фасодкорро ба ҷавобгариҳои маънавии сахт, то ба рондан аз тамоми ниҳодҳои илмӣ, мекашонанд. Ду намуна аз чунин олимонеро, ки дар радабандиҳои илмии ҷаҳонӣ мавқеи хеле баланд доштанд, вале пас аз ошкор шудани фасодкорӣ дар корҳои илмии хеш аз ҳама ҷо ронда шуданд, ин ҷо меоварем.

1. Диедерик Стапел (Diederik Stapel). Профессори Донишгоҳи Тилбурги Ҳоланд ва директори Пажуҳишгоҳи омӯзиши иқтисоди рафтории Тилбург Диедерик Стапел дар моҳи сентябри соли 2011 аз донишгоҳи мазкур ронда шуд. Ӯ дар сохтакории додаҳо бо ҳадафи арзишмандтар сохтани мақолаҳои хеш муттаҳам шуда буд. Тафтишот нишон дод, ки дар 58 мақолаи вай чунин сохтакориҳо ҷой доштаанд. Ҳарчанд ин корманди соҳаи илм донишҳои зарурии зиёде дар соҳаи худро дошт, вале нақзи қавонини ахлоқи илмӣ дар ҷомеаи Ғарб қобили қабул нест ва ӯ аз кор ронда шуда, дар ҳеч ниҳоди илмии дигаре роҳ наёфт. Ӯ ҳатто ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуд ва барои чанд муддате ба корҳои ҷамъиятӣ иҷборан ҷалб гардид. Дар авҷи фаъолияти илмии худ Диедерик Стапел 191 мақолаву дигар маводи илмӣ нашр

намуда, 9293 иқтибос гирифтааст ва индекси Хирши 50-ро соҳиб гаштааст. Вале ин ҳама нишондодҳо ба сифр баробар шуданд (7).

2. Йошиката Фуҷиӣ (Yoshitaka Fujii). Шояд бадтарин намунаи сохтакорӣ дар додаҳои илмро Йошиката Фуҷиӣ - профессори Донишгоҳи Нагояи Ҷопон карда бошад. Ӯ аз соли 1991 то соли 2011 беш аз 250 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии бонуфузи ҷопонӣ ва ҷаҳонӣ мунташир кардааст. Пас аз фош шудани сохтакориҳо дар корҳои илмӣ тақрибан 190 мақолаи ӯ аз маҷаллаҳои илмӣ бозхонда шуданд. Ӯ дар ҳар моҳ 1 ва зиёдтар аз он мақолаи илмӣ нашр мекардааст (10). Барои чунин бадахлоқии илмӣ ӯ аз Ҷамъияти анестезиологҳои Ҷопон (Japanese Society of Anesthesiology) барои ҳамеша ронда шуд. Чунин сохтакориҳои ӯ дар соҳаи тиб ҷони ҳазорҳо беморро дар хатар андохта буд. Баъди ошкор шудани сохтакориҳо дигар касе аз натиҷаҳои таҳқиқотҳои вай истифода намекунад.

Ин ду намуна аз кишварҳои пешрафта дар соҳаи илму фановарӣ мебошанд. Маълум аст, ки дар ин кишварҳо низоми солими арзишгузорӣ ва бозсанҷии корҳои илмӣ ва додаҳои ҷамъоваришуда вуҷуд дорад. Муҳимтар аз ҳама, дар сатҳи ҷаҳонӣ чунин низом то дараҷае кор мекунад, ки метавонад баъди даҳсолаҳо ҳам олимони бадахлоқро маълум намуда, ҷазо диҳад. Ин таҷрибаҳо ва садҳо таҷрибаи дигар (ниг.: bps.stanford.edu/home/instances-scientific-misconduct) далели он ҳастанд, ки барои Тоҷикистони мо низ чунин низомҳои ҷиддии илмсанҷӣ аз аҳамияти зиёд бархурдор ҳастанд. Ин низом бояд ҳар як мақолаи илмии дар маҷаллаҳои илмии дохиливу хориҷӣ нашршударо аз санҷиш гузаронад ва пеши роҳи нашри мақолаҳои зиёди камарзиш ва сохтакоронаро гирад. Вагарна нашри мақолаҳои камарзишу сохтакоришуда ба илми тоҷик на манфиат, балки зиён оварда, обирӯи илми

ватаниро дар дохилу хориҷ паст менамояд. Таҷрибаи Диедерик Стапел, Йошиката Фуҷиӣ ва садҳои дигар нишон медиҳад, ки зиёд шудани шумораи мақолаҳои нашршуда дар маҷаллаҳои илмӣ далели рушди илм нест. Ҳатто аз ҳад зиёд нашр шудани мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои бонуфуз, метавонад боиси шакку шубҳа нисбат ба сифати кори пажуҳишгар ва сабаби бозсанҷиши корҳои илмии вай аз ҷониби ниҳодҳои муайян ва олимони алоҳида гардад. Баъд аз солҳо ҳам агар камбудии ҷиддӣ, ба монанди сохтакории додаҳо, дуздии матнҳо ва ғайра ошкор гардад, бояд муаллиф ба ҷавобгарӣ кашида шавад, то наслҳои баъдӣ пеш аз вайрон намудани қонунҳои ахлоқи илмӣ ду маротиба андеша кунанд.

Дар замоне ки технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ бо суръат рушд карда истодаанд, масъалаи ошкор шудани фасодкорӣ, сохтакорӣ, асардуздӣ ва дасткории додаҳо аҳамияти бештар пайдо мекунад. Чунки дар ояндаи наздик имкон пайдо мегардад, ки бо кумаки зеҳни сунъӣ на танҳо аслияти матн дар доираи як забон, балки дар ҳолатҳои аз забонҳои дигар тарҷума кардану бо номи худ мунташир кардани маводи илмӣ ошкор ва муаллифон шарманда шаванд. Чуноне ки дар намунаҳои боло дидем, ҳатто баъди даҳсолаҳо фасодкориву сохтакории як муаллиф метавонад ошкор гардад ва номи ӯ то абад сиёҳ боқӣ монад. Ин ошкоршавиҳо на танҳо обирӯи муаллифон, балки обирӯи ниҳодҳои илмӣ ва маҷаллаҳоро ҳам коста мегардонанд. Ба ибораи дигар, агар имрӯз дар ҳама зинаҳо ба сатҳу сифат ва навгонии эҷодиёти олимон таваҷҷуҳи дуруст намешавад, дар оянда ошкор шудани корҳои сатҳӣ, додаҳои дасткоришудаву ҷаълӣ ва асарҳои дуздидашуда, ҳамаро шарманда хоҳад кард.

Қоидаҳои муайян ва шаффофи ахлоқӣ на танҳо барои иҷрокунандагони лоиҳаҳои илмиву кормандони ниҳодҳои

илмӣ, балки барои раҳбарони онҳо низ хеле зарур мебошанд. Мудирияти солими лоиҳаҳову ниҳодҳои илмӣ як қисми ҷудонашаванда ва муҳим дар раванди рушди илму фановарӣ дар як кишвар мебошад. Дар шароити рақобатҳои шадид дар соҳаи илму фановарӣ, бе ба роҳ мондани мудирияти рақобатпазир ҳеҷ миллате пирӯз нахоҳад буд. Раҳбарони нолоиқ ва шиканандаи қавонини ахлоқи илмӣ фасодро дар ниҳодҳову лоиҳаҳои илмӣ ба вуҷуд оварда, кормандони шоистаро дилсард мекунанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки вақте як раҳбар дунболи манфиату хоҳишҳои ғайриахлоқии хеш меравад, илм аз он ниҳод рахт мебандад. Як раҳбари нолоиқ ва бадахлоқ нақшаҳои инфиродии нодуруст ва иҷронашавандаро роҳандозӣ мекунад ва кормандони ҳушманд ё сари вақт аз кор мераванд ва ё бо имзои чунин нақша муттаҳам шуда, бозичаи раҳбари нолоиқ мегарданд. Дар натиҷа, шавқу завқи омӯзишу эҷоду офаринандагиро аз даст дода, вақти худу манбаъҳои молии давлатро камсамару беасар сарф мекунанд. Ё агар ҳама баробар кор мекунанду ҳамагӣ нақшаи иҷронашавандаро иҷро накардаанд, вале аз сари ғаразҳои шахсӣ як раҳбари нолоиқ танҳо як корманд (махсусан, агар ҷавону зан аст)-ро бо сабаби иҷро накардани он аз кор меронад ин худ нақзи қавонини ахлоқи илмӣ мебошад ва чунин раҳбар бояд сари вақт муҳокима гардад. Худи ҳамон нақшаи инфиродии ғалат ҳам боис мешавад, то раҳбарияти ниҳод ва ҳар кӣ дар таҳияву ҷорӣ кардани он саҳм дорад, ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Дар як муддати нисбатан кутоҳ аз кор рафтани шумораи зиёди кормандон низ метавонад гумонҳоро оид ба дурустии мудирият дар як ниҳоди илмӣ ба вуҷуд оварад. Дар Ҷопон, агар як корманд аз кор равад мудирият сахт интиқод шуда, дурусткории тими раҳбарӣ зери суол қарор мегирад. Вале дар Тоҷикистон ва аксар кишварҳои монанд ба он аз як ниҳоди илмӣ дар як муддати кутоҳ нисфи

кормандони ботаҷриба аз кор мераванд, аммо ҳеҷ гумонбарӣ ба дурустии фаъолияти раҳбарияти он ва санҷиши омилҳои аз кор рафтани пажуҳишгарон ба назар намерасад. Дар баробари нашри мақолаҳои сатҳӣ ва ғайриилмӣ дар маҷаллаҳои илмии дар КОА воридшуда низ масъулони онҳо бояд ба ҷавобгарии ахлоқии саривақтӣ кашида шаванд. Ин қадами аввали ҷиддӣ дар ростои ба пайраҳаи рушди устувор даровардани илми ватанӣ мебошад.

**Хулоса**

Мавҷудияти як низоми мукаммали арзишгузории фаъолияти илмӣ-пажуҳишии ниҳодҳои илмӣ, лоиҳаҳои илмӣ, пажуҳишгарон ва мудирияти онҳо як ҷузъи муҳимтарин дар раванди рушди соҳаи илми ватанӣ мебошад. Бе доштани чунин як низоми коршоям ҳеҷ миллате наметавонад дар сатҳи ҷаҳонӣ рақобатпазир шавад ва ҷойгоҳи арзандае дар илму фановарии ҷаҳонӣ дошта бошад. Чунин низом, аввалан ҳадафгузориро дар соҳаи илм танзим намуда, маблағҳои маҳдуди миллӣ (ҳам давлатӣ ва ҳам хусусӣ)-ро ба соҳаҳову масъалаҳое равона месозад, ки аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Баъдан, арзишгузории дурусту саривақтии фаъолияти ниҳодҳои илмӣ, маҷаллаҳои илмӣ ва пажуҳишгарон самаранокиро дар соҳаи илм бамаротиб боло бурда, шароит фароҳам меоварад, ки ҳадафҳои гузоштаи давлату ҷамъият бо харҷи камтари вақту маблағ ва бо сифати баландтар иҷро гарданд. Илова бар ин, мудирияти ниҳодҳову лоиҳаҳои илмӣ тариқи ин низоми арзишгузорӣ назорату танзим шуда, мудирони беҳтарин дастгирӣ ёфта, ниҳоди онҳо маблағгузории бештар мешавад. Мудирони нолоиқ, бадахлоқ ва ноуҳдабаро сари вақт ошкор карда шуда, аз вазифа сабукдӯш гардида, дар ҷойи онҳо шахсони шоиста таъйин шуда, вазъиятро беҳтар менамоянд. Аз ҳама муҳим, афроде, ки қоидаҳои ахлоқи илмиро вайрон мекунанд, сари вақт ба

ҷавобгарӣ кашида шуда, фасоду сохтакориҳо ҳам дар корҳои илмӣ ва ҳам дар мудирияти ниҳодҳову лоиҳаҳо пешгирӣ карда мешаванд.

Роҳандозии як низоми дурусти арзишгузории фаъолияти илмӣ-пажуҳишӣ илми ватаниро ба пайроҳаи рушди устувор ворид намуда, шароити мусоид фароҳам меоварад, ки манбаъҳои маҳдуди моливу зеҳнии давлат истифодаи дуруст шаванд. Дар чунин як шароити мусоид аксари мушкилоти ҷомеа аз тариқи усулҳои илмӣ бартараф шуда, эътимод ба илм бештар гардида, сатҳи бебандуборӣ ва хурофоту ифротгарой бамаротиб пойин меравад. Чунин низом имкон фароҳам меоварад, ки як миллат хиштҳои илмро ба қадри кофӣ истеҳсол намуда, кохи илми худро ба пурагӣ созад ва аз он истифодаи васеъ намуда, амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва низомии хешро ба таври устувор таъмин намояд. Дар акси ҳол, чун кишварҳои ақибмондаи ҷаҳон ҳаргиз кохи илму фановарии ватанӣ сохта наметавонад. Бе мавҷудияти чунин як низоми мукаммал, агарчи чанд хишти солим сохта мешавад, аммо ин хиштҳо ба бинои илми дигарон гузошта шуда, ба худи онҳо манфиати ночиз меоранд ва онҳо доимо дастнигари кишварҳои пирӯз хоҳанд буд. Ба ибораи дигар, роҳандозии як низоми мукаммали арзишгузории фаъолияти ниҳодҳои илмӣ ва пажуҳишгарон қадами аввалиндараҷаву муҳимтарин дар пайроҳаи рушди устувори илму фановарӣ барои як кишвари рӯ ба рушд мебошад.

## Сарчашмаҳо

1. Liu Chuanbin, "Research on the Performance Evaluation of Scientific Research Institution in Universities", Harbin Engineering University, 2023.

2. James Wilsdon, Liz Allen, "The Metric Tide. Report of the Independent Review of the Role of Metrics in Research Assessment and Management", HEFCE July 2015

3. MARK ZACHARY TAYLOR, The Politics of Innovation Why Some Countries Are Better Than Others at Science and Technology, Oxford University Press, New York, 2016, 449 p.

4. San Francisco Declaration on Research Assessment, Signatories, sfdora.org/signers/ , санаи муроҷиат: 27 майи соли 2025, соати 20:50;

5. Kalachikhin P. A, "Methodology of Goal-Setting of Scientific Research", Automatic Documentation and Mathematical Linguistics, 2022, Vol. 56, No. 4, pp. 216–222;

6. Michael Perryman, "Scientific Project Management", astro.princeton.edu/~strauss/perryman/perryman-scientific-projman

7. Best Psychology Scientists in Netherlands, Diederik A. Stapel, research.com/u/diederik-a-stapel

8. Instances of Scientific Misconduct, bps.stanford.edu/home/instances-scientific-misconduct

9. Kai Kupferschmidt, Researcher at the center of an epic fraud remains an enigma to those who exposed him, science.org/content/article/researcher-center-epic-fraud-remains-enigma-those-who-exposed-him

10. Praveen Kumar Neema, Dishonesty in Medical Research and Publication and the Remedial Measures, pmc.ncbi.nlm.nih.gov/articles/PMC5914207

**Дидавар БЕКЗОДА**
*ходими илмии*
*Шуъбаи таҳқиқоти стратегии*
*назди Раёсати АМИТ*

## МАВЗУЪ ВА ВАЗИФАҲОИ РАВШАНФИКРОН ДАР СОХТОРИ ФИКРӢ: ҲОКИМИЯТ–МАРДУМ–РАВШАНФИКРОН

Тибқи ақидаи Томас Гоббс (1588-1679), “ҳокимият воситаест, ки бо ёрии он дар оянда неъматҳо ба даст оварда мешаванд ва аз ин рӯ, мубориза барои ҳокимият нишонаи асосии ҳаёт буда, то дами марг идома меёбад”.[1] Ба андешаи Макс Вебер (1864-1920), ҳокимият амалӣ намудани иродаи худ аз болои иродаи дигарон мебошад, ки дар амал татбиқ намудани он новобаста аз майлу хоҳиши дигарон сурат мегирад.[2] Роберт Дал (1915-2014) мегӯяд, ки ҳокимият ба ин ва ё он шахс имкон медиҳад, ки дигаронро барои иҷроиши коре маҷбур намояд ва рафтори онҳоро назорат созад. Ханна Арендт (1906-1975) қайд менамояд, ки ҳокимият ба як шахс тааллуқ надошта, балки ба он гурӯҳи одамоне тааллуқ дошта метавонад, ки агар онҳо фаъолияти дастаҷамъона дошта бошанд.[3] Энтони Гидденс (1938) ҳокимиятро воситае медонад, ки бо ёрии он тартиби ҷойгиршавии ашёҳо тағйир дода мешавад.[4] Яъне, касе, ки ҳокимиятро соҳиб аст, ӯ барои тағйир

---

[1] Гоббс Т. Левиафан. М., 2001. -С.87.

[2] Булавин, А.В. Мировая политика. Передовые рубежи и красные линии. Монография / А.В. Булавин и др. - М.: Юнити, 2010. – С.52-54. 192 с.

[3] Никитина, Н.А Международные отношения и мировая политика. Введение в специальность / Н.А Никитина. - М.: Аспект-Пресс, 2014. –С.63. 156 с.

[4] Панарин, И.Н. Информационная война, PR и мировая политика / И.Н. Панарин. - М.: Горячая линия -Телеком, 2006.-С.126. 352 с.

додани тартибот низ қодир аст. Гаролд Лассуэл (1902-1978) дар асари худ «Ҳокимият ва ҷомеа» қайд менамояд, ки ҳокимият қобилияти дар раванди қабули қарори сиёсӣ ширкат варзидан аст.[5] Толкотт Парсонс (1902-1979) ҳокимиятро низоми манбаъҳое медонад, ки бо ёрии он мақсадҳои умумӣ амалӣ карда мешаванд.[6] Раймон Арон (1905-1983) ҳокимиятро тавоноие мешуморад, ки ба як шахс ва ё як гурӯҳи одамон тааллуқ дошта, дар асоси он дар миёни одамон ва гурӯҳҳо муносибатҳои мухталиф ба роҳ монда мешаванд.[7] Бертран Рассел (1872-1970) ҳокимиятро воситаи ба даст овардани натиҷаҳои мақсаднок мешуморад. Ба ақидаи ӯ, агар гурӯҳи «А» нисбат ба гурӯҳи «Б» ҳокимияти бештар дошта бошад, пас гурӯҳи «А» нисбат ба гурӯҳи «Б» натиҷаҳои мақсадноки бештарро соҳиб мегардад.[8]

Сиёсатшиноси полшагӣ Ёжи Вятр (1931) шаш навъи тафсири ҳокимиятро нишон додааст: 1) фаҳмиши бихевиористӣ (ҳокимият навъи махсуси рафторе мебошад, ки барои тағйир додани рафтори дигарон нигаронида шудааст); 2) фаҳмиши телеологӣ (ҳокимият тамоюли расидан ба ҳадафҳо мебошад); 3) фаҳмиши инструменталӣ (ҳокимият имкони мавриди истифода қарор дода тавонистани воситаҳо мебошад); 4) фаҳмиши структуралистӣ (ҳокимият навъи

---

5 Багдасарян, В. Э. История общественно-политической мысли России : учебное пособие / В.Э. Багдасарян. – Москва : ИНФРА-М, 2021. –С.32-37. 247 с.

6 Ирхин, Ю. В. Политология в 2 ч. Часть 1. История политической мысли : учебник для вузов / Ю. В. Ирхин. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. – С.97-103. 370 с.

7 Петрушевский, Д. М. Очерки из истории средневекового общества и государства / Д. М. Петрушевский. – Москва : Издательство Юрайт, 2021. –С.115-119. 372 с.

8 Семенов, Ю. И. Введение в науку философии. Книга 2. Вечные проблемы философии. От проблемы источника и природы знания и познания до проблемы императивов человеческого поведения / Ю.И. Семенов. - М.: Либроком, 2013. –С. 93-96. 344 с.

махсуси муносибатест, ки дар миёни идоракунандагон ва идорашавандагон зоҳир мегардад); 5) фаҳмиши низоӣ (ҳокимият имконияти қабули қарорест, ки ба воситаи он вазъияти низоӣ ба эътидол оварда шуда, тақсими неъматҳо ба роҳ монда мешавад); 6) фаҳмиши каузалӣ (ҳокимият таъсиррасоние мебошад, ки дар натиҷаи он амру супоришҳо аз ҷониби дигарон иҷро карда мешаванд).[9]

Як гурӯҳ олимон дар мулоҳизаронихои худ қайд намудаанд, ки ҳокимият хусусияти табиӣ дорад. Ба ақидаи онҳо, ба вуҷуд омадани пайомадҳои бад аз ҳокимият вобаста набуда, балки онро одамон барои амалӣ намудани ниятҳои манфии худ истифода менамоянд. Гузашта аз ин, новобаста аз оне, ки дар ҷомеа як гурӯҳ одамон ҳукмронӣ намудан ва гурӯҳи дигар тобеъ буданро дӯст медоранд, ҳар як инсон барои ба даст овардани ҳокимият ва шуҳрат доимо кӯшиш менамояд. Бояд гуфт, ки дар ҷомеа одамоне пайдо мегарданд, ки онҳо аз уҳдаи ҳукмронӣ намебароянд ва аз ин рӯ, тобеият хосси онҳост. Аммо гурӯҳи одамоне низ во мехӯранд, ки умуман ҳукмронӣ намуданро дӯст намедоранд. Дар баробари ин, дар ҷомеа нафароне пайдо мегарданд, ки аз ҳукмронии дигарон ба хашм омада, таҳаммулнопазириро пеша намуда, барои ҳукмронӣ намудан майл менамоянд. Бе мавҷудияти чунин тамоюлот дар саҳнаи сиёсат пайдо гардидани сарварони асил ғайриимкон аст. Аммо сарвари сиёсие, ки ба худ бовар надошта, аз ҳокимият лаззат бурда натавонад, ҳеҷ гоҳ ба муваффақият ноил намегардад.

Ғайр аз ин, барои муайян намудани моҳияти ҳокимият хусусиятҳои умумии онро низ ба инобат гирифтаанд. Дар доираи чунин фаҳмиш ҳокимият ба воситаи қобилият ва

[9] Габинский, Г. А. Божественное откровение и человеческое познание / Г.А. Габинский. - М.: Издательство политической литературы, 1989. – С.31-34. 128 с

имконият, ҳукмронӣ ва тобеият муайян карда мешавад. Чуноне ки бе ҳокимият тобеият буда наметавонад, бе тобеият низ ҳокимият вуҷуд дошта наметавонад. Зоҳиршавии ҳокимият дар фаъолияте ифода меёбад, ки одамонро барои иҷроиши коре маҷбур менамояд. Аммо дар ҳолати беҳокимиятӣ онҳо иҷроиши он корро барои худ афзал намедонистанд. Чунин шакли ҳокимият ҳукмронии як шахс ва ё як гурӯҳро таъмин менамояд. Баъзан ҳокимият ба хотири чизе зоҳир мегардад, масалан, барои амалӣ намудани мақсадҳои умумӣ. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, Энтони Гидденс қайд менамояд, ки ҳокимият аз рӯйи табиати худ золим ва ё ситамгар нест, балки вай қобилияти интихоби тарзи иҷроиши амал ва ё имкони ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ мебошад. Ҳокимият дар садди роҳи озодӣ монеа эҷод накарда, балки воситаи таъмини он мебошад.

Дар баробари ин, ҳокимият доимо ҳамчун муносибати иродавӣ муайян карда мешавад. Мувофиқи ин ҳукмронӣ намудан, яъне иродаи худро аз болои иродаи дигарон бор кардан аст. Аз ин рӯ, ҳокимият имкониятҳои воқеии гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида буда, ба онҳо имкон медиҳад, ки иродаи худро дар муносибат бо гурӯҳҳои дигар амалӣ намоянд. Дар ин ҷо махсус бояд таъкид кард, ки категорияи «ирода» дар илмҳои психологӣ дар маъноҳои «сабру тоқат», «пуртоқатӣ» ва «таҳаммулпазирӣ» фаҳмида мешавад. Дар ҳаёти ҳаррӯзаи мардум низ мафҳуми «ирода» қариб, ки дар чунин маъноҳо фаҳмида мешавад. Дар илмҳои сиёсӣ бошад, мафҳуми «ирода» дар маъноҳои «мақсад», «ҳадаф», «манфиат», «стратегия» ва монанди инҳо бояд фаҳмида шавад. Аз ин рӯ, ибораи «бор кардани иродаи худ аз болои дигарон» низ маънои дар амал татбиқ намудани ҳадафҳоро дорад.

Мардум ё халқ дар мавзуи равшанфикрӣ яке аз мафҳумҳои муҳим ба шумор мераванд. Қабл аз ҳама бояд зикр намуд, ки

мафҳуми халқ чи маъно ва корбурде дорад. Мафҳуми мазкур дар маънои васеъаш тамоми аҳолии мамлакати муайянро мефаҳмонад. Дар материализми таърихӣ умумияти иҷтимоию синфии одамонро мегуянд, ки дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ аз рӯи мавқеи объективиашон дар ҳалли вазифаҳои инкишофи прогрессивии ҷамъият иштирок карда, худ эҷодкори таърих, қувваи асосии дигаргунсозандаи ҷамъият мебошанд. Марксизм-ленинизм аввалин бор роли оммаи халқро дар таърих муайян кардааст. Асоси иҷтимоию синфии халқро офарандагони неъматҳои моддӣ, меҳнаткашон ташкил медиҳанд.

Дар ҷамъияти ибтидоӣ, вақте ки синфҳо ҳоло вуҷуд надоштанд, мафҳуми халқ ва аҳолӣ бо ҳам мувофиқ буданд. Дар ҷамъияти синфию антагонистӣ мафҳуми халқ қисми буржуазияи миллӣ ва дигар табақаҳои иҷтимоиро, ки дар ҳаракати озодихоҳии зидди империализм иштирок доштанд, низ дарбар мегирад. Марксизм-ленинизм аввалин бор мазмуни иҷтимоии мафҳуми халқро ошкор сохта собит намуд, ки хусусияти халқ дар зинаҳои мухталифи таърих тағйир меёбад. Синфи коргар ва пешоҳанги он партияи коммунистӣ ифодакунандаи босуботи манфиатҳои халқ мебошанд. Дар ҷамъияти сотсиалистӣ ба халқ ҳамаи аҳолии мамлакат, яъне синфи коргар, деҳқон ва интеллигенсия дохил мешаванд. Шаклҳои мухталифи умумияти этникӣ, авлод, қабила ва миллат мебошанд.

Истилоҳи равшанфикрон маъмулан барои тавсифи касоне ба кор бурда мешавад, ки умдатан ба кори фикрӣ мепардозанд. Дар баъзе кишварҳо лафзи равшанфикр маънои эҷодкор будан ва интиқодгар буданро низ дар бар мегирад. Муҳаққиқи эронӣ Ҳусайн Башария дар китоби худ

"Ҷомеашиносии сиёсӣ"[10] чандин таърифи мухталифи мафҳуми равшанфикрро мавриди баррасӣ қарор дода аст. Ин таърифҳо қобили бахш ба се дастаи аслӣ ҳастанд: дар дастаи аввал ба таври куллӣ равшанфикрон касоне ҳастанд ки дар офариниш ва ҳифзи арзишҳои ғойӣ ва таъғирнопазир дар заминаи ҳақиқат, зебоӣ ва адолат нақш доранд. Дар дастаи дуюм аз таърифҳо равшанфикрон мубаллиғони ақоид, бунёдгузорони идеологияҳо ва наққодони вазъи мавҷуд ба шумор меоянд. Дар таърифҳои дастаи саввум аз назари ҷомеашиносӣ, равшанфикрон ба унвони қишри (дастаи) иҷтимоие шуморида мешаванд, ки дар тавсиа ва пешбурди фарҳанги ҷомеа нақш доранд. Равшанфикрон ба таври куллӣ ба унвони "зеҳн"–и ҷомеа хоҳу нохоҳ бо сохти қудрати сиёсӣ бархурд пайдо мекунанд ва бештари вақтҳо миёни ин ду зиддиятҳое рух менамояд. Зеҳн ва андеша бо қудрати сиёсӣ хеле кам омезиш меёбад. Қудрат наметавонад дар дарозмуддат ҳамкори андешаи озод бошад ва вақте ҳам зеҳну андеша пайрави қудрати сиёсӣ шаванд, он гоҳ маънии худро аз даст медиҳанд. **Равшанфикр касе аст, ки "барои андешаву фикр зиндагӣ мекунад.** Дилбастагии ӯ ба зиндагии фикрӣ, шабоҳати бисёре ба дилбастагии мазҳабӣ дорад".[11]

Ба таври куллӣ равшанфикрон дар асоси таърифҳои гуногун касоне ҳастанд, ки аз чаҳорчӯбаҳои суннатӣ ва анъанавӣ дар ҳар замина фаротар мераванд, арзишҳои ҷадид эҷод мекунанд ва ё ба арзишҳои қадим ҷомаи нав мепушонанд, дастгоҳҳои фикрии ҷадид барои баёни

---

[10] Ҳусайн Баширия. "Ҷомеашиносии сиёсӣ" // Теҳрон, нашри Най, 1374-1996.-С. 72-79.

[11] R. Hofstadter, Anti-Intellectualism in American Life, New York, 1964, p. 27. Нигар. Ҳусайн Баширия. "Ҷомеашиносии сиёсӣ" // Теҳрон, нашри Най, 1374-1996. С. 82-85.

ҷиҳатҳои мухталифи зиндагӣ арза мекунанд, бо бакоргирии андеша ва қудрати интиқодӣ ба ҳалли масоил ва мушкилоти амалӣ мепардозанд, **фалсафаҳои ҷадиде барои зистан эҷод мекунанд, аз вазъи мавҷуди иҷтимоӣ ва сиёсӣ интиқод мекунанд ва ба таври хулоса аз доираи қолабҳои мавҷуда дар андеша, фарҳанг, илм ва ҳунар берун мераванд.**

Равшанфикрон чун маъмулан вазъи мавҷудро мавриди интиқод қарор медиҳанд, чапгаро номида мешаванд. Раймонд Арон дар китоби "Афюни равшанфикрон" бар он аст, ки **яке аз хусусиятҳои аслии равшанфикрӣ таъкид бар ормонҳои тараққӣ, озодӣ ва баробарӣ ба ҷои мазҳаб, қудрат ва хонавода аст.**[12]

Ба таври куллӣ, муҳимтарин хусусиятҳое, ки барои равшанфикрон дар таърифҳо ва бардоштҳои гуногун унвон шуда, иборатанд: аз халқи андешаҳои нав, фаротар рафтан аз суннатҳо ва чаҳорчӯбаҳои маъмулии андеша, алоқа ба манфиати умумӣ, анҷоми кори фикрии бардавом, ба унвони ҳирфаи аслӣ, (дар муқобили кори баданӣ), нақди вазъи мавҷуди сиёсӣ–иҷтимоӣ, новобаста ба алоқаҳои табақотии хос, эҷоди равияҳо ва идеологияҳои сиёсӣ, пешниҳоди "шеваҳои зиндаги"–и ҷадид, андеша ва тафаккур дар умури ҷомеа ва сиёсату фарҳанг, огоҳӣ аз зиддиятҳо ва кашмакашҳо дар ҷомеа, бар сари қудрати сиёсӣ, офариниш ва интиқоли фарҳанг, ихтирои назарияҳои иҷтимоӣ, иртибот бо ҷиҳати зеҳнии ҳаёти иҷтимоӣ дар муқобили ҷиҳати воқеӣ ва тавлидии он, нишон додани рамз ва символикаи манофеъи иҷтимоии табақоти ҳоким ё ғайри ҳоким, пушт кардан ба суннатҳои (анъанаҳои) оммиёна, ҳидоят ва раҳнамоии ҷомеа

---

[12]Раймон Арон. Афюни равшанфикрон // Тарҷумон Пируз Эзидӣ. Интишороти Фарҳанги Ҷовид 1399-2020.- С.5. 424 с.

ба сӯи хостҳо ва алоқаҳою ормонҳои ростин дар муқобили алоқаҳои рӯзмарра ва гузаро, норизоӣ аз ҳар вазъи мавҷуде, шинохти мушкилот ва зиддиятҳои аслии ҷомеа ва нишон додани роҳи ҳал ва пешбинии ҳаракати оянда, бозандешӣ ва навандешӣ, алоқа ба масоили назариявӣ ва куллӣ, дардшиносии иҷтимоӣ дар муқобили "донишмандӣ" ба мафҳуми суннатӣ ва бадбинӣ ва беъэтимодӣ нисбат ба соҳибони қудрат.

Бар асоси таърифҳое, ки зикр шуд, равшанфикр бо донишманд, ки сирфан ва танҳо дониш меандӯзад, тафовут дорад. Чунонки Фихте мегуфт: "Дониши равшанфикр бояд барои истифодаи ҷомеа ба кор бурда шавад. Равшанфикр бояд мардумро бо ниёзҳои воқеияшон ва воситаҳои баровардани он эҳтиёҷот ошно созад".[13] Ба сухани дигар равшанфикр доимо вазъи мавҷудро бо вазъи дигаре, ки бар асоси усули абстрактӣ дар зеҳни худ танзим кардааст, муқоиса мекунад ва ин муқоиса ҳамеша сабаби норизоӣ аст.

Аз лиҳози таърихӣ бояд гуфт, ки равшанфикрон маҳсули пайдоиши фалсафаҳое буданд, ки бар шакку тардид нисбат ба ақоиди суннатӣ ва анъанавӣ такя мекарданд. Ба ин маънӣ, дар таърихи Аврупо, гуманистҳо аз нахустин гурӯҳҳои равшанфикрӣ маҳсуб мешаванд. Дар асри Ренессанс, Эҳё, ратсионализм ва равшангарӣ, ҷомеаи равшанфикрӣ дар Аврупо густариш ёфт. Ҷудоии фазояндаи алоқаҳои динӣ аз алоқаҳои дунявӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва ё ҷунбиши секуляризм ё дунявият худ то андозаи зиёде ҳосили фаъолияти фикрии равшанфикрон буд. Равшанфикрон дар ин даврон дар пайи хароб кардани асосҳои ҷомеаи суннатӣ ва эҷоди тарҳ ва асоси нав буданд. Бар асоси ҳамин собиқа мафҳуми равшанфикрӣ бо тараққӣ дар зиндагии иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва утопиягароӣ

[13] R. Michels, "Intellectuals" // Encyclopedia of Social Sciences, p.118.

даромехта шудааст. Аз ҳамин ру Жозеф Шумпетер (1883–1954) иқтисоддон ва назариётчии австриягӣ дар китоби “Сармоядорӣ, сотсиализм ва демократия”, “надоштани масъулияти мустақим дар корҳои амалӣ ва надоштани дониши ҳосилшуда аз таҷриба”–ро ба унвони хусусияти умумии равшанфикрон унвон кардааст.[14]

Ба таври куллӣ равшанфикрон дар Ғарб маҳсули раванди секуляризм (дунявият) ва ҷунбиши гуманизм ва либерализм буданд ва метавон гуфт, ки нахустин бор дар Инқилоби Фаронса кӯшиданд, андешаҳои худро ҷомаи амал пӯшонанд. Ақлгароӣ (ратсионализм) муҳимтарин хусусияти фикрии равшанфикрон дар Аврупо буд. Дар сояи чунин гироише буд, ки онҳо вазъи мавҷуд ва ниҳодҳои иҷтимоӣ ва сиёсии фарсударо мавриди интиқод қарор медоданд. Ормонҳои равшанфикрӣ аз оғоз дар либерализм, ратсионализм ва сотсиализм таҷаллӣ ёфт. Нақди ҷомеаи карахт аз дидгоҳи ратсионалистӣ, воқеан равшанфикронро бо арбоби қудрат ва гуруҳҳои ҳокима мешуронд. Бозандешӣ ва навандешӣ дар хусуси пояҳои давлат ва масоили иҷтимоӣ ва сиёсӣ аз дидгоҳи ақлгароӣ хислати аслии равшанфикрони аввалия дар Аврупо буд. Баъзе аз равшанфикрон ба мисли Волтер, кӯшидаанд то ин ки подшоҳони вақтро таҳти таъсир қарор диҳанд, то аз он тариқ ормонҳои худро ҷомаи амал пӯшонанд. Ҳамчунин кӯшиши бархе равшанфикрони Фаронса барои тарғиби Екатеринаи кабир дар Россия, ба ислоҳ ва навсозӣ қобили зикр аст. Ақлгароӣ ва ормонгароии равшанфикрони асри инқилоби Фаронса ва нақди ниҳодҳои фарсудаи мавҷуд, нишондиҳандаи нигариши табақаи буржуазӣ буд, ки мехост аз тариқи бозсозӣ равобити тавлиду

[14]Йозеф Шумпетер. Капитализм, сотсиализм, демократия // Тарҷумон Ҳасан Мансур. Ношир, нашри Марказ 1375-1996. -С.147. 552 с.

ниҳодҳо ва шаклҳои огоҳӣ, ҷаҳони иҷтимоӣ ва сиёсии мавҷудро дар ҳам бишканад. Равшанфикрони қарни ҳаждаҳум дар Аврупо дар ҳақиқат сухангӯёни буржуазӣ буданд. Ормонҳои равшанфикрон яъне озодӣ, баробарии ҳуқуқӣ, ислоҳи иқтисодӣ ва молӣ, натсионализм, секуляризм дар ҳақиқат ҳамон ормонҳои буржуазии Аврупо буд. Ба ин маънӣ, равшанфикрони он аср нерӯи сиёсии мустақил ва ҷудогонае ба шумор намерафтанд. Ба таври куллӣ, муҳимтарин риштаи вобастагии гуруҳҳои рӯшанфикрӣ ба табақоти иҷтимоиро бояд дар алоқаҳои фикрӣ ва ормонҳои назарии онҳо ҷустуҷӯ кард. Бо истиқрор ва барқарории низоми сармоядорӣ ва ҳокимияти буржуазӣ ва амалӣ шудани бисёре аз ормонҳои равшанфикрони урупоӣ дар асри ҷадид, нақши нақди иҷтимоӣ дар корҳои махсуси равшанфикрӣ коҳиши (таназзули) намоён ва ошкоро ёфт. Гуруҳҳои ҳоким дар асри сармоядорӣ, рӯшанфикрон ё сухангӯёни фикрии худро парвариш доданд. Мутасаддиён ва масъулони умуре ки лозимаи рушди низоми сармоядорӣ буданд, ба унвони равшанфикрони низоми расмӣ зоҳир шуданд. Дар муқобил, аз охирҳои қарни нуздаҳум ба баъд, ҷунбиши равшанфикрии тозае дар қолаби наҳзати (ҷунбиши) сотсиализм ва зиддият бо сармоядорӣ падидор шуд. Фазои фикрии равшанфикрони қарни бистум дар ҳама ҷо, таҳти таъсири ин ҷунбиш қарор дошта аст. **Адолати иҷтимоӣ, сотсиализм ва зиддият бо сармоядорӣ аз ормонҳои умда ва асосии равшанфикрӣ дар қарни бистум будааст.**

Аз назари ҷомеашиносии сиёсӣ робита миёни равшанфикрон ва табақоти иҷтимоӣ, бархурдҳои лафзӣ ва баҳсҳои густурдае барангехта аст. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки равшанфикрон нақшу пойгоҳи равшану мушаххасе дар зиндагии иқтисодии ҷомеа надоранд, табиатан наметавон

онҳоро табақае аз табақоти ҷомеа ба мафҳуми иқтисодии он, ба шумор овард. Албатта, пайдоиши иҷтимоӣ ва табақотии равшанфикрон қобили шиносоӣ аст, лекин наметавон гуфт, ки заруратан манша ва сарчашмаи табақотӣ бо огоҳии табақотӣ вобастагӣ дорад. Равшанфикрон дар ҳама ҷомеаҳо дорои арзиш ва мақоми иҷтимоии мухталиф ва номувофиқе ҳастанд. Дар хусуси робита миёни мақоми равшанфикрӣ ва табақоти иҷтимоӣ ихтилофи назар бисёр аст.

К. Маркс бар он буд, ки сармоядорӣ истиқлоли равшанфикронро аз миён мебарад ва онҳоро дар вазъияте шабеҳи вазъияти пролетарҳо қарор медиҳад. Ба назари ӯ "буржуазия ҳолаи (ҳалқаи муқаддаси) эҳтиромро аз ҳар ҳирфае ки то кунун мавриди ифтихор ва эҳтиром буда, гирифта аст ва пизишк, ҳуқуқдон, рӯҳонӣ, шоир ва донишмандро ба коргарони муздбигир табдил карда аст".[15]

Хулоса метавон гуфт, ки:

1. Дар ҷомеаҳои башарӣ аз қадим то имрӯз се қудрат ҳамеша мавриди назар будааст: 1–мазҳаб (дин), 2–қудрат (сиёсат) ва 3–хонавода.

2. Ҳар ҷомеае аз хонаводаҳо иборат аст. Ҳар хонавода намояндаи ин ё он синф ва табақаи иҷтимоӣ мебошад. Ҳар равшанфикре дар ин ё он хонавода зода ва парвариш меёбад. Аз тарбияи ин хонаводаи муайян бархурдор мешавад. Вале дар фаъолиятҳои иҷтимоии худ нақшҳои гуногун иҷро мекунад. Шахсияти равшанфикр вобаста ба мавқеъи худогоҳӣ ва худшиносии иҷтимоии ӯ вобаста аст. Метавонад як равшанфикр дар хонаводаи сарватманд парвариш ёбад, вале дар фаъолиятҳои худ бар зидди синфи сарватманд мубориза барад. Яъне

15 Маркс и Энгельс, Избранные произведения // Т. 1, Издательство политической литературы 1987.- С. 36.

ормони иҷтимоии равшанфикр вобаста ба ҷаҳонбинии иҷтимоии ӯ мебошад.

3. Дар ҳар давлате шахсиятҳои сиёсӣ амал мекунанд. Онҳо пешбарандаи идеология ва ҷаҳонбинии сохти сиёсии ҳукумати худ мебошанд. Ин шахсиятҳо вобаста ба дараҷаи огоҳӣ ва худшиносии худ нисбат ба ҷомеа ормонҳоеро пешниҳод менамоянд, ки аз сиёсати расмии давлат фарқ мекунад. Онҳо чун равшанфикр, мардумро ба ормон ва идеологияи мардумсолор ва сотсиализм даъватӣ менамоянд. Ин даъвати онҳо мухолифи идеологияи замони онҳо аст. Идеологияи расмӣ бар зидди ин равшанфикр мубориза мебарад. Роҳҳоро ба рӯи ӯ мебандад. Вале равшанфикр аз роҳҳои дигар муборизаро давом медиҳад.

4. Одамони аксари ҷомеаҳои ҷаҳон мазҳабӣ буданд ва ҳоло ҳам ҳастанд. Мубориза бо ин ҷомеаҳои хурофотӣ ва мазҳабӣ душвортарин марҳалаи кори равшанфикрон аст. Ин аст, ки равшанфикрон бо сабру таҳаммул кӯшиш менамоянд, ки “забони мазҳаб”–и худро ёбанд ва онҳоро ба сӯи воқеъият ва озодии фикрӣ ва иҷтимоӣ равона созанд.

Адабиёт:


1. R. Hofstadter, Anti-Intellectualism in American Life, New York, 1964, p. 27.
2. R. Michels, “Intellectuals” // Encyclopedia of Social Sciences, p.118.
3. Багдасарян, В. Э. История общественно-политической мысли России : учебное пособие / В.Э. Багдасарян. – Москва : ИНФРА-М, 2021.
4. Булавин, А.В. Мировая политика. Передовые рубежи и красные линии. Монография / А.В. Булавин и др. - М.: Юнити, 2010.

5. Габинский, Г. А. Божественное откровение и человеческое познание / Г.А. Габинский. - М.: Издательство политической литературы, 1989.

6. Гоббс Т. Левиафан. М., 2001.

7. Ирхин, Ю. В. Политология в 2 ч. Часть 1. История политической мысли : учебник для вузов / Ю. В. Ирхин. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2021.

8. Йозеф Шумпетер. Капитализм, сотсиализм, демократия // Тарҷумон Ҳасан Мансур. Ношир, нашри Марказ 1375-1996.

9. Маркс и Энгельс, Избранные произведения // Т. 1, Издательство политической литературы 1987.

10. Никитина, Н.А Международные отношения и мировая политика. Введение в специальность / Н.А Никитина. - М.: Аспект-Пресс, 2014.

11. Панарин, И.Н. Информационная война, PR и мировая политика / И.Н. Панарин. - М.: Горячая линия -Телеком, 2006.

12. Петрушевский, Д. М. Очерки из истории средневекового общества и государства / Д. М. Петрушевский. – Москва : Издательство Юрайт, 2021.

13. Раймон Арон. Афюни равшанфикрон // Тарҷумон Пируз Эзидӣ. Интишороти Фарҳанги Ҷовид 1399-2020.

14. Семенов, Ю. И. Введение в науку философии. Книга 2. Вечные проблемы философии. От проблемы источника и природы знания и познания до проблемы императивов человеческого поведения / Ю.И. Семенов. - М.: Либроком, 2013.

15. Ҳусайн Баширия. Ҷомеашиносии сиёсӣ. -Теҳрон: Нашри Най, 1374-1996.

16. Ҳусайн Баширия. Ҷомеашиносии сиёсӣ. -Теҳрон: Нашри Най, 1374-1996.

**Хуршед ШОЗЕДОВ**
*ходими калони илмии Шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди Раёсати АМИ*

## МАФҲУМИ ОЗОДАНДЕШӢ ДАР АРЗЁБИИ МУХТАСАРИ ИЛМӢ

Шуури фалсафии муосир бо тағйироти амиқ дар дарки нақшу мақоми дин, илм ва шахсият мушаххас мешавад. Яке аз мушкилоти ҷаҳонбинии фаъол, равобит байни озодандешӣ ва илҳод (атеизм) аст — падидаҳое, ки аз назари зоҳирӣ мушобеҳ ҳастанд, аммо аз лиҳози муҳтаво, манобеъ ва паёмадҳо мутафовитанд. Баррасии онҳо дар чорчӯби таҳлили фалсафии нигоришҳои ҷаҳонбинии инсони муосир, ниёз ба тааммули таърихӣ - фалсафӣ, инчунин таҳлили фарояндҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии мубрам аст.

Озодандешӣ ба таври анъанавӣ ба унвони тамоили фард барои дарки мустақил ва интиқодӣ аз воқеият, радди изҳорот ва мурочиаи ҷазмӣ дар масоили имон ва дониш таъбир мешавад. Ин падида ба унвони як хориқаи фарҳангӣ ва фалсафӣ дар даврони Эҳё ва Рӯшангарӣ, бар асоси усулҳои хирадгарой, инсонгарой ва озодии виҷдон зуҳур кардааст. Илҳод дар навбати худ як ҷаҳонбинӣ аст, ки бо инкори вуҷуди Худо ё ҳар шакле аз воқеияти мутаолӣ мушаххас мешавад [1].

Мушкилоти равобити онҳо ба шарҳи зер аст: Озодандешӣ лузуман ба илҳод мунҷар намешавад, ҳамон тавре ки илҳод низ ҳатман мусталзими озодандешӣ нест. Фарди озодандеш метавонад имони динии худро ҳифз кунад, агар дар маърази тааммули интиқодӣ қарор гирад ва ба унвони як интихоби шахсӣ ва на ҳамчун пайравӣ аз суннат ё муроҷиат шинохта

шавад. Аз ин ҷиҳат, озодандешӣ метавонад теистӣ, агностикӣ ва атеистӣ бошад, дар ҳоле ки илҳод метавонад ба унвони як шакли ҷазмандешона ва бидуни тафаккур аз инкор, орӣ аз умқи фалсафӣ ва интиқодӣ будан, вуҷуд дошта бошад.

Бо таваҷҷуҳ ба нигориши ҷаҳонбинии инсони муосир, робитаи байни ин мафҳум аҳамияти ҷадиде пайдо мекунад. Фарҳанги муосир бо гуногунандешӣ, секуляризм ва рушди нигаришҳои фардгароёна тавсиф мешавад. Дар чунин шароит, озодандешӣ аксаран ба маънои мутародифи нисбигароии ахлоқӣ ё ҳеҷангорӣ (нигилизм) ва илҳод бошад, ба унвони ҷойгузини мантиқӣ барои шуури мазҳабӣ талаққӣ мешавад. Бо вуҷуди ин, чунин фаҳмиши содаи ҳарду мафҳум моҳияти фалсафии онҳоро таҳриф мекунад.

Таҳлили фалсафӣ нишон медиҳад, ки озодандешии воқеӣ инкори комили арзишҳои маънавиро дар назар надорад, балки масъулияти интихоб ва дарки арзишҳо, аз ҷумла арзишҳои диниро аз шахс талаб мекунад. Ин амр мумкин аст шомили илҳод ба унвони як мавқеи ҷаҳонбинӣ мувоҷеҳ бошад, аммо маҳдуд ба он нест. Илова бар ин, озодандешӣ бо интиқод аз ҳар навъ фишори идеологӣ — чи ҷазмандешии мазҳабӣ ва чи позитивизми илмӣ алоқаманд аст [2].

Озодандешӣ (лот. Liberalism) як мавқеи фалсафист, ки бар ҳуқуқи фардӣ барои ташаккули мустақили эътиқодоти шахсӣ, бо такя бар ақл, додаҳои илмӣ ва таҷрибаи шахсӣ, на бар асоси иқтидори суннатӣ ва дин аст. Ин ҷаҳонбинӣ метавонад шомили нигоришҳои мазҳабӣ ва ғайримазҳабӣ, машрут бар он ки огоҳона ва бе маҷбурияти беруна шакл гирифта бошанд.

Озодандешӣ фақат ҳаққи ибрози ақида нест, балки тавоноии амиқи инсонӣ барои тафаккури мустақил, шак кардан, ҷустуҷӯи ҳақиқат ва муқовимат дар баробари хушунати фикрӣ аст. Ин вижагӣ, махсусан дар давраҳои буҳрони иҷтимоӣ аҳамият пайдо мекунад, замоне, ки метавон

онро саркӯб ва ё баръакс, ба муҳаррики тағйир табдил кард. Мутафаккирони бузурги давраҳои мухталиф — аз Ҷон Стюарт Милл то Ричард Файнман — маънои озодандеширо ба таври муттафовите баён кардаанд, аммо онҳо дар як чиз муттаҳид ҳастанд: бе он, на расидан ба камоли шахсӣ ва на пешрафти ҷамъият имконпазир нест.

Файласуфи англис Ҷон Стюарт Милл, яке аз таъсиргузортарин мудофеони арзишҳои либералӣ, истидлол мекард, ки озодии ақида як ҳаққи асосии фардӣ аст. Ӯ дар асари маъруфи худ таҳти унвони «Дар бораи озодӣ» як парадоксро матраҳ кард: ҳатто дидгоҳҳои нодуруст низ бояд ҳифзу мавриди баҳс қарор гиранд, зеро онҳо ба мо имкон медиҳанд, то ҳақиқатро рӯшан кунем ва аз ҷазмандешӣ дурӣ кунем [3]. Ба гуфтаи Милл, саркӯби ақоид на танҳо ҳуқуқи фардиро нақз мекунад, балки ба тамоми ҷомеа низ осеб мерасонад, зеро монеаи рушди фикрӣ мегардад.

Бертранд Рассел, файласуф ва мантиқдони маъруф, бо матраҳ кардани моҳияти равоншинохтии иҷтимоии боварҳо, ин дидгоҳро такмил медиҳад. Ӯ дар мақолаи худ таҳти унвони «Озодандешӣ ва таблиғоти расмӣ» таъкид мекунад, ки мардум тамоил доранд, он чиро, ки тавассути мақомот ё муҳити фарҳангӣ пахш мешавад, аз рӯи имон бипазиранд. Аз ин рӯ, озодандешӣ ҷасорат, интизом ва нигоҳи интиқодӣ нисбат ба иқтидор аст. Аз назари Рассел, озодандеш будан ба маънои тафаккури содиқона ва мустақил, бидуни тарс аз фикри умумӣ аст.

Карл Поппер, файласуфи утришӣ, тавзеҳи муҳимро ироа мекунад: озодии андеша бояд ҳатто ба қимати маҳдуд кардани касоне, ки дар пайи нобудии он ҳастанд, ҳифз шавад. Парадокси маъруфи ӯ дар мавриди таҳаммул нишон медиҳад, ки мудорои номаҳдуд бо афроди нобурдбор ниҳоят ба суқути ҷомеаи озод меанҷомад [4]. Аз ин рӯ, дифоъ аз озодӣ тақозои

мавқеи фаъол ва тавоноии ташхиси интиқоди созанда аз авомфиребӣ аст.

Дар ниҳоят, Ричард Фейнман, физики барҷастаи америкоӣ, таъкид мекард, ки озодандешӣ барои рушди илм ҳаётан муҳим аст. Ӯ озодандеширо «фарҳанги шак» — тавоноии пурсиш, иштибоҳ кардану мухолифат бо андешаҳои умумӣ пазируфташуда медонист. Бе ин озодӣ, илм ҳастии аслии худро аз даст медиҳад ва ба як маросими тобеъ ба талаботи сиёсӣ ва идеологӣ табдил мешавад [5].

Дидгоҳҳои ироашуда нишон медиҳанд, ки озодандешӣ на танҳо як имтиёзи фикрӣ, балки як илзоми ахлоқӣ низ аст. Ин амр пуле байни виҷдони шахсӣ ва масъулияти ҷамъиятӣ аст. Мутафаккирони мухталиф ба ҷанбаҳои мутафовити он таъкид мекунанд: Милл ва Рассел ба ҳаққи иштибоҳ кардан, Поппер ба осебпазирии озодӣ, Фуко ба маҳдудиятҳои пинҳонӣ ва Фейнман ба зарурати амалии пешрафту ҳақиқат. Онҳо дар канори ҳам як чорчӯби фикрии қудратманд эҷод мекунанд, ки дар он озодандешӣ ба унвони шарти зиндагӣ дар як ҷомеаи шоиста, озод ва дар ҳоли тавсеа зоҳир мешавад.

Илҳод, дар навбати худ, маънои набудани имон ба Худо ё худоён ишора дорад ва аксаран дар инкори вуҷуди қудратҳои ноаён ва фаротар аз табиат баён мешавад. Бар хилофи озодандешӣ, ки метавонад ҳам худобоварона ва ҳам худонобоварона бошад, илҳод ҳамеша як мавқеи онтологии хосро дар назар мегирад — инкори асли илоҳӣ [6].

Бинобар ин, метавонем чандин тафовути калидӣ миёни озодандешӣ ва илҳодро барҷаста кунем.

Аввалан, **озодандешӣ як равиш (услуб) аст, дар ҳоле ки илҳод як натиҷа** мебошад. Озодандешӣ бар тафаккури интиқодӣ ва қазовати мустақил мутамарказ аст. Ин амр метавонад баста ба истидлолҳо ва таҷрибаи шахсии фард, ба пазириши дин ё радди он оварда расонад. Илҳод шакли

ниҳоии як ҷаҳонбинӣ аст, ки дар он асли мафҳуми Худо ба унвони ғайриқобили исбот ё ғайризарурӣ барои тавзеҳи ҷаҳон рад мешавад.

Сонияи, **илҳод метавонад ҷазмӣ (догматикӣ), дар ҳоле ки озодандешӣ наметавонад ба таври таърифшуда бошад**. Навъҳое аз илҳоди ҷазмӣ вуҷуд доранд, ки дар он фард аз қабл эҳтимоли вуҷуди Худоро инкор мекунад ва ҳар гуна баҳсро нодида мегирад. Баръакс, озодандешӣ ниёз ба кушодагии мудовим ба истидлолҳои наву тавонои бознигарӣ дар дидгоҳҳои худ аст.

Севумин, **озодандешӣ доманаи васеътаре дорад:** шомили шакгирӣ, агностисизм, деизм, пантеизм ва дигар шаклҳои тафаккури ғайриэътирофӣ мешавад. Илҳод танҳо як нуқтаеро дар ин маҷмуа ишғол мекунад — нуқтаи инкор. Масалан, як агностик мумкин аст озодандеш бошад, аммо ҳатман худонобовар нест.

Пас, озодандеширо набояд ба унвони душмани дин, балки ҳамчун як рӯйкарди равиши шинохтии мубтанӣ бар ақлу тафаккури интиқодӣ дар назар гирифт. Дар навбати худ илҳод — яке аз мавқеъҳои эҳтимолии ҷаҳонбинӣ аст, ки озодандешӣ метавонад ба он расонад, аммо метавон онро аз роҳҳои дигаре, ки камтар бозтобӣ ҳастанд, низ ба даст овард.

Озодандешӣ ва илҳод мафҳумҳои муодил нестанд. Аввалӣ як нигориши эпистемологист, ки ба самти мухторияти тафаккур гароиш дорад; дувумӣ бошад, як мавқеи онтологист, ки ба табиати ҳастӣ дахл дорад. Тамоизи онҳо ҳам дар заминаи фалсафӣ ва ҳам аз назари фарҳангшиносӣ муҳим аст, зеро имкон медиҳад, то аз тақобули содашудаи «диндор» ва «бедин» иҷтиноб карда, ба дарки амиқтари моҳияти эътиқодҳо низ кӯмак мерасонад.

Андозагириҳои фалсафӣ ва фарҳангии масъалаи мавриди баҳс дар заминаи касратгароии муосир, секуляризатсия ва

афзоиши гироишҳои фардгароёна, аҳамияти вижае пайдо мекунад. Озодандешӣ фақат ҳаққи ибрози ақида нест, балки як таахҳуди ахлоқӣ ва абзори интиқодӣ аст, ки имкон медиҳад, то бар хушунати фикрӣ ва ҷазмандешӣ, чи мазҳабӣ ва чи илмӣ ғалаба кунем. Дар баробари ин, дидгоҳҳои файласуфон ва донишмандони барҷастаи давраҳои мухталиф таъйид мекунанд, ки озодандешии воқеъӣ ниёзманди кушодагӣ, омодагӣ барои шак ва муколама аст ва ин амр онро ба появу асоси камоли шахсӣ ва пешрафти иҷтимоӣ табдил мекунад.

Аз ин рӯ, тамоизи маҳфуми озодандешӣ ва илҳод ба дарки амиқтари ҷаҳонбиниҳои инсони муосир мусоидат намуда, ба иҷтиноб аз тақобулҳои дугонаи содашуда кӯмак мекунад ва муколамаи фалсафии созандаро бармеангезад. Дар ин замина, озодандешӣ на танҳо ба унвони шарти озодии фикрӣ, балки ҳамчун шарти масъулияти иҷтимоӣ низ зоҳир мешавад ва илҳод яке аз шаклҳои эҳтимолии баёни он аст, аммо мутародифи он нест. Таҳқиқоти бештар дар заминаи фалсафаи дин ва мутолиоти фарҳангӣ метавонад ба равшанӣ ва тавсеаи ин мафҳумҳои калидӣ дар заминаи чашмандози маънавӣ ва фикрӣ дар ҳоли тағйири замони муосир кӯмак мекунад.

**Адабиёти истифодашуда:**

1. Фейербах Л. Сущность христианства. — Москва. Рипол - классик 2021. С. 432 (офсет).

2. Мартин Хайдеггер. Бытие и время. Москва: Академический проспект - 2015. С.460 (офсет) (Хайдеггер М., 2003).

3.Милль, Д. О свободе / Д. Милль. — Москва : Издательство Юрайт, 2025. — 128 с.

4. Поппер, К. *Открытое общество и его враги.* https://lib.andoz.tj/ users/agzbnmg/book/BookFile/645e112c-a29d-4db3-a8cb-38e64b1a5e6d.pdf

5. Feynman R. *The Pleasure of Finding Things Out.* — Cambridge: Perseus Books, 1999.

6.Бертран Рассел Почему я не христианин. — М.: АСТ, 2019 — С. 288 (офсет)

## ЁДДОШТ ВА БАРДОШТУ ТААССУРОТ

**Саймумин ЯТИМОВ**

# МАРДЕ ШОИСТА ВА ЗИЁИЕ ИСТИСНОӢ, Ё ДОСТОНИ ҒАМУ ШОДӢ (АЗ ДАФТАРИ ЁДДОШТ)

Солҳои навадум барои муҳтаво ва мундариҷаи тафаккури миллии тоҷикон имтиҳони бузург буд.

Вазъи бӯҳронии саросарии давлат, ки дар он як миллат аксариятро ташкил медиҳад, мавзуи таҳқиқоти академӣ аст. Ба хотири муайян кардани омилҳо, оқибатҳои фоҷиабарангез ва эҳтимоли минбаъд бартараф кардани он.

Дар ин маврид бояд дар назар дошт, ки ҳолати носолими вазъи ҷаҳонбинӣ, маънавиёти миллат касалии силро мемонад: **дар аввал ошкор кардани он душвор, аммо чун муайян шуд, табобаташ осон аст. Вақте ин касалӣ рӯй зад, ошкор шуданаш осон, аммо табобати он мушкил мегардад**. Гоҳо оқибати кор ба мусибат анҷом меёбад.

Муддати ҳазор соли бедавлатӣ, тоҷикон дар ҳолати ғуломигарии воқеӣ ва маънавӣ қарор доштанд.

Дар ҳафтод соли Ҳокимияти Шуравӣ, номи тоҷик тавассути ҷумҳурии мустақил доштан бо аломатҳои сиёсӣ маъруфият пайдо карда бошад ҳам, ба хотири кӯтоҳии замонӣ имкони ташаккули мафкураи миллиро надошт. Қишри муайяни дорои эҳсоси худшиносии миллӣ дар ақаллият буд.

Бояд донист, ки сохтор ва муҳтавои генетикии одамизод дар аксар вақт, ҳатто садсолаҳо бетағйир мемонад. Эволютсияи ҳақиқии захираи муҳтавоии нейронҳо, устувортарин ҷузъи организми инсонанд. Гарчанде аккамулятсияи дониш ва таҷриба асрҳо ба ин ҷузъиёти

майнаи инсон таъсиргузоранд, бояд дониста бошем, ки доираи фарогирии онон вобаста ба муҳити маънавӣ, дин, оин, иқлим, хосияти физиологӣ, дар маҷмуъ, генетикӣ, фазилати ҳамагонӣ надорад. Интихобӣ аст. Ва барои ҳамин дар ақаллият қарор дорад.

Дар ин маврид, сухан дар бораи сифат, мундариҷа, ахиран, муҳтавои ақаллият меравад. Оё он метавонад аксариятро, яъне ҷомеаро соҳибӣ кунад. Ё баръакс, мисли баъзе ба ном зиёиёни муайяни тоҷики солҳои навадум думрави таассубу хурофот гардад.

Ин фоҷиа, **«сӯзи дил, ашки равон, оҳи саҳар, нолаи шаб»**-ро *(Ҳофиз)* бӯҳрони солҳои навадуми асри гузашта рӯйи саҳна баровард. Ворисони Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ Сино, Носири Хусрав, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Тошхӯҷаи Асирӣ, Абулқосими Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода ва Бобоҷон Ғафуров дар танҳоӣ монданд. Аз дасти онҳо кори шоиста наомад. Қисмати муайяни олимон, ки солҳо дар бағал санг доштанд, бо аҳли хурофот якҷо, аниқтараш думрав ва балегӯйи онон гаштанд.

Дар байни ин тоифа шахсиятҳои гуногун буданд. Яке сидқан, бо душманигарии яқин ба сохти Ҳокимияти Шуроҳо ба муллоҳои мутаассиб якҷо шуд. Дигарҳо дар ақидаи ниҳоии мансабталошӣ муътақид буданд, ки ифротиҳо бо идеологияи дар назар ҳамашумул ва пуштибонии геополитикӣ метавонанд қудратро ба даст оранд. Бад ин минвол, соҳибмансаб мегарданд. Узви қудрати сиёсӣ хоҳанд шуд. Як қисмати равшанигароён олимони ҳақиқӣ, аммо аз лиҳози сиёсӣ ниҳоят сода ва барои ҳамин ҳам осебпазир буданд.

Онҳо дар андак муддат, чун дуди хона ба порисаи хона расид, хатои худро фаҳмиданд. Пушаймон шуданд. Аммо аз рӯйи нангу номусе, ки хосси ин зумра буд, натавонистанд ваҳшати раҳгумии худро эълом доранд. Ба зиндагии одӣ ва

оини пешин баргарданд. Дар ҳоле ки **«тозиёни бо онҳо бударо дигар ғами аҳволи гаронборон намонда буд»**.

Яке аз ҳамин қабил олимон, доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҳими Мусулмониён ба шумор мерафт.

Ман ба тадқиқоти ин олими пухтакор аввали солҳои ҳафтодум, ҳангоми донишҷӯйӣ шинос будам.

Махсусан, монографияи ӯ оид ба санъатҳои бадеӣ дар адабиёти классикӣ ва асари машҳураш «Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ва баъзе масъалаҳои тафсири истилоҳоти адабиётшиносӣ дар асрҳои X–XV» (1973), дар байни мо, донишҷӯён аз маъруфияти хос бархӯрдор буд.

Миёнаи солҳои ҳаштодум, замоне ки ман сарпарастии мактабҳои олии мамлакатро аз лиҳози салоҳияти хизматӣ ба дӯш доштам, бо меҳру муҳаббате, ки ба Раҳими Мусулмониён дар дил мепарваридам, ӯро суроғ кардам. Дар кафедраи адабиёти советии тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон эшонро ёфтам.

Худро шиносондам.

Эътиқод ва эҳтироми хешро нисбат ба ин шахсияти бузург иброз намудам.

Баъдан, чанд муддат бо Раҳими Мусулмониён суҳбатҳои сарироҳӣ, аммо сидқӣ доштем.

Ӯ марди тахмин 50 - 55 сола, миёнақад, лоғарандом буд. Каме моил ба хамидагии қомат дошт. Ниҳоят хоксор, одӣ, суҳбаторо ва он чизе, ки эҳсос мекардам, аз худ як навъ содагии бар дилсофӣ ва покии инсонӣ асосёфта нишон медод, ки дар замири ӯ ҷойгоҳи зудбовариро заминагузорӣ намуда буд.

Профессор намегуфт, аммо ман итминон доштам, ки мисли ҳама инсонҳои пок ӯ дигаронро низ бофта аз матои худ гумон мекард. Иштибоҳи ӯро ҳам асос ҳамин буд.

Мусулмониёни сарсупурдаи илм ва адабиёт, ҳама вақт дар банди хаёлот ва таҳқиқоти эҷоди илмӣ мегашт. Чунин хислати

олимона, бекина ва беғарази ӯ меҳру муҳаббати маро нисбат ба ин шахсият ва устоди камназир меафзуд. Бо ӯ суҳбат кардан, маънии хондани як китобро дошт.

Ҳангоми табаддулоти давлатии ифротгароҳо *(моҳи майи соли 1992),* Мусулмониён зери таъсири бархе аз зиёиёни воқеан дурӯя ва ғаразкор, ки боз чандин навъ бозиҳои пасипардагӣ доштанд, бо як содадилӣ гирифтори фитнаи онҳо шуд.

Боре баромади ӯро тариқи телевизон, ки акнун ба дасти ифротгароҳо афтода буд, тамошо ва бодиққат гӯш кардам. Медидам, ки чанде «ҳамкасбон»-и зираки муаллим худро паси шонаҳои ин содадил пинҳон карда, устоди номварро ба сифати «Плешнер» *(образи бадеии содадилонаи профессори олмонӣ дар филми «Ҳафтдаҳ лаҳзаи баҳор», ки боиси марги худи ӯ шуда буд)* истифода мекунанд.

Чун тахти фишори Ҷабҳаи халқӣ ҳокимияти конститутсионӣ дар Тоҷикистон барқарор мегардид, ифротиёни ғосиб бо ҳар роҳу восита аз қаламрави Тоҷикистон ба хориҷа, аниқтараш ба Эрон фирор карданд.

Исломгароҳо аз асли мақсади гурехтан ба Эрон хуб огоҳ буданд.

Зиёиёни тоҷик, аз рӯйи эҳсоси эроният – таърих ва фарҳанги муштарак, умумияти забонӣ ва тамаддунӣ, ки намунаи олии он барои мардуми форсизабон аҳаммияти умуминажодӣ доштани Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигар бузургон маҳсуб мегардид, умед баста буданд ва ин кишварро қиблаи худ мешумориданд.

Маҳз бо ҳамин ҳиссиёт як зумра аз зиёиён роҳи Эронро пеш гирифтанд.

Раҳими Мусулмониён аз ҷумлаи ҳамин гумроҳҳо буд.

## ГАВҲАРИ ВОЛОИ ВАТАНПАРВАРӢ

Тавре ишора шуд, мақсади аслии Сафорат дар Эрон ҳарчӣ тезтар алоқа барқарор кардан бо ҳамватанон ба шумор мерафт.

Роҳбарияти олии мамлакат дар назди дипломатҳо вазифагузорӣ карда, мехост ҷараёни сулҳро суръат бахшад. Эълон намояд, ки ҳокимияти конститутсионӣ ҳокимияти кулли мардуми тоҷик аст. Аз ҳамватаноне, ки новобаста аз кадом сабабе, аз ҷумла, дар алоқамандӣ бо ҷанги шаҳрвандӣ ба хориҷи мамлакат фирор кардаанд, пуштибонӣ мекунад. Омода аст бо онҳо муколама барқарор намояд, то мушкил миёни тоҷикон бо гуфтушунид ва якдигарфаҳмӣ ҳаллу фасл гардад.

Мо дар Теҳрон вазъиятро меомӯхтем. Аммо намехостем барои мухолифин ва кишвари иқомат масъала эҷод кунем. Бар ин ақида будем, ки бояд худи раванди воқеаҳо ва шароити зиндагӣ дар хориҷи мамлакат ҳамватанони моро ба хулосаи нек, ба тавофуқ биёрад.

Дари Сафорат барои ҳамватанон боз буд. Амалкарди намояндагӣ дар кулли самтҳо сурат мегирифт.

Бо гузашти се моҳи фаъолият дар Сафорат, профессор Раҳими Мусулмониён, ки акнун дар сафи мухолифин ба ҳисоб мерафт, ногоҳ ба навбатдори намояндагӣ занг зада, хоҳиши вохӯрӣ бо мушовирро кардааст.

Аз ин иттилоъ ман хурсанд шудам. Эҳсоси дӯстӣ ва ҳамватанӣ барои ҳар як нафаре, ки худро тоҷик ва тоҷикистонӣ мешуморад, аз Ватани худ умед дорад, волотарин ҳиссиётест, ки як умр инсонро пайгирӣ мекунад. Барои он ки одам хушбахт бошад, сарфи назар дар кадом нуқтаи олам

зиндагӣ мекунад, бояд соҳибватании худро эҳтиром ва аз ин ҳиссиёт ифтихор намояд:

**Ватан дар ҳар кучо омад, ба сар форам ҳавои ту,**
**Ман аз он сӯйи уқёнус бишнидам садои ту,**
**Агарчӣ дар миён тӯфону мавҷи баҳрҳо буданд,**
**Вале омад ба гӯши ман садои рӯдҳои ту.**

Ҳамеша бо Ватан будан, ҳамеша бо Ватан масрур, бузургтарин хислати ниёгону ҳамасрони мо буд ва ҳаст.

Тавассути телефон бо Р. Мусулмониён дар алоқа шудам. Ҷойи вохӯрӣ Сафоратро пешниҳод кардам.

Ростӣ, таклифи ман эҳтимолӣ буд. Нафароне, ки худро мухолифи ҳукумат медонистанд, аз Сафорат ва тамос бо кормандони он канора меҷустанд. Албатта, сабабҳояш маълум. Аммо Мусулмониён:

– Ҳар ҷо Шумо салоҳ донед, он ҷо вомехӯрем, – гуфт ҷавонмардона.

Суҳбати мо дар Сафорат, дар ҳуҷраи кории ман қариб ду соат давом кард.

Дар аввал ман пурсидам:

– Домулло, дар Сафорат вохӯрданро ман бо шӯхӣ пешниҳод кардам. Шумо наметарсед, рафиқонатон, ки ҳамагӣ мухолифи ҳукумат ҳастанд, баъд аз ин чӣ гумон мебаранд? Ҳукумати кишвари иқомат, ки ҳар қадами ману Шуморо, тибқи вазифаашон, пайгирӣ мекунанд, чӣ хулоса мебароранд? Ҳолу аҳвол ва иқомати ояндаи Шумо баъд аз ин чӣ мешавад?

Мусулмониён:

– **«Ҳар киро ҳисоб пок аст, аз муҳосиба чӣ бок аст?»** – гуфта, бо масал посух дод.

– Ба ҳар ҳол муаллим, ба манзалати «мухолиф» будани худатон шубҳа ворид кардед. Шояд дар ягон ҷойи номаълум вохӯрӣ мекардем, – гуфтам ман, санҷиши худро идома дода.

Воқеан, ман набояд фаромӯш мекардам, ки ин «ташриф» эҳтимол супоришӣ ҳам бошад.

Ин сухан ба Мусулмониён қатъиян хуш наомад.

Аз зермаънои сухани ман огоҳ шуд. Барошуфт:

– Шумо маро санҷида истодаед. Бояд бидонед, ки ман маҳз барои он ҷойи вохӯрӣ Сафоратро интихоб кардам, то ба шумо кормандони намояндагӣ фаҳмонам: ман ҳеҷ вақт хоини миллат набудам ва нестам. Лекин дар байни шумо ҳукуматиҳо, ки бовар мекунанд, мансаб медиҳанд, маоши калон таъйин ва ҳатто ба хориҷа равон мекунанд, то давлатро, манфиатҳои миллиро ҳимоя кунед, хоинон кам нестанд.

Инро гуфта, ба ман нигоҳи ҷиддии омӯзишӣ кард.

Ман чизе нагуфтам. Зеро ҳангоми кор дар шуъбаи илми Кумитаи давлатии бехатарии замони Шуравӣ, бо чанде аз дӯстон, устодони донишгоҳ ба ҳамин лаҳн гоҳо суҳбати «унвонҷӯ – оппонент»-ро мегузаронидем. Оқибат, якдигарфаҳмии мо боз ҳам мустаҳкам мешуд. Ҳамин шакли баҳс бо муаллимон Худоназар Асозода ва Абдулҳай Маҳмадаминов, ки аз дӯстони қарини ман шуданд, хос буд.

Чун Мусулмониён дид, ки ман дар ин мавзуъ вориди баҳс шуданӣ нестам, ором шуд. Бо ҳамон ҷиддият суханашро идома дода, гуфт:

– Рӯзе, ки Шуморо дар мансаби мушовир - кордори Сафорати Тоҷикистон дар Теҳрон таъйин карданд, як нафар одами масъул аз ҳамин Сафорат, бо баҳонае мо, мухолифинро дар қаҳвахонае ҷамъ кард.

Ман фаҳмидам, ки ӯ «гуфтании муҳимме» дорад. Мо чанд нафар будем. Оқибат ӯ гирди миз ҳамаи моро наздик, калла ба калла карда, гӯё бо овози паст изҳор дошт:

– Ҳамин субҳ вазири мо фармонеро имзо ва дар Сафорат мушовир – кордор таъйин кард. Донед, ки ӯ полковники КГБ аст. Аз ин пас эҳтиёт бошед. Ба дигар рафиқон ҳам гӯед.

Мусулмониён баъди каме таваққуф идома дод:

– Аз мо, мухолифин касе чизе нагуфт. Ва баъд ҳам нафаре ин мавзуъро муҳокима накард.

Ман ба сухани Мусулмониён гуфтание надоштам. Ин маълумотро намедонистам. Аммо фаҳм, дарк ва таҳлилҳои ман ба чунин изҳорот наздикӣ дошт.

Хомӯширо халалдор карданӣ шуда, Раҳим Мусулмониён бо ҳамон содагии покдилона ва боҷуръатонаи худ суханашро идома дод:

– Ана, акнун донистед, ки ман барои чӣ маҳз дар Сафорат бо Шумо вохӯрӣ таъйин кардам. На дар ҷойи дигар. Дар акси ҳол, шояд гумон мекардед, ки ман хабаркашӣ ва ё бадгӯйӣ карда истодаам. Ҳис кардам, он нафаре, ки ман ӯро ҷосус мешуморам, айни замон дар ҳамин Сафорат аст. Бо Шумо кор карда истодааст. Акнун даъват кунед он шахсро, то ман ин гапро дар рӯяш ҳам гӯям. Лозим бошад, боз шоҳид ҳам меорам. Даъват кунед! Худи ҳозир даъват кунед! – оқибат, барошуфт ва фармон дод муаллим.

Ман хомӯш меистодам.

Кӯшиш мекардам ба меҳмон ягон посух ва вокуниш ҳам нишон надиҳам. Инро дида, ғазаби профессор зиёдтар гашт:

– Чаро хомӯшед?!!! Биёред! Биёред, рӯ ба рӯ кунед, ки мухолифин хоин аст ё корманди давлатӣ?

Ман аз ғазаби муаллим завқ бурда, каме табассум кардам. Ва дидам, ки профессор ором намешавад:

– Муаллим, ман инро медонам. **«Моро фурӯхтанд ва мефурӯшанд. Муҳим он аст, ки аксарият содиқ ҳастанд»**, – гуфта, сухани як муаллифи ҳакимро бе истифодаи ному насабаш иқтибос овардам.

– Ҳа, бале, – каме ором шуда, гуфт оқибат профессор, – **«изои муъмин ҳаром»** мегӯед. Ин ҳам дуруст. Шуморо муътақид карда бошам, бас аст. Кифоя, – суханашро хулоса кард Мусулмониён.

Ман мавзуи суҳбатро тағйир доданӣ шуда:

– Устод, ин ҷо ҳолу аҳволатон чӣ тавр аст? Гоҳо ёди Ватан, ёру ошноҳо мекунед? – гуфта, хостам маҷрои суҳбатро ба самти аслӣ барам.

Раҳими Мусулмониён ба андеша фурӯ рафт.

Аз эҳсоси зиёд чашмонаш нам гирифт.

Каме таваққуф кард.

Ба худ омад.

Устод ва муҳаққиқи забардасти назми тоҷик ин ғазали Ҳофизро бо овози ҳазин хонд:

**Гар аз ин манзили вайрон ба сӯйи хона равам,**
**Дигар он ҷо, ки равам, оқилу фарзона равам.**
**З-ин сафар гар ба саломат ба Ватан боз расам,**
**Назр кардам, ки ҳам аз роҳ ба майхона равам.**
**То бигӯям, ки чӣ кашфам шуд аз ин сайру сулук,**
**Ба дари савмаа бо барбату паймона равам.**
**Ошноёни раҳи ишқ гарам хун бихӯранд,**
**Нокасам, гар ба шикоят сӯйи бегона равам...**
**Гар бубинам хами абрӯи чу меҳробаш боз,**
**Саҷдаи шукр кунам в-аз пайи шукрона равам.**

Албатта, аз рӯйи одоб ва тартиби хизматӣ набошад ҳам, ман маълумоти хиёнатро на ба сафир ва на ба Вазорати корҳои хориҷии мамлакат ва на ба идораи амнияти Тоҷикистон нагуфтам.

Тамоми умр оини кори мо буд, дар ҷойе, ки фаъолият ба сар мебарем ва аз он нон мехӯрем, камбудро шиносем, бояд андеша

ва таҳаммул кунем. Оқибати корро то ҳади имкон бо сабр сариштa намоем. Тадбир пеша кунем. Гапи хонаро ба бозор, ба худиву бегона набарем. Чун надидам, ки баръакси ин амал қимати касе афзуда бошад.

Аз ин оин ман зарар надидам.

## НАЗДИ МАН ҶАВОНМАРД ОН БУВАД

Ҳамин тариқ, бо профессор Раҳими Мусулмониён вақт ба вақт дар тамос мешудем.

Ӯ дигар аз дому дон, фитнаву шар, зеру забар, ҷангу ҷадал ва гулобу қанди мухолифин батамом канда буд.

Дар Донишгоҳи улуми адабиёти форсӣ ба тадқиқот шуғл меварзид. Бо меҳнати ҳалол рӯзгор мебурд.

Р. Мусулмониёнро ҳар сари вақт ба Сафорат даъват мекардам. Ӯ ҳам, сарфи назар аз масруфият, ба идораи намояндагӣ ташриф меовард.

Мо дар сари як чойник чой соатҳо суҳбат мекардем. Гарчанде байни мо гоҳо баҳсҳо сурат мегирифт. Онҳо бештар мавзуъҳои адабиёти классикиву муосир ва сиёсатро дахл мекарданд. Ман аз ин шахсияти бузург дарси илму адаб ва назокати муоширaт меомӯхтам.

Ҳамин тариқ, риштаи дӯстиву рафоқати ман бо профессор Раҳими Мусулмониён мустаҳкам гардид. Замоне ки бекортар мебудам, мошин фиристода, ӯро барои сайру гашт ба боғи Ниёварон ва ё ба боғи «Тахти сангин», дар наздикии Сафорат даъват мекардам.

Гоҳо, чун ба ягон самти Эрон танҳо сафар медоштам, устодро ҳамроҳ мегирифтам, ки раҳ «кӯтоҳ шавад» ва сафар хуш гузарад.

Албатта, профессор аз чунин таклиф хушаш меомад.

Тамоми роҳ мо дар ягон мавзуъ суҳбат мекардем. Ман доим суолҳои зиёд доштам. Шунидани ҷавоби онҳо аз забони

шахси донишманд, шеърхону шеърдон, нуктафаҳму соҳибмуҳокима ва дидаву дониста ниҳоят ҷолиб буд.

Боре нияти сафари шаҳри Ҳамадонро кардам. Шом бо Раҳими Мусулмониён дар тамос шудам. Таклифи ҳамроҳиро бо хушнудӣ қабул кард.

Дар роҳ ман дар бораи шаҳри Қазвин, ки аз Теҳрон дар масофаи яксаду панҷоҳ километр қарор дошт, нақл кардам. Аз Убайди Зоконӣ ёдовар шудам.

Устодро «Худо дод». Ӯ тез гапи маро бурида, риштаи суханро дар атрофи ин шоири тавонои асри XIII бурд.

Мусулмониён бо як завқи баланд дар бораи адиби тавонои миллати тоҷик нақлҳо мекард.

Аз ҷумла, гуфт, ки агар имкон бошад, мо аввал ба деҳаи Зокони Қазвин рафта, ақаллан, зодгоҳи ин марди рӯинтанро зиёрат кунем, баъд сафарро идома диҳем.

Ман аз профессор пурсидам, аз куҷо маълум аст, ки дар ҳақиқат Зокон макони таваллуди шоир аст. Муаллим гуфт:

– Инро худи шоир дар як байташ тасдиқ кардааст:

**Гар кунӣ бо дигарон ҷабру ҷафо,**
**Бо Убайдуллоҳи Зоконӣ накун!**

Сипас суханашро идома дода, хотирнишон кард:

– Чандин шеъру қитъаву достонҳои шоир чунон сароида шудаанд, ки гӯё ҳолу аҳволи маро тасвир мекарда бошад. Масалан, дар як рубоияш мегӯяд:

**Нест дар дастам кунун аз хушку тар,**
**З-он чӣ вақте дар шуморе омадӣ,**
**Ғайри ман дар хонаам чизе намонд,**
**Ҳам намондӣ гар ба коре омадӣ.**

Аммо чун Убайд бузургмард буд ва аз касе тамаи ноне надошт, дар ҷойи дигар гаштаву баргашта таъкид кардааст:

**Эй дил, пас аз ин андуҳи беҳуда махӯр,**
**З-ин беш ғами будаву нобуда махӯр.**
**Ҷон медеҳу доди тамаъу ҳирс мадеҳ,**
**Ғам мехӯру нони миннатолуда махӯр**.

Инро гуфту Раҳими Мусулмониён яку якбора сахт маъюс гашт:

– Ман профессор. Дар замони Шуравӣ ҳафтсад сум маош мегирифтам. Бо он се оила, агар шабу рӯз мехӯрданд, зиёдатӣ мекард. Ба фикрам, ношукрӣ аз дасти худамон гузашт, – гуфт.

Ман, ки доим бо муаллим дар «ситеза» будам, шӯхӣ кардам:

– Домулло, Шумо дар бораи Убайди Зоконӣ гап занед, на дар бораи худатон. Набошад ман тарҷумаи ҳоли ин «шаккок»-ро худам ба Шумо нақл мекунам, – гуфтам.

Профессор ба ҳуш омад, табассум кард ва гуфт:

– Воқеан, Убайди Зоконӣ шахсияти ҷасуру далер ва марди фозил, ҳаҷвнигор ва соҳибмуҳокима будааст. Замоне ӯ ба Бағдод сафар мекунад. Дар он ҷо аз танҳоӣ азият мекашад. Аммо намехоҳад пеши касе фазлфурӯшӣ ва сар хам кунад. Чанд мухлиси Убайд ба Салмони Соваҷӣ, шоири тавоно, аммо тамаллуқҷӯйи дарборӣ дар бобати меҳмон шудани Зоконӣ дар ин шаҳр хабар мерасонанд.

Салмони Соваҷӣ аз эҷодиёти Убайд хуб огаҳ буд ва аз ҳаҷву мутоибаҳои ӯ эҳсоси малолӣ карда, дар ҳаққаш қитъа месарояд:

**Ҷаҳаннамиву ҳиҷогӯ Убайди Зоконӣ,**
**Муқаррар аст ба бедавлативу бединӣ.**
**Агарчӣ нест зи Қазвину рустозодаст,**
**Валекин мешавад андар ҳадис қазвинӣ.**

Ин қитъа ба гӯши Убайд мерасад. Рӯзе шоир ҳангоми сайру гашт дар соҳили дарёи Даҷла Салмони Соваҷиро бо ҷамъи хушомадгӯёнаш мебинад. Наздик меравад. Арзи салом ва бо онҳо мусоҳиба мекунад.

Чун ҳозирин ҷавонмарди хушқадду қомат ва бо фазлу донишро мебинанд, ӯро ба маъракаи худ даъват мекунанд. Салмон аз ӯ мепурсад:

– Бародар бо ин хушсуханӣ аз куҷоӣ?

– Аз Қазвинам, ҳазрат! – ҷавоб медиҳад Убайд.

– Боракалло, боракалло! Аз Қазвин, ки бошӣ, бародар, бигӯй, ки аз эҷодиёти мо магар дар ватани Шумо чизе маълуму машҳур аст?

– Албатта, ҳазрат. Шумо яке аз шоирони шинохтаи он диёр эътироф шудаед. Аммо аз кулли ашъоратон як порчае вирди забони хоссу ом аст, – мегӯяд Убайд.

– Офарин, он порча кадом будааст, меҳмон?

Убайди Зоконӣ бо риояти ифоданокии қироати шеър мегӯяд:

**Ман хароботияму бодапараст,**
**Дар хароботи муғон ошиқу маст.**
**Мекашандам чу сабу дӯш ба дӯш,**
**Мебарандам чу қадаҳ даст ба даст.**

Ва илова мекунад:

– Ин фақир медонам, ки устод Салмон шахси хирадманду доност. Мардуми Қазвин ба ин боваранд, ки шояд шеъри мазкурро завҷаи эшон сароида бошанд.

Салмони Соваҷӣ ба дурустӣ дарк мекунад, ки ҳамсуҳбати ӯ ҳамон Убайди Зоконист, ки дар лутфу мутоиба ӯро ҳамто нест. Эҳсос менамояд, ки ба эшон қитъаи ӯ расидааст. Ва ин порчаи шеърӣ посух ба ҳамон қитъаи дар ҳаққи Убайд навиштаи ӯст.

Ман аз ин суҳбат хеле ҳаловат бурдам. Чун ба Қазвин расидем, дар суроғи деҳаи Зокон шудем. Мақсад – зиёрати макони тавлиди бузургвор Убайдуллоҳ буд, ки номи он деҳро ба исми худ пайваста, машҳури олам карда.

Мутаассифона, дар шаҳри Қазвин на ягон кас номи ин шоири оламшумулро медонист ва на мавзееро бо номи Зокон.

Профессор Мусулмониён бо тааҷҷуби зиёд ва содагии олимона аз ҳар каси роҳрави Қазвин, агар ӯро босалобат дарёфт мекард, мепурсид. Вақте онҳо ба саволҳои марбут посух дода наметавонистанд, бо ҳаяҷон:

– О, бародар! Наход шумо Убайдуллоҳи Зокониро нашиносед, наход макони зиндагии ӯро, ки ҳамшаҳрии шумост, надонед, – мегуфт.

Гоҳо аз ин шоири номвар порчаҳои шеърӣ мехонд. Гоҳо латифаҳо мегуфт. Аммо ҳайҳот. Гӯё қазвиниҳо қасам хӯрда бошанд, ки сар раваду сир наравад. Дар посухи суол китф дарҳам мекашиданд.

Оқибат, Раҳими Мусулмониён маъюс гашта, омада бо сари хам дар мошин нишаст. Фармон дод:

– Ба сӯйи бинои шаҳрдор ҳай кун!

Касеро пурсидам. Нишони маъмурияти шаҳрро гуфт. Дар он тарафи шаҳр, аз мавзеи истодагии мо дар масофаи тахмин 3-4 км будааст. Мо ба он самт ҳаракат кардем. Муаллим аз ин муколамаи бенатиҷа сахт ошуфта шуда, чанд маротиб худ ба худ: «афсус, бехирадӣ, бедонишӣ, бехабарӣ, ҳазор ҳайф, ҳазорон ҳайф», – гуфта монд.

## ҶОН МИСОЛИ ШИША АСТУ ИЛМ МОНАНДИ ЧАРОҒ

Аммо ман аз чунин вокуниш ҳайрон нашудам. Дар тааҷҷуб ҳам намондам. Ин дам аз пеши назарам як лаҳзаи сафари

худам ба шаҳри Исфаҳон гузашт. Мақсади ташриф, вохӯрӣ бо донишҷӯёни тоҷик буд.

Аз фурудгоҳ як мошини кирояи «Пайкон»-ро гирифта, ба ронандаи он, ки марди тахмин 50 – 55 сола буд, ҳадафро гуфтам.

Ронанда бахши донишгоҳи байналмилалиро намедонистааст. Тибқи харита, кӯшиш кардам хатсайрро фаҳмонам. Чун роҳ тулонӣ афтода буд, дар хусуси аз Исфаҳон будани падари Ҳофизи Шерозӣ, бо ҳамроҳии завҷааш ба Шероз рафтан ва дар он ҷо таваллуд шудани Шамсиддин, ки баъдан бо номи Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ машҳур гаштааст, нақл кардам. Ба умеди он ки шояд сокини шаҳри Исфаҳон чизе илова намояд ба гуфтаи мо, хатсайр кӯтаҳ шавад ва ҳамраҳӣ «маънӣ» пайдо кунад.

Аммо аз ронанда сару садое намебаромад. Пурра машғули кофтукови макони манзури мусофир буд.

Ман хостам абёте ба тафсири халқия, мисли пиёдачақчақ аз Ҳофиз ёдовар шавам, то хотири марди исфаҳониро, ки падари паёмбарони шеъри тоҷикӣ – форсӣ ҳамшаҳрии ӯст, шод гардад:

**Ба шеъри Ҳофизи Шероз мехонанду мерақсанд,**
**Сиёҳчашмони кашмириву туркони самарқандӣ.**

Аз ронанда вокунише берун наомад. Шеъри дигареро наздик ба аҳволи мардуми одӣ хондам:

**Шоҳидон дар ҷилваю ман шармсори кисаам,**
**Бори ишқи муфлисӣ ҳайф асту мебояд кашид.**

Аммо аз сокини шаҳри Исфаҳон ишорае ба дарки маънӣ шунида нашуд. Ахиран, як байти ғазали машҳурро хондам:

**Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,**
**Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.**

Ронанда, гӯё ки ҳамаи инро намешунид. Баръакс, хавотир буд. Оқибат, ба ман гуфт:

– Бе фекрам, ма роҳру гом кардим. Шома бо хате форсӣ баладид? Ун ҷа че навиште шоде? – гуфта, ба як иморати баланд, ки дар болои он ба андозаи якметрӣ ҳарфҳо сабт шуда буд, ишора намуд ва аз ман пурсид.

Навиштаҷот мушкил надошт. Тез онро хондам.

– Ваҳ, воғиан, ма дер ун месир нистим, – гуфт ба ошуфтагӣ ронанда.

– Оғо, биноии Шумо чӣ тавр аст, ки ҳарфҳои бузургро намебинед, аммо иҷозати ронандагӣ доред? – бо хавотирӣ пурсидам ман.

Ронанда дар як кунҷи роҳ мошинро нигоҳ дошт ва оромона ба ман:

– Оғо, моли куҷастӣ? – гуфта пурсид.

– Тоҷикистон, – посух додам ман.

– Бебин, эзизи делам, мотеваҷеҳ шодам, ки Шома таҷек ҳастид. Ашъори Ҳофизру ғироет кардид. Аммо маро гунгу кар дарёфтид. Оре, ҳамин ҷуре. Ман не мишонавам ва не мибинам. Омри мен дар ғеми йек бориде нон гозашт. Аз бачегӣ то ҳол. Ман хатту севод недорам. Аге бе ҷайи ман мебудид, Шома ҳам ҳеминҷӯрӣ мешодид дигэ. Кетобру бе шеками сир мехунанд. Дорост?!!! Шониде бодам, ке кешвари Шома шуроҳо кофармиҷозе, аммо одампервере. Нетиҷаи онру Шома доред нешун мидид. Моро дар дилетун мазаммат наконид. Экнун, шеърхунӣ бас! Ҳар эсми хиёбану эморатру бихунед, ке ман мотаваҷеҳ шавам, то коҷа ҳастим ва коҷа дорем мирим.

Баъдан ин ронанда тафсир намуд, ки барои ҳадди ақал ҷойи кор пайдо кардан, ҳукумат барои мардуми бесавод, давраҳои кӯтоҳмуддати ронандагӣ мекушодаанд. Дар онҳо на савод, чаро ки омӯзонидани он мушкил аст, замону макон ва маблағ мехоҳад, балки тарзу усули ронандагӣ ва аломатҳои роҳро нишон медода будаанду халос.

Бо ин хаёлот ману профессор Мусулмониён ба бинои ҳукумати шаҳри Қазвин расидем.

Он ҷо ба суоли мо посух доданд, ки чунин деҳа бар асари хушк шудани чашмаҳое, ки боиси зист дар он маҳал будааст, тақрибан дусад сол қабл мавҷудияти худро аз ҷабри табиат қатъ кардааст.

Ноилоҷ ба масири худ идома додем.

## ШУНИДАН КАЙ БУВАД МОНАНДИ ДИДАН

Наздикии шом ба шаҳри Ҳамадон расидем. Қарор додем, ки истироҳат кунем ва субҳи рӯзи дигар оромгоҳи Шайхурраис Абуалӣ ибни Синоро зиёрат намуда, баъд корҳои хизматиро анҷом бидиҳем.

Номи шаҳри Ҳамадон барои мардуми Тоҷикистон аз унвон ва мартабаи муборaки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ машҳур буда, аз эҳтироми махсус нисбат ба он ҷаноб бархӯрдор аст. Чун вақти говгум ба чанд меҳмонхонае муроҷиат кардем, эҳтиромона посухи «оғоюн, маъзарати зиёд, ҷой нист»-ро шунидем.

Дар меҳмонхонаи чорум ё панҷум профессор Мусулмониён шӯрид ва гуфт:

– Шумо дигар корти дипломатии худро нишон надиҳед. Ман масъаларо ҳал мекунам.

Розӣ шудам.

Устод пеш даромад. Хост бо як дарси таъриху адабиёт мушкили моро ҳаллу фасл кунад:

– Азизи ҷони бародар, – муроҷиат кард ӯ ба меҳмондор, – мо аз Тоҷикистон, аз диёре ба Ҳамадон, ба ин шаҳри таърихӣ ва ҳамешаҷавон ташриф овардем, ки он ҷо оромгоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонист.

Мардуми кишвари мо пеш аз он ки ба зиёрати Маккаи Мунаввара азми сафар намоянд, аввал марқади ин шахсияти бузургро саҷда мекунанд, то ҳаҷҷашон қабул шавад.

Меҳмондор:

– Арзам хидмататун, шома аз ма чӣ мехаҳид? Маге ҷойи хоб дархост надорид? – гуфта, пурсид.

– Оре, муддао ин аст! – ҳозирҷавобӣ кард, профессор.

– Нист, сад маъзарат михом, ҷойи хоб нист! – гуфт бо эҳтиром, аммо қотеона меҳмондор.

Профессор паст наомад:

– О бародар, мо аз маконе ҳастем, ки оромгоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ он ҷост. Мардуми мо ин шахсияти бузургро Амири Ҳамадон гӯянд. Эшон аз мулки шумо ба Кӯлоби мо чун мусофири раҳгузар ташриф овардаанд. Аммо ҳамватанони мо он касро дар мамлакати худ амир интихоб намуданд. Як мулки зебову сарсабзу хуррамро ба эшон ҳадя карданд. Баъди фавташон мақбараи боҳашамат дар боғи маркази шаҳр барои худи ин бузургвор ва авлодашон бунёд намуданд. Ҳоло ба ин мазор ташриф бурда, шабу рӯз гиряву нола, зориву дуо ба сидқи он ҳазрат арзонӣ медоранд. Ва ин садоқату амали мо нисбат ба эшон наздики шашсад сол аст, идома дорад. Наход шумо ба сафири мамлакати мо ва ба худи ман, ки профессори як донишгоҳи маъруф ҳастам, бар ивази шашсад соли эҳтирому бузургдорӣ, бо пули худамон ба муддати як шаб ҷойи хоб надиҳед.

Меҳмондор, ки ба кори худ саргарму саргардон буд, андак дар ғазаб шуд:

– Оғо, ман ҳамчонин шахсеру, ки шома доред мегед, аслан немишиносамшун ва ба ун коре ҳам недорам. Шома равед, сеҷдаи худро дар он даргоҳетун идома бидид! Аге шома аз мо ҷойи зист талаб дорид, нистш, – гуфт. Ӯ ба ҳар ҳол кӯшиш кард, ки ғазаби худро нисбат ба ин содагии мо зиёд нишон надиҳад.

Ин замон дидам, охунде аз ман ҷавонтар, бо либоси озода, саллаи сиёҳ, риши сиёҳ, ҷомаи сиёҳ бо хонуми ҷавони сар то ба по печидаи сиёҳ ва як писарбачаи хурди зебои сарсиёҳ ба толори бузурги меҳмонхона, ки воқеан, рангаш сиёҳ буд, ворид шуданд. Ман фикр кардам, ки ин охирин имкон аст. Беихтиёр назди он охунд давидам. Маъзарат пурсидам. Ва изҳор доштам:

**Додгаро, фалак туро ҷуръакаши пиёла бод,**
**Душмани дилсиёҳи ту ғарқа ба хун чу лола бод.**

Ва арзи хидмат кардам:

– Волоҳазрато, мусаллам аст, ки Шумо шахсияти бофазилати мазҳабӣ ҳастед. Мо ду нафар мусофири тоҷикистонӣ аз маконе ба Ҳамадон ташриф овардем, ки он ҷо зиёратгоҳи Мир Сайид Алӣ, бузургворе ҳаст ва ба қавли эшон ба ҳабдаҳ пушт насаб ба ҳазрати Расул пайванд. Шашсад сол аст, ки ин бузургвори ғариб меҳмони кишвари мост. Аммо мо ба шаҳри эшон меҳмонӣ барои як шаб омадему наметавонем ҷойи хоб пайдо кард.

Охунд, ҷавон ҳам бошад, оқилу зарофатфаҳм будааст. Инро шунида, табассум кард. Бо пешонии худ ба меҳмондор, ки бо пайдо шудани ӯ бо лабҳои пурхандаи чоплусона дандонҳои зарди худро ошкор карда буд, ишораи сабуки омиронаи «ин ҷо биё» кард.

Меҳмондор чорқат шуда, давида назди охунд омад. Охунд сӯйи чоплус қавоқ баркашид ва бидуни он ки чизе гӯяд, ду ангушти дасти росташро нишон дода, баъд онро ба як мубаддал сохт. Яъне ду манзил ҷудо кунед, яккасӣ.

Меҳмондор дуқад шуда, қафонокӣ рафта, қариб дар курсӣ бармехӯрд, базӯр тавозун нигоҳ дошта, дар ҷойи худ рост истод ва бо нигоҳу таъзим охунди ҷавонро то ғайб задан гусел кард.

Баъди рафтани он ҳумоюнқадами фархундапай, бо қошу қавоқ барои мо ду хонаро рӯйи истифода қарор дод.

Профессор табассуми қаноатмандона карду:

– Аз арвоҳи хеши ҳазрати Пайғамбар як охунди зинда зӯртар будааст, – гуфт.

## АЗ ҚАЪРИ ГИЛИ СИЁҲ ТО АВҶИ ЗУҲАЛ

Субҳ ману дӯстам ба сӯйи қиблаи илму хирад, донишу маърифат, ақлу фаросат ва қудрати инсонӣ – мақбараи олими забардаст, табиби соҳибқудрат, шоиру мусиқидон, файласуфи зеҳниятшиносу аз олам бохабар, давлатомӯз, қуллаи дарки ҳастӣ, тоҷике, ки ливои нангу номуси инсониро бар зидди ҷаҳолату хурофот, торикиву раҳгумӣ ва тангдастии табиат дар назди оламиён баланд кардааст, яъне Абуалӣ ибни Сино раҳсипор гаштем.

Профессор Раҳими Мусулмониён ҳангоми зиёрати марқади ин бузургвор, асосан, бо ман, аммо гӯё худ ба худ иброз дошт:

– Тавре ки донишманди эронӣ Саид Нафисӣ далел меорад, Абуалӣ ибни Сино дар тули ҳаёти кӯтоҳаш, дар шароити сарсону саргардонӣ, таассубу таъқиб ва тақдири носозгори зиндагӣ 456 китобу рисола навиштааст.

Аз ҷумла, 23 асари худро бо забони модариаш – тоҷикӣ таълиф намудааст. Китобҳои ӯ «Ал-маҷмуъ», «Китоб-уш-

шифо», «Рисолаи кимиё», «Мантиқи форсӣ», «Наҷот» ва ғайра аз кашфиёти бемисли замони худ ва чанд асри баъди давраи ин олими беҳамто маҳсуб мегарданд.

Танҳо «Китоб-уш-шифо»-и ӯ ҳалли чандин масъалаҳои печидаи фалсафа, мантиқ, математика, табиат, мусиқӣ ва монанди инҳоро дарбар мегирад.

Номи Абуалӣ ибни Сино бо фаҳм, дарк ва умқи зеҳнияти миллати тоҷик ва тоҷикият тавъам аст. Ӯ ҳувияти миллии мост.

Чандин порчаҳои шеърии Абуалӣ ибни Сино шаҳодат аз он медиҳанд, ки торикӣ, ҷаҳолат ва хурофотпарастии руҳониёни ифротӣ бар зидди мактаб, маориф, илм, хирад ва равшангарой решаҳои таърихӣ доранд. Маҳз ҳамин омилҳо сабаби аслии ҷанги шаҳрвандӣ буданд. Ва эҳтимоли қавӣ он аст, ки боз чанд даҳсолаи дигар бадбахтиҳои бузургро бар зидди миллати тоҷик меоваранд:

**Куфри чу мане газофу осон набувад,**
**Маҳкамтар аз имони ман имон набувад.**
**Дар даҳр чу ман якеву он ҳам кофир,**
**Пас дар ҳама даҳр як мусулмон набувад.**

**Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал,**
**Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.**
**Берун ҷастам зи банди ҳар макру ҳиял,**
**Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.**
**Бо ин ду-се нодон, ки чунон медонанд,**
**Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон эшонанд.**
**Хар бош, ки ин ҷамоа аз фарти харӣ,**
**Ҳар к-ӯ на хар аст, кофираш мехонанд.**

Ин суханҳоро гуфта, профессори гуреза ва фиребхӯрдаи тоҷик хеле ғамангез ва дардолуд гашт. Ба ҳоли худ ва миллати зери хурофоту ҷаҳолатгаштаи хеш, ки акнун бо ҳамин сабаб бо ёрии аҷнабиён якдигаркушӣ мекунад, ҳазорҳо афсус мехӯрд.

Бо анҷоми зиёрати мақбараи ин абармарди тоҷик, профессор Раҳими Мусулмониён маро ба оромгоҳи хурд ва назарногири шоири машҳури Эрон Орифи Қазвинӣ овард, ки тибқи васияти ӯ, дар ивази бузургворие, ки дар шеъраш нишон додааст, инъоме нахостааст, магар ин ки дар пойдомани манзили ахирати Абуалӣ ибни Сино ӯро ҷой диҳанд.

Ҳукуматдорон ин васиятро сазовор донista, ҳамчунон кардаанд.

Инак, дар тахтасанги сари гӯри ин шоири тавоно чунин байте навишта шудааст:

**Умрам гаҳе ба ҳаҷр, гаҳе дар сафар гузашт,**
**Таърихи зиндагӣ ҳама бо дарди сар гузашт.**

Чун рӯзи дигар ман аз хидмати давлатӣ фориғ шудам, то он дам Мусулмониён дар шаҳр нишони авлоди Мир Сайид Алии Ҳамадониро муайян карда будааст.

Маро ба иншоот ва зиёрати мақбараҳои марбут ба ин хонадон даъват кард.

Роҳбаладi мо, марди солманд – доктор Солукӣ яке аз донишмандон ва мардумшиносони доираҳои илмии Ҳамадон будааст. Ӯ бо овардани шаҷара ва далелҳои таърихӣ исбот намуд, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, воқеан, аз қавми араб ва аз авлоди ҳазрати Алӣ мебошад. Ва дар ин шаҳр аз қавми Алавиён будани эшон бо санадҳо таъйид гардидааст.

## НЕШИ АҚРАБ
## НА АЗ РАҲИ КИН АСТ

Ифтихор аз таърихи миллати хеш нишонаи бузургӣ, масъулиятшиносӣ, худогоҳӣ, эҳёгарӣ, шарафмандӣ, шоистасолорӣ ва рисолатшиносӣ аст.

Аммо баъзе аз «зиёиён»-е, ки ба аслияти ватанпарастии худ хиёнат карда, дастобрези мутаассибони ифротгаро ва тарроҳони ҷанги бародаркуш шуда, ба Эрон фирор карда буданд, таърихи миллати хешро дар ҳафтод соли ахир ноҷавонмардона таҳриф мекарданд.

Бо ин аъмол ҳам, мехостанд рӯширинӣ ва чоплусие ба бегонагон кунанд. Меҳрубоние аз онон тамаъ баранд. Табассуму тараҳҳуми аҷнабиёнро сазовор шаванд.

Фаромӯш мекарданд, ки дар асл, ҳамагон дастпарварони Ватани хешанд. Дар ин сарзамин худ, фарзандон ва аҳли авлодашон таваллуд ва бузург шуданд. Бе музд таҳсилоти мактаби миёнаву олӣ гирифтанд. Дар риштаҳои номзадиву докторӣ, бидуни пардохти маблағ таҳсил карданд. Сазовор буданд ё не, ба унвонҳои баланди илмӣ ноил гаштанд. Лоиқ буданд ё не, соҳиби манзилу манзалат шуданд. Фазилатеро, ки падарон васият карданд, сарфи назар намуданд:

**Зи ҷӯйе, ки хӯрдӣ аз он оби пок,**
**Нашояд фигандан дар он сангу хок.**

Яке аз муовинони Вазири амнияти Тоҷикистон, ки дар сафи ҳайати Комиссияи оштии миллӣ буд, лаҳзаеро нақл мекард, ки собиқ журналисти номдори Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибқалами маъруф дар ғарибӣ, дар сари миз аз пеши яке аз саркардагони иттиҳоди мухолифин, ки сабабгори ҷанги шаҳрвандӣ буд, тез-тез резаҳои нон ва пасмондаҳои хӯроки ӯро ҷамъ намуда, табақчаҳои эшонро пок ва дам ба дам иваз

мекард. Худ ғизо тановул наменамуд. Саропо дар хизмати он фурӯмоя қарор дошт.

Ҳамин буд, формулаи фалсафии вазъияти «инқилоби зеҳнӣ»-и «мағзҳои миллат» – зиёиёни миллӣ дар таносуб бо фазои маънавӣ ва ҷисмонии халқи бечораи раҳгумзадаи тоҷик дар оғози даҳаи охирини асри гузашта.

Бо супориши саркардагони худ, ин дастаи ба ном зиёӣ, бидуни эҳсоси хиҷолат, мардуми худро дар муқоиса бо давраи «гул-гулшукуфӣ»-и салтанати амирони манғитияи Бухоро, комилан ақибмонда, торик ва маҳрум аз пешравӣ дар кулли соҳаҳои иҷтимоӣ қаламдод мекарданд.

Бидуни шак, чунин тафсир – манзалати миллати тоҷикро боз ҳам паст кардан, онро дар қиболи аҷнабиён то дараҷаи ниҳоӣ беқурб гардонидан буд. Мақсад аз он, асоснок кардани ҷанги шаҳрвандӣ ҳамчун «ҳаракати миллӣ – озодихоҳӣ», бештар ба даст овардани маблағ, пулу мол ба хотири минбаъд ҳам аланга задани низои саросарӣ ва ба ҳар қимат ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ маҳсуб мегардид.

## ДАР ФАРАНГ АЗ БЕХАРӢ МУҲТОҶИ РОҲИ ОҲАНАНД

Профессор Раҳими Мусулмониён аз чунин муносибат, тухмат ва дурӯғбофии маҳзи собиқ ҳамсафони худ сахт асабонӣ мешуд. Азоби руҳӣ мекашид. Онро таҳқири бешармона, беадолатона ва кӯрнамакӣ нисбат ба миллат ва давлати хеш медонист.

Рӯзе устод Мусулмониён ба Сафорат назди ман омад. Як даста аз чунин мақолаҳоро, ки дар матбуоти давлатӣ ва хусусии Эрон, беибо, аз ҷониби ин «зиёиён»-и мухолиф нашр мешуд, гирифта овард. Хонд ва тафсир кард. Хоҳиш намуд, ки Сафорат ба онҳо вокуниши расмӣ нишон диҳад.

Мо ин корро салоҳ нашуморидем. Гуфтушуниди байни тоҷикон мерафт. Намехостем он халалдор шавад. Баъдан, худи мухолифон дар байни оммаи мардум обрӯ ва эътибор надоштанд. Онҳо мехостанд, **усма бар абрӯи кӯр зананд. Ва домани давлат ба зӯр бигиранд.**

Ман ин маъниро ба Раҳими Мусулмониён гуфтам. Ӯ фикри моро маъқул шуморид ва хулоса кард:

– Хуб. Агар ин тавр бошад, ман худам матлабе дар посух барои хонандаи Эрон менависам ва нашр мекунам.

Баъди як ҳафта профессор бо сарсухани пурмуҳтаво ва арзишманд, мақолаи устод Садриддин Айнӣ таҳти унвони **«Дар Фаранг аз бехарӣ муҳтоҷи роҳи оҳананд»**-ро дар яке аз маҷаллаҳои маъруфи Эрон чоп кард. Онро ҷавоб ба навиштаҳои зиёиёни чоплуси фурӯхташуда, ки намак хӯрда, дар намакдон туф карда, дастовардҳои миллати худро дар ҳафтод соли ахир, бошуурона, ғаразмандона, дидаву дониста ночиз мешумориданд, тафсир намуд. Ва лозим донистааст, ки чанд нусхаашро пешкаши кормандони сафорат низ гардонад.

Тибқи навиштаи устод Айнӣ, баъди инқилоби Бухоро ҳам, нафароне пайдо шуда буданд, ки ошкору ниҳон дар бораи «дастовардҳо»-и амирони манғития афсонаҳо менавиштанд.

Садриддин Айнӣ, ки худ аз шоҳидон ва муҳаққиқони ҷавонмарди таърихи Бухорои амирӣ буд ва ба он «хонаи бедоду ситам» ва «маҳкамаи ҷабр» нафрати беандоза дошт, аз ҷумла, дар бораи муҳтаво, сифат, дараҷаи таҳаввулот, рушди фикрӣ ва ҷаҳонбинии табақаҳои иҷтимоии Бухоро менависад:

«Шабе аз шабҳо дари манзили ориятии маро касе тақ-тақ зад. Онро кушодам. Ҳаво мисле, ки аз лаби табақ об мерехта бошанд, беист меборид. Ду нафар аз ҳамқишлоқиёни камбағали қашшоқ бо либосҳои даридаи шип-шилта дами дар истода буданд:

Яке аз онҳо пеш даромада:

– Домулло, дар ин ҳуҷраи мадраса муш мушро тангӣ мекунад. Лекин аз барои Худо, мо илоҷи дигар надорем. Ду дарза ҳезумеро, ки барои рӯзгузаронӣ ба бозор оварда будем, як бало карда, нимҳақ фурӯхтем. Шом шуд. Аз ҳаво сел омад. Бубинед, мо дар обу гил ғӯттидаем. Шаб торик. Харҳоямон роҳ рафта натавонистанд. Дар ин кӯчаҳои Бухорои Шариф лой то миён. Агар иҷозат бошад, ҳамин шабро дар ҳуҷраи Шумо рӯз кунем. Дами субҳ, дигар боиси озори Шумо намешавем, – гуфт.

– Албатта, албатта. Дароед. Ҳозир ман дар дегдон оташ мегиронам. Либосҳоятонро хушк карда мегиред. Андак нафас рост мекунед. Баъд, субҳ ихтиёратон, – гуфтам ман.

Деҳқонон хурсанд шуданд:

– Эҳ, Илоҳӣ, барака ёбед, домулло. Раҳми моро хӯрдед. Худованд ин некиатонро ба Шумо даҳчанд карда гардонад, – гуфтанд.

Дар дегдон оташ гирондам. Оши имшабаи барои рӯзи дигар бозмондаамро гарм карда, пеши деҳқонони бечора мондам. Чун оташ аланга зад, хона гарм шуд, дар сари палав деҳқонон ба гап даромаданд.

Яке аз онҳо, ки Мурод ном дошта, бачаи ҳушёртар буд, нақл кард:

– Домулло, имрӯз як нафари бо хатту савод, рӯзномаеро оварда, дар пеши дӯкони Қурбонбойи далол хонда, ҳамаи моро дар тааҷҷуб мононд.

– Хайр, чӣ гап будааст дар он? – пурсидам ман аз деҳқони ба ҳаяҷономада.

– Эҳ, домулло, напурсед. Дар кадом кунҷи дунё, Фаранг гуфтанӣ макон будааст. Хулоса, дар он ҷоҳо мардумон ниҳоят камбағал, нодор ва дар азоби алим гирифтор ба сар мебурдаанд. Чанд рӯз пеш дар Порис ном шаҳри он кишвар, барқ барин чиз гум шудааст. Он ҷо қатор ном ҷондоре будааст, ки барқ хӯрда,

баъд дар пушташ мардумро бор карда, аз макони ба макони мебурдааст. Акнун, ки барқ гум шудааст, тамоми мардуми Порис пойи пиёда монда будаанд. Эҳ, бечораҳо-йе, ба дараҷае қашшоқ будаанд, ҳатто хар надоштаанд, ки савор шуда гарданд-е!

Ин суханҳоро гуфта, палавро хӯрда, деҳқонон ба ҳоли мардуми Порис хуб механдиданд».

Устод Айнӣ бо овардани ин нақл воқеияти дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ ва фикриву маънавии мардуми Бухороро дар муқоиса бо лофу газофи муллоҳову «донишмандоне», ки таърихи воқеии мардуми хешро чоплусона ба фоидаи амирони манғития таҳриф мекарданд, фош месохт.

Бо чунин аксуламал, яъне ошкор кардани дурӯғҳои муллоҳои ифротӣ ва зиёиёни думрави резахӯри саргардони онҳо, ки сабабгори ноороміҳои Ватани аҷдодии хеш гашта буданд, профессор Раҳими Мусулмониён чашми мардуми ноогоҳи Эронро нисбат ба воқеияти таърихӣ, муосир ва шахсиятҳои зери суоли он солу замон мекушод.

Дар бораи ин шахсияти бузург андеша карда, доимо аз дилам мегузашт:

**Қаландарони ҳақиқат ба ними ҷав нахаранд,**
**Қабои атласи он кас, ки аз ҳунар орист.**

(*Аз китоби: Ятимов С. Ёддоштҳо. -Ҷилди 2, -Душанбе: «Эко Принт», 2024, -С. 346-377)*

**Бадалипур Мирзоҳусайн БАДАЛӢ**
*н.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ*

## БУНЁДГУЗОРИ АНТРОПОЛОГИЯИ СИСТЕМАВӢ ВА ТАСНИФОТИ СИСТЕМАВИИ ДОНИШ ВА ИЛМ

*(Дастоварди илмӣ ва таҳқиқоти беназири профессор М. Музаффарӣ)*

Ҳангоми навишти мақолаи «Баҳри инсон чашми ман шабҳо гирист…» (Рӯзномаи «Миллат» № 11 (546) 16 марти соли 2016) таълифи китоби «Оинадори ҳикмат» (2017) оид ба кору фаъолияти илмию эҷодии доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ, директори Маркази антропологияи АМИТ, устоди гиромиқадр Муҳаммадалӣ Музаффарӣ банда чунин нигошта будам: «Дар ин шабу рӯз устод Музаффарӣ ба таҳқиқоти нодире даст задааст, ки барои бунёди назарияи антропологияи системавӣ замина мегузорад. Бо ин ҳадаф ӯ дар асоси омӯзиши антропологияи классикӣ, сохтори назарияи антропологияи системавиро бунёд карданист. Ин таҳқиқот бояд дар се ҷилд мунташир гардад. Мо ҳам хоҳони онем, ки устод дар ин роҳ ба мақсуд бирасад ва ин нияти хайр ва неки эшон ҷомаи амал пӯшад».

Хушбахтона, қисмати аввали ин таҳқиқот бо унвони «Антрополо- гияи системавӣ» (Системная антропология) соли 2021 дар нашриёти «Дониш» дар ҳаҷми 218 саҳифа ба забони русӣ ба нашр расид. Чуноне ки аз саҳифаи нахустини тавзеҳоти мухтасар (аннотатсия) бармеояд, муаллиф ин рисолаи арзишмандро ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва 70-солагии Академияи

миллии илмҳои Тоҷикистон (АМИТ) таълиф намудааст. Дар ҳамин ҷо таъкид шудааст, ки ин қисмат масъалаҳои методологӣ ва таърихии антропологияро мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, дар асоси тасвир ва тавсифи манзараи масоили антропологӣ, масоили таърихӣ ва методологии антропологияи системавӣ равшан карда шудааст. Дар натиҷа предмет, метод, сохтор, вазифа ва таърихи инкишофи донишҳои антропологӣ мушаххас ва мавқеи антропология дар системаи илмҳо муаяйн гардидааст.

Рисола аз сарсухан, бахши авал (шарҳу тавзеҳи хусусиятҳои методологӣ ва таърихӣ) ва ду боб бо фарогири 14 мавзуъ, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар сарсухан муаллиф оид ба мақом ва манзалати илми антропология сухан мегӯяд ва таъкид месозад, ки «Дар сохтори илмҳои гуманитарӣ фалсафаи инсон, ҳамчун шохаи мустақил аҳаммият ва арзиши хоссаи назариявӣ ва методологӣ барои илмҳои инсоншиносӣ дорад. Аммо, дар шароити муосир эътироф нашудани чунин як илми алоҳида қимати назариявию методологии онро мекоҳонад. Аз сабаби набудани шохаи мустақил ё илми алоҳида ба сифати «фалсафаи инсон» боиси номуайййаянии сарҳади донишҳои он гардидааст. Ин вазъият дар ҳоли рушди пурвусъати донишҳои байнифаннӣ як назарияи томи бунёдиро оид ба табиат ва моҳияти инсон дар доираи як илм тақозо менамояд. Дар ин фаҳмиш антропология ҳамчун илми мустақили фалсафӣ-онтологию гносеологӣ дар қатори дигар улуми фалсафӣ баромад мекунад. Антропология ҳамчун илми томи фалсафӣ, ҳамчун захирае аз донишҳои фалсафӣ тамоми меъёр ва заминаҳои зарурии назариявӣ ва методологиро доир ба моҳият ва табиати инсон, ки дар илмҳои мухталифи инсоншиносӣ ба даст оварда шудаанд, дар худ таҷассум менамояд ва фаро мегирад». Саҳ. 5-6.

Арзишмандии сарсухани рисола аз он иборат аст, ки муаллиф бо далелу бурҳони қавӣ аҳаммияти таҳқиқи масоили антрополигиро дар се бахши калон таҳлилу баррасӣ ва барои хонанда равшан намудааст. Аз ҷумла маҳдудияти дараҷаи омӯзиши масъалаи мазкурро  дар даврони пешин ошкор сохта менависад, ки маъмулан дар фарзияҳои илмҳои фалсафӣ оид ба инсон, ки дар рисолаҳои дастаҷамъию алоҳида, китобҳои дарсӣ ва маводҳои таълимӣ мавзуи мазкур бо унвони «Фалсафаи инсон», «Масоили фалсафии инсон», «Масоили фалсафаи инсон» хеле ночиз ва назарногир маънидод мешуд. Ба таъкиди устод аҷоиб ин аст, ки ин ҳолат ба тамоми таърихи фалсафа ва даврони шуравӣ хос мебошад. Баъдан, сухан дар бораи таҳаввулоти назарию амалӣ, иваз кардании номи материализми таърихӣ ба фалсафаи иҷтимоӣ, ба миён омадани шохаҳои мустақили илми фалсафа: онтология (ҳастишиносӣ) ва назарияи маърифат (гносеология), номгузории «масоили фалсафии инсон» ба «Ҳаёти маънавӣ» (Духовная жизнь) ва ғ. меравад, ки боиси омӯзиши ҷиддӣ ва фарохтари масоили инсон дар фалсафа гардиданд.

Устод дар тафсиру ташреҳ ба ҳайси як илми мустақил ва алоҳида шинохтани антропология суханони олими равоншинос Л.С.Выготский, В. М. Крюков, Л.П.Буев ва М.Шелерро иқтибос овардааст ва раванди мураккаби ташаккули ин илмро возеҳу равшан намудааст. Ҳамзамон хидмати бузурги файласуфону равоншиноси рус: И. И. Антонович, Б. Г. Ананева, Б. Г. Григорян, П. С. Гуревич, И.С. Кон, А. Г. Мысливченко, К. Н. Любутина, И. Т.Фролов,  Ю. М. Федорова ва дигаронро дар таҳқиқу омӯзиши масоили фалсафии инсон, шахсият ва антропология фалсафӣ зикр кардааст. Ҳамчунин заҳмати чашмраси файласуфони хориҷӣ-М. Шелер, Х. Плеснер, А. Гелен, Х. П. Рикман, А. Севера

Эпиноза, Л. Фарре, М. Бубер ва дигаронро дар асосноккунӣ ва муайян сохтани объект ва предмети антропология фалсафӣ дар асри XX таъкид кардааст.

Устод барои ташаккул ва муайян сохтани мақоми антропология дар байни илмҳои дигари фалсафӣ дар ин раванд аз таълифоти беназири худ «Мадхали антропология» (Введение в антропологию) соли 1999 низ ёдовар шудааст, ки яке аз беҳтарин дастоварди илмӣ дар антропологияи моусир буда, нововарие дар ҷодаи асоснок кардани мавзуъҳои ин илм ва пеш аз ҳама дар таснифу тақсимбандии илмҳо ба шумор меравад. Ҳадафи асосии муаллиф собит намудани таърихи антропология ва асосонок намудани методологияи он, муайян сохтани масоили назарӣ, амалӣ ва нишон додани мавқеи ин илм дар системаи илмҳо мебошад, ки бешубҳа амалӣ шудааст. Рисола дар ҳаҷми бузург навишта шуда, аз сарсухан, чаҳор боб бо фарогирии понздаҳ зермавзуъ ва хулоса иборат аст. Ба ишораи устод дар таълифи китоб аз 272 адабиёти ватанию хориҷӣ истифода намудааст. Навгониҳои Музаффарриро дар ин рисола, банда дар мақолаи «Инсоншиноси классикӣ» дар китоби «Оинадори ҳикмат» шарҳу тавзеҳ дода буд, ки такрори онро ҷоиз намедонам.

Чуноне ки зикр кардем, ин таълифоти навини устод бояд дар се ҷилд ё қисм мунташир шавад. Аз ин бармеояд, ки ҳар як қисмати он мавзуоти муайну мушаххасеро доир ба паҳлуҳои мухталифи илми антропология дар бар хоҳад гирифт. Аз ин ҷиҳат, дар ин рисолаи ба дасти мо расида баъди сарсухан бахши нахуст ба таври мухтасар ба таърифу тавсифи хусусиятҳои методологӣ ва таърихии мавзуъ бахшида шудааст, ки ба таъкиди муаллиф як бахши назарияҳои системавии антропология мебошанд. Аслан, ҳарду боби ин рисола бо ҳамин унвон бо фарогирии мавзуоти таркибӣ номгузорӣ шудаанд.

Устод менигорад, ки дар махсусияти методологӣ масоиле мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки ба равшану возеҳ кардани маъно, мазмун ва моҳияти мафҳуми “антропология” рабт доранд. Ин амал барои муайянӣ ва мушаххасоти объект ва предмети ин илм хизмат менамояд. Мусаллам аст, ки ҳар як илм мафҳум ва категорияи худро дорад. Аз ин ҷиҳат системакунонии мафҳум ва категорияҳо муҳимтарин вазифа ва хусусияти методологии ҳар як таҳқиқот аст. Аз ин рӯ. муайянкуни мафҳум, мадрак ва предмет, систематикунони мафҳумҳо ва категорияҳо ба ҳамин минвол ҷо ба ҷо гузории пай дар пайи сохтори фан имконият медиҳад, ки вазифаи асосии илми антропология шарҳу тавзеҳ ёбад.

Яқин аст, ки дар махсусияти таърихӣ сухан дар бораи таърихи антропология ва донишҳои антропологӣ меравад. Табиӣ аст, бунёд ва ташаккули ҳар як илм аз аҳди бостон шуруъ мешавад, ки дар ин раванд, антропология низ истисно нест. Чи тавре, ки маълум аст донишҳои антропологӣ ҳамчун шохаи донишҳои фалсафӣ дар Юнони қадим ба миён омадаанд ва дар асрҳои миёна, даврони Эҳё, Замони Нав, Морифпарварӣ ташаккул ёфтаанд ва дар ҳоли ҳозир, дар даврони муосир дар рушду инкишофанд. Аз ин ҷиҳат муайяну мушаххас кардани мавқеъ ва нақши донишҳои антропологӣ дар рушду инкишофи тафаккури инсонӣ дар раванди таърих ҷиҳати ҷаҳоншиносӣ, ҷаҳонфаҳмӣ, ҷаҳонбинӣ ва худогиҳию худшиносии он махсусияти таърихии онро ошкор месозад.

Мавзуи аввали боби якумро устод ба шарҳу тафсири моҳият ва маънои мафҳуми «Антропологияи системавӣ» бахшидааст. Дар оғоз мазмуни антропологияро аз ҷиҳати пайдоиши этимологӣ, аз юнонии “antropos” – инсон ва “logos” таълимот, яъне илм дар бораи инсон шарҳ дода, назари донишмандон: Я.Я. Рогинский ва М.Г. Левинро овардааст, ки ба ақидаи онҳо ин мафҳумро нахуст Арасту барои муайян ва

ошкор сохтани табиати маънавии инсон истифода бурдааст. Баъдан, менависад, ки мафҳуми «антропология» дар китоби Магнус Ханта «Антропология о достоинстве, природе и свойствах человека и об элементах частях и членах человеческого тела», ки соли 1533 дар Лейпсик мунташир шудааст, зикр гардидааст. Сипас аз китоби муҳаққиқи итолиявӣ Галеатссо Капелла бо унвони «Атропология, или рассуждения о человеческой природе» ва асарҳои Касман «Антропологическая психология, или учение о человеческой душе» ва «Строение человеческого тела в методическом описании» барои тақвияти фикри худ ёдовар мешавад.

Дар шарҳу тавзеҳи доманадори ин масъала, яъне аз таҳаввуллоти замонии мазмуну муҳтавои таърифу тавсифи мухталифи ин мафҳум аз назари физикӣ, биологӣ, ҷомеавӣ, фарҳангӣ, педагогӣ ва ғ. дар луғатно- маҳо, қомусҳо ва энсиклопедияҳо ва назариёти донишмандони алоҳида, дар кишварҳои Аврупо, Америка ва Руссия Музаффарӣ мисолҳои мушаххас оварда, номукаммалӣ, нуқсу камбудиҳо ва яктарафаю нокомил будани онҳоро аз ҷиҳати илмӣ ва мантиқӣ ба исбот расонида, андешаҳои ҷолиби худро оид ба саҳеҳият ва илмияти ин мафҳум иброз намудааст. Аз руйи хулосаҳои устод мукаммалтарин таърифи мафҳуми "антропология" дар "Луғати тафсири"-и Владимир Даля омадааст, ки мазмунаш чунин аст: «Антропология, истилоҳи юн., илм дар бораи инсон; инсоншиносӣ; таълимот дар бораи инсон ҳамчун мавҷуди зинда ва ҳамчун руҳ; ба сифати тан, ин анатомия ва физиология; ба сифати руҳ, яъне равоншиносӣ (психология), илм дар бораи ҷисму руҳ, ҷон...Антроплог - равшангари ин илм, руҳу равоншинос. Антропология-биотомия. Анатомияи инсон, таълимот дар бораи сохтори ҷисму андоми он».

Устод иброз медорад, ки дар ин таърифи классикӣ моҳият ва мазмуни антропология -«илм дар бораи инсон…таълимот дар бораи инсон ҳамчун мавҷуди зинда ва ҳамчун руҳ» ба таври комил таҷассум ёфтааст ва маънидод гардидааст. Хусусиятҳои методологӣ ва таърихии антропологияро шарҳу тавзеҳи илмӣ дода, муаллиф ба хулосае меояд, ки вобаста ба мазмун ва муҳтаво, ҳамчунин ба низомдарории пай дар пайи мантиқии назариёти ироашуда ҷоиз аст, ки ин илмро, яъне атропологияро антропологияи системавӣ номгузорӣ намоем.

Дар параграфи дуюми ин боб муаллиф мадрак (объект), предмет ва усулҳо (методҳо)-и Атропологияи системавиро баъди таҳлилу муқоисаҳои мантиқию фалсафӣ дар доираи илмҳои мухталиф муайяну мушаххас намудаанд. Ва хеле сареҳу равшан баён медоранд, ки объекти антропология- ин инсон ҳамчун мавҷуди томи психофизикию хирадӣ ва предмети он –табиат ва моҳияти он бо гуногунмиқёсиашон аст. Дар ин радиф таъкид месозад, ки вобаста ба ин мафҳумҳои «табиат», «моҳият», «пайдоиш», «инкишоф» ба сифати мадраки ошкор кардани махсусиятҳои объекти маърифати антропологӣ, хусусиятҳои гуногуни табиати инсонӣ, барои муайянсозии предмети илмҳои антропологӣ ва худ равиши антропологӣ дар таҳқиқоти гносеологӣ, онтологӣ, биологӣ ва дигар хусусиятҳои табиати инсон ба сифати меҳвар ва амалисозии омӯзиши маҷмуавии он хизмат менамояд. Усулҳои асосии мутаалиқ ба илмҳои алоҳидаи антропологиро дар соҳаи антропология, файласуф, асосан, аз методҳои муқоиса ва системавӣ иборат донистааст.

Дар параграфи сеюми ин боб муҳаққиқ мафҳум ва мақула (категория)-ҳои бахши методологӣ ва таърихии анторополгияро номбар кардааст. Ба ақидаи ӯ категорияҳои ин бахш: «инсон», «антропологияи фалсафӣ», «антропологияи динӣ», «масъалаи инсон дар фалсафа», «фардияти инсон»,

«мактабҳои антропологӣ» , «самтҳои антропологӣ», «меъёрҳои антропологӣ», «равишҳои антропологӣ», «табиати инсон», «моҳияти инсон»,«антропологизм», «антропосентризм», «теосентризм», «логосентризм», «космосентризм», «Homo sapiens», «тафаккури фалсафӣ-антропологӣ» ва ғ. мебошанд.Ба мафҳумҳои асосии антрополо- гияи назариявӣ ва амалӣ: «моҳият», «ҳастӣ», «нестӣ», «хирад», «шуур»,«ҳолати шуур», «материя», «объект», «субъект», «дониш», «ҷон», «руҳ», «мутлақият», «дарк», «маърифат», «хулоса», «олам», «неру», «умумият», «эволютсия», «инволютсия», «қудрати репродуктивӣ», «қувваи асабоният», «хоб», «хоббинӣ», «хислатҳои модарзодӣ», «хислатҳои баргирифта», «қудратҳои зеҳнӣ», «хусусиятҳои синнусолӣ», «суҳбат», «мушоҳида», «худшиносӣ», «худинкишоф», «хислатҳои худбинӣ», «хислатҳои накукорӣ» ва ғ.-ро дохил кардааст.

Зермавзуи чоруми ин боб сохтор ва вазифаҳои Антропологияи системавиро таҳлилу баррасӣ менамояд. Сохтори ин илм аз назари устод аввал, махсусияти методологию таърихӣ, дуюм, қисмати назариявӣ ва сеюм, қисмати амалии он мебошанд. Дар бораи бахши аввал маълумот додем. Қисмати дуюми он ба таъкиди муаллиф, ин ҷанбаъҳои ҳастишиносӣ (онтологӣ), назарияи маърифат (гносеологӣ), космологӣ, биологӣ, психологӣ ва ахлоқию зебоишиносӣ ва ғайраи инсонро дар бар мегиранд. Қисмати сеюм хислатшиносӣ, ҷанбаъҳои сотериологӣ (таълимоти илоҳиётшинсосӣ дар бораи наҷоти инсон) ва танатология (марги фардӣ)-ии ӯро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Агар қисмати дуюми зикршударо аз рӯйи нишондоди устод биёварем, ҷанбаи онтологӣ, моҳияти инсон, гносеологӣ, усулҳои маърифати инсон ё ин ки мадраки маърифати инсон, космологӣ, таълимот дар бораи пайдоиши инсон, биологӣ дар бораи ҷисму тани инсон, яъне ҷанбаъҳои физикӣ (ба навишти

муаллиф ин ду хусусият масъалаҳои инволютсия (дигаргунӣ) ва эволютсия (таҳаввулот ва инкишоф)-и инсонро фаро мегиранд), психологӣ ва метапсихикӣ, масоили мухталифи неруи равонӣ ва ҳолати зеҳнии инсон, анатомӣ, физиологӣ, соматикӣ (ҷисмӣ) ва морфӣ ҳамчун хусусияти баъди менталӣ (равонӣ, зеҳнӣ) ва астралӣ (ахтарӣ) ва биллохир таълимот дар бораи фардияти табиати инсон, ки ба хусусияти иҷтимоӣ-арзишӣ дохил мешавад, мавриди таҳлилу баррасӣ ва омӯзиш қарор медиҳанд.

Аз рӯйи таснифоти муаллиф вазифаҳои илми антропология, дар қатори вазифаҳои маърифати ва амалӣ, назариявӣ, ҷаҳонбинӣ, методологӣ, тавсифӣ, фаҳмондадиҳӣ ва ояндабинӣ мешаванд. Ба гунаи мисол, вазифаи ҷаҳоншиносию ҷаҳонбинии ин илмро бунёд ва ташаккули тасаввуроти том дар бораи табиат ва моҳияти инсон, ҷой ва мавқеъи он дар олами ҳастию кайҳон, фарқияти он аз дигар мавҷудоти зинда дар Замин, ҳадаф ва мақсади офариниши ӯ ҳамчун мавҷуди соҳибхирад, имкониятҳои маърифат ва дарку фаҳми ӯ доир ба шаклҳои ҳастӣ, ки натиҷаи ин ҳама муносибати ӯро ба олам, табиат ва худ, ҳамзамон зиндагии шахсӣ, бо оила ва ҷамъият муайян ва мушаххас месозанд, таърифу тавсиф кардаанд.

Боби дуюми рисола «Хусусиятҳои таърихӣ» ном дорад ва аз даҳ зермавзуъ иборат аст. Ин боб масоили донишҳои антропологиро дар фалсафаи Ведоӣ, дар Авесто, герметизм, даосизм, ҳикмати Юнон, дар фалсафаи форсу араб: машшоия ва тасаввуф, давронҳои Эҳё, фалсафаи классикии олмонӣ, фалсафаи асри XX ва замони муосир дар бар мегирад.

Аз рӯйи андешаи устод фалсафаи Ведоӣ ҷаҳонбинӣ оид ба фаҳму дарки се масъалаи бунёдӣ: Худо-Кайҳон-Инсон аст, ки аз ин ҷо таълимоти фалсафӣ дар бораи Худо, Кайҳон (олам) ва Инсон сарчшма мегирад. Дар фалсафаи аврупоӣ ин таълимот теология, космология ва антропология номида мешавад.

Муаллиф менигорад, ки дар Веданта антропологизм, на танҳо фалсафа, балки шакли асосии ҷаҳоншиносию ҷаҳонфаҳмӣ аст. Аз ин ҷост, ки дар Адвайта-Веданта муайян сохтани табиати инсон масъалаи меҳварии фалсафа баромад мекунад, чунки фаҳмиши табиати инсон калиди донистани моҳият ва табиати олами вуҷуд аст. Инсон мувофиқи таълимоти ведоӣ мисоли оинаест, ки моҳияти ҳама ҳастӣ дар он инъикос мешавад. Ба ақидаи мутахассисони веданта табиати инсон ва олам ҳувияти ягона доранд. Дар фалсафаи ведоӣ моҳияти инсон Атман номида мешавад. Ҳадафи асосии фалсафаи Адвайта- Веданта – ин исботи ҳувияти фардияти инсонии "Ман" – Атман бо ҷаҳонии "Ман"- Браҳма мебошад. Ҷанбаи антропологии ҳаллу фасли ин масъала дар он зоҳир мешавад, ки асосгузори Адвайта-Веданта Шанкара кӯшиш мекунад, ки ба василаи таҳлили фардияти "Ман" табиати ҳастии мутлақ "Ман"- Худоро дарку фаҳм намояд. Дар умум, фалсафаи Веданта назарияи инволютсия ва эволютсияи пайдоиш ва инкишофи Коинот ва Инсонро асоснок менамояд.

Дар рисолаи мазкур таълимоти инсоншиносии китоби Авесто мавқеи меҳварӣ дорад. Устод бо як эҳтиром ва эҳтимоми хосса масъалаи мазкурро дар ин сарчашмаи динию фалсафии гаронарзиши ниёгонамон ба риштаи таҳқиқ кашида аст. Ба андешаи ӯ таълимоти динию фалсафии Авесто хислати ахлоқӣ-равонӣ дорад. Аз ин лиҳоз менависад, ки андарзи машҳурии ахлоқии авестоӣ: "Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек" худ таҷассуми масоили антропологист. Таълимоти Авесто доир ба инсон ҳам ҷанбаи назариявӣ ва ҳам ҷанбаи амалӣ дорад. Ҷанбаи назариявии он масъалаҳои табиат, пайдоиш ва моҳияти инсон ва ҷанбаъҳои амалии он масоили таълимоти илоҳиётшиносиро дар бораи наҷоти инсон (яъне дунё ва охират)-он инъикос менамоянд. Таълимоти антропологии Авесто моҳияти бунёдӣ дорад ва

инсонро дар сарнавишти худ масъул медонад. Мувофиқи таълимоти авестоӣ дар олами ҳастӣ ду қувва ба ҳам зид- нур ва зулмот дар муборизаанд. Дар сиришти инсон бошад, қувваҳои некӣ ва бадӣ. Аз ин рӯ, тақдири инсон дар дасти худи ӯст, ки кадом роҳро интихоб мекунад, то ки саодати дунё ва охирати худро таъмин намояд.

Авесто бузургтарин дастури зиндагиро барои инсон пешниҳод кардааст, ки "Дар ҷаҳон роҳ якест ва он роҳи ростист". Муаллифи рисола суханони Зардуштро дар шинохти моҳияти масъала меорад, ки чунин мазмун доранд: "Дар олам ду роҳ, ду гавҳар ва ду ҷавҳар вуҷуд дорад. Яке аз он-некӣ, дигаре бадӣ. Онҳо доимо дар норозигии байни ҳам вуҷуд доранд" саҳ. 84-85.

Масоили антропологӣ дар Авесто дар фарогири ҳаёту мамот, худогоҳию худшиносии комил ва зиндагии шоистаи инсон таҷассум шудаанд. Ба андешаи Музаффарӣ масъалаҳои табиат, моҳият ва пайдоиш инсон бо ҷаҳонбинии хеле гуногунранги ахлоқию равонӣ ва эсхатологии китоби муқаддаси Авесто мисоли равшани таълимоти антрополгии ин сарчашмаи гаронбаҳои хатии фарҳангу тамаддуни ориёии мост.

Зермавзуи сеюми ин боб ба масоили антропологӣ дар герметизм бахшида шудаанд. Муҳаққиқ дар шарҳу тавзеҳи ин мавзуъ таъкид бар он менамояд, ки дар фалсафаи герметизм масоили антропологӣ ба назариёти Веда ва Авесто қаробат доранд. Аз ин ҷост, ки масъалаи пайдоиш ва моҳияти инсонро ҳамчун ҷанбаи назариявӣ ва ҷаҳонбинии сотерологии муаллифи "Поймандр"(китоби асоси Герметизм)-ро ҷанбаи амалии ин таълимот ҳисобидан мумкин аст. Масъалаи пайдоиши инсон дар "Поймандр" бо масъалаи пайдоиши кайҳон иртибот дорад. Барои фаҳмиши амиқу ҳаматарафаи пайдоиши инсон лозим аст, ки дониши комили тамоми

паҳлуҳои пайдоиши кайҳонро дошта бошем. Дар герметизм пайдоиши ҷаҳони моддӣ, Кайҳон дар умум, иродаи Илоҳӣ дониста мешавад. Дар "Поймандр" низоми офариниш шурӯъ аз минералҳо, растаниҳо ва ҳайвонот то инсон нишон дода шудааст. Натиҷаи охир ин аст, ки Ақл-Демиург...ки Ҳаёт ва Нур аст, мавҷудеро ҳамсони худ - инсонро халқ мекунад. Саҳ. 93.

Табиати инсон ба мисли дигар мавҷуди зинда хусусияти дугона дорад, яъне миранда аст аз ҷиҳати ҷисми табиӣ ва намирандаю ҷовидон бо моҳияти абадии инсонии худ аст. Неруи эҷодкори Демиург ҳамеша дар батну сиришти одамӣ ҳувайдо мебошад. Ҷисми физикии инсон ба гуфти Гермес аз се унсур – замин, об ва эфир ба вуҷуд меояд. Замин барои бунёди инсон ҳамчун зан ва об ҳамчун мард хизмат менамоянд. Аз эфири ин ду унсур руҳи зиндагибахш ба вуҷуд меояд. Дар ин раванд зина ба зина таҳаввулоти табии инсон дар асоси Ҳаёт ва Нур ба ҷониби Ҷон ва Хирад сурат мегирад. Аз рӯйи эътиқоди Гермес ҷони инсон аз Ҳаёт ва хиради ӯ аз Нур ба вуҷуд меоянд.

Дар мавзуи "Донишҳои антропологӣ дар Даосизм" сухан дар бораи таълимоти фалсафии Лаотси дар Чини қадим меравад, ки бо номи "дао"маъруфият дорад. Таъкид кардан лозим аст, ки назариёти Лаотси сирф ҷанбаи фалсафӣ-антропологӣ доранд ва роҳҳои мухталифи маърифати инсонро дар бораи Дао (донистани ҳақиқати ашё) дар бар мегиранд. Аз руйи назариёти мутафаккир "Дао" ашёҳоро тавлид мекунад ва "Дэ" онҳоро мехӯронад. Ба ақидаи Лаотси "Дао" якро таваллуд мекунад, як дуро мезояд ва ду серо мезояд ва се ҳамаи мавҷудотро. Ба ғайр аз ду қувваи мухолифи "Ин ва Ян" дар вуҷуди инсон неруи "Дэ", ки хусусиятҳои накукорӣ ва бадрафтории ӯ аз он вобастагӣ дорад, амал менамояд. "Ин ва Ян" аз мафҳумҳои асосии фалсафаи Чини

бостон буда, аслан маънои ҳавои абрнок ва офтобӣ ё тарафи офтобрӯя ва соярӯяро доранд. Мутафаккирони Чини қадим ин мафҳумҳоро барои таъбири фалсафии падидаву зуҳуроти мухталифу ҳамдигарро ивазкунанда: нуру зулмат, офтобу моҳтоб, оташу об, фаъоливу сустӣ, манбаи мардона ва занона осмону замин ва ғ. истифода бурдаанд. Нуктаи муҳимтарини таълимоти "Ин ва Ян" робитаи мутақобилаи онҳо ба ҳаёти одамон ва ҷомеаи инсонӣ аст: агар онҳо аз рӯйи қонунияти табиашон амал кунанд, он гоҳ дар мамлакат (ҷамъият, инсон) оромӣ ва низом ҳукмфармо мегардад, вале агар амалиёти онҳо халалдор гардад, пас дар ҷомеа бетартибӣ ва бенизомӣ ба амал меояд. Устод таълимоти даоро нисбати моҳияти инсон ҳам аз ҷиҳати ҳастишиносии кулл ва сотериологӣ барои хонанда равшану возеҳ сохтаанд.

Дар баёни масоили атропологӣ дар фалсафаи Юнони Бостон устод фикру мулоҳизаҳои ду намояндаи маъруфи он-Афлотун ва Арастуро оварда аст. Дар ибтидои ин бахш таълимоти Афлотунро шарҳу тавзеҳ дода, мегӯяд, ки масоили онтологӣ ва гносеологӣ дар назариёти ин мутафаккир ба мисли дигар намояндагони фалсафаи антиқӣ бо ҳаллу фасли масоили антропологӣ алоқаманд ҳастанд. Моҳияти ин иртиботу алоқамандӣ барои ҳаллу фасли масоили умумифалсафӣ аз он сарчашма мегирад, ки ба ақидаи файласуфони аҳди бостон, аз ҷумла Афлотун фаҳмиши микрокосмос (яъне олами сағир-инсон) бе фаҳмишу донистани макрокосмос (олами кабир- Коинот) номумкин аст.

Афлотун бар ин ақида аст, ки ҷисми инсон (сома) аз заррахои кайҳонӣ сохта мешавад ва ба вуҷуд меояд ва баъди марги ӯ ин заррачаҳо ҷисмашро тарк карда ба ҷои пештараашон бармегарданд. Барои равшан сохтани назариёти Афлотун иқтибосе аз китоби "Философия о сущности человека" ба ин мазмун оварда шудааст: Гуфтан мумкин аст,

ки “...идеализми афлотунӣ яке аз сарчашмаҳои муҳимми дуализми антропологӣ ва ақлгароии назариявӣ-маърифатӣ гардид”. Саҳ. 109.

Оид ба Арасту сухан карда, муҳаққиқ менависад, мавсуф аз нахустин файласуфони аҳди бостон аст, ки ба таснифи донишҳои мавҷудбудаи он замон, аз он ҷумла донишҳои антропологӣ оид ба табиати мавҷудоти зинда ва падидаҳо иқдом кардааст. Асари вай “Дар бораи нафс” бе шакку шубҳа аввалин ва мукаммалтарин осори инсоншиносӣ дар фалсафаи аҳди қадим ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин асар Арасту андеша ва афкори  антропологии худро дар бораи моҳияти ҷон, ҳамчунин ҳаллу фасли масоили равону ботини инсон иброз намудааст. Фикру андешаҳои зиёду мухталифи Арастуро дар бораи табиату моҳияти инсон дар осори табиатшиносӣ, кайҳоншиносӣ, ахлоқ ва таълимоташ дар бора ҷомеа дучор шудан мумкин аст.

Дар параграфи шашуми ин боб бо унвони “Донишҳои фалсафӣ дар фалсафаи араб ва порсизабонон: машшоия ва тасаввуф” сухан аслан дар бораи таълимоти инсоншиносии Ибни Сино, Ибни Арабӣ ва Абдулқодири Бедил меравад. Бояд зикр кард, ки дар ин зермавзуъ устод тафсилоти бештар оид ба масоили антропологӣ дар осору эҷоди Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино додааст. Аз ҷумла ёдовар мешавад, ки масъалаи инсон мавзуи меҳварии қариб тамоми осору эҷоди ин мутафаккири барҷастаи миллати мо аст, вале ду асари ӯ “Китоб дар бораи нафс” ва қисмати дуюми “Ишорот ва танбеҳот”-ро метавон сирф асарҳои антропологии ин алломаи Машриқзамин номид. Ба таъкиди устод як қатор масоили сотериологӣ  (маъниашродар фавқ зикр кардем) дар асарҳояш “Китоб-ун-наҷот” ва “Тадбири манзил” баён шудаанд. Оид ба назариёти антропологии Ибни Арабӣ аз таълимоти ӯ дар бораи “инсони комил” ва ҷойгоҳи ин масоил дар асари

"Тилисми ҳайрат"-и Абулмаъонӣ маълумоти мухтасар оварда шудааст.

Асли таълимоти тасаввуфро "ваҳдати вуҷуд" ва "ваҳдати шуҳуд" ташкил медиҳад, ки аслан ба ташаккули ахлоқию маънавӣ ва руҳии инсон, покизагии сурату ботини он нагаронида шудаанд. Мувофиқи таълимоти назарияи ваҳдати вуҷуд, ҳастӣ якест ва он ҷиҳатҳои гуногуни мавҷудиятро доро мебошад. Тарафдорони назарияи ваҳдати вуҷуд ва анъанаҳои тасаввуфи тавҳидӣ чунин ақида доранд, ки ҳастӣ, бешак, яккаву ягона аст ва ин рангорангии мавҷудот тарзҳои гуногуни зуҳури ҳамон ҳастии воҳид мебошанд. Бисёре аз муҳаққиқони соҳа назарияи ваҳдати вуҷудро ба Ибни Арабӣ ва пайравони мактаби ӯ нисбат додаанд. Устоди зинданом Моҳирхӯҷа Султонзода дар шарҳу баёни ин мавзӯъ дар мақолаи хеш «Назми орифонаи Шоҳиди Мавлавӣ» менависад, ки ин ақидаро (яъне, ваҳдати вуҷудро) баъдан Ибни Арабӣ «падари ирфони исломӣ» (таъбири Р.А. Николсон – шарҳи муаллиф) ба низоми махсуси назарӣ ворид намуд ва истилоҳи ваҳдат-ул-вуҷудро ба ин мақсад мавриди истифода қарор дод, ки моҳияти он тасдиқи айнияти ҷавҳарии тамоми мавҷудот – руҳонию ҷисмонӣ ва ягонагии олам аст.[1]

Дар тавзеҳу шарҳи ин ибораҳои тасаввуф, яъне ваҳдати вуҷуд ва шуҳуд Музаффарӣ аз таълимоти Ибни Арабӣ ва аз асари дар боло зикршудаи Мирзо Абдулқодири Бедил мисолҳо оварда аст.

Чунонеки маълум аст Даврони Эҳё масъалаи асосии афкори фалсафию фарҳангӣ, ахлоқию зебоишиносӣ қудрат, неру, истеъдод ва фардияти инсон аст. Устод дар параграфи

[1] Моҳирхӯҷа Султонзода. Назми орифонаи Шоҳиди Мавлавӣ. Дар кит. Баррасиҳо аз таърихи фалсафаи тоҷику форс. – Душанбе: Матбуот, 2002. – С. 322.

ҳафтуми рисолаи худ «Масоили антропологӣ дар партави назарияи фардияти инсон: Даврони Эҳё» рӯйи ин мавзуъ сухан гуфтааст. Дар оғози ин зермавзуъ аз шукуҳу шаҳомат ва аҳаммияту арзиши гуманизми итолиёвӣ ва чанде намояндагони он: Николай Кузанӣ, Франческо Петрарка оид ба фардияти инсон мисолҳо оварда, тарҳи масъаларо бештар дар атрофи монадологияи Лейбнитс анҷом додааст.

Монада - (аз юн.monas – якто, воҳид) мафҳумест, ки дар афкору андешаи мактабҳои гуногуни фалсафӣ барои ифодаи унсурҳои асосии ҳастии олам истифода шудааст. Дар фалсафаи аҳди бостон дар таълимоти пифагориҳо ва Академияи афлотунӣ мавриди истифода будааст. Дар фалсафаи Замони Нав мафҳуми М. дар таълимоти пантеистии Николай Кузани ва Ҷорданно Бруно инъикос шудааст. Монада аз мафҳумҳои меҳварии таълимоти файласуфи олмонӣ Г. Лейбнитс (1646-1716) маҳсуб мешавад. Лейбнитс вобаста ба ҳамин мавзуъ соли 1714 асари худро бо унвони "Монадология"(Monadologie) ба забони франсавӣ иншо мекунад. Хусусияти асосии таълимотии Лейбнитс дар принсипи фардият инъикос меёбад, ки ба фаъолияти монадаҳо вобастагӣ дорад. Ба қавли Лейбнитс олами воқеӣ аз ҷавҳарҳои бешумори фаъоли руҳӣ, нахустунсурҳои тақсимнопазири ҳастӣ –монадаҳо иборат аст, ки байнашон ҳамоҳанги азалӣ вуҷуд дорад. Ба туфайли ҳамоҳангӣ инкишофи ҳар як монада ба инкишофи монадаи дигар ва тамоми олам вобаста аст, зеро офаридгор дар табиати ҳар як монанда қобилияти тасаввуру идрок, инъикосу ифодаи монадаҳои дигар ва тамоми оламро ҷой додааст. Лейбнитс ҷаҳони ҷисмониро фақат ифодаи номукаммал аз ҳиссии олами (ҳақиқии) монадаҳо мешуморид.

Ба ақидаи Лейбнитс монада содда буда, аз қисмҳо иборат аст ва аз ин рӯ, тақсимнопазир низ мебошад. Монадаро

наметавон моддӣ ва имтидод номид, зеро ҳар он чи ки моддӣ ва имтидод аст, ба таври беинтиҳо тақсимпазир мебошад. Моҳияти ҳар кадом монадаро имтидод не, балки фаъолият ташкил медиҳад. Вайро тавассути сабабҳои механикӣ, тасаввур, идрок ва саъю кӯшиш наметавон шарҳу эзоҳ дод. Фаъолияти монадаҳо дар тағйири пайгиронаи ҳолатҳои ботинӣ, ки мо онҳоро ҳангоми муроқибаи ҳаёти шахсии нафсамон мушоҳида мекунем, зоҳир мегардад. Чун монадаҳо дорои ҳиссанд, нафс ва чун дорои хираданд, рӯҳ номида мешаванд. Азбаски монадаҳо «сурохӣ надоранд», ба ҳам таъсир намерасонанд, мустақиланд. Ҳамин тавр, ба ақидаи файласуф, кулли чизҳои оламро метавон зиндаю ҷондор номид, зеро дар ҷое, ки порчаи ашё ба назар мерасад, олами томи зинда – монадаҳо вуҷуд доранд.

Ҷолибтарин мавзуи рисола баррасии ғояҳои антропологӣ дар фалсафаи классикии олмонӣ аст, ки дар зермавзуи 8-уми ин боб матраҳ гардидааст. Маълум аст, намояндагони фалсафаи классикии Олмон–И. Кант, И.Ф.Гегел, Л.Фейербах, Шеллинг дар рушду инкишофи афкори фалсафӣ саҳми босазое гузоштаанд. Устод Музаффарӣ худ яке аз муҳаққиқони барҷастаи ин мактаби фалсафӣ мебошанд. Аз ин хотир масоили антропологиро дар осору эҷоди ин мутафаккирон ба таври густурда шарҳу эзоҳ додааст. Суханро аз шахсияти И. Кант оғоз намуда, таъкид месозад, ки мавсуф на танҳо асосгузори фалсафаи классикии олмонӣ, балки асосгузори антропология ҳамчун илми фалсафӣ мебошанд. Устод менависад, ки дар баррасии мавзуъ мо бояд ҳамон назарияи маъруфи Кантро оид ба вазифа ва ҳадафи соҳаҳои фалсафа, ки ба чаҳор савол: Ман бояд чиро донам? Ман бояд чӣ кор кунам? Ба чӣ ман метавон умед бандам? Инсон чист? ҷавоб гӯянд, ба инобат гирем. Сипас меоварад, чуноне ба хонандагон маълум аст, аз рӯйи ақидаи Кант ба саволи аввал-метафизика, дуюм,

ахлоқ, сеюм, дин ва чаҳорум антропология ҷавоб мегӯянд. Посухи худро шарҳу тавзеҳ дода, Кант ба хулосае меояд, ки " ...аз рӯйи моҳият ҳамаи инро бояд ба антропология нисбат донист, зеро се саволи аввал ба охирӣ мутаалиқ ҳастанд". Саҳ.143.

Музаффарӣ асоси мероси Кантро дар омӯзиш ва фарогирии масоили гуногуни онтологӣ ва гнеосологӣ аз назари фалсафӣ ба донишҳои антропологии ӯ рабт медиҳад ва асари машҳури файласуф "Атропология"-ро, ки аз ду қисм иборат аст, таҳлилу баррасии илмӣ менамояд.

Баъд аз Кант муаллиф дар бораи яке аз пайравони ақида ва андешаҳои инсоншиносии ӯ А. Шопенҳауэр ибрози назар мекунад ва назариёташро доир ба макрокосмос ва микрокосмос ташреҳ медиҳад. Аз рӯй таснифоти Шопенҳауэр вазифаҳои асосии илми атропология чунинанд: 1) тавсифи инсон аз рӯйи симо (зоҳир) ё объективият, яъне организм; 2) тавсифи инсон аз ҷиҳати ботинӣ, ё субъективият, яъне аз рӯй шуур ва маърифате, ки ӯро ҳамроҳӣ мекунанд; 3) тавсифи муносибати шуур ва организм, яъне муносибати зоҳирию ботинии инсон. Саҳ. 150.

Бахши дигари ин мавзуъ ба таълимоти инсоншиносии файласуфи маъруф Гегел бахшида шудааст. Муаллиф ақидаҳои антропологии ӯро аз рӯйи асараш "Фалсафаи рух" барои хонандагон равшан месозад. Ба ақидаи устод антропология ва масоили антропологӣ дар қисмати аввали ин асар бо унвони "руҳи субъективӣ" нигошта шуда, ҳамзамон фарогири масъалаҳои феномологӣ ва психологӣ мебошанд. Барои Гегел руҳи субъективӣ, пеш аз ҳама "руҳ дар худ ё бевосита, маънои ҷон ё ки руҳи табиӣ- предмети антропология мебошад". саҳ. 152.

Ба таври хулоса меоварад, ки антрополгия ба андешаи Гегел илми фалсафӣ дар бораи хислатҳои табиӣ ва равонии инсон мебошад.

Музаффарӣ дар давоми фикри худ менависад, ки антропологияи Гегел дар ҳақиқат барои ба вуҷудоии консепсияи материализми антропологии Фейербах хизмат намуд. Ин назариёт ва таҳқиқот то ба он андоза аҳаммият дорад, ки метавон Фейербахро яке аз асосгузорони антропологияи материалистӣ ва масоили антропологӣ дар илми фалсафа номид. Файласуф пеш аз он ки моҳияти инсонро муайян намояд "хислатҳои фарқкунандаи инсони ҳақиқиро дар инсон" ҷудо месозад. Аз рӯйи пиндори Фейербах мавҷудияти хирад, ирода ва қалб нишонаҳои асосии инсоният дар инсон мебошанд. Ба қавли Фейербах инсони комил дорандаи тафаккур, ирода ва ҳиссиёт аст. Ин хислатҳо - ирода, тафаккур ва ҳиссиёт моҳияти олӣ ва мутлақи инсонҳои воқеӣ мебошанд". саҳ. 158.

Параграфи нуҳуми рисола "Антропологияи фалсафӣ-кӯшиши асосноккунии мақоми фаннии "фалсафаи инсон" дар асри XX" ном дошта, таълимоти инсоншиносии Макс Шелер ва Гелмут Плеснерро ба хонандагон ошно месозад. Дар тавзеҳи мавзуъ устод таъкид медорад, ки сабабҳои асосии пайдоиши атропологияи фалсафиро дар ин даврон бояд дар эҷодиёти ин ду асосгузори он ҷӯё шавем. Бегуфтугӯ ду асари М. Шелер "Ҳолати инсон дар Кайҳон" ва "Оид ба ғояи инсон" асарҳои бунёдии фарогири назариёти муҳимми фалсафӣ дар бораи инсон ҳастанд. Ҳамчун тарафдори мавқеи Кант, менависад муаллиф,- Шелер иброз медорад, ки ҳама масоили марказии печ дар печи фалсафӣ ба коҳиши масъалаи инсон чист ва чи гуна мавқеъ ва вазъияти метафизикиро дар умумияти маҷмуавии ҳастӣ, олам ва Худо ишғол мекунад, оварда мерасонанд. Аз ин рӯ, бунёди назарияи ягонаи фалсафӣ дар

бораи инсон, коркарди ҷанбаъҳои таҳқиқи методологӣ ва муайяну мушаххас кардани алоқамандӣ ва робитаи байнифанни предмети он заминаи пайдоиши атропологияи фалсафӣ гардиданд. Шелер сареҳан таъкид месозад, ки меҳвари ин илмро бояд моҳият ва ҳастии инсон, муносибатҳои вай ба ҳукмронии табиат ва ҳастиҳои дигар, моҳияти нахустоғозу ҷаҳиши мовароуттабии табиӣ, равонӣ ва маънави он дар олами вуҷуд, дар бораи неру ва қувваҳои ин ҳаракат ва нерую қувваҳои ба ҳаракатдарорандаи он, тамоил ва қонуниятҳои инкишофи биологӣ, равонӣ, маънавӣ ва таърихию иҷтимоӣ, ҳамчунин имкониятҳои табиӣ ва воқеии амалисозии ин имконияту воқеатҳо аз ҷониби вай ташкил диҳад.

Музаффарӣ назариёти морфологӣ, табию равонӣ, семантикӣ (аломатҳо), биопсихологӣ, соматологӣ, инстинктикӣ ва руҳии Шелерро оид ба инсон шарҳ дода, менависад, ки файласуф ҳастии руҳию маънавиро мояи асосии ташаккули ғояҳои антропологӣ дар таърихи фалсафа меномад. Аз ин ҷост, ӯ тасаввуроти файласуфони Юнони бостонро дар бораи руҳ назарияи "классикӣ" оид ба моҳият ва ҳастии инсон меҳисобад.

Устод дар хусуси яке аз дигар асосгузорони антропологияи фалсафӣ Г. Плеснер гуфтори кӯтоҳе оварда, ӯро давомдиҳандаи таълимоти М. Шелер муаррифӣ менамояд. Барои исботи ин суханон иқтибоси зеринро меоварад: "Назарияи илмҳоро дар бораи руҳ, ки кӯшиш мекунад фаҳмиши воқеии ҳаёти инсонро дар инъикоси инсон таҷассум созад, фақат ва фақат антропологияи фалсафӣ фаро гирифта метавонад". Саҳ. 170.

Муҳимтарин дастовард ва кашфиёти навини устод барои илми имрӯза аз ҷиҳати илмию мантиқӣ ва фалсафӣ муайяну мушаххас намудани мақому манзалат ва алоқамандию

иртиботи илми антропология дар байни илмҳои дигар, ба қавли худаш "призмаи ташаккули асоситарин масоили он" аст, ки дар параграфи охирони рисола дар мавзуи "Ҷои антрополия дар таърих ва таснифи илмҳои муосир" шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Ба гуфти ӯ сарчашмаи асосӣ барои омӯзиш ва таҳлилу баррасии мавзуи мазкур асари Б. М. Кедров (Таснифоти илм. Иборат аз ду қисм ба забони русӣ) хизмат менамояд, зеро таърих ва назарияи таснифоти илмҳоро аз даврони қадим то солҳои 60-уми асри XX дар бар мегирад. Устод дар такя ба далелҳои ин таҳқиқот ёдовар мешавад, ки ҳанӯз дар Юнони бостон Плинии Калонӣ дар асараш "Таърихи табиӣ" таснифоти илмҳо (ҳамтабории донишҳо – анатомия, физиология, антропология, таърихи фарҳанг, мардумшиносӣ ва иқтисод) - ро анҷом додааст, ки ба назари мо дар ин таснифот антропология пайвандгари илмҳои гуманитарӣ ва табиӣ маҳсуб мешавад. Баъдан, аз асари Абунасри Форобӣ "Дар бораи таснифоти илмҳо", ҷойдошти ин мавзуъ дар осори "Бародарони пок" (Ихвон-ус-Сафо), маорифпарварони фаронсавӣ –Даламбера ва Дидро, антрополгия ҳамчун илми алоҳида дар таснифоти Антуано Круно, Траугота Круг, олимони рус - К.Э.Бер, шогирди М.Г.Павлов-М.А.Максимович, намояндаи халқчиёни рус- Н. Г. Чернышевский, Ф.Энгелс дар асараш "Диалетикаи табиат", донишмандони олмонӣ-В.Вундт, В.Освалд ва дигар муҳаққиқон- Н.Я.Грота, И.Погоский, Е.Чижов, Генри Ван-Лаэр, С.Г.Струмилин сухан мегӯяд ва назариёти ҳар яке аз ин шахсиятҳоро ба таври мухтасар оид ба таснифоти илмҳо ва мавқеи илми антропология дар сохтори таснифотии онҳо шарҳу эзоҳ медиҳад.

Шоҳкори асосии Музаффарӣ дар ин таҳқиқот таснифоти системавии сохтории донишҳо ва илмҳо мебошад, ки дар илми муосир беназир аст. Устод сароғози ҳама илм фалсафаро

ҳамчун фарогири қонуниятҳои инкишофи табиат, ҷомеа ва тафаккури инсонӣ дониста, онро аз ду қисмати асосӣ онтология (ҳастишиносӣ) ва гносеология (назарияи маърифат) иборат медонад. Муҳаққиқ объекти илми онтологияро –ҳастӣ, предмети он- шаклҳои ҳастӣ, шаклҳои ҳастӣ-фазо, вақт, неру ва ахбори паҳншаванда, кайҳони моддӣ, инсон, ҷамъият ва илмҳои омӯзандаи шаклҳои ҳастиро метафизика, кайҳоншиносӣ, антропология ва сотсиология муайян намудааст. Объекти илми гносеологияро- дониш, маърифат, предмети онро шаклҳои маърифат (оқилона, ақлгароёна, фаросатӣ, матнӣ), илмҳои омӯзиши онро психолингвистика, мантиқ, психологияи фарошахсӣ, матншиносӣ бо шохаҳояшон муррифӣ менамояд. Масалан, шохаҳои илмҳои психологиро аз психологияи умумӣ, нейропсихология ва психофизиология ва шохаҳои илмҳои матншиносиро фонетика, морфология, синтаксис, матншиносӣ, этимология, семасиология ва герменевтика ва ғайра иборат медонад.

Дар ҳамин таснифот таърихи фалсафаро якҷо овардааст, ки объекти онро аз ҳамин ду сарчашма-таърихи таълимотҳои антологӣ ва гноселогӣ ва предмети онро аз таърихи шаклгирии ғояҳо ва ҷаҳонбиниҳои метафизикӣ, кайҳонӣ, антропологӣ, сотсиологӣ ва фарҳангӣ таъкид менамояд.

Дар шарҳу тавзеҳоти илмҳои омӯзиши шаклҳои ҳастӣ (метафизика, кайҳоншиносӣ, антропология ва сотсиология) шохаҳои онҳоро низ ба тарзи густурда овардааст. Масалан, илмҳои кайҳоншиносӣ (табиатшиносӣ)-ро аз энергетика, ситорашиносӣ, заминшиносӣ, ҷуғрофия, гидрология, метеорология, вибратсиология (бори аввал дар таснифоти илм аз тарафи Музаффарӣ ворид карда шудааст), киматика, физика, биология, генетика, химия, зоология, паразитология, илмҳои антропологиро (инсоншиносӣ) аз антропогенез, нусология, психология, физиология, анатомия, морфология,

этика, эсхатология, неврология дар умум: 37 –то ва илмҳои ҷомеашиносиро аз фалсафаи иҷтимоӣ, этнология, иқтисод, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, психологияи иҷтимоӣ муайян кардааст.

Устод намудҳои илмҳои техникиро 15-то, илмҳои таърихро 6-то, илмҳои фарҳангшиносиро 10-то, илмҳои табииро 14-то, илмҳои гуманитариро 5-то, илмҳои иҷтимоӣ-таърихӣ ва фарҳангиро 9-то гуруҳбандӣ карда, дар хусуси антропологияи соҳавӣ: иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, лингвистикӣ, тиббӣ, криминалистӣ, педагогӣ, биологӣ, гендерӣ, сохторӣ ва антропоэкологӣ маълумот додааст. Масалан, дар нақшаи илмҳои технологӣ 18 шоха ё самти илмҳои табиӣ, 22 шохаи илмҳои геологӣ (заминшиносӣ), 17 шохаи илмҳои химиявӣ, 24 самти илмҳои биологӣ (зистшиносӣ)-ро номбар кардааст.

Дар таснифоти донишҳои фалсафӣ-динӣ ва ирфонӣ дар бораи китобҳои муқаддас, мактабҳои маъруфи хусусияти динӣ дошта, таълимот ва ҷаҳонбинии онҳо сухан меравад. Табақабандии муаллиф ҳамчунин асосҳои илми тибб ва сохтори таркибии онро фаро мегирад.

Устод Музаффарӣ барои шаклҳои маърифат усулҳо, яъне методологияи илмии таҳқиқотро дар се намуд: таҷрибавӣ, назариявӣ ва умумимантиқӣ асос мешуморанд.

Ба таври мухтасар арзиш ва аҳаммияти таълифоти Музаффарӣ дар илми муосир аз инҳо иборат аст: 1) аввалин бор дар таърихи илмшиносӣ таснифоти системавии дониш ва илм, бо меъёрҳои илмӣ тартиб ва асоснок шудааст; 2) дар ин таълифот асоси методологии таснифоти принсипҳои муайянию объект ва предмети илмро истифода аз усули дедуксия ва индуксиия бо дар назардошти принсипи субординатсия ва координатсия ташкил медиҳанд; 3) бори нахуст системаи дониш ва илм муайян шудаанд; 4) системаи донишҳо дар доираи метафизика мураттаб шудааст; 5)

мутобиқи андешаи муаллиф асоси фалсафа, дар сифати илмҳои ҳасташиносӣ ва назарияи маърифат оғоз мешавад ва бо чунин меъёр илмҳо ба илмҳои умумӣ, умумитарин ва ҷузъи тақсимбандӣ шудаанд; 6) ба илмҳои умумитарин, бо дарназардошти "онтология" ва "гнесеология" илмҳои "кайҳоншиносӣ", "антрополия", "сотсиология", "технология" ва "кишоварзӣ " дохил шудаанд ва дар ин асос аввалин бор илмҳои бунёдии дараҷаи аввал ва дараҷаи дувум тақсимбандӣ шуда, мавқеъ ва имтиёзии ҳар як илми бунёдӣ муайян шудааст; 7) ба ғайр аз ин шарҳи мухтасари ҳар як илми бунёдӣ таҳлилу омӯзиш ва баррасӣ шудааст; 8) таснифоти пешниҳодшуда асоси "илмшиносӣ"-ро ташкил медиҳад.

Қимат ва арзиши ин таълифот ва таснифоти профессор Музаффарӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ аз он иборат аст, ки дар ҷаласаи пленарии форуми 13 –уми зиёиёни эҷодӣ ва илми Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) бо унвони "Уфуқҳои нави ҳамкории гуманитарӣ" (2024) пешниҳод гардид, ки курси "Илмшиносӣ" бояд фанни ҳатмии таълимӣ дар мактабҳои олӣ ва миёна бошад.

**Яъқуби ЯСНО,**
*адабиётшинос ва мунаққид*
*Афғонистон*

## ОЯНДАНИГАРӢ ДАР МАҶМУАИ “ШУКӮҲИ ИСТИҚЛОЛ”

*(мулоҳизоте дар заминаи китоби тозанашри Беҳрӯзи Забеҳулло “Шукӯҳи Истиқлол”. –Душанбе: “Дониш”, 2025. –190 саҳ.)*

**Чакида**

Маҷмуаи шеъри “Шукӯҳи Истиқлол” асари Беҳрӯзи Забеҳулло шомили достонҳои “Амвоҷи ҳастӣ”, “Қиссаи мурғи Самандар”, дар зумраи осори шохиси адабиёти муосири тоҷик ҷой дорад. Ин асар бо пайванд додани мероси адабии куҳани форсӣ-тоҷикӣ ба заруратҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии рӯзгори ҳозир, ду рӯйкарди асосиро дар худ дорад: нахуст, таъкид бар посдорӣ аз ҳувияти фарҳангӣ ва миллии тоҷикон; дувум, барҷастасозии ояндaнигарӣ ва тараққихоҳӣ дар масири истиқлоли миллӣ ва давлати навин. Шоир бо баҳрагирӣ аз забони намодину байноматнӣ, мафоҳиме чун миллат, давлат, ақли ҷамъӣ ва раҳбарии хирадмандонаро дар қолаби шеър дар ду достон “Амвоҷи ҳастӣ” ва “Қиссаи мурғи Самандар” ба баён меоварад. Мақолаи ҳозир мекӯшад бо рӯйкарди таҳлилӣ-тафсирӣ нишон диҳад, ки “Шукӯҳи Истиқлол” на танҳо асари адабӣ, балки “Манифести фарҳангӣ- миллӣ”-и тоҷикон дар қарни XX1 аст.

**Муқаддима**

Адабиёти муосири тоҷик, бавижа дар се даҳаи пас аз истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 1991 то имрӯз) ба яке аз халлоқтарин арсаҳои бознамоии ҳувияти миллӣ ва бозсозии ҳофизаи фарҳангӣ табдил шудааст. Дар ин даврон дағдағаи

аслии бисёре аз шоирону нависандагон, бозтаърифи ҷойгоҳи "тоҷик будан" дар матни тамаддуни форсӣ-исломӣ ва низ дар ҷаҳони мудерн будааст.

Шеъри Беҳрӯзи Забеҳулло дар дафтари "Шукӯҳи Истиқлол" аз ҳамин чашмандоз қобили баррасӣ аст; зеро ӯ бо огоҳӣ аз рисолати таърихии шоирон, шеърро на абзори баёни эҳсос, балки "абзори бедорсозии фарҳангӣ ва таърихии миллат" медонад [16, 41]. Аз нигоҳи ӯ, шоирӣ дар замонаи пас аз Истиқлол сирфан халқи зебой нест, балки нигаҳбони ҳофизаи таърихӣ ва ояндаи миллат аст. "Шукӯҳи Истиқлол" посухе адабӣ ба яке аз муҳимтарин гуфторҳои фарҳангии Эмомалай Раҳмон-Пешвои миллати Тоҷикистон аст, ки фармудаанд: "Агар дар фарҳанги як ҷомеа холигоҳи фарҳангие ба миён омад, он холигоҳи фарҳангӣ тавассути фарҳанги дигарон пур мешавад" [8].

Ин ҷумла на танҳо ҳушдори фарҳангӣ, балки навъе дастури кори таърихист, ки шоирону равшанфикрони тоҷикро ба бозофаринии ҳувияти фарҳангӣ фаро мехонад. "Шукӯҳи Истиқлол" дар ин замина намунае мумтоз аз ҳамсӯйии шеъру андешаи сиёсӣ-фарҳангии муосири тоҷик аст.

Мақолаи ҳозир бо тамаркуз бар муаллафаи оянданигарӣ дар ин дафтари шеър, ба баррасии ҷанбаҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии он мепардозад.

**Муаррифии достони "Амвоҷи ҳастӣ" ва "Қиссаи мурғи Самандар"**

Достони "Амвоҷи ҳастӣ" аз нуҳ фасл иборат аст, ки вожаи "мавҷ" дар номи аксари шеърҳо вуҷуд дорад ва "мавҷ" намоди зиндагӣ, пешрафт ва тараққӣ дониста шудааст, ки зиндагиро ба ҳаракат дармеоварад. Ин достон бо истинод ба байте аз Калим оғоз мешавад:

Мавҷем, ки осудагии мо адами мост,
Мо зинда бар онем, ки ором нагирем [2, 8].

Ин достон бахшида шуда ба бунёдкорони неругоҳи Роғун ва ин неругоҳ нишоне аз ангеза барои ободӣ ва тараққӣ муаррифӣ шудааст:

Тулуи субҳи хуршедии мо аз шаҳри Роғон аст,
Дар ин ҷо корзори насли инсон аст.
Қиёми марду зан бошад,
Набарди тан ба тан бошад,
Намоишгоҳи азму орзуи насли инсон аст! [2, 22].

"Қиссаи мурғи Самандар" дорои шонздаҳ фасл аст ва ин қиссаву достон бо устураи мурғи Самандар иртиботи маъноӣ дорад ва шоир мехоҳад сарнавишт, ҳувият ва фарҳанги тоҷиконро ба сарнавишти мурғи Самандар рабт диҳад. Тавре ки мурғи Самандар дар баробари оташу шуълаҳои он муқовимат дорад, миллати тоҷик низ фарҳанги худро бо муқовимат дар баробари сахтиҳо ва шуълаҳои оташ нигаҳ дошта ва ҳифз кардааст.

Устураи мурғи Самандар ва Қақнус нисбатан ба ҳам шабоҳат доранд, зеро ҳар ду бо оташ дар иртиботанд. Мурғи Самандар дар баробари оташ муқовим аст ва Қақнус пас аз сӯхтан аз хокистари худ баланд мешавад ва аз нав худро бозсозӣ мекунад ва ба ҷовидонагӣ мерасад. Фарҳангу адабиёт ва ҳувияти тоҷик низ сарнавиште монанди мурғи Самандар ва Қақнус дорад. Дар достони "Қиссаи мурғи Самандар" Забеҳулло Беҳрӯз шеъре ба номи "Саргузашти тоҷик" дорад, ки бо ирҷоъ ба байтҳое аз Бозор Собир оғоз мешавад:

Қиссаи мурғи Самандар пеши ман афсона нест,
Саргузашти мардуми печидафарёди ман аст.
Он ки умре мурда-мурда зиндагӣ карду намурд,
Сӯхтан, носӯхтан эҷоди аҷдоди ман аст [2, 55].

Шеърҳои достони "Қиссаи мурғи Самандар" ҳар кадом бо ирҷоъ ба байтҳое аз Мавлоно, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ ва шоирони муосири тоҷик оғоз мешавад ва шоир

мехоҳад байни шеъри худ ва шоирони пешину муосир иртибот барқарор карда, собит намояд, ки шеъру адабиёти тоҷик пешина дорад ва ба мо расидааст ва аз мо ба оянда мерасад.

**Пайванди мероси адабӣ бо зарурати муосир**

Беҳрӯзи Забеҳулло аз шоирони огоҳ ба суннат ва дар айни ҳол ҳассос ба масоили замони хеш аст. Ӯ дар достонҳои "Амвоҷи ҳастӣ" ва "Қиссаи мурғи Самандар" бо баҳрагирӣ аз забони тамсилӣ ва устураӣ, мероси адабӣ ва ҳикамии форсии тоҷикиро бо ниёзҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии муосир пайванд мезанад.

Дар сатҳи байноматнӣ, ради пои Мавлоно, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ ва Иқболи Лоҳурӣ қобили мушоҳида аст. Ӯ аз Мавлоно ишқу ҳаракат: "Осмон шав, абр шав, борон бибор", аз Фирдавсӣ ғурури миллӣ ва хирад: "Ҳар он кас, ки дорад равонаш хирад, Ба чашми хирад корҳо бингарад", аз Носири Хусрав истодагию озодагӣ "Ман аз пок фарзанди озодагонам", аз Саъдӣ инсонгароӣ "Банӣ одам аъзои якдигаранд, Ки дар офариниш зи як гавҳаранд. Чу узве ба дард оварад рӯзгор, Дигар узвҳоро намонад қарор" ва аз Иқбол пӯёии тамаддунӣ "Фард мегирад зи миллат эҳтиром, Миллат аз афрод меёбад низом"-ро вом мегирад, аммо масири хоси худро мепаймояд.

Агар Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" бо "забони ҳамоса" аз истиқлоли фарҳангии Эрон дифоъ мекунад, Беҳрӯзи Забеҳулло дар "Шукӯҳи Истиқлол" бо "забони ҳикмати шоирона" аз истиқлоли фарҳангии тоҷикон сухан мегӯяд. Ин истиқлол на дар баробари миллатҳои дигар, балки дар баробари "фаромӯшии хештан" маъно меёбад:

Қиссаҳои хешро ҷӯё шавед,
Миллати ҷӯяндаву пӯё шавед.

Қиссаҳояшро касе аз ёд бурд,
Асли худ аз решаву бунёд бурд.

Миллати беқисса мурғи бепар аст,
Ошиқи афсонаҳои дигар аст.

Хоби ширин бомдодаш бурдааст,
Ҳастии худро зи ёдаш бурдааст.

Ин фаромӯшӣ зи фикри танги мост,
Қиссаву афсонаҳо фарҳанги мост! [2, 47].

Дар ин нигоҳ, шеър василае барои бозсозии фарҳангист, на сирфан бозтоби он. Шоир нақши худро ба унвони "меъмори маънавии миллат" бозмешиносад; нақше, ки дар суннати ирфонӣ ва ҳикамии Шарқ ҳамвора бар дӯши паёмбарон, файласуфон ва шоирон ниҳода шудааст.

**Авлавияти ҳувияти миллӣ**

Яке аз бунёдитарин меҳварҳои андешаи шоир, тақаддуми мафҳуми "миллат" бар "уммат" аст. Дар ҳоле, ки дар андешаи исломии классик, "уммат" мафҳуме ҷаҳонӣ ва фародинӣ талаққӣ мешавад. Забеҳулло Беҳрӯз бо илҳом аз таҷрибаи таърихии тоҷикон, бар ин бовар аст, ки наҷоти фарҳангию сиёсӣ танҳо аз масири "ҳувияти миллӣ" мегузарад.

Ӯ бо нигоҳе интиқодӣ ба бархе тафсирҳои динӣ ёдовар мешавад, ки агар миллатҳо аз забону фарҳанги худ ҷудо шаванд, дар дарозмуддат на ба умати ҷаҳонӣ, балки ба фаромӯшии таърихӣ меанҷоманд. Ин нигоҳ дар тақобул бо дидгоҳи Иқболи Лоҳурист; ҷое, ки Иқбол бар ваҳдати уммати исломӣ таъкид мекунад, аммо Беҳрӯзи Забеҳулло бар истиқлоли фарҳангии миллати тоҷик пой мефишорад.

Ин нигариш дар ҳамхонӣ бо сухани Эмомалӣ Раҳмон аст, ки фармудааст: “Ман аввал тоҷик ҳастам, баъд мусулмон!”[8]. Шоир ин суханро меҳвари фикрии худ қарор дода ва дар осораш нишон медиҳад, ки миллату дин на дар таззод, балки дар силсиламаротиби табиъии ҳувияти инсон қарор доранд ва миллат ҷойгоҳи фарҳангӣ ва сиёсӣ дорад, аммо дин ҷойгоҳи ғайрисиёсӣ ва эътиқодӣ дорад. Аз манзари назарӣ, Забеҳулло Беҳрӯз аз мафҳуми “миллати фарҳангӣ” сухан мегӯяд, ки асоси миллат устувор бар арзишҳои фарҳангии ниёкони он миллат аст. Бенедикт Андерсон чунин миллатеро ба номи “ҷамоате дорои тахайюли фарҳангӣ” [12, 6] меномад.

Аз ин дидгоҳ, Забеҳулло Беҳрӯз ба ин назар аст, миллати тоҷик бо посбонӣ аз забону фарҳанги худ аст, ки метавонад дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳи вижае дошта бошад.

**Давлат ба масобаи таҷаллии ақли миллат**

Дар достонҳои “Қиссаи мурғи Самандар” ва “Амвоҷи ҳастӣ” шоир бар аҳаммияти давлат таъкид мекунад. Ба бовари ӯ, давлат танҳо сохторе сиёсӣ нест, балки сурати айнии ақлонияти ҷамъии миллат аст. Миллат бидуни давлат ҳамчун мурғи бепар аст:

Иқтидори миллат аз назми вай аст,
Баъд аз он вобаста аз азми вай аст.

Назм миллатро кунад соҳибнизом,
Азм миллатро диҳад шону мақом.

Қавми бе давлат чу мурғи бепар аст,
Қавмро давлат шабеҳи модар аст.

Имтиёзи қавмҳо аз миллат аст,
Эй хуш он қавме, ки соҳибдавлат аст! [2, 51]

Давлат на абзори қудрат, балки мазҳари пайванди миллат бо ақлу назм аст. Шоир бо рӯйкарде наздик ба фалсафаи сиёсии Ҳегел, давлатро таҷассуми иродаи ақлонии миллат медонад [14, 275]. Миллат бидуни давлат дар арсаи ҷаҳонӣ бепаноҳ ва осебпазир аст; ҳамон гуна ки мурғи бепар дар баробари бод. Ин дидгоҳ бо таъкиди Эмомалӣ Раҳмон бар "давлати фарҳангӣ" ҳамсӯ аст; давлате, ки на танҳо назми иҷтимоӣ, балки руҳи фарҳангӣ ва забони ҷомеаро пос медорад.

Воқеият ин аст, ки шоир дар ростои муаррифӣ ва ривоҷи арзишҳои фарҳангӣ ва ҳувияти миллии тоҷикон дар дафтари шеъри "Шукӯҳи Истиқлол" ва дафтарҳои пешинаш, аз ҷумла "Сипоҳи сухан" [4] (-Душанбе, 2021), "Яштҳои ватандорӣ" [3] (-Душанбе, 2023), "Аз остон то осмон" (-Душанбе, 2023) [4] ва "Ошёни уқобон" (-Душанбе, 2024) фаъолона ва бо ангеза саҳм гирифтааст.

Аммо достонҳои "Амвоҷи ҳастӣ" ва "Қиссаи мурғи Самандар", ки ҳар ду дар дафтари шеъри "Шукӯҳи Истиқлол" омадаанд, дидгоҳи ҳунарӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии шоир дар бораи фарҳанг ва ҳувияти миллӣ бештар умқ ва жарфо пайдо мекунад. Дар ин дафтари шеър огоҳии фардӣ ва ишқ ба миллат матраҳ аст, зеро фард замоне, ки ба огоҳии фардӣ даст меёбад, аҳаммияти миллатро дарк мекунад ва медонад фаҳмидани аҳаммият ва арзиши миллат ба огоҳии ҷамъӣ ва миллӣ иртибот дорад. Аммо муҳимтар аз ҳама барои миллат вуҷуд ва ҳузури давлат аст; зеро миллати соҳибистиқлол бе давлат мумкин нест. Шоир вуҷуди давлатро таҷаллии ақли миллат дар таърих медонад, ки муҷиби огоҳии ҷамъии миллат мешавад ва миллатро аз назари арзишҳои фарҳангию ҳувиятӣ ва доштани ҷуғрофиёи сиёсии кишвар ба истиқлол мерасонад.

**Раҳбарии хирадмандона ваояндаи миллат**

Беҳрӯзи Забеҳулло нақши раҳбариро дар фароянди миллатсозӣ таъйинкунанда медонад. Ӯ муътақид аст, ки миллат барои таҳаққуқи аҳдофи таърихии худ ниёзманди раҳбари хирадманд ва оянданигар аст [15, 245].

Раҳбари ӯ Пешвои миллат аст,
Бовафову ҷонфидои миллат аст.
Тоҷиконро хурраму дилшод кард,
Тоҷикистони наве бунёд кард.
Чун Манучеҳру Фаридуну Қубод,
Давлати моро асоси нав ниҳод.
Шаҳру деҳу мактаби нав сохт ӯ,
Қасрҳои муҳташам афрохт ӯ.
Боғу роғу ҷодаву ҷӯбори нав,
Роҳи нав, андешаи нав, кори нав.
Ёд кард аз НОБ-и Роғун боғурур,
Мекунад бунёд, алҳақ, кохи нур [2, 79-80].

Ин байтҳо пайванди отифӣ миёни миллат ва раҳбарро нишон медиҳанд. Аз манзари назарӣ, ин нигариш бо мафҳуми "раҳбари хорезмотик"-и Макс Вебер [15] шабоҳат, аммо рангу бӯйи ахлоқиву фарҳанги шарқӣ дорад. Чунин тасвире дар ашъори Бозор Собир ё Гулрухсор Сафӣ низ мушоҳида мешавад, аммо дар шеъри Забеҳулло бо оянданигарии миллӣ омехта аст.

**Оянданигарӣ - паёми аслии "Шукӯҳи истиқлол"**

Меҳвари марказии китоби "Шукӯҳи Истиқлол" нигоҳи оянданигари шоир аст. Ӯ дар баробари гузаштагарой ё навгароии сатҳӣ рӯйкарде "такомулӣ" дорад: ояндаро бар шонаи гузашта месозад. Дар достонҳои ӯ замон хаттӣ нест, балки чархишӣ ва пайваста аст; гузашта, ҳол ва оянда дар як мадори фарҳангӣ мегарданд. Шоир миллатро даъват мекунад, ки аз ифтихори гузашта пуле ба сӯйи оянда бисозад. Ӯ борҳо

бар “масъулияти фарҳангии насли нав” таъкид мекунад ва шеърро василаи тарбияти андешаи оянданигар медонад.

Дар достони “Амвоҷи ҳастӣ” аз тасвири дарё барои баёни ҳаракати таърихии миллат баҳра мегирад:

Ғарқ дар нур аст ин дунё азиз,
Кай бувад бе мавҷ ин дарё, азиз![2, 10].

Нуру мавҷ нишондиҳандаи ҳаракат аст ва зиндагӣ бидуни ҳаракат мумкин нест. Шоир ояндасозиро ниёзманди ҳаракати мудовим медонад, ҳамон тавр ки файласуфи итолиёӣ Антонио Грамшӣ равшанфикронро “созандагони гегемонияи фарҳангӣ” [13, 225] медонад, Забеҳулло низ шоирро созандаи гегемонияи фарҳангии миллати тоҷик медонад.

Шоир миллати тоҷикро ба посдорӣ аз забон, фарҳанг ва истиқлол фаро мехонад, то дар минтақа ва ҷаҳон ҷойгоҳи вижае биёбад. Аз ин рӯ, “Шукӯҳи истиқлол” на танҳо як маҷмуаи шеър, балки “Манифести фарҳанги миллӣ”-и тоҷикон дар рӯзгори муосир аст.

**Натиҷа**

Маҷмуаи шеъри “Шукӯҳи Истиқлол”-и Беҳрӯзи Забеҳулло фаротар аз ҷанбаи адабӣ, ҳомили рисолати фарҳангӣ ва таърихист. Шоир бо таркиби суннати адабӣ ва арзишҳои фарҳангии муосир, шеърро ба паёме барои огоҳии миллӣ, тарбияти фарҳангӣ ва оянданигарӣ табдил кардааст. Ӯ миллатро бар уммат муқаддам медорад, давлатро таҷаллии ақли ҷамъӣ мехонад, раҳабариро намоди хираду вафодорӣ медонад ва шеърро омили бедории таърихӣ мешуморад.

Шеър, дар ҳақиқат, ду ҷанба дорад, ки ҷанбаи адабию забонӣ ва ҷанбаи муҳтавоӣ аст. Дар ҷанбаи адабию забонӣ, шигардҳо ва санъатҳои ҳунарии шеър ва дар ҷанбаи муҳтавоӣ, паёми фарҳангӣ ва иҷтимоии шеър матраҳ аст; ин ки шоир чигуна ва чи мехоҳад бигӯяд.

Дафтари шеъри “Шукӯҳи Истиқлол” аз назари адабию муҳтавоӣ боаҳаммият аст, аммо ҷанбаи муҳтавоии он хеле барҷаста аст, зеро паёми миллӣ барои тақвият ва ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ва ҳувияти миллии тоҷикон барои миллат ва давлат дорад. Аз ин манзар “Шукӯҳи Истиқлол”-ро метавон “манифести фарҳангӣ-миллии тоҷикон” дар оғози қарни ХХ1 донист; асаре, ки бо забони шеър, нақшаи фикрии миллатро барои оянда тарсим мекунад ва “паёму сухани тоҷикона” дар рӯзгори муосир аст.

Ин асар нишон медиҳад, ки адабиёти муосири тоҷик дар хидмати танҳо зебоии ҳунарӣ нест, балки рисолати фарҳангиву сиёсӣ дорад: посдорӣ аз ҳувияти миллӣ ва тарсими уфуқе равшан бароиояндаи миллат.

**Адабиёт**


1. Айнӣ, Садриддин. Куллиёт, Ҷилди 2. Шеърҳо. – Душанбе: “Дониш”, 2020. – 656 с.
2. Забеҳулло, Беҳрӯз. Шукӯҳи Истиқлол. – Душанбе: “Дониш”, 2025. – 190 саҳ.
3. Забеҳулло, Беҳрӯз. Яштҳои ватандорӣ. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2023. – 152 саҳ.
4. Забеҳулло, Беҳрӯз. Сипоҳи сухан. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2021.
5. Забеҳулло, Беҳрӯз. Аз остон то осмон. – Душанбе: Промэкспо”, 2023. – 128 саҳ.
6. Забеҳулло, Беҳрӯз. Адабиёт ва ҳувияти миллӣ – Душанбе: “Шоҳин-С”, 2025. – 288 саҳ.
7. Лоҳурӣ, Иқбол. Асрори худӣ ва Рамузи бехудӣ. – Теҳрон: “Амир Кабир”, 1990.
8. Раҳмон, Эмомалӣ. Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар (9 марти соли 2024).

9. Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Ҷилди 1-2. – Душанбе: “Ирфон”, 2009.

10. Собир, Бозор. Бо чамидан, бо чашидан... – Душанбе: “Адиб”, 1987. – 200 саҳ.

11. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. – Теҳрон: Интишороти Фахри Розӣ, 1370. – 626 саҳ.

12. Anderson, B. (1983). Imagined Communities: Reflections on the Origin and Spread of Nationalism. London: Verso.

13. Gramsci, A. (1971). Selections from the Prison Notebooks. Edited and translated by Q. Hoare & G. N. Smith. New York: International Publishers.

14. Hegel, G. W. F. (1821). Elements of the Philosophy of Right. Translated by H. B. Nisbet. Cambridge: Cambridge University Press.

15. Weber, M. (1922). Economy and Society: An Outline of Interpretive Sociology. Edited by G. Roth & C. Wittich. Berkeley: University of California Press.

16. Foucault, M. (1977). Discipline and Punish: The Birth of the Prison. Translated by A. Sheridan. New York: Pantheon Books.

**Нозим НУРЗОДА**
*мудири Шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

## ШЕЪРИ ИҶТИМОӢ ДАР ФАЗОИ МИЛЛӢ
(Бардоштҳои иҷмолӣ дар заминаи Девони ашъори Алии Муҳаммадии Хуросонӣ)

Шоирӣ аслан дар ҳеҷ давру замоне кори саҳлу осоне набудаву нест ва ҳар кӣ иддао мекунад, ки бо омадани илҳоми эҷодӣ қалам ба даст гирифтаву шеър меофарад, як кам ҳангомаву воҳимапароканӣ менамояд. Дар зимн, шеъре, ки онро битавон шеър номид, бо ҷонкании тадриҷӣ офарида мешавад ва шоир барои рӯйи коғаз овардани ҳатто як мисраъ养 ончунон ҷон меканад, ки танҳо худ медонаду бас. Ин аст, ки муҳаққиқон шоирӣ ва шеърнависиро ҷонкании тадриҷӣ таъриф додаанд. Аз ин ҷост, ки ҳар нафари ба ҷодаи шеъру шоирӣ қадамниҳода масъулияти бузурги иҷтимоию маънавиеро бар дӯш гирифта, ҷиҳати иҷрои масъулият худро муваззаф медонад, ки дарду ранҷу малолоти шахсиро таҳаммул карда, дарду ранҷҳои ҷамъию миллию башариро бозтоб диҳад ва роҳҳалҳо дар қолиби баёноти манзум ироа намояд. Аз ин гузашта, шоир аз тариқи шеъраш бонги бедорӣ мезанад ва ангезаи дурустҳисобӣ зистанро ба мардум мебахшад. Ин аст, ки кори шоирӣ сириштан бо масъулият гиреҳ хӯрдааст ва масъулият дар баробари худ ва ҷомеа шоирро ба ҳарфи манзум задан ва ангезаи зиндагӣ бахшидан ба башарро илқо менамояд.

Маҳз ҳамин гуна масъулиятро адабиётшинос, матншинос, шарқшинос ва шоири тавонои тоҷик, устод Алии

Муҳаммадии Хуросонӣ бар уҳда гирифта, бар мабнои донишу бинишу таҷрибаву собиқаи илмию эҷодӣ талош меварзад, ки аз тариқи шеъру сухан дар рушди адабиёту фарҳангу тамаддуни миллӣ саҳми муносиб бигузорад.

Фаъолияти матншиносӣ, таҳқиқӣ, илмӣ ва пажуҳишии устод Хуросониро канор гузошта, танҳо ба муҳтавои шеъри ӯ таваҷҷуҳ мекунем. Мавсуф пас аз танаффусу таваққуфи кӯтоҳи эҷодӣ, баъди нашри маҷмуаи ашъор таҳти унвони "Садои вақт" (-Душанбе: "Адиб", 2017. -228 с.) ва мунтахаби "Ҳафтод ғазал" (дар фасли чаҳоруми китоби: Хуросонӣ, Алии Муҳаммадӣ. Пайванди илму адаб. –Душанбе: Эр-граф, 2020. С368-320) ба тартибу тадвини Девони ашъораш таҳти унвони "Чархаи Истиқлол" иқдом намуд ва инак, девонро хидмати хонандагони соҳибзавқи миллат қарор медиҳад (ниг.: Хуросонӣ, Алии Муҳаммадӣ. Чархаи Истиқлол (девони ашъор). -Душанбе: ЭР-граф, 2025. -432 с.). Мо бардоштҳои иҷмолии худро дар заминаи муҳтавиёт ва мушаххасоти Девони ашъори устод Хуросонӣ таҳти унвони "Чархаи Истиқлол" дар қолиби як матлаби муқаддимотӣ маҳдуд мекунем.

Дар ибтидо як нуктаи муҳимро хидмати хонандагон арз медорем, ки Хуросонӣ дар тартибу таҳияи девони ашъор қонуну қавоиди марсум дар адабиёти форсии дарии тоҷикиро ҳадафмандона сарфи назар карда, дар ин баробар, Девони ашъорашро бар мабнои зарурати мундариҷавӣ, муҳиммияти муқтазиёти замонӣ, дарназардошти шароити Истиқлоли давлатӣ ва авлавияти манофеи миллӣ тадвин намудааст. Ба ин тартиб, Девони ашъори устод Хуросонӣ ба бахшҳои "Модарнома" (С.20-30), "Ватандорӣ" (32-56), "Оҳангҳои зиндагӣ" (дафтари шеъру суруд -- С.58-150). "Дафтари ғазал" (С.152-281), "Мухаммасот" (С.284-306), "Рубоӣ ва дубайтӣ" (С.308-324), "Қиттаот" (С.326-340), "Майи гулгун" (Фардиёт –

С.341-358), "Марсия ва навҳаҳо" (С.359-389), "Шеърҳо барои кӯдакон" (С.391-414) ва "Суханрезаҳо" (Аз ҳикмати зиндагӣ) (С.415-421) ҷудо шуда, кулли ашъор бар мабнои мазмуну мундариҷа тақсимбандӣ ва ба хонанда пешниҳод гардидаанд.

Девони ашъор бо бахши "Модарнома" ифтитоҳ шудааст ва шоир махсус ба ин қисмат аз ашъораш таваҷҷуҳ намудааст. Модар дар ин бахши Девон чун фариштаи зиндагӣ ва офаринандаи ҳаёту хушбахтии инсонӣ муаррифӣ гардида, мақому ҷойгоҳи "Офаридгори дувум" (манзур модар аст) бо отифат ва эҳсосоти ноби мунҳасир ба фарди шоир тасвир шудааст. Дар воқеъ, ҳар нафаре, ки ҳадди ақал як қатра шири модар хурдааст, пас аз мурури бахши "Модарнома"-и Хуросонӣ ҳатман таҳти таъсири отифӣ қарор мегирад ва аз тасовири шоир рагҳои хунгарди баданаш ба ҷунбиш даромада, эҳсосоташро бармеангезанд.

Бахши "Модарнома" аз 8 шеър бо шумули "Модар" (С.20-21), "Ба модарам" (С.22), "Кошки" (С.23), "Дуъои модар" (С.24-25), "Меҳри модар" (С.26), "Ай модар" (С.27), "Модари ҷон" (С.28-29), "Дигар намеояд" (С.30) таркиб ёфтааст ва ҳамагӣ бузургӣ ва дар айни замон меҳру муҳаббати азалию абадии модарро воменамоёнанд. Дар шеъри "Ба модарам" шоир ҷузъиёту куллиёти ҳастию ҷаҳонро мадюни модар медонад ва чунин иддаои мантиқӣ мекунад:

Як на боди сабо, як на меҳри саҳар,
Як на шоҳи ҷаҳон, як на Шамсу Қамар.
Ҳам биҳишти барин, ҳам қазову қадар,
Бар мақомоти ту ҷумлагӣ саҷдабар,
Модарам, модарам, модарам, модарам! (С.22)

Дар шеъри "Модар", ки аз шаш банди кӯтоҳ иборат буда, ба истилоҳ, ифтитоҳияи девон аст, шоир меҳри азалӣ, муҳаббати абадӣ, қудрати отифӣ, неруи нигаҳбонӣ,

тавонмандии парасторӣ, зарфияти офаридгории модарро зебову равшан ба риштаи тасвир бармекашад:

Ба уммеде калон гардем, беташвиш мегардад,
Замоне буд пурташвиш,
Замоне кулбааш дар ҳукми Наврӯзу баҳорон буд
Ва ҳар як тифл беосеб сабзад, рӯзу шаб ҷонаш
гаравгон буд
Ва бар ҳар тифл ҳамчун бар Худои худ,
Парастору нигаҳбон буд (С.20).

Шоир ташвиши мудомулумри модарро дар банди панҷуми шеъри "Модар" махсус тазаккур дода, усулан нишон медиҳад, ки ташвишу изтироботи модар аз сарнавишти фарзандон ва кайфияту каммияти рӯзгори онон ҳеҷ гоҳ кам нагардида, баръакс, меафзояду меафзояд ва ҳамин тур, то вопасин нафас – то ба марзи марг ӯро дунболагирӣ мекунад. Ба ин маъно:

Вале имрӯз пурташвиш, ташвишаш сад афзун аст,
Ба ёди дурии мо ҳар замон, ҳар дам ҷигархун аст,
Ду чашмаш рӯзу шаб раҳбину маҳзун аст,
Хаёлаш давр гардад:
--Ҳоли ин чун асту он чун аст! (С.20).

Дар шеъри "Кошки", ки аз панҷ банди чаҳорамисраӣ таркиб ёфтааст, Хуросонӣ дар тасвири отифату муҳаббату самимияти модар (дар мисоли модари худаш) хеле боло рафта, дар қолиби ҳиссачаи хоҳишии "кошки" як навъ ормонгаройии отифӣ карда, умед бар он мебандад, ки дар дами маргу вопасин нафасҳои умр модараш минҳайси "душмани ҷони маргу Азроил" дар паҳлу бошаду зери чатри ӯ алайҳи маргу нестӣ бароҳатӣ қиём намояд:

Дар нафасҳои вопасини умр,
Кошки, модарам ба бар бошад.
Душмани ҷони маргу Азроил

Зиндаву соябони сар бошад.

Бистари ман мисоли гаҳвора,
Модарам алла то саҳар хонад.
Дасту поям магар ки парпеч аст,
Шаҳди ҷон бар даҳонам ӯ монад...

Гар дилам захмхӯрда, афгор аст,
Аз дили хеш пораам бахшад.
Ҷойи ду қатра об, ду қатрай шир-ш,
Шояд умри дубораам бахшад (С.23).

Ҳарчанд ки Хуросонӣ суннати модарноманигории устодон Турсунзодаву Лоиқро ҳадафмандона идома бахшидааст, дар бозтоби ҳувияту асолату сиришту зоту муҳаббату отифату шарофату садоқати азалию абадии "Офаридгори дувум" аз салафи худ қафо намонда, кӯшидааст, ки соири вежагиҳои отифии модарро ба намоиш гузорад ва дар ин замина муваффақ ҳам гардидааст.

Бахши "Ватандорӣ"- и Девони ашъор аз 16 шеъри меҳанпарастона иборат буда, шеърҳои "Беш аз сӣ сол... (Ба истиқболи 35-умин солгарди Истиқлоли Тоҷикистон" (С.32-33), "Меҳри фарзандӣ" (С.34- 35), "Ватан" (С.36), "Ай Ватан" (С.37), "Ишқ буд..." (С.38-40), "Замоне ки..." (С.41-42), "Ай ҳамватан, биё" (С.43-44), "Ҳамқалам" (С.45), "Бувад тоҷи сари шаҳ ҷойи миллат" (22 дубайтӣ ба хотири шаҳиди некӯсияр Муродуллоҳи Шерализода – С.46-49), "Дигар мабод" (С.50), "Таронаи ваҳдат" (С.51), "Тоҷикистон" (С.52), "Парчами Тоҷикистон" ((С.53), "Суруди ҷавонони даврон" (С.54), "Душанбеи ҷавони ман" (С.55), "Деҳаи Нигнот" (С.56), "Қасам" (С.56)-ро фаро гирифтааст. Бахши "Ватандорӣ" амри виҷдон ва садои марди майдон дар мисоли Хуросонист, ки аз ободии Ватан менозаду меболад ва баҳри рушду шукуфоиаш саъю талош меварзад. Ин бахши Девон бо шеъри "Беш аз сӣ сол..."

созмон ёфта, мабнӣ бар 6 банди кӯтоҳ буда, шоир дар ин бандҳо таърихи зиёда аз сисолаи Истиқлоли давлату миллатро ба тасвир мекашад ва абадан гардон будани чархаи Истиқлоли Меҳанро орзу намуда, муфтахирона мефармояд:

Беш аз сӣ сол инҷониб,
Дар диёрам – Тоҷикистон,
Чархи истиқлол гардон аст...
Беш аз сӣ қарни дигар мон, ки
Гардон бод,
Гардон бод,
Гардон бод! (С.33)

Дар порашеъри "Ай Ватан", ки ҳамагӣ аз ду банду нуҳ мисраъ таркиб ёфтааст, шоир дар пайравӣ ба устод Турсунзода ҳамчун фарзанди ростини Меҳан мефармояд:

Ҳар куҷое меравам дур аз ту ман,
Ҳар куҷое мешавам.
Ҳамчу фарзанди вафодори Ватан,
Ҳамчу фарзанди сазовори Ватан,
Васф месозам туро (С.37).

Шеъри "Замоне ки..." бар мабнои замонӣ соли 1976 навишта шуда, ҳосили бардоштҳои муҳаққиқи ҳанӯз ҷавон мебошад, ки дар нуҳ банди кӯтоҳ ва мутаносибан чиҳил мисраъ гирдоварӣ гардида, шоир аз тариқи ин шеър замони пасоҷангӣ ва даврони осудагию оромиши рӯзгорашро ба намоиш мегузорад ва ростӣ, мутолеаи ин шеър ҳар хонандаи ҳассосро ба ҳолати хумор ва ба истилоҳ, ностaлгия мерасонад. Дар ин нуҳ банду чиҳил мисраъ шоири ҳанӯз ҷавон аз бахту саодати худ меболад, аз бадбахтию мусибате, ки бар асари ҷанги хонумонсӯзи ҷаҳонӣ (манзур Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ аст) иттифоқ афтода буд, гилоя пеш меоварад ва билохира аз давру замони хеш ифтихор мекунаду мегӯяд:

Замоне ки ба дунё омадам ман,
Ватан андар шукуфтан буд.
Замин дигар наменолид,
Замин осуда мехобид,
Худои ҷанг гӯё мурда буд кайҳо (С.41).

Дар ин шеър, ки ҳанӯз соли 1976 навишта шудааст, ҳунари шоирии устод Хуросонӣ ҳувайдост ва ба лиҳози резакориҳои ҳунарӣ ҳам шеър хуб аст. Яъне, ҳанӯз дар ибтидои кор устод Хуросонӣ аз мушаххасоти ҳунарӣ ва вежагиҳои тасвирсозӣ хуб огоҳ буда, бар асоси мутолеоти ҷиддии шеъри муосири форсии дарии тоҷикӣ тамрини шеър карда, дар тасвиркорию сужабандиҳо комёб гардидааст.

Дар бахши "Ватандорӣ" ва умуман, дар доираи Девони ашъори устод Хуросонӣ шеъри "Ай ҳамватан, биё" ҷойгоҳи вежа дорад. Ин шеър январи соли 1993 навишта шуда, бар матни он оҳанги хубе ҳам таҳия ва хидмати шунавандагони барномаи сершунавандаву пуртарафдори вақти "Хоки Ватан"-и Радиои Тоҷикистон қарор дода шуда буд. Ҳатто шеъри мазкур он замони ҳассос ба унвони гимни барномаи матраҳи радиоии "Хоки Ватан" муаррифӣ гардида, миёни шунавандагони сершумори Радиои Тоҷикистон солҳо овозадор буд. Дар зимн, шеъри "Ай ҳамватан, биё", ки аз 8 банд ва 42 мисраъ иборат буда, ҳар банд бо нақароти "Ай ҳамватан, биё, Ай ҷони ман, биё" хулосабандӣ мегардад, моҷарои ба сари миллати ҷафокашидаи тоҷик омада ва мусибату фоҷеаи ҷанги ҳамватаниро дар кисвати назм олӣ бозтоб додааст. Шоир аз мусибату фоҷеаи миллӣ сахт ошуфта гардида, бо дили ҳассос қалам ба даст гирифта, ҳамватанони ба муҳоҷирати иҷборӣ рафтаро ба Ватан мехонад. Дар ҳар ҳарфу сатру вожаву таркибу ибораву ҷумлаву мисраи шеър садои даъват ба Ватан шунида мешавад ва бо он ки аз таълифи ин шеър 33 сол сипарӣ мегардад, ҳанӯз ҳам қалбу ҷигари моро

об мекунад ва рӯзҳо зери таъсири ҳассосиёти замонӣ қарор мегирем. Ин аст таъсири сухан, калом ва ҳарфе, ки аз умқи қалб берун таровида, ба дилҳо кора мекунад. Ба чанд мисраи шеъри мазкур таваҷҷуҳ мекунем:

Ай мурғи кӯчбаста зи боғу чаман, биё,
Оҳуи фандхӯрда, ба кӯҳу даман биё,
Кашмир хоҳад ар дилат, сӯйи ватан биё,
Ай ҳамватан, биё,
Ай ҷони ман, биё! (С.43)

Ва дар ҳусни хотима ва ба истилоҳ, мақтаъи шеъри "Ай ҳамватан, биё" шоир аз даруни дили реш фарёд мезанад ва доду оҳашро дар қолиби даъвати саросарӣ ироа медорад:

Бар пешвози роҳи ту, ай ғамгусори ман,
Равшангар аст гавҳари чашмони чори ман,
Гарм аст хонаи дили уммедвори ман,
Ай ҳамватан, биё,
Ай ҷони ман, биё,
Ай ҷони ман, биё,
Ай ҳамватан, биё! (С.44)

"Ҳамқалам" ғазалгунаи Хуросонист, ки ба ҳаводиси даҳшатбори ҷанги ҳамватанӣ ихтисос ёфта, айёми бесарусомонӣ ва даргириҳои бемаънии ҷанги шаҳрвандӣ -- баҳори соли 1993 иншо гардида, шеърҳои маҷмуаи "Фарёди бефарёдрас"- устод Лоиқро, ки тайи солҳои 1993-1997 таълиф гардидаанд, ба ёд меоварад. Дар ин шеър, ки ба гунаи ғазал навишта шуда, 8 байтро фаро гирифта, бо радифи "қисса кун" пероста шудааст, шоир ҳамқаламi худро мухотаб қарор дода, бар решаҳои мусибати миллӣ, ноогоҳию ҷаҳолати мардумӣ, авомфиребию фурсатталабӣ, хурофазадагию бегонапарастӣ ва соири мушкилоти фикрию равонию ҳувиятии миллат, ки мунҷар ба ҷанги ҳамватанӣ гардиданд, тамаркуз намуда, хонандаро ба шинохту ислоҳи камбуду навоқиси иҷтимоию

маърифатию ҳувиятию маданӣ даъват мекунад. Ба чанд байти шеъри “Ҳамқалам” таваҷҷуҳ мекунем:

Ай ҳамқалам, бо сад алам аз дарди ҳиҷрон қисса кун,
Аз мардуми гумкардараҳ, хотирпарешон қисса кун.
Аз зиндаи дур аз ватан, аз мурдаи гулгункафан,
Аз душмании ман ба ман бар насли инсон қисса кун...
Бо макру фанди нокасон, бо худнамоии хасон,
Зеру забар, зеру забар шуд Вахшу Хатлон, қисса кун...(С.45).

Ба дунболи баррасии бадеии замони ҷанги бародаркӯшӣ, устод Хуросонӣ дар бахши “Ватандорӣ” шеъри “Бувад тоҷи сари шаҳ ҷойи миллат”-ро, ки ба хотираи нахустин шаҳиди роҳи озодӣ Муродуллоҳи Шерализода бахшида, соли 1993 иншо шудааст, ҷо дода, дар ибтидо кушоду равшан бар камбудию навоқиси ҳувиятии миллат нозукона ишора фармуда, аз ҳаммеҳанон даъват ба амал меоварад, ки барои пешрафту шукуфоии Ватан талош варзанд:

Дило, бо меҳр бар меҳан назар кун,
Зи дӣ фардои онро нектар кун.
На ҳар гуфтор дар кирдор бошад,
Зи худхоҳони миллаткӯш ҳазар кун! (С.46)

Ва ҳадафмандона идома медиҳад:

Бувад тоҷи сари шаҳ ҷойи миллат,
Бувад ободиаш з-абнойи миллат.
Агар шаҳ гумраҳу гумраҳтар абнош,
Пас он гаҳ войи миллат, войи миллат! (С.47)

Устод Хуросонӣ, агарчи тасвиркории сирфро дар шеър намеписандад, баъзан ончунон тасвиркорӣ мекунад, ки хонанда дар ҳайрат мемонад. Дар шеъри “Дигар мабод”-и бахши “Ватандорӣ”, ки соли 1993 иншо гардида, ҳаводиси даҳшатбори замонро дар сабки шеъри нав ба ҷилва дармеоварад, аз тариқи резакориҳои ҳунарӣ сухану каломи

бадеъро ҷони тоза мебахшад ва минҳайси ҳунарвари чирадаст аз худ дарак медиҳад. Ба порае аз ҷилвапардозиҳои шоиронаи Хуросонӣ таваҷҷуҳ мекунем:

Дигар мабод, к-аз гулӯи бодҳо,
Садои марговари гулӯлаи туфангҳо
ба гӯшҳо расад,
Ба шохаҳои сояпарвари тамуз
Зи оҳи оташин алангаҳо расад! (С.50)

Резакориҳои ҳунарии Хуросонӣ дар қисматҳои дигари Девони ашъор зиёд вомехӯранд ва аз ин тариқа ва ба истилоҳ, приёми эҷодӣ устод бар асоси хиёлоту фантазияи рангин, аз як сӯ ва диққати андешаву диди фалсафӣ, аз сӯйи дигар, ба тасвиркорӣ мепардозад. Ин гуна равиши тасвириро дар тавъамӣ бо баёноти фалсафӣ дар заминаи гузашти умр ва наздик шудани фосилаи маргу нобудӣ дар шеъри "Тирамоҳе дигар" (С. 58) хеле равшан метавон мушоҳида кард:

Баргрезу ҳавои боронӣ,
Баргҳо зери пой гирёнанд,
Ҳайф аз умри рафтаи як сол,
З-ин мусибат маросӣ мехонанд...

Баргрезу ҳавои боронӣ,
Баргҳо зери пой гирёнанд...
Умри ман ҳам расида бар пойиз,
Лек ҳоли маро куҷо донанд?! (С.132)

Дар бахши "Ватандорӣ" шеъри машҳури "Таронаи ваҳдат" низ, ки аз чаҳор банди шашмисраӣ таркиб ёфта, ҳар банд бо хитоба-нақароти таваҷҷуҳбарангези "Бародарон, бародарони меҳрубон, ба ҳам шавем, Барои шуҳрати диёри нозанин, алам шавем" ҷамъбаст мегардад, ҷо дода шудааст, ки ҳунармандон онро ба оҳанг даровардa, сурудаанд. "Таронаи ваҳдат" бо завқу салиқаи баланди эҷодӣ, аз як тараф ва руҳияи баланди

ватандорӣ, аз тарафи дигар, иншо шудааст. Ба банди севуми шеъри мазкур, ки дар ниҳояти ифтихорофаринии миллӣ суруда шудааст, таваҷҷуҳ мекунем:

Замонаро ба ранги дигар офарем,
Самои мулкро пурахтар офарем,
Сарои мулк аз дур, аз зар офарем,
Зи буда беҳ, зи буда беҳтар офарем.
Бародарон, бародарони меҳрубон, ба ҳам шавем,
Барои шуҳрати диёри нозанин, алам шавем! (С.51)

Дар шеъри "Парчами Тоҷикистон", ки ба муқаддасаи миллӣ (Парчами давлатӣ) бахшида шуда, аз 6 байт таркиб ёфтааст, шоир вожагону таркиботи ҳувиятсозу ангезабахшеро назири "озодаманд", "паранд", "Авастову Занд" ва амсоли инҳо корбаст намуда, на танҳо ҳусни каломро боло мебарад, балки ба доираи васеъи хонандагони ватанӣ эҳсоси ғуруру ифтихороти баланди миллиро ато мефармояд. Барои намуна, ба чанд байти ин шеър истинод мекунем:

Чу қуллаҳои баландат баланд парчами мо,
Расову нозанину дилписанд парчами мо.
Нишони бахту саодат, нишони истиқлол,
Нишони мардуми озодаманд парчами мо...
Нишони матни "Авасто"-и рӯйи чарми гов,
Нишони гумшуда абёти "Занд" парчами мо.
Ливои Коваи Оҳангари алайҳи ситам,
Шукӯҳу шавкати бечуну чанд парчами мо (С.53).

Бахши "Ватандорӣ" бо шеъри "Деҳаи Нигнот" ва чаҳормисраи "Қасам" ҷамъбаст мегардад ва дар қасамномаи чаҳормисраии худ устод Хуросонӣ савганди вафодорӣ ба Ватанро мехурад (С.56).

Бахши навбатии Девони ашъори Хуросонӣ дафтари шеъру суруд мебошад, ки "Оҳангҳои зиндагӣ" унвон гирифтааст. Ин бахш аз силсилашеърҳои "Падарам" (С.58-60), "Омӯзгор"

(С.61), “Устод” (С.63-64), “Борбад” (С.64), “Хористони зиндагӣ” (С.65), “Нури маърифат (эҳдо ба 50-солагии Фарҳангистони улуми Тоҷикистон” (С.66), “Суруди сипос” (С.67), “Ман кӯҳзодаам” (С.68), “Умед” (С.69), “Соати баъди ҳаёти ман туӣ” (С.70-71), “Зимистони солҳои 1995-1996-и Душанбешаҳр” (С.72), “Ганҷинаи хирад” (С.73-74), “Дар оромгоҳи Хоҷа Ҳофиз” (С.75), “Завраҷи бебодбон” (С.75), “Захми сухан” (С.76), “Ниёиш” (С.76), “Дареғо” (С.77), “Ҳасрат” (С.77), “Ғам агар ҳаст...” (С.78), “Эҳтиёҷ” (С.78), “Ҳикмат” (С.78), “Хуршеди ман” (С.79), “Ду лаҳза дар як нигоҳ” (С.79), “Бегона на мову ту” (С.80-81), “Дармон” (С.82), “Шасти худодод” (С.82-83), “Чеҳраи баркамол” (С.83), “Амакҷон” (С.84), Қиссаҳои гарм биёр” (С.85-86), “Дар табассумҳои ӯст” (С.86), “Чашмаи Дароз” (С.87-89), “Қадаҳи абр” (С.90), “Марди комил” (С.90-91), “Бош ҷорӣ” (С.92), “Шаҳсавор” (С.93), “Дар ромрӯзи додарам Улуғбеки Муҳаммадӣ” (С.94), “Самарқанд” (С.95), “Дилбари Самарқандӣ” (С.95-96), “Гар ҳавас” (С.97), “Ҳамраҳи бод равам” (С.98-99), “Ман аз ғурури навҷавониям” (С.100), “Шудгор макун дигар” (С.101), “Дар шукӯҳи ту ҳусни беҳамтост” (С.103), “Таронаи ҳамдилӣ” (С.104), “Ошиқона” (С.105) ва амсоли инҳо, хулоса, аз **89 шеър** таркиб ёфтааст, ки тайи солҳои гуногуни зиндагии муаллиф навишта шуда, ғолибан ба мавзуъҳои муҳимми иҷтимоӣ иртибот доранд.

Дар ин бахш шеър ва шеърпораҳое ба ифтихори чеҳраҳои матраҳи илму адабу фарҳангу маорифи кишвар монанди профессор Аълохон Афзаҳзод (“Дармон” -- С.81), Шоири мардумии Тоҷикистон устод Убайд Раҷаб (“Шасти худодод” -- С.82), профессор Абдунабӣ Сатторзода (“Чеҳраи баркамол” -- С.83), арбоби сиёсату давлат Холмурод Шарифов (“Амакҷон” -- С.84), профессор Ҳабибуллоҳи Раҷаб (Қиссаҳои гарм биёр” -- С.85), профессор Олимҷон Хоҷамуродов (“Дар табассумҳои

ӯст" -- С.86), файласуфи муосири миллӣ устод Комил Бекзода ("Марди комил" -- С.90), адиб Асрори Раҳмонфар ("Бош ҷорӣ" -- С.92), муаррихи матраҳи миллӣ Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ (Шаҳсавор"-- С.93), шарқшиноси варзидаи миллӣ равоншод Зафари Мирзоён ("Кӯҳи Алақосим" -- С.113), адиби муосир Карим Мусо (шеъри "Ду дунё дидаем" -- С.142) ва амсоли инҳо нигошта шудаанд. Дар ин навъи ашъор ихлосу муҳаббати шоир нисбат ба симоҳои намоёни адабу илму фарҳанги миллӣ, ҳамчунин рафиқону дӯстон инъикос ёфтаанд. Ин гуна ашъор дар шинохти вежагиҳои шахсиятию ахлоқию эҷодию мадании симоҳои адабию илмию фарҳангии ҷумҳурӣ ба хонандагон кумак мерасонад.

Як бахши муҳимми мавзуоти устод Хуросонӣ масъалаи муҳоҷирати меҳнатист ва шоир ба сифати як меҳандӯсту ватанпарасти асили миллӣ сари масоили доғи рӯз бетаваҷҷуҳ нест. Аз ҷумла, дар шеъри "Дасти дуъои падар ба фарзанде, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ меравад" (С.137-138), ки аз 16 байт иборат буда, дар қолиби вазни маснавӣ иншо гардидааст, вазъи муҳоҷирати меҳнатӣ, мушкилоти ба он муртабит ва дуъои неки падарро ба фарзанд хеле хуб ифода мекунад. Ин шеър на танҳо дуъои чанд нафар падар, балки садои дили кулли падару модаронест, ки фарзандонашонро ба муҳоҷирати меҳнатӣ мегуселонанд ва ҳамвора дар қолиби авроду дуъо паёми сиҳатию саломатӣ мефиристанд.

Дар анҷоми ин бахш Хуросонӣ намунаи ашъори ҷолибашро таҳти унвони "Шеъри ман" (С.149) ҷо медиҳад. Устод Хуросонӣ дар ин шеър, ки тасвиру маънисозиҳои "Шеъри ман хуни ҷигар ё пораи дил гӯямат"- и устод Турсунзодаро дар зеҳнҳо зинда мекунад, даъвиҳои шоирро дар мувоҷеҳа бо ҳадафу рисолати шеъри худаш тайи марҳилаи нави таърихӣ бо таровати тозаи эҷодӣ ба намоиш мегузорад. Ин аст, ки дар "Шеъри ман" Хуросонӣ, бо такя ба завқу

салиқаи фардии эҷодӣ, аз рисолати шоирӣ, чигунагии каломи бадеъӣ, кайфияти мундариҷавӣ, ҳадафгирии миллӣ, тамаркузи фардӣ ва ояндабинии шеъри хеш сухан ба миён меоварад. Аз сӯйи дигар, ба ин шеър, ки намоёнгари ҷуръату ҷасорати эҷодии Хуросонист, аз зовияи рисолати шоирӣ ва масъулияти нависандагӣ таваҷҷуҳ мекунем:

Шеъри ман тифли давру даврон шав,
Зиндагӣ ҳар чӣ ҳаст, бо он шав.
Аз ҳақиқат бурун манеҳ поро,
Аз буд афзун сифат макун моро...
Дар шамойили давр пайдо шав,
Сурату сирати тани мо шав....
Ҳарф бар ҳарф ошиқон кун шод,
Байт то байт зиндагӣ обод.
Бош як бошуҷоъ сарбозе,
То кунам бо ту ман сарафрозӣ...
Бо ғирому фиреб н-олоӣ,
Роҳи ноодамӣ напаймоӣ.
Аз дурӯғу газоф кун парҳез,
Аспи макру ҳиял мазан маҳмез.
То ки фардо зи ту маро хонанд,
То ки фардо зи ту маро донанд! (С.149)

Мунтаҳо, ин бахши Девон бо шеъри кӯтоҳу мухтасари “ Барои андеша ба ҳазрати Хуросонӣ” (С.150) ҷамъбаст мегардад. Дар ин чаҳормисраӣ, ки таҳти сарлавҳаи “Барои андеша ба ҳазрати Хуросонӣ” зуҳур кардааст, устод Хуросонӣ чун пири нуктадон ба даргузашти умр дарменигарад ва бо афсусу надомат мефармояд:

Барфи пирӣ чун бар сарат биншаст,
Ҳеҷ гаҳ, ҳеҷ гаҳ нагардад об.
Беҳуда-ст он, гизофи беҳуда-ст,
Ҳар касе гуфт: -- Рафтаро дарёб! (С.150)

Бахши “Дафтари ғазал” (С.152-281) **177 ғазалр**о фаро мегирад ва дар ин дафтар мавзуоти гуногуне -- аз ишқу муҳаббат шуруъ карда, то ба масоили доғи рӯзгору зиндагӣ инсиҷом ёфтаанд. Дигар ин ки Хуросонӣ дар ғазал на танҳо анъанаи ғазалсаройии классикиро идома медиҳад, балки баъзан чун аллома Иқбол ва устод Лоиқ хомафарсоӣ карда, алайҳи беадолатиҳои замона шӯрида, садои даъвию эътироз баланд менамояд. Лаҳазоте, ки иззати нафси шоир хадшадор ва эҳсосоташ ҷариҳадор мегарданд, сахт мешӯрад ва даъвӣ пеш меоварад. Гоҳе бо масоили зиндагӣ, мушкилоти рӯзгор ва бурду бохти умр орому сокит ва отифӣ бархурд мекунад. Аз ин ҷост, ки новобаста ба фишорҳои сахти замонӣ, мушкилоти рӯзгор ва лаҳазоти номуносибу ҳассоси зиндагӣ, шоир куллияи ранҷу дардро оромона таҳаммулу фурӯкаш мекунад. Ба сухани равшантар, устод Хуросонӣ, бо таваҷҷуҳ ба вазъи руҳиву равонии фардиву ҷамъӣ ғазал гуфтааст ва аз ҳар ғазали ӯ метавон ҳолати руҳию равониашро пай бурд. Масалан, дар ғазали зайл чун аллома Иқболи Лоҳурӣ зуҳур мекунад ва ба шарҳу тавзеҳи масоили чархи гардун ва розу асрори он минҳайси як ҳаким мепардозад:

Корам он нест, ки дар гардиши ин гардун буд,
Корам он аст, ки бо гардиши гардун бифизуд.
Ақли ман то ба само хонаи ахтар бигирифт,
Ишқи Маҷнунии ман ғунча, валекин накушуд.
Завқи Фарҳоду назарбозии Ширин хирад аст,
Роҳи дарё ба дили ташнаи саҳро бинамуд.
На яку ду ҳавасолудаи Дайру Ҳарамам,
На яку ду ба сарам қиссаи буд асту набуд (С.199).

Дар ғазале, ки аз 9 байту 18 мисраъ иборат аст, шоир манзараи рӯзгори бозорӣ, муносиботи тиҷорӣ ва гирудори бозориёнро ба риштаи тасвир баркашида, аз ин тариқ кашмакашҳои рӯзмарраи инсониро ба давутози бозориёну

аҳли туҷҷор ташбеҳ дода, дар маҷмуъ, панорамаи такопӯҳои бардавоми одамон ва даргузашти умрро хеле хуб ба намоиш мегузорад. Дар нигоҳи аввал мавзуи ғазал сода ба назар мерасад, аммо чун ба умқи масъала таваҷҷуҳ мекунем, дармеёбем, ки шоир куллияи муносиботи мо инсонҳоро дар қолиби муошироти рӯзмарраи бозорӣ ҷолиб баррасӣ кардааст. Таваҷҷуҳ мекунем:

Беш ё кам насибаи туҷҷор,
Меравад корвон аз ин бозор.
Мерасад корвони нав аз раҳ,
Сӯйи бозор, то расонад бор.
Омаду рафту рафтану омад,
Кай шуморидаанд ин миқдор?!
Авҷи бозору деҳу гиру дор,
Кист чобуксавори ин мизмор?!
Кист, к-ӯ пештар давад аз вақт,
Кист, к-ӯ бар ҳама расонад бор?
Нону оби нахӯрда кам монда-ст,
Корҳои накардаам бисёр (С.206).

Тавре ки дар бахшҳои болоӣ арз доштем, устод Хуросонӣ дар баробари ҳаводиси даҳшатбори ибтидои солҳои навадуми садаи бист, нофаҳмию бехирадии афроди нолоиқи миллат, бар асари ҷаҳолату нодонӣ парешон шудани мардум, бегонапарастию беҳувиятӣ, хурофазадагию таассуби мазҳабию маҳаллӣ, маҳалгаройиву кӯтоҳандешӣ ва соири уқдаҳои равонию иҷтимоию ахлоқӣ, ки мунҷар ба ҷанги ҳамватанӣ гардиданд, сукут наварзида, чун шоири ҳассос қалам ба даст гирифта, мушкил андар мушкили моро тавассути ғазалиёти рангин баён доштааст. Дар яке аз чунин ғазалиёт, ки соли 1993 иншо гардидааст, дар 7 байт аз вазъи бавуҷудомада, ки боиси парешонии миллат, тасаллут пайдо кардани яъсу навмедӣ дар миёни табақоти иҷтимоӣ, аз ҳам пошидани арзишҳои

умумимиллию башарӣ, ба ҷони ҳам дарафтодани ҳаммилатон ва ҳукмрон гардидани фазои ноoромию бесуботӣ сахт нигарон шуда, тозиёнаи интиқодро сари авомили дохилию хориҷии мусибати миллӣ зада, дӯстро мухотаб қарор дода, бо ӯ силсиламушкилоти ҳувиятиро дар миён гузошта, дар заминаи мусибати миллӣ чунин суолгузорию натиҷагирии фалсафӣ мекунад:

Чӣ чашми бад расид, ай дӯст, бар пайванди мо имрӯз,
Ҷудоӣ дидаам дар банд-банди банди мо имрӯз.
Мутеъи дину ойинҳо, мутеъи банду кобинҳо,
Миёни мо гиребонгир чанду чуни мо имрӯз.
Чӣ сон уммеду бовар метавон бинмуд бар ёре,
Ба заҳр олуда пеши мо гузорад қанди мо имрӯз.
Ва юнонию аъробӣ, муғул бо турк оташ зад,
Магӯ аз Занди имрӯзу аз Позанди мо имрӯз.
Гузашта фарри доноӣ, расида шарри нодонӣ,
Табиби кӯрро бингар ҷароҳатбанди мо имрӯз.
Тамоми гӯшҳо карру тамоми чашмҳо аъмо,
Надорад суд, ай носеҳ, ба мардум панди мо имрӯз.
Хуросонӣ, куҷо аз ҳолам огоҳанд бедардон,
Ҳазорон гиря пинҳон аст дар лабханди мо имрӯз!

(С.209)

Дар ғазали дигаре, ки бо мисраи “Зи макру фанду аз ҳиллат гурезонам, гурезонам” оғоз меёбад, дар ҳаҷми 7 байт айбу навоқиси ҳувиятиро, ки боиси парешонии миллат ва ба ҳошия рафтани нуфузу эътибори тоҷик гардидаанд, матраҳ намуда, ин гуна садои эътироз дармедиҳад:

Зи макру фанду аз ҳиллат гурезонам, гурезонам,
Аз ин дарду аз ин иллат гурезонам, гурезонам.
Зи мардоне, ки ҷонбозанду миллатсоз, мефахрам,
Зи номардони ҳар миллат гурезонам, гурезонам...

(С.220)

Ва дар мақтаи ғазал дар хитоб ба маҳалбозону кӯтоҳандешон суолу пурсиши ҷиддиеро дар ин қолиб матраҳ месозад:

Чаро лофу газоф аз миллат ин ҷо, аз шумо умре
Маҳалбозони бемиллат гурезонам, гурезонам (С.221).

Дар ғазале вежа суоли асосии фалсафӣ "Зиндагӣ, яъне чӣ?"-ро дар 5 байти мухтасар тарҳ мекунад ва мекӯшад, ба он бар мабнои донишу бинишу таҷрибаи андӯхтааш посух бидиҳад. Монанди аллома Иқбол, ки зиндагиро "Зиндагӣ ҷӯйи равон асту равон хоҳад буд В-ин майи кӯҳна ҷавон асту ҷавон хоҳад буд" таъриф додааст, ба таърифу мушаххас сохтани ин мафҳуми калидӣ, яъне Зиндагӣ мепардозад. Ба посухи Хуросонӣ дар мавзуи "Зиндагӣ чист?", ки муҳимтарин пурсиши тамоми давру замони таърихи инсонӣ будаву ҳасту хоҳад монд, таваҷҷуҳ мекунем, ки шоиронаву отифӣ ва ҳам фалсафист:

Зиндагӣ? – Андар навои обшорон зистан,
Софу беғаш то ба ҳадди ҷӯйборон зистан.
Бо насими субҳгоҳу бо навои булбулон,
Зинда монда, аз баҳорон то баҳорон зистан...
Ай Худо, дорам нигаҳ, то ҷон бувад андар бадан,
Сарбаланду побаҷо чун кӯҳсорон зистан! (С.244-245)

Дар ғазале дигар ҳамин мавзуъро дунбол карда, дар 7 байт ба муддаиёну бечоранолон рӯдакивор чӣ будани зиндагиро тавзеҳ медиҳад (устод Рӯдакӣ ҷаҳону зиндагиро ин тавр тафсир мекунад: Ин ҷаҳон пок хобкирдор аст, Он шиносад, ки дилаш бедор аст. Некии ӯ ба ҷойгоҳи бад бошад, Шодии ӯ ба ҷойи темор аст...) ва дар зимн, назари Хуросонӣ аз дидгоҳи устод Рӯдакӣ дар қиболи тафсири ҷаҳону зиндагӣ комилан мутафовит аст. Инак, чистии зиндагӣ дар фармудаи Хуросонӣ:

Чанд гӯйӣ зиндагонӣ ину он,
Дар баҳораш хандаҳои гулфишон.

Дар тамузаш сардии фасли дай аст,
Шодияшро дардҳои бекарон...
Гоҳ бо шодобиҳои наҳру баҳр
Ташнаҷонӣ, ташнаҷонӣ, ташнаҷон...
Дасту дилро шуста гоҳ аз орзу,
Чомаҳои ноумедӣ бар забон.
Лек боре бо Хуросонӣ нишин,
Боз сад соли дигар монӣ ҷавон! (С.253-254).

Бахши “Мухаммасот” (С.284-306) муштамили **7 мухаммас**, бо шумули 1 мухаммас бар ғазали Мавлонои Балх (С.284-285), 3 мухаммас ба ғазалиёти Шаҳриёр (С.286-287), 3 мухаммас бар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ (С.292-295) буда, ҳамчунин 7 мухаммаси дигарон бар ғазалиёти Хуросонӣ таҳти унвони “Мухаммасҳо бар ғазалҳои Алии Муҳаммадии Хуросонӣ” -- 3 мухаммаси Исмоил Зарифӣ бар ғазалиёти Хуросонӣ (С.296-301), мухаммаси Давлат Алӣ (С.301-302), 2 мухаммаси Валаъмат (С.302-305), мухаммаси Иброҳими Наққош (С.305-306)-ро дар бар мегирад. Барои намуна, ба чанд байти мухаммаси Хуросонӣ бар ғазали машҳури Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, ки бо матлаи “Ман ғуломи қамарам, ғайри қамар ҳеҷ магӯ, Пеши ман ҷуз сухани шаҳду шакар ҳеҷ магӯ” оғоз меёбад, таваҷҷуҳ мекунем. Дар мухаммаси мазкур, ки аз 10 банд таркиб ёфтааст, Хуросонӣ, бо он ки ғазал ишқию ғиноист, ба шарҳу тавзеҳи масоили иҷтимоӣ пардохта, мушкилоти замониро гӯшзад сохта, иллати тарсашро аз ноодамию номардиҳо, каҷфаҳмию каҷназариҳо ва нодонию ҷаҳолатмаобиҳои афроди давр баён месозад:

Ман зи номардии мардони ҳунар метарсам,
Ман зи бебаҳрагии шохи шаҷар метарсам,
Ҳамчун аз каҷназариҳои назар метарсам,
“Гуфтам: -- Ай дил, ки ман аз чизи дигар метарсам,
Гуфт: -- Он чизи дигар нест, дигар ҳеҷ магӯ” (С.284).

Ва дар банди охири мухаммаси мазкур ба пурсиши фалсафии “Зиндагӣ чист?” мепардозад ва шоирона посух медиҳад:

Зиндагӣ чист? Дурӯғ асту фиреб асту хатост,
На фақир асту на дорову на шоҳ асту гадост,
Ҳама дар ҷойи худу ҳастии худ ҳукмравост,
“Гуфтам: --- Ай дил, падарӣ кун, ки на ин васфи Худост,
Гуфт: Ин ҳаст, вале ҷони падар ҳеҷ магӯ!” (С.285)

Бахши “Рубоӣ ва дубайтӣ” (С.308-340) 85 намунаи рубоӣ ва дубайтиро дар бар мегирад. Ба ҷуз 3-4 чаҳормисраӣ, боқӣ кулли нигоришоти дар ин бахш ҷамъоваришуда дар вазни рубоӣ сароида шуда, ғолибан мазмунҳои иҷтимоӣ доранд. Шоир рубоиёти худро аз васфу ситоиши Ватан шуруъ мекунад ва рубоиёти саҳифаи аввалӣ сатҳу сифати ифтихорофаринию ватандории муаллифро дар бастагӣ бо салиқаи рубоисароӣ хеле хуб воменамоёнанд:

Меҳри Ватанам шеди дурахшони ман аст,
Осоиши тан, ахтари тобони ман аст.
Ҳар гоҳ суруди бахту шодӣ хонам,
Васфи Ватанам ҳарфи дилу ҷони ман аст! (С.308)

Ба дунболи ин, шоир бо такя бар ғуруру ифтихору ҳамияти аҷдодӣ, аз як сӯ ва ҷасорату ғайрати кӯҳзодагӣ, аз сӯйи дигар, иддаои баландмақомӣ пеш оварда, ин навъ иддаояшро бар мабнои далоили мувассақи таърихӣ асоснок менамояд:

Боло биравам, баланд бояд ҷоям,
Сар бар сари қуллаҳо гузорам поям.
Валлаҳ, ки баландпоя буд обоям,
Тақлиди баландпоягон бинмоям! (С.308)

Хуросонӣ дар рубоиёт баъзан ҳамчун Хайём, аммо бидуни тақлид бар ӯ, дар робита бо масоили ҳассоси замонию кайҳонӣ қазовату доварӣ карда, дар доираи шаклҳои сегонаи

тафаккур (мафҳум, муҳокима ва хулосабандӣ) ба баррасии кори дунё ва “коргоҳи даврон” мепардозад:

Моем, ки коргоҳи даврон дидем,
Чарху дуки коргоҳ гардон дидем.
Ҳар кас зи барои худ ба кор афтода,
Бар манфиате дасту гиребон дидем (С.319).

Ҳамчунин, шоир масъалаи нохудогоҳӣ, беҳувиятӣ, бегонапарастӣ ва худбохтагиро минҳайси мушкилоти ҷиддии ҳувиятию миллӣ низ аз барномаи рубоиёт ҳазф намекунад ва дар қолиби ин жанри маъмули адабӣ айбу навоқиси ҳувиятию ахлоқиро рӯйирост фош месозад:

Имрӯз, ки нокасон фузун аз пешанд,
Наздик ба бегонаву дур аз хешанд.
Аз рафтани умри кӯтаҳи худ ҳаргиз
Ёде накунанду низ ҳам н-андешанд! (С.319)

Ва бахши “Рубоиёту дубайтӣ”-ро бо суоли матраҳ ва хитобаи ҷиддии “Чӣ гӯям?!”, ки дар вазни дубайтӣ суруда шудааст, ҳусни анҷом мебахшад:

Ба сели оқибатвайрон, чӣ гӯям?!
Ба боди тунди саргардон, чӣ гӯям?!
Замини ташнаро шодоб нанмуд,
Ба ин абру ба ин борон, чӣ гӯям?! (С.324)

Бахши “Қиттаот” (С.316-340) мавзуоти иҷтимоиро дар қолиби пораҳои манзум дар бар мегирад ва шоир дар ин бахш ҳам бар он талош варзидааст, ки масъалаҳои доғро баррасӣ намуда, мушкилоту муаммою айбу силсиланавоқиси равонию ҳувиятию ахлоқию иҷтимоӣ, аз ҷумла: хушомаду тамаллуққорӣ, чашмгуруснагию тамаъварзӣ, фурсатталабию мансабталошӣ, нодонию ҷаҳолатпарастӣ, ҳаромбозию ҳаққимардумхурӣ, ҳирсу ҳасадбарӣ, нохудогоҳию хештанношиносӣ, бетафовутию саҳлангорӣ ва амсоли инҳоро, ки аз қадим то имрӯз минҳайси разоили ахлоқию иҷтимоӣ

боиси танишу низоъҳо ва саранҷом шикасту заволи ҷомеа гардидаву мегарданд, бозгӯ месозад, то ҷомеа аз вазъи ногувори ҳамчунинӣ огоҳ шуда, ба сӯйи барномарезиҳои корсоз иқдом намояд. Тамоми шеърпораҳои ин бахш маҳз ба ҳамин масъалаҳои ҳалталаби рӯзгори мо ихтисос ёфтаанд. Масалан, Хуросонӣ ҳадаф аз ҳасту буди инсониро дар ин сайёраи заминӣ дар мисоли иқдомоту ибтикороти хеш ин тавр матраҳ месозад:

Буданам чист дар ин рӯйи замин?
Хидмате баҳри Ватан бинмудан!
Гармие бар дили сарде бурдан,
Гираҳи кори касе бикшудан! (С.336)

Дар ҷойи дигар, аз ҳаммиллат, дар миёни соири милалу ақвом чӣ гуна будан ва чӣ мақом доштанро тақозо мекунад:

Пухтаӣ, пухтатар бибояд буд,
Беҳтар аз пештар бибояд буд.
Дар миёни кулоҳдоронӣ,
Дар бари шон гуҳар бибояд буд! (С.337)

Ва дар охири бахши "Қитаъот" кайфияти ҳувиятӣ, чигунагии ғуруру ифтихори миллӣ ва кистии фардиашро дар қолиби қитъаи зебои фалсафие, ки онро метавон "ҳусни ифтихория"-и шоир талаққӣ кард, ироа мефармояд:

Чашмаеям асос бар дарё,
Бодаму ибтидои тӯфонам.
Ҳар касе худситову мағрур аст,
Ман аз ӯ пеши ӯ дучандонам! (С.339)

Бахши дигари Девони ашъори Хуросонӣ "Майи гулгун (фардиёт)" ном дошта (С.342-358), дар маҷмуъ, шомили **120 фардбайт** аст. Дар ин бахш, ки бардошту мулоҳизоти инфиродии шоирро дар қиболи масъалаҳову муаммоҳою печишҳою мураккаботи рӯзгору зиндагии фардию ҷамъӣ фаро мегиранд, муаллиф ба сифати як соҳибназар дар доираи

як баёт ва ду мисраъ хулосабандию натиҷагириҳояшро тарҳ месозад. Хулосабандию натиҷагириҳои Хуросонӣ, ки аз хилоли донишу бинишу таҷрибаи тулониаш бурун омадаанд, ба воқеияти гузаштаву имрӯзаи мо иртибот дошта, ояндаро низ пешгӯйӣ мекунанд. Барои намуна, ба байти ахирии шоир таваҷҷуҳ мекунем:

Касе дар кӯраи ғам уфтода, сард хоҳад мурд,
Касе дорад савоби зиндагӣ, бедард хоҳад мурд! (С.358)

Бо яке аз байтҳое, ки дар ин авохир аз ҷониби Хуросонӣ дар қиболи даргузашти умр ва ҳамвора ҳаргиз аз зиндагӣ накандани умеди шоирро тасбит карда, ҳусни мақтаъи бахши "Майи гулгун"-ро ташкил додааст, диққат менамоем:

Бе шона шона кардам, мӯйи сафеди худро,
Аз зиндагӣ накандам асло умеди худро! (С.358)

Як вежагии ҳунарию эҷодӣ ва ба истилоҳ, шеваи шоирии Хуросонӣ, ки ӯро аз соири қаламбадастону шоирон мутафовит месозад, ин аст, ки дар охири ҳар банди шеърӣ ва ё фардбайт, ки ҳусни мақтаъ ва хулосавӣ доранд, аломати хитоб мегузорад. Яъне, бо ин навъ василаи эҷодӣ ва приёми ҳунарӣ шоир эҳсосоту авотифу хулосабандиҳои худро дар шакли хитобӣ ба хонанда ҳавола карда, ӯ (хонанда)-ро ба кунишу вокуниши мусбат вомедорад.

Бахши навбатии Девони ашъори устод Хуросонӣ "Марсия ва навҳаҳо" унвон гирифта (С.360-389), аз марсияи "Дар сӯгвории модарам" (С.360) шуруъ шуда, сӯгворию навҳаҳои шоирро дар марги азизону пайвандону дӯстону ҳампешагону шарикдарсону ҳамсабақону ҳамдиёрону бузургони кишвару миллат, аз ҷумла "Марсия бар мотами бародарам Ҳоҷимуроди Ҳасан" (С.362-363), "Дармон намеояд дигар" (Дар сӯги Ниёзи Нозир -- С.366-367), "Гулафшони баҳоронро чӣ гӯям?" (дар сӯги рӯзноманигор ва хаттоти хушқалам Қозии Махсуми Урметанӣ – С.372-373), "Навҳае дар сӯги устод Лоиқ

Шералӣ" (С.374), "Ба ёди устод Убайди Раҷаб" (С.378-377), "Дар сӯги ҳамсабақи мактабӣ ва донишгоҳиям Садриддини Ҳусниддин" (С.384), "Тарҷеъбанд дар сӯги овозхони хушсадо Абубакри Зубайдӣ" (С.386-387) ва амсоли онҳо дар бар мегирад. Дар ин бахш, ҷамъулҷамъ, **20 сӯгворию** навҳаи Хуросонӣ ҷо дода шудааст, ки ҳамагӣ бо дарду фиғон ва сӯзу гудози гарон иншо гардидаанд. Шоир ҳангоми иншои сӯгворию наваҳот дар ҳоли дарду ранҷу аламу сӯзу гудози фаровон ва таҳти таъсири ғаму андуҳи гарон қарор гирифта, бо забони дарду ориза ва меҳру отифа гуфтугӯ мекунад ва бо фурӯкаш кардани захмҳои амиқи ботинӣ манзараи даҳшати маргро ба намоиш мегузорад. "Дар сӯгвории модарам", ки дар навъи ғазал соли 1999 навишта шудааст, тайи 8 байт шоир мусибати аз даст додани модарро бо диққати тамом ва фасоҳати калом ба риштаи тасвир баркашида, бо тамоми қуввату неру алайҳи марг мешӯрад ва дуди оҳу воҳаш то ба осмон мепечад:

Рафтӣ зи ҷаҳон модару беҳин гуҳарам рафт,
Гармӣ зи барам рафт, ки хуршеди сарам рафт.
Бо дидаи хунбор ба олам назарам чист?
Олам ҳама бо буду набуд аз назарам рафт...
Бовар накунад ҳеҷ Хуросонӣ, агарчи
Аз ҳоли ману рози дилам бохабарам рафт! (С.360)

Дар марсияи "Навҳа дар сӯги устод Лоиқи Шералӣ", ки соли 2000-ум дар ҳаҷми 8 байт ба гунаи ғазал иншо шудааст, Хуросонӣ на танҳо дарди доғи хеш, балки сӯзу гудози фаровони миллатро дар қиболи марги бузургтарин шоири муосири тоҷик устод Лоиқи Шералӣ шоирона қаламӣ мекунад:

Саморо дида гирён аст, ай дил, аз ғами Лоиқ,
Самакро сина бирён аст, ай дил, аз ғами Лоиқ.
Азои шоири миллат нагунҷад дар ҷаҳону ҷон,

Сари ғам дар гиребон аст, ай дил, дар ғами Лоиқ...
Набитвонад барад то бар Бухоро ҳасрати моро,
Зарафшонаш ғамафшон аст, ай дил, аз ғами Лоиқ.
Бад-ин эъҷоз дар ашъор камтар шоире хезад.
Сухан ҳам моту ҳайрон аст, ай дил, аз ғами Лоиқ... (С.374)

"Шеърҳо барои кӯдакон" (С.392-414) ва "Суханрезаҳо" (С.415-421) бахши ихтитомии Девони ашъори Хуросониро ташкил медиҳанд. Бояд таъкид кард, ки устод Хуросонӣ барои тифлону кӯдакону мактаббачагон ҳам шеър навишта, ба дунёи зебою беғаши онон нозукона ворид гардида, бар асоси фаҳму дарки ин қишри содаву софу бекини миллат ашъори муносибе сурудааст. Хуросонӣ, мисли ин ки ба маслиҳати Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, ки фармудааст: "Чунки бо кӯдак сару корам бисохт, Ҳам забони кӯдакон бояд шинохт", амал карда, ҷаҳони кӯдакону тифлонро дурустҳисобӣ омӯхта, дар бахши "Шеърҳо барои кӯдакон" силсилашеърҳоеро бо шумули "Шеъри нав" (С.392), "Дар таътили зимистон" (С.393), "Интизори меҳмон" (С.394-396), "Боғи акоям" (С.397), "Барфӣ" (С.398), "Калбузи ало" (С.399), "Сагу гурба" (С.399), "Харгӯшак сабзӣ дуздид" (С.400), "Савол" (С.400, "Абри гузар" (С.401), "Жола" (С.401), "Мусича" (С.402), "Гули бобуна" (С.402-403), "Чаҳорфасл" (С.403-404), "Оби Варзоб" (С.405), "Ду рӯбоҳ" (масал дар сад байт – С.406-414) эҷод кардааст, ки барои доираи васеъи кӯдакону наврасон ва синнусоли хурди мактабӣ пешниҳод шуда, аз онҳо ҳамчун манбаи дархури методию такягоҳӣ дар китобҳои дарсии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ метавон истифода кард. Бо мисол задани "Шеъри ман", ки аз 6 банди чаҳормисраӣ иборат буда, ифтитоҳияи ин бахшро ташкил дода, олами отифии насли наврасро ба хубӣ ифода карда, дар сатҳи баланди эҷодӣ ва мувофиқ ба синнусоли хурди мактабӣ нигошта шудааст, иктифо менамоем:

Бо шеъри тоза

Кардам баромад,
Назди ҳамсинфон,
Муаллим омад.

Аз пушти дар ӯ
Бинмудааст гӯш,
Ҳар ҳарфи манро
Ором у хомӯш.

Гуфто: -- Чӣ шеъре,
Ширин чу қанд аст.
Бори дигар хон,
Хотирписанд аст!... (С.392)

Дар бахши ахирии "Суханрезаҳо" (Аз ҳикмати зиндагӣ) -- 416-421) Хуросонӣ табъи худро дар иншои ҳикмату панд ва зарбулмасалу мақол меозмояд ва муваффақ ҳам мешавад. Аз мазмуну мундариҷаи чанд ҳикмату панду мақоли бахши "Суханрезаҳо" ҳувайдост, ки таҷрибаи талху ширини рӯзгору зиндагӣ Хуросониро то ба сатҳи як соҳибназар боло бурда, шароиту имкони додани панду ҳикматро барои ҷомеа фароҳам овардааст. Ба се панду ҳикмати Хуросонӣ, ки дар қолиби "Суханрезаҳо" мунсаҷим шудаанд, таваҷҷуҳ мекунем: "Ба Офтоб ҳасад бурдан нашояд. Бо Офтоб ҳасад бурдан худро дар оташи бахилӣ сӯхтан бошад!" (С.416), "Гулро умр кӯтоҳ аст, аммо умри гули баҳор кӯтоҳтар бошад!" (С.419), "Ҳиммат дорӣ, қимат дорӣ" (С.421), "Ту барои имрӯз мехонӣ, ман барои фардо менависам" (С.421), "Аз нек бигӯ, ки зишт ҳам нек шавад!" (С.421).

Ба ин тартиб, дар кулли ашъори устод Хуросонӣ, ки дар Девони ашъор таҳти унвони "Чархаи Истиқлол" гирдоварӣ шудаанд, руҳ ва мазомини иҷтимоӣ баланд аст. Шоир бо мақсади гӯшзад кардани айбу навоқиси ҷойдошта, баёни

мушкилот, бахшидани ангеза ва пешниҳоди роҳҳалҳои муносиб шеър навиштаву менависад. Ба ин маъно, дар шеъри Хуросонӣ, дар баробари мазмунҳои лироғиноӣ ва ишқию отифӣ, ки табиату сиришту хамирмояи шеъри ғиноӣ маҳсуб мешаванд, масъалаҳои иҷтимоӣ ва дардҳою ҳассосиёти замонӣ ҷойгоҳи махсус доранд.

Агар ашъори Хуросонӣ, аз ҷумла ғазалиёти ӯро оморгирӣ намоем, мазомини иҷтимоӣ дар ҷойи аввал қарор мегиранд. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки барои шахси шоир аз сислсиламуаммоҳои асрӣ, монанди: бегонапарастӣ; дур шудан аз арзишҳои миллию умумиинсонӣ; пойин рафтани сатҳи саводу маърифати ҷамъӣ; ақибмондагӣ; вопасгаройӣ; мушкилоти фикрию ҳувиятӣ; ҳузуру нуфузи хушкандешӣ; ташаннуҷи хурофоту таассуби мазҳабӣ; бетаваҷҷуҳию фориғболии қишрҳои иҷтимоӣ дар баробари хатарҳои глобалӣ ва соири мушкилоти замонӣ сахт ранҷ мебарад ва ранҷу нигарониҳои худро дар қолиби шеъри озод, шеъри нав, тарона ва анвои адабияи классикӣ: ғазал, қасида, қитъа, мухаммас, достон, рубоӣ, дубайтӣ, фард ва амсоли инҳо бозтоб медиҳад. Чун шеъри Хуросонӣ бо дарду ранҷуриҳои мардумӣ тавъам буда, аз орзуву омолу ормонҳои мардумӣ реша мегирад, ҳамеша хонанда пайдо мекунад. Аз ин гузашта, шеъри Хуросонӣ як навъ ҷазба ва ба истилоҳ, кашиши отифӣ дорад ва ҳар нафари огоҳу ҳассосро ба худ мекашад.

Муҳимтар аз ҳама, шеъри Хуросонӣ бӯйи сабки сухани падарсолори шеъри форсии тоҷикӣ устод Рӯдакӣ ва кулли шоирони номовари классику муосири форсии тоҷикиро медиҳад, аммо шоир ҳаргиз муқаллиди маҳз нест, балки ба ҳар мавзуъ ва мазмуни шеъри классикию муосир эҷодкорона бархурд намуда, ҳатман бардошту дидгоҳҳои вежаи хешро тариқи каломи манзум ироа мефармояд. Дар зимн, чун Хуросонӣ бар мабнои тахассус дар шеъру адаби классикӣ,

ҳамчунин аз раҳи пажуҳиши улуми адабия ва таҳқиқи мутуни классикӣ ба ҷодаи шеъру шоирӣ гом бардоштааст, кулли сабкҳои адабиро дар шеъраш таҷриба карда, равиши вежаи эҷодию ҳунариро дар қолиби сабки мунҳасир ба фард ба худ ихтисос додааст. Бар илова, аз интихоби "Хуросонӣ" ба унвони тахаллуси шоирӣ ва образ-имиҷи илмию эҷодӣ чунин натиҷа гирифтан мумкин аст, ки устод тавассути шеъру нигоришоташ соҳату паҳнои Хуросону Ирону Тоҷикистонро ба ҳам мепайвандад ва аз ин қаламрави бузурги таърихӣ намояндагӣ мекунад. Хуш ба ҳолаш!

Аз фурсати муносиб истифода бурда, 75-умин солгарди умри устод Хуросониро шодбош гуфта, ба ӯ +тандурустӣ, қудрати қавии ҷисмонӣ, тавонмандии эҷодӣ, болидахотирӣ ва саодати умри инсониро таманно мекунем.

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 29.07.2025*
*Барои нашр имзо шуд 30.07.2025*
*Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 19,6. Андоза 70х100¹/₈.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №93.*

*Муассисаи нашриявии "Дониш"- АМИТ*
*ш. Душанбе,734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*